**Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Маркази омӯзиши равандҳои муосир ва ояндандигарии илмӣ**

# Илм ва Ҷомеа

**Маҷаллаи академии илмию оммавӣ**
**№ 1 (19), 2020**

Маҷалла 24 июли соли 2019 аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

**Муассис:** Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Сармуҳаррир:** Нозим Нурзода
**Котиби масъул:** Фирдавс Ниёзӣ
**Саҳифабанд ва тарроҳ:** Бозорбой Ибодов

**Ҳайати мушовара:** Фарҳод Раҳимӣ, Абдуҷаббор Раҳмонзода, Талбак Назаров, Мӯсо Диноршоев, Саидмурод Фаттоҳзода, Собит Неъматуллоев, Пӯлод Furthermore Бобоҷонов, Комил Бекзода, Ёрмаҳмад Ниёзӣ.

www.ravshanfikr.tj

# ФЕҲРИСТИ МАВЗӮЪҲО

## ФАЛСАФАИ КЛАССИКӢ ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

**С. Ятимов.** *Гегел ва масъалаҳои худшиносии миллӣ*…………………… 4

## МАОРИФПАРВАРӢ ВА ХУРОФАЗУДОӢ

**Олимҷон Хоҷамуродов.** *Баҳси тағйири хат дар солҳои 60-уми қарни XX дар Эрон*........................................................................... 67

**Назрӣ Асадзода.** *Хурофотгароиву тақдирпарастӣ ва таъсири он ба характери миллӣ*.......................................................................... 85

**Ҷамолиддин Саидзода.** *Хоқонӣ ва Шуубия*......................................... 114

**Зебо Зиёева.** *Сайре дар таълимоти ахлоқии Суқрот, Афлотун, Аросту ва Эпикур*....................................................................... 133

## ОЯНДАБИНИИ МИЛЛӢ ВА ХАТАРҲОИ ҶАҲОНИ ИМРӮЗӢ

**Нозим Нурзода.** *Ифротгаройии динӣ ва ояндабинии миллӣ*................ 143

**Ҳикматулло Хоҷаев.** *Ифротгароии иттилоотӣ -падидаи нави технологӣ*............................................................................................ 154

**Меҳр Собириён.** *Муносибатҳои иқтисодии Тоҷикистону Ҷопон*........... 159

**Сулаймон Шерхон.** *Куҳанулгӯҳои ориёӣ мояи ифтихори америкоиҳост*.......................................................................................... 171

## ЧЕҲРАҲО

**Тоҷинисо Муродова.** *Муҳаққиқи шинохтаи ирфон ва фалсафаи ниёгон (Бахшида ба зодрӯзи профессор Муҳаммадқул Ҳазратқулов)* 177

**Дидавар Бекзода.** *Офтобе пушти абрҳо (Чанд сухане дар бораи шоири файласуф Мирзо Боқизода)*....................................................... 181

**Нодир Нуров.** *Воқеияти зиндагӣ дар "Бист дақиқа бо фаришта"-и А.Вампилов*.......................................................................................... 193

## АЗ СИЛСИЛАИ РАВШАНФИКРОНИ МУОСИР

**Комил Бекзода., Дидавар Бекзода.** *Фридрик Нитше: солҳои сарнавиштсоз дар зиндагии шахсии файласуф*..................................... 202

## НАСРИ БАДЕӢ

**Мирзонасриддин.** *Духтари муаллим (Ҳикоя)*.................................... 216

## ТАҚРИЗ

***Тадқиқоти гаронарзиш оид ба Аристотел*** *(Мулоҳизаҳо оид ба тадқиқоти нави узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Ятимов «Аристотел: давлат ва сиёсат») // Илм ва ҷомеа (Маҷаллаи академии илмию оммавӣ). – 2019. – №4 (17). – С. 4-50)*............................................... 237

## ФАЛСАФАИ КЛАССИКИ ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

**С. Ятимов**
*доктори илмҳои сиёсӣ,*
*узви вобастаи Академияи илмҳои*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# ГЕГЕЛ ВА МАСЪАЛАҲОИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

### Муқаддима

Тамоми таърихи инсоният, ки дар шаклҳои хаттӣ ва шифоҳӣ то замони мо расидааст, таърихи муборизаҳост. Натиҷаи он ғолибият пайдо кардан ва ё аз даст додани мавқеъҳо, сарзаминҳо – манфиатҳо мегардад.

Субъект ва объектҳои асосии чунин муборизаҳо, дар маҷмӯъ, гурӯҳҳо, синфҳои иҷтимоӣ, ба тарзи умда халқҳо, миллатҳо мебошанд, ки дар шакли давлат, дар муқовиматҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ рӯйи саҳна меоянд. Ин набардҳо то замоне идома хоҳанд ёфт, ки яке аз ҷонибҳо ба мақсад расад, манзалати дигар ва ё қисмати онро зери тасарруф бигирад. Дар акси ҳол, мубориза чизе нест, ки монанд ба як навъ шуғл ва вақтгузаронӣ бошад.

Шакл ва ангезаи аслии чунин рақобатҳоро ақидаҳо ташкил мекунанд, ки дар шуур ифода меёбанд ва пояи ҳастӣ, воқеӣ доранд.

Рӯҳи одамизод қувваи аслии ҳаракатдиҳандаи амал аст. Он омили пешравии инсон маҳсуб мегардад. Муҳим он аст, ки чунин рӯҳ солим бошад.

Ба андешаи инҷониб, дар баробари истифодаи ниҳоят ихлосмандонаи комёбиҳои техникии Ғарб, бояд муҳтаво ва шеваи ақлсозии «Дунёи куҳан»-ро низ омӯзем. Таҷрибаи таърихии онро, то ҳадди имкон, мадди назар бигирем. Истифода барем.

Омӯхтан аз Ғарб андешаи нав нест. Бузургии Ибни Сино, навовариҳои ӯ ҳам дар илмҳои дақиқ ва ҳам дар илмҳои гуманитарӣ натиҷаи аз бар кардани дастовардҳои пешқадамтарин илмҳои замони худ, аз ҷумла, фарҳанги пешрафтаи Юнони Қадим буд. То пурра сарфаҳм рафтани «Метафизика»-и Аристотел, беш аз чиҳил маротиба қироат ва аз ёд кардани ин китоб аз ҷониби ин алломаи Шарқ – яке аз саромадони илмҳои фалсафа ва табиатшиносии ҷаҳон, албатта, маҳсули эҳсоси чунин зарурат ва заҳматҳост.

Устод Садриддин Айнӣ чор нафарро ҳамчун «доҳии адабу фарҳанг» ном бурдааст: Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино ва Аҳмадмахдуми Донишро, ҳамзамон, доҳии модарзод унвон кардааст. Ӯ менависад: «**Маълум аст, ки дар он овон дар Бухоро аз фикрҳои нав ва адабиёти ҷадида асаре набуд. Пас маълум мешавад, ки ин доҳии модарзод ҳамаи афкорашро аз ғайри талқини касе ва китобе маҳз аз тадбир ва тафаккури худ маишат ва дунёро ҳосил кардааст**» (Айнӣ С. Аҳмадмахдуми муҳандис, мунаҷҷим Дониш, машҳур ба Аҳмади Калла // Намунаи адабиёти тоҷик. – М.: Нашриёти марказии халқи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сусиёлистӣ, 1926. – С. 289).

Яке аз сабабҳое, ки Садриддин Айнӣ ӯро ба ин истеъдоди фавқулодагӣ мансуб донистааст, шиносоӣ ба асари ӯ «Наводир-ул-вақоеъ» мебошад. Тавре маълум аст, ин китоб, ки асосгузори адабиёти навини тоҷикро водор ба андешаи инқилобӣ – аз байн бурдани сохти амирӣ ва ҷаҳонро зарурат ба тарҳи нав рехтан кардааст, натиҷаи шиносоии Аҳмадмахдуми Дониш бо илм, маърифат, техника, таҷриба ва афкори пешрафтаи Ғарб мебошад. Ибрози чунин мантиқ, сабабгори таҳаввулоти фикрии гурӯҳи соҳибандешаи миллати тоҷик, минҷумла, Қаҳрамони миллии мо устод Садриддин Айнӣ гаштааст.

Ҳамин тариқ, бидуни пешрафти ақидатӣ ва шеваи андеша рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва устувории сиёсии ҷомеа имкон надорад. Ва «**барои донистани халқ,** (хулқу атвор, сабабҳои пешрафт ва ё ақибмондагӣ – С. Я.**) дарки моҳияти фалсафаи ӯ амри зарурист**» (Г. В. Плеханов).

**Аксиомаи тараққии илму техника ва таъмини суботи давлатдорӣ – хирадсолории қувваҳои ҳаракатдиҳандаи ҷомеа, аз лиҳози миқдор ва сифат, муҳимтарин натиҷаи он, пеш аз ҳама, сатҳи дониш, тасаввуроти илмӣ – худкифоии миллиро мадди назар дорад. На даъвоҳои дигар намуди ҷаҳонбиниро. Диалектикаи умдатарин категорияи фалсафа – сабаб ва оқибат, дар ҳамин таҷриба исботи худро тасдиқ кардааст.**

Асрҳои XVIII-XIX барои мамлакатҳои Ғарб — аз муваффақтарин даврахои пешрафти илму маърифат, аз ҷумла фалсафа ба ҳисоб меравад.

Назарияи фалсафии Георг Вилгелм Фридрих Гегел (1770-1831), дар баробари дигар дастовардҳои тамаддуни башарӣ, ба раванди шинохти илмӣ-фалсафии рӯйдодҳои табиат, ҷамъият ва тафаккур, ҳамчун заминаи воқеӣ барои дарки ҳақиқати ҷузъиёти номбаршуда, такони ҷиддӣ бахшид.

«Фалсафаи рӯҳ» аз ҷумлаи асарҳои маъруфи Гегел дар ин бора мебошад.

Таҳлили муқоисавӣ оид ба оқибатҳои фоҷиабори ақибмондагии системавӣ, пеш аз ҳама, мафкуравии баъзе кишварҳои мусулмоннишин нисбат ба мамлакатҳои Ғарб, ки боиси бадбахтии аввалиҳо гаштааст, саволҳоро оид ба омӯхтан, ошкор кардани омилҳо ва бартараф намудани онҳо ба бор меоранд. Вазъияти таносуби ақлҳо, донишҳо, зиндагисозиҳо дар Ғарбу Шарқ, дар чаҳорчӯбаи ин фосилаҳои бузург, тавре ки мо асрҳои аср мебинем, набояд чунин сурат бигирад. Ин гуна шакл гирифтани муҳтаво ва мундариҷаи маънавиёти инсонӣ дар як Замин, ба фаҳми олими машҳури немис Гегел ҳам мувофиқат намекунад.

Мавзӯи асосии «Фалсафаи рӯҳ»-и Гегел дар асл таҳлили таърихии ҳолати рӯҳӣ, ақлонии як инсон, як фард нест. Гегел муътақид аст ва ба он такя мекунад, ки «**шуури индивидуалии инсон дар тавсеаи тадриҷии худ наметавонад аз рушди давра ба давраи рӯҳи тамоми одамизод ақибмонӣ кунад. Дараҷаи инкишофи рӯҳии одам ҳама вақт ҳолати тараққиёти рӯҳи инсониро инъикос мекунад**» (Г. В. Ф. Гегель. Сочинения. Т. 3. Энциклопедия философских наук. Часть третья. Философия духа. – М.: Мысль, 1956. – С. 14.). Ӯ дар ин маврид, дар шакли

умум, дар ҳамбастагӣ бо якдигар такмилёбии ҷаҳонбинии инсонҳоро мадди назар дорад. Ҷонибдори ин андеша аст.

Ақидаи пешниҳоднамудаи олими бузург, гарчанде бо эътиқод ва эътимоди илмӣ изҳор гашта бошад ҳам, дар таҷрибаи рӯзгор тасдиқи худро наёфт. Сабаб чист? Кадом қонунмандиҳо дар табиат, ҷамъият ва тафаккур амал мекунанд, ки чунин эҳтимолияти баробаршавиҳоро на танҳо роҳ намедиҳанд, балки рӯз ба рӯз холигӣ, аз ҳам дуршавии дараҷаи пешрафтро дар сиёсат, иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва илму фарҳанг тақвият мебахшанд? Ва натиҷаи фоҷиабори онро таҷрибаи одамизод ҳамарӯза тасдиқ менамояд. Мутаассифона, ҷуғрофияи ин падида тамоюли густаришёбӣ дорад.

Эътимоди комил он аст, ки дар ин маврид системаи ниҳоят дақиқ коркардшудаи манфиатхоҳи худи одамизод ҳам дар муқобили фард ва ҳам бар зидди гурӯҳҳои иҷтимоӣ амал мекунад. Дар ин маврид, масъалагузории Гегел ва воқеияти акси он дар ҷомеаи муосир проблемаи иҷтимоӣ, яъне мавзӯи тадқиқоти илмӣ аст. Дар даҳсолаҳои оянда мушкилоти мазкур мебояд ҳалли мусбат пайдо кунад. Вагарна, фоҷиаи инсонӣ дар шаклҳои сангинтар сурат мегирад.

Худи Гегел дар «Фалсафаи рӯҳ» тақрибан ба ин савол ҷавоб медиҳад. Аммо чунин бардошт талаботи пурраи илми имрӯзаро қонеъ гардонида наметавонад.

Дар доираи чунин донишҳо омӯхтани назари олим ва файласуфи Ғарб Г. В. Ф. Гегел, ки таълимоташ таҳкурсӣ барои инқилоби фикрии «Дунёи куҳан» ва умуман ҷомеаи башарӣ, ҷиҳати тағйири мусбати муҳтавои тафаккур таъсиргузор аст, мавзӯи баҳси ин таълифотро дар чаҳорчӯбаи худшиносии миллӣ дар бар мегирад.

Ба мавзӯъҳо ҷудо кардани матлаб хосияти шартӣ дорад, зеро мафҳум, категория, метод ва қонунмандиҳои фалсафие, ки дар доираи асарҳои Гегел, аз ҷумла «Фалсафаи рӯҳ» истифода мешаванд, ифодаҳои диалектикии ба ҳам наздики муҳтавои таҳқиқ мебошанд. Дар вобастагӣ бо мантиқи тадқиқот мақсади илмиро дар тафсили барои муаллифи китоб мувофиқ, дар алоқамандӣ ба якдигар тавзеҳ медиҳанд, асоснок мекунанд, пурра мегардонанд.

Умуман, мақсади таҳқиқи «Фалсафаи рӯҳ»-и Гегелро аз ҷониби муаллиф, бо суханони олим, файласуф, таърихнигор, асосгузори эмпиризм ва материализми англис, сиёсатмадори британиёӣ Френсис Бекон (1561-1626) возеҳтар баён кардан мумкин аст: «**Ахиран, дар умум мо мехоҳем ҳамаро қаблан ҳушдор диҳем, ки онҳо ҳақиқати воқеии мақсадҳои илмро дар ёд дошта бошанд. Ба илм омӯхтан кӯшиш намоянд. На барои шавқу рағбат. На барои мусобиқа. На барои бовиқорона ба дигарон нигоҳ кардан. На барои манфиат бардоштан. На барои тавоноӣ ё ин ки ба ин монанд мақсадҳои ғаразнок, балки барои фоида бурдан аз ҳаёт ва таҷрибаи зиндагӣ, барои он ки онҳо комил гарданд ва онҳоро барои муҳаббат ба ҳамдигар раҳнамун созанд»** (Ф. Бэкон. Сочинения. В двух томах. Т. 1. – М.: Мысль, 1977. – С. 67.).

Ҳамзамон, шояд эҳтимоли зарурат бошад, хотиррасон гардад, ки дарки гносеологии мантиқи фалсафаи Г. В. Ф. Гегел, аз ҷумла таълифоти номбаршуда, барои хонандаи одӣ то андозаи муайян мушкилот дорад ва аз номи ин мутафаккири бузург овардани сухани Мирзо Абдулқодири Бедил бамаврид аст: «Маънии баланди ман фаҳми тунд мехоҳад, Сайри фикрам осон нест, кӯҳаму кутал дорам».

## ШУУР ВА ХЕШТАНШИНОСӢ

Зуҳури Георг Вилгелм Фридрих Гегел дар таърихи фалсафаи ҷаҳонӣ падидаи бесобиқа аст. Ӯ фалсафаи оламро, ки маҷмӯи шуури ҷамъиятӣ, мавқеи субъект дар муҳити объективӣ, назария ва методологияи ҷаҳонбиниро меомӯзад, бо тадқиқоти бунёдии худ оид ба табиат, ҷамъият, тафаккур ва усули объективият аз нигоҳи илмӣ тақвият бахшидааст. Дар он андешаи ҳақиқии тафаккури ҳастиро ворид намудааст.

Олими дақиқназар дар масъалаи муайян кардани предмети тадқиқот, ки ҳамакнун аз ҷониби мо, дар доираи ин мавзӯъ иброз шуд, ниҳоят серталаб аст.

Барои ба хонанда фаҳмонидани муҳтавои таҳқиқоти худ ва таъмини муколама бо Гегел таъкид месозад: «**Мафҳуми рӯҳ ... худ ба худ донистани воқеияти идея аст. Ин мафҳумро ҳамчун**

**мафҳумҳои дигари худӣ бояд фалсафа мисли чизи зарурӣ нишон диҳад. Ба тарзи дигар, монанди натиҷаи мафҳумҳои умумӣ ва идеяи мантиқӣ ба намоиш гузорад»** (Г. В. Ф. Гегель. Сочинения. Т. 3. Энциклопедия философских наук. Часть третья. Философия духа. – М.: Мысль, 1956. – С. 33.).

Ҳамчунон, бо дарки мантиқи одии идея дар хулосабарорӣ нисбат ба донишҳои воқеӣ ва илмӣ ин донишманди дақиқназар саросема намешавад. Он чизе, ки мо дар рӯзгори маъмулӣ ва натиҷагириҳои хеле омиёнаи «идеолог»-ҳои гурезаи ҳукуматхоҳ мебинем. Ва дар муҳокимаронии онон истифодаи истилоҳи мантиқ боиси хиҷолати худи мантиқ мегардад. Зеро «**дарк, аллакай, дар мантиқи одии идея фақат мафҳум дар доираи дарк аст, на худи донишҳо...** » (Ҳамон ҷо. – С. 33). Гегел мавқеи худро оид ба масъала мушаххас мекунад: «**Илм дар бораи рӯҳ, дар навбати худ, бояд ҳақиқати хешро тавассути мафҳум дар бораи рӯҳ ба воситаи инкишоф ва амалишавӣ нишон диҳад**» (Ҳамон ҷо. – С. 33).

**Бадбахтии тарзи тафаккури афроди муайян, ки бо ном ва зери шиорҳои гуногун «достони бадастории ҳукумат дар парда гуфта», бо дастон ба ифротгароӣ ва терроризм машғуланд, дар ниҳояти кор догматизми асримиёнагӣ аст.**

Сарфи назар аз тағйири макони зист, бо хароҷоти пуштибонон, «бо рафту омади Макка», хӯшае барои рушди на танҳо халқи худ, балки ҳолати зеҳниашон ҳам зам накардаанд. Агар намояндагони бузурги миллатҳо маҳз баҳри чизи нав омӯхтан, аз худ кардан сайру сафарҳо анҷом дода бошанд (Носири Хисрав, Саъдии Шерозӣ, Аҳмади Дониш, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Муҳаммад Иқбол ва дигар шахсиятҳои маъруфу машҳури халқҳои дунё), ашхоси ёдшуда, мутаассифона, **бо айб ва хасисии табиат, ки рӯҳи офаранда ва таҷрибаи бунёдкунандаро дар онон қаҳт кардааст, бетағйир мондаан**д. Дараҷаи тафаккури онон аз воқеияти маърифат ва тараққиёти ҷаҳонӣ фосилаи бебозгашт гирифтааст. Ҳатто ҳаракати зиддимиллии босмачигариро, ки ба қавли шоҳиди он замону макон устод Садриддин Айнӣ, дар буридани гӯшу бинии мардум ва «баччабозӣ»-и саргум маъруфу машҳур гардида буд, то ҳол ҳамчун идеология ва рӯҳи «муқаддас»-и мубориза барои

давлатдории ояндаи худ тасаввур ва ташвиқу тарғиб мекунанд. Ин зуҳурот одӣ нест. Намуна аз бахти гаронхобу кори бесомони гурӯҳаки мансуб ба ҳамин миллат аст. Масъала ниёз ба омӯзиш ва ислоҳи ҷиддӣ дорад.

Мавқеи Гегел дар таҳқиқ, баҳодиҳӣ ва хулосабарорӣ нисбат ба воқеият мушаххас аст. Вай гаштаву баргашта таъкид мекунад, ки **«ҳама гуна воқеият дар муқоиса бо воқеияти дигар, воқеият дошта метавонад»** (Ҳамон ҷо. – С. 33). Аз ин лиҳоз, ҳолати рӯҳӣ, равонӣ, андешаронӣ ва аз ҳама муҳим, натиҷаи амалии нақшаҳое, ки ҳар миллат ва ё намояндаи одии он дар майна доранд, бояд бо тарзи тафаккур ва таҷрибаи бадастовардаи миллатҳои дигар мавриди муқоиса қарор дошта бошанд. Он вақт сифати рӯҳӣ, ҷаҳонбинӣ ва тарзи амали ҳар қавм ва намояндагони он мушаххас мегардад.

Фаҳми масъаларо Людвиг Фейербах қувват мебахшад ва возеҳтар тафсир мекунад: **«Рӯҳ, ҷони одамизод, як моҳияти номуайян ва ғайри материалӣ, одӣ нест, он чизе, ки дар борааш рӯҳшиносон майна об мекунанд – ин ғайр аз моҳияти муайяни инсон чизи дигаре буда наметавонад. Он чизест, ки инсонро ба ҳамон шакл ва мазмун меофарад. Ин хусусияти ба тарзи худ характерноки сифатӣ ва ифодатарин хосияти фардияти инсон аст» (**Л. Фейербах. Истории философии. – М.: Мысль, 1967. – С. 38).

Мусаллам аст, ки хештаншиносӣ мансуб ба сохтор ва мундариҷаи рӯҳи инсонӣ мебошад. Аз ҳамин ҷиҳат, мавзӯъ ниёз ба тафсири моҳияти шуур дорад. Мақсад аз он ба хотир овардани тасаввурот нисбат ба муҳимтарин масъалаи фалсафа – муносибати ҳастӣ ба шуур мебошад.

Ба назар мерасад, ки шарҳи паҳлуҳои шуур дарки назарияи Гегелро оид ба рӯҳи инсон ҳамчун қисмати структуравии он осонтар мегардонад.

Вақте ки сухан дар бораи хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ меравад, муайяншавандаи аслии истилоҳ ва ибораи номии зикргардида, дар тарҷумаҳои англисӣ ва русӣ ҳам ба тарзи маъмул вожаи шуур (conshiosness, сознание) мебошад. Ин ҳолат зарурати дарки моҳиятии шуурро тахассусӣ, аз лиҳози семантикӣ предмети илмӣ мегардонад.

Ҳамин тариқ, шуур шакли мушаххаси инъикоси ҳастӣ, ҳамчунин ба тарзи идеалӣ шинохтан, дарк намудан ва аз худ кардани воқеияти реалӣ мебошад.

Шуур решаи воқеӣ, заминӣ дорад. Муҳимтарин воситаи муносибат байни инсон ва муҳити атроф дониста мешавад. Фақат дар ҷомеа шакл мегирад. Рӯйдоди ҷамъиятӣ аст. Ба қавли асосгузорони материализми илмӣ: **«То замоне ки инсон ҳаст, рӯйдоди ҷамъиятӣ мемонад».**

Чунин тарзи деалии инъикоси воқеият дар заминаи моддӣ пайдо мешавад. Таҳкурсии материалӣ дорад. Маҳсули маводи ба дараҷаи олӣ муташаккили узви инсон – майнаи ӯ мебошад. Шуур заминаи дигари ба вуҷуд омадан, шакл гирифтан ва рушд карданро надорад.

Шуури инсон қудрати бузурги динамикӣ, сафарбаркунӣ ва моил ба ҷӯяндагиро аз худ нишон медиҳад. Ба муҳит – муҳимтарин масъалаҳои табиат, ҷамъият ва тафаккур нигаронида шудаанд. Чунин кӯшишҳо, сарфи назар аз хосият ва сифати майна, ба донистан ва дарк кардани ҷанбаҳои моҳияти ашё равона гардидаанд. Ҷараёни дарк имкон дорад дар чорсӯйи зиндагӣ ба тарзи хаотикӣ сурат бигирад. Ва ё баръакс, ҳадафманд, ратсионалӣ ба фоидаи худи инсон ва ҷомеа бошад. Тарз ва муҳтавои ташаккули шуур, бешубҳа, амали мақсадноки инсон аст. Ин раванд хосияти бевосита, ҳамчунон, бавосита дорад.

Яке аз объектҳои асосии омӯзиши шуур моҳият, мундариҷа ва сифати шуури худи инсон аст. Онро ҳамчун предмети илмӣ интихоб мекунад. Тадқиқот мебарад. Роҳҳои шаклгирӣ ва истифодаи онро ба манфиати фард, гурӯҳҳои сиёсӣ, синфҳои иҷтимоӣ, ҷомеа, миллат (хонда шавад давлат) меомӯзад. Дар ин замина, тамоми метод, роҳу усул ва воситаҳоро ба кор мебарад. Дарёфт кардани лаҳзаҳое, ки шахс, гурӯҳи одамон, ҷомеа бидуни таваҷҷуҳи манфиатдории ташаккули шуур бошад, вуҷуд надорад. Дошта ҳам наметавонад.

Маҳз шуур махзани муайянкунандаи ҳолати рӯҳӣ аст. Тавассути он эҳсосот, майлу рағбат ва аз ҳама ҷолиб, иродаи инсон шакл мегирад. Хусусияти моҳиятии характер ва ҳамчун натиҷа рафторҳои иҷтимоӣ ба намоиш гузошта мешаванд.

Бузургтарин воситаи ифодаи материалии шуур дар сухан инъикос меёбад. Рафторҳои инсонӣ ҳам таҷассумгари моҳияти шуури ӯ маҳсуб мегарданд.

Дар доираи тафсири шуур фарқ гузоштан байни шуури одӣ (сода, омӣ, рӯзмарра) ва илмӣ, инчунин шуури индивидуалӣ ва ҷамъиятӣ амри зарурист.

Моҳияти маҷмӯи гуфтаҳои боло дар мавриди шуур, иборат аз он аст, ки тавассути ин падидаи ҷамъиятӣ инсон на танҳо роҳу равиши барои худи ӯ, ҷомеа, миллат ва Ватани хеш судмандро интихоб ва пайгирӣ кунад, балки дар натиҷаи омӯзиши афкор, муҳимтар аз ҳама, таҷрибаи таърихӣ ва муосир, донишҳои андухтаи аҳли башар, раванди рӯзгорро ба манфиати воқеии инсон тағйир диҳад. Ё ҳадди ақал, бо имконоти ақлониаш (дониш, ҷаҳонбинӣ, таҷриба) ба худ, дигарон, ҷомеа зарар нарасонад ва расонида ҳам натавонад.

Ба назар мерасад, ки донистани моҳият, тарзи ташаккул, система ва структураи шуури инсонӣ ба ҳамин мақсад мувофиқат мекунад. Ин масъала садсолаҳо мавриди омӯзиши амиқ ва мавзӯи таҳқиқи гузаштагони бузурги мо буд. Қариб тамоми асарҳои ҷовидонаи онон, ки рӯйхаташон беохир хоҳад буд, далели ҳамин гуфтаҳост. Хонандаи огоҳ, нуктадон ва пуркор зарурат ба номбар кардани онҳоро надорад.

Шуур ҳамчун зуҳуроти ҷамъиятӣ ҳамакнун падидаи маҳдуд, сирф ҷуғрофиёӣ, минтақавӣ буда наметавонад. Дар системаи идеалии хосияти маҳз доштаи инъикоси воқеият, вазъ, раванди рушди табиат, ҷамъият ва тафаккур аз худ дарак медиҳад.

Муқоиса, ҳамчунон, аз умдатарин методи дарки воқеият барои шуур аст.

Тавре хотирнишон гардид, дар маҷмӯъ, минтақаи муайяни Шарқ асрҳост дар ҳолати рукуди анъанавии шуур ва қисмати он – ҷаҳонбинӣ қарор дорад. Гузашта аз ин, таҷрибаи ҳамарӯза нишон медиҳад, ки миллионҳо кӯшиши бозпас гардонидани шеваи тафаккур ба муҳтавои ҷаҳонбинии асримиёнагӣ, вориди саҳнаи мубориза барои рабудани ақлҳост. Ин ҳолат на танҳо байни омма, балки миёни қишри иҷтимоие, ки худро мансуб ба аҳли зиё мешуморанд, вуҷуд дорад. Натиҷаи таъсири чунин «гарди хони нагуни фалак», «ақибмондагии шадиди ифтихорӣ»

ва тазоди бузурги бошуурона эҷодгардида – барҷомондагии саросарӣ, фоҷиаи маънавӣ, ҳамчун натиҷа – терроризми байналмилалӣ зери ниқоби таассуб ва хурофот мебошад. Ин ҳолат инъикоскунандаи сояи ваҳшатангези сиёсати бозиҳоро дар «тахтаи бузурги шоҳмот»-и геополитикӣ, ки асоси онро сохтани ақлҳо ташкил мекунад, ифода меёбад.

**Ҳама гуна шиорпардозӣ ва даъвоҳои худсафедкунии гурӯҳҳои иртиҷоӣ, ҷонибдорони ақидаҳои хурофотиву бегонапараст оид ба масъалаҳои давлатсозии баҳри зиндагии инсон шоиста, як далел дар хусуси тасдиқи он, ки чунин идея ва ҷаҳонбинӣ барои баниодам, манфиатҳои миллӣ фоидаовар буданд ва ҳастанд, надоранд.** Қисмати муайяни Шарқ дар тарзи тафаккури ба инсон судманд, ба хотири пешрафти илм ва технологияи муосир, ки самараи идея ва андешаи солим аст, то имрӯз дастнигари бебозгашт ва таънашунави Ғарб боқӣ мемонад. Мутаассифона, раванди кор чунин аст, ки дар даҳсолаҳои наздик ин тамоюл ислоҳнопазир ва беохир ба назар мерасад.

Сирри пешрафти мамлакатҳои мутараққиро бояд аз лиҳози системавӣ таҳлил кард. Онҳоро ҳамчун дастоварди башарият омӯхт ва бо дарназаргирии хусусиятҳои миллӣ истифода кард.

Бузургтарин натиҷае, ки миллатҳои пешқадами дунё ба он кӯшиданд, ноил гаштанд ва ифтихор доранд, расидан ба истиқлолияти давлатӣ аст.

**Аммо эълони истиқлолият, пеш аз ҳама, моҳияти ҳуқуқӣ, ҷанбаи расмӣ дорад. Сароғоз, барҳақ, хосияти декларативиро ба намоиш мегузорад. Ҳамчун рӯйдод, натиҷаи равандҳои гуногуни ҳодисаҳои ҷамъиятӣ маҳсуб мегардад. Аммо эълони истиқлолияти давлатӣ ҳамагӣ як ҷузъиёти моҳият – қисмати сиёсӣ-ҳуқуқии масъаларо дар бар мегирад. Барои истиқлолияти комил фақат ҳамчун пойдевор хизмат мекунад.**

**Ҳамин тариқ, баъд аз истиқлолияти сиёсӣ муҳимтарин шарти ҳимоя ва рушди истиқлолияти давлатӣ – истиқлолияти идеявӣ, зеҳнӣ ба шумор меравад. Асоси сулҳу субот, рушд ва пояндагии давлати миллӣ ба даст овардани истиқлолияти маънавӣ ва ҷаҳонбинӣ аст. Миллате, ки ба хотири ҳамин забон, фарҳанг, анъана, урфу одат мустақилият пайдо кардааст, номи давлати миллиро соҳиб гаштааст.**

Идеологияи миллӣ, дар мисоли кишвари мо – тоҷикият, бояд дар асоси арзишҳои таърихӣ, умумибашарӣ, қувваи асосии муттаҳидкунанда ва пешбарандаи давлат ва давлатдорӣ бошад. **Дигар шаклҳои шуури ҷамъиятӣ ба ҳамин гуна арзишҳо хизмат кунанд. Дар акси ҳол, истиқлолияти сиёсӣ характери шаклӣ, муваққатӣ, фосилавӣ дорад. Осебпазир аст. Поянда нахоҳад монд.**

**Сарчашмаи асосии фоҷиаи солҳои навадум − касодии маънавӣ ва адами идеяи ягонаи умумихалқии эъмори давлати миллӣ эътироф гаштааст. Ин падида давоми мантиқӣ ва такрори ду бадбахтии таърихӣ – шикасти давлати бузурги Сомониён ва ҳаракати ниҳоят аҷнабипарастонаю хунини босмачигарӣ буд.**

То он замоне ки ҷаҳонбинии миллӣ – хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ дар мафкураи мардум – наврасон, ҷавонон, калонсолон ғолибият пайдо накунад, истиқлолияти миллӣ наметавонад аз доираи эъломи декларативии масъала фосилагирӣ намояд. Осебпазир боқӣ мемонад. Чунин ҳолат – ноамнӣ, ҳамзамон хатар барои онҳоеро ҳам дорад, ки монанд ба солҳои навадуми асри гузашта, бетарафиро пеша карда буданд.

**Дастоварди аслии Ғарб, устувории сиёсӣ ва рушди бонизоми иқтисодии он, натиҷаи воқеият доштани ғолибияти ҷаҳонбинии миллӣ бар дигар шаклҳои шинохт, тафсири ҳақиқати табиат ва ҷамъият аст.**

## РӮҲ ВА МАҚСАДГУЗОРӢ

Фикр, андеша, идея, абстраксия (ба тарзи хаёлӣ тасаввур кардан, муҳокимаронӣ намудан, хулоса баровардан) дар тафсири Гегел тавассути истилоҳи рӯҳ ифода мегардад. **«Ҳамин тариқ, агар муҳтавои асари «Фалсафаи рӯҳ»-ро мухтасар гӯем, он илм дар бораи шуури индивидуалӣ ва ҷамъиятӣ мебошад»** (Г. В. Ф. Гегель. Сочинения. Т. 3. Энциклопедия философских наук. Часть третья. Философия духа. – М.: Мысль, 1956. – С. 11).

Гегел муътақид аст, дарки моҳиятии андеша бузургтарин масъулияти одамизод мебошад. Маҳз ба воситаи он инсон худро мешиносад. Сирри табиат, ҷамъият ва тафаккурро ошкор месозад. Имконоти худро ҳам баҳри истифода бурдан аз онҳо ва

ҳам ба хотири ғанӣ гардонидани қудрати ин сегонаи ҳаётан муҳим истифода мебарад. Ба ин мақсад, таъкид мекунад: «**Донистани рӯҳ чизи аз ҳама асосӣ, баландмазмун ва барои ҳамин мушкил мебошад**» (Ҳамон ҷо. – С. 25).

Ӯ хотирнишон менамояд, ки зарфияти андешаронӣ мансуб ба хусусияти генетекӣ аст ва ҳамзамон ба иродаи аз бар намудани донишҳои илмӣ вобастагӣ дорад. Ин раванд одӣ нест. Бо ҷузъиёте, ки номбар гардид, дар зарфияти мафҳумот (дарки муҳити атроф), муҳокимаронӣ ва назарияҳо инъикос меёбанд. Ва барои инсони комил чунин маҷро ҳадди ниҳоӣ надорад. Беохир аст.

Мувофиқи таълимоти Гегел, **тавони андеша ҷараёни ниҳоят мураккаби физиологии материяи олӣ – майнаи инсон аст.** Эҳсос ва дарк намудани муҳити атроф, амалияи фаъолияти одам асоси онро ташкил мекунад. **Фикр кардан, ба хулосаи барои худи фард ва ҷомеа судманд омадан, заминаи маънавӣ, таҷриба ва таҳлили натиҷаи онро тақозо менамояд.**

Иқтидор ва хулосаи андеша аз лиҳози самаранокӣ – санҷиши он дар таҷриба, инсонҳоро ба гурӯҳ ва табақаҳои иҷтимоӣ, синфҳо, ҳизбҳо, шакл ва мундариҷаи фаъолият тақсим мекунад. Истилоҳи «**синфи фикркунанда»,** шакли муайян ва ниҳоят муҳимми фаъолияти инсонӣ, ки ба ин навъи кор шуғл варзиданро дар назар дорад, дар натиҷаи ҳамин тарзи тақсимбандии гурӯҳҳои иҷтимоӣ пайдо шудааст.

**Дараҷаи пойдорӣ ва устувории давлати миллӣ, хушбахтӣ, саодатмандии сокинони он дар вобастагии кулл ба шумора ва сифати шаҳрвандони соҳибмаърифат, андешаманд ва муҳокимаронии мутаносиб ба воқеият – манфиатҳои миллӣ қарор дорад. Дар сурати халал ёфтани таносуб дар байни ҷаҳонбинии илмӣ ва мудирияти моил ба андешаи хурофотӣ, шикасти давлати миллӣ раванди бебозгашт хоҳад гирифт.**

Гумон меравад, ки Гегел бо ғурури маҳзи худкифоии илмӣ ва эътиқоди комил ба умқи донишҳои фалсафии худ, дар асарҳояш аз овардани иқтибос аз олимони дигар, дар маҷмӯъ, худдорӣ мекунад. Шояд бисёр олимонро дар радифи худ намебинад. Аммо дуюмин ҷумлае, ки олими бузурги немис бо он асари худ – «Фалсафаи рӯҳ»-ро оғоз мекунад, иқтибос аз Суқрот аст.

Гарчанде аз ном бурдани ин нобиғаи ҳама давру замон истиҳола мекунад, мантиқи аз ӯ истифодашударо ниҳоят арзишманд меҳисобад. Истиноди ӯ мақсадгузории қотеонаи бо услуби императивӣ нигошташуда мебошад. Гегел дар назди инсон, шаҳрванд муҳимтарин падида – масъалаи худшиносиро мегузорад. Онро ҳамчун аксиома (зуҳуроте, ки дурустии он ниёз ба исбот надорад) ёдовар мешавад: «**Худро бишинос – ин сухани ҳикматомӯзи мутлақ на танҳо худ ба худ, на дар он ҷое, ки аз лиҳози таърихӣ моҳиятдошта эълом гардидааст, фақат маънии худшиносиро барои фаҳмидани баъзе лаёқатмандиҳо, хислат, майлу рағбат ва заъфият дар ботини фард мадди назар дорад, балки он ба хотири донистани ҳақиқат дар ҷавҳари инсон, воқеияти ботинии худ ва барои худ – донистани моҳият (**чизе, ки онро бо чашми одӣ дидан мушкил аст, аммо хосияти муҳиммият, муайянкунандагӣ ва қонунмандӣ дорад – С. Я.**) ҳамчун рӯҳ мебошад**» (Ҳамон ҷо. – С. 22).

Гарчанде мутафаккирони материализми илмӣ бисёре аз назарияҳои Гегелро идеализми объективӣ номниҳод кардаанд, олими бузург тафаккурро берун аз воқеияти ҳастӣ маънидод намекунад. Ҷараёни шаклгирии шуури инсонро дар вобастагии кулл ба воқеият мешуморад. Дар тасаввуроти ӯ, рӯҳи инсон оне ҳаст, ки одам чӣ тавр муносиботи худро бо олами ҳастӣ муайян мекунад. Муҳтавои мақсадгузориаш аз кадом дидгоҳ сурат мегирад. Дар маҷмӯи чунин ҷаҳонбинӣ, шаҳрванд барои манфиати хеш ва ҷомеа чӣ кореро ба субот мерасонад.

**Асоси фаъолияти инсонро аз рӯйи таълимоти Гегел меҳнат дар бар мегирад. Иқтисоди сиёсӣ ҷавҳари таълимоти ӯро дар арзёбии мавқеи инсон, муносибаташ ба меҳнат медонад. Бузургтарин олимони дунё, ки дар мавқеи материализми илмӣ ҳастанд, ақидаи Гегелро дар бораи он, ки меҳнат моҳияти рӯҳи инсон мебошад, бо қаноатмандӣ пазируфтаанд** (Ҳамон ҷо. – С. 13). Гегел муътақид аст, ки аз бар кардани донишҳои илмӣ нишони умдаи ба тарзи муносиб, барои зиндагии шоиста мувофиқ намудани инсон аст.

Файласуфи немис комилан муқобили фикри схоластикӣ, шахшудамонда, бидуни инкишоф ва навоварӣ аст. «**Андеша кимчизест, фақат то он замоне вуҷуд дорад, ки амал мекунад. Фикре,**

**ки дар ҳаракат нест, фикре, ки фикр намекунад, одӣ карда гӯем, вуҷуд надорад».** Фикри мутлақ гуфта, Гегел Худои худ, Худои масеҳиро дар назар дорад. Аммо Худои ӯ Худои соҳибандеша, мутафаккир, созанда ва ободгар аст. Ба ҳамин хотир, Гегел таъбири **«тафаккури амалкунандаи худовандӣ»**-ро истифода мебарад. Тавассути ин маънӣ одамонро ба андешаи созгор ва ба рӯзгори комгор раҳнамун карданӣ мешавад.

**Ӯ назарияи қудсиятро ба се марҳала ҷудо месозад: 1) дараҷаи мантиқ; 2) дараҷаи табиат; 3) дараҷаи рӯҳ. Тавре мебинем, дар ҷаҳонбинии Гегел андешаи динӣ ҳам ба амали мантиқӣ (муносибати фикр ба амал ва натиҷаи он) нигаронида шудааст.** Чунин шакли шинохт ва муносибати рӯҳонии ӯ аз талошҳои кӯр-кӯрона, хурофотӣ, ифротикунонии дин, қатъиян, фосилагирӣ мекунад.

Дар фалсафаи Гегел идеяи мутлақ табиатро ҳамчун майдони озмоиш истифода мебарад. Лекин бо тамоми қотеият мавқеи инсонро, барҳақ, аз ҳама боло медонад: «**Охир, натиҷаи олии табиат инсон мебошад**» (Ҳамон ҷо. – С. 8). Ва онро бо назарияи худ ба созандагӣ ҳидоят мекунад: «**аммо дар рӯҳи одамизод идея метавонад ифодаи воқеии худро дарёбад ва дар он ба тарзи ҳақиқӣ худро шиносад**» (Ҳамон ҷо. – С. 8).

Дар ифодаи мутафаккир, дар гуфтугӯи ӯ бо хонандагони хушзеҳни миллати худ, инсоне, ки ҳатто дар доираи фикри мутлақ андеша ва амал карданӣ мешавад, ниҳоят мустақил, созанда ва ободкор аст. Ноoромӣ, озор, таҳқир ва фарқгузории ифротиро намепазирад.

Муҳимтарин ҷузъиёт дар фалсафаи рӯҳи Гегел муносибати диалектикии ӯ ба фикр ва тарзи тафаккур мебошад. Мавҷудияти зиддиятро дар андеша, фикрронӣ ва хулосаи мантиқӣ пурра эътироф мекунад. Ҳамин тариқ, барои материализми илмӣ замина мегузорад. Бо эътимоди кулл таъкид месозад: «**Инкишофи рӯҳ шакли ҳаллу фаслшавии тараққикунандаи ҳамин зиддиятҳо тавассути паси сар сохтан** (гузашт, аз худ намудан, мувофиқ гардонидан – С. Я.)**-и объект, ашё, кашф кардани моҳияти идеалии ҷаҳон ва худи инсон мебошад**» (Ҳамон ҷо. – С. 13).

Донистан ва мавриди таваҷҷуҳ гирифтани хосияти диалектикии моҳият ва зуҳуроти олам барои Гегел танҳо ҷанбаи назариявӣ надорад. Мақсаднок аст. Ба дарки воқеияти олам, дигаргун намудани он барои инсон тавассути инсон дар чаҳорчӯбаи илм ва маърифат нигаронида шудааст. Ба ақидаи ӯ, ҳангоме ки муносибати диалектикии рӯҳ мафҳум ва мантиқи озодиро барои одам фароҳам меорад, чунин озодӣ, соҳибихтиёрӣ бояд ҳадафмандона истифода гардад: «**Ҳамзамон, инкишофи рӯҳ дар дарки озодии шуур ифодаи худро меёбад. Рӯҳ усулан озод аст. Дар аввал чунин озодӣ дар доираи имконот дода мешавад. Ҷараёни «ғайрипредметикунонӣ», тибқи назарияи Гегел, соҳибихтиёрии воқеиро таъмин мекунад. Озодии инсон, ҳамин тариқ, на ба василаи инкори зарурат фароҳам мегардад, балки ба воситаи ошкор намудан, фаҳмидани охирин, тадриҷан аз бар кардани табиати идеалии чунин озодӣ сурат мегирад**» (Ҳамон ҷо. – С. 13).

Дар идомаи фикри худ, Гегел ҷараёни азхудкунии озодиеро, ки барои дарки табиат тавассути чунин муносибат, новобаста аз эътиқодот, тарзи тафаккур ифода мегардад, бо масъулияти олимона шарҳ медиҳад. Онро дар алоқамандии зич бо меҳнат, амалия, таҷрибаи инсонӣ мебинад. Чунин назарияи муассири фалсафӣ – таъмини озодии фикр, андеша ба хотири пешрафти илм, маърифат, ҳамин тариқ, ҳимояи манфиатҳои воқеии миллиро дар назар дорад.

Муҳокимарониҳои Гегел дар атрофи тафаккур, гӯё аз рӯҳи мутлақ сарчашма мегиранд. Аммо дар тафсири ӯ шуур хосияти заминӣ дорад. Дар вобастагӣ ба воқеияти табиат ва ҷамъият мебошад. Барои ҳамин, қимати бузурги дарки ҳастиро дар худ таҷассум мекунад. Чунин тарзи фикрронӣ ба шаклгирии ҷаҳонбинии фалсафаи ҳастии мардумони Аврупо хизмати босазо кардааст. **Ба милликунонии одилона ва барои зиндагии шоиста мувофиқгардонии ақидаҳои схоластикие, ки метавонистанд барои пешрафти илму маърифати ин минтақа таъсири фалокатбор расонанд, мусоидат намудааст.**

Боиси таваҷҷуҳ аст, ки Гегел дар байни истилоҳи рӯҳ ва шуур бо мақсади арзишманд нишон додани вазни ақли инсонӣ фосилаи мантиқӣ гузошта, шуурро дар вобастагӣ ба рӯҳи

одамизод медонад. Маҳсули онҳоро бошад ақл, хирад номгузорӣ мекунад: «**Дар рӯҳ шуур бедор мешавад. Шуур худро ҳамчун ақл, фаросат, хирад меҳисобад. Тавассути фаъолият худро то дараҷаи объективият, то сатҳи дарки мафҳуми худ озод менамояд**» (Ҳамон ҷо. – С. 51).

Бо ин тарзи масъалагузорӣ Гегел мафҳуми идеалиро ба воқеӣ мубаддал месозад. Онро заминӣ мегардонад.

Ин тарзи муносибат аҳамияти амалӣ ва моҳияти таърихӣ дорад. Таваҷҷуҳи инсонро барои дигаргунсозии олам – муҳити беруна ҷалб менамояд, дар натиҷа худи инсон, тафаккури ӯ тағйир мепазирад, рушд мекунад.

Агар сухан дар бораи фалсафаи Ғарб равад ва ба саволи он, ки рӯҳ гуфта фалсафаи ин қитъаи куҳан, мутараққӣ, соҳибмаърифат ва пешрафтаи олам чиро дар назар дорад, посух фақат мавриди таваҷҷуҳ доштани ақл, фаросат ва одамият аст. И. Кант, олими барҷаста, аз ҳаммиллатони Гегел, айнан, ҳамин маъниро дар тафсири истилоҳи мазкур мебинад: «**Се шакли муҳокимаронӣ бояд дар ин маврид ҷо дошта бошад:**

1. **Доштани рӯҳ нишони хирад аст.**
2. **Хирадмандӣ аз рӯҳи инсонӣ шаҳодат медиҳад.**
3. **Будани рӯҳ нишон аз ҳастии одамизод аст**» (И. Кант. Сочинения в шести томах. Т 2. – М.: Мысль, 1964. – С. 62).

Фазилати мардуми тоҷик нисбат ба истилоҳи мазкур наздик ба ҳамин тарзи дарки зуҳурот, ҳам дар сабки гуфтугӯӣ ва ҳам дар нутқи хаттӣ ифода ёфтааст**: рӯҳ, рӯҳи нек, рӯҳия, рӯҳияи баланд, рӯҳбахш, рӯҳнавоз, рӯҳпарвар, рӯҳафзо, рӯҳи солим, рӯҳи созгор ва шаклҳои манфии истифодаи маънӣ бо ин калима – рӯҳи носолим, рӯҳафтода, одами берӯҳ, рӯҳфарсо** (Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (Иборат аз 2 ҷилд). Ҷ. 2. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – С. 182-183).

Ба гуфти асосгузорони материализми илмӣ «**забон воқеияти ифодаи шуур** (рӯҳ – С. Я.)**, шакли материалии андеша ва воситаи муоширати байни ҳамдигарӣ мебошад**».

Забони модарии мо бо тавоноии бузург таърихи зиёда аз шаш ҳазорсола дорад. Тавассути қудрати шинохт, ифода ва тафсири рӯйдодҳои табиат, ҷамъият ва тафаккур забони тоҷикӣ ҳамчун нишонгари воқеии (материалии) рӯҳи фавқулодаи

миллати тоҷик аст. Ин аслият сарчашмаи бойи хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ дар муқобили рӯҳи бегонапарастӣ ва салтанатхоҳӣ мебошад. Забони оламшумули тоҷикӣ худ ҳамчун қаҳрамони майдон дар набардҳо бар зидди аҷнабиён дар кулли ҷабҳаҳо мубориза бурд. Истодагарӣ кард. Пирӯз гашт. Нашояд, ки ин бурҳони рӯҳи тоҷикият, баръакси манфиати миллат истифода шавад. Дар тамоми самтҳо чунин падидаи номатлуб ниёз ба пешгирӣ дорад.

Забони миллат силоҳи миллат аст.

## ҶАҲОНБИНӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ ХУДШИНОСӢ

Маълум аст, ки ҷаҳонбинӣ маҷмӯи дидгоҳи инсон нисбат ба муҳити атроф – масъалаҳои табиат, ҷамъият ва тафаккур, аз овони хурдсолӣ шакл мегирад. Як умр дар ҳолати динамикӣ қарор дорад. Тадриҷан мукаммал мегардад. Омили такондиҳандаи он тағйироти беохири диалектикии муҳити атроф, мақсадгузории иҷтимоӣ ва сиёсии одамон, субъектҳои гуногуни сиёсӣ мебошад. Чунин ҳолат, бидуни шак, дар шуури инсон инъикос меёбад. Аз рӯйи он рафторҳои шахс, гурӯҳҳои одамон, синфҳо, дар маҷмӯъ, ҷомеа дар навъҳои мухталиф худро ба намоиш мегузоранд.

**Аслияти назарияи Гегелро дар бораи мундариҷаи шуури инсон, тавре хотирнишон гардид, шахсияти бомаърифат, ҳушманд ва худкифо дар бар мегирад.** Ҷараёни мураккаби шаклгирии шуурро падидаи биологӣ – имконот ва қудрати материяи олӣ – майнаи инсон мешуморад.

Гегел бар он ақида аст, ки асоси ҷомеаи солим оилаи солим мебошад. Минбаъд ҷаҳонбинии инсон дар шароити муҳит – мактаб, ҷомеа ва меҳнати созанда инкишоф меёбад.

**Агар давлат, ҷомеа аз рафторҳои нодурусти афрод, ки манфиати миллатро зери суол мебаранд, зарар бинад, зарур аст камбуд ва саҳлнигарии худро низ дар ин рӯйдод эҳсос, эътироф ва муҳимтар аз ҳама, ислоҳ намояд.**

Эҳтимол он аст, ки дар тасаввуроти Гегел ин ақида зери таассуроти таълимоти Аристотел дар мавриди функсия ва масъулиятшиносии давлат, чун ягона муассисаи посухгӯи ҳаёти

ҷомеа, шакл гирифтааст. Аристотел бошад, ақидаи мазкурро бе дудилагӣ, қотеона, ба тарзи императивӣ иброз медорад: «**Бисёр шубҳанок ба назар мерасад, агар касе шак кунад, ки қонунгузор бояд ба масъалаи тарбияи ҷавонон аҳамияти фавқулода диҳад. Дар ҳамон давлатҳое, ки чунин муносибат нест, худи сохти давлатдорӣ зарар мебинад. Охир, тарбия бояд ба ҳар як сохти давлатдорӣ мувофиқат кунад; ба ҳар сохти давлатдорӣ ҳамон тарбияе лозим аст, ки чунин сохт ниёз ба он дорад. Моҳияти чунин тарбия барои нигоҳдории сохти давлатдорӣ хизмат мекунад**» (Аристотель. Политика. – М.: РИПОЛ классик, 2010. – С. 535). Ин муҳимтарин вазифаи сиёсӣ аст, ки давлат барои таъмини сулҳу субот, осудагӣ, пойдорӣ ва рушди миллӣ метавонад ва вазифадор аст, тамоми имконоти худро истифода намояд. Дар акси ҳол, ин майдонро дигар қувваҳо истифода мекунанд. Ва тавре дар кишварҳои мусулмоннишин мебинем, оқибати он бебозгашт фоҷиавӣ хоҳад буд.

Шинохт ва тарбияи ҷаҳонбинии инсон аз ҷониби худи инсон, бо кулли имконот, аз мавзӯъҳои марказии таълифоти Гегел мебошад.

Ӯ омилҳои дохилӣ ва берунии назарияи ҷаҳонбинии одамро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Таъкид мекунад: «**Қобилияти назариявӣ аз нақдинаи мавҷудаи барои мо омодашуда, аз ҷаҳони беруна сарчашма мегирад ва онро ба тасаввурот мубаддал мегардонад. Қобилияти амалӣ бошад, баръакс, аз муайнкунии дохилӣ оғоз мешавад. Ва онро тасмим, ният номидан мумкин аст. Дохил ба воқеияти берун табдил меёбад. Ҳамин гуна тағйирёбии дохилиро ба беруна таҷрибаи амалӣ ном мебаранд**» (Г. В. Ф. Гегель. Работы разных лет. В двух томах. Т. 2. – М.: Мысль, 1970. – С. 20).

Дар ин мавридд, Гегел категорияҳои фалсафии дохилӣ ва берунӣ, моҳият ва зуҳуротро тавре ки интизорӣ меравад, устодона истифода мебарад. Барои донистани моҳият ва мундариҷаи ҷаҳонбинӣ, алоқамандии диалектикии ба он таъсиррасон – табиат ва ҷамъиятро омилҳои муҳимми сохтори маънавиёти ҷомеа ва рафторҳои иҷтимоӣ меҳисобад.

Мувофиқи ақидаи Гегел, рӯйдодҳо хосияти зоҳирии алоқамандии ҳатмии байни предметҳо (шахс, падида, воқеа)

мебошанд. Чунин тарзи муносибат дар он таҷассум меёбад, ки зуҳурот хосияти моҳиятӣ дорад. Ва «**моҳият дар зуҳурот аз худ дарак медиҳад**». Бо тағйири миқдорӣ, муҳимтар аз ҳама, сифат, шакл ва мазмуни худро ногузир тағйир медиҳад.

Таҳлили воқеаҳои фоҷиабори солҳои 90-уми асри гузаштаи таърихи миллати мо, идома ёфтани падидаи экстремизм ва терроризм дар солҳои баъд, густариши раванди бегонапарастӣ бо оқибатҳои эҳтимолии харобиовар дар оянда, омӯзиши сабабии онҳоро бо истифода аз методологияи илмӣ тақозо дорад.

Ақидаҳои ҷолиби Гегел, ки дусад сол муқаддам иброз гаштаанд, – пеш аз ҳама, барои роҳнамоии миллати худи ӯ равона шуда буданд. Ва ҳамин гуна муносибати хирадмандона ба тақдири шаклгирии маънавиёти ҳамватанонаш бетаъсир намонд.

Воқеан, ҳушдори Гегел тавассути истилоҳи «**ҷараёни гузаронидани мавод**» – яъне таъсиррасонии назариявӣ, маънавӣ, идеявӣ, идеологӣ аз одам ба одам, ки ҳамарӯза дар ҷомеа тавассути гуфтугӯи мустақими шахс бо шахс, шахс бо гурӯҳи афрод дар шакли нақдӣ (зинда), бо роҳҳои тарбия ва таълим, васоити ахбори умум ва ғайра сурат мегирад, мантиқи ифодаи зикргардидаро мадди назар дорад.

**Дар таҳлили шаклгирии ҷаҳонбинӣ ва худшиносӣ Гегел эҳтиёткор аст. Ӯ ишора мекунад, ин ҷараён дар ҷомеае, ки бо такя ба илму маърифат ба рушди оянда нигаронида шудааст, бояд асоснок ва эътиқодмандона сурат бигирад**. Худшиносиро маҳсули ҷаҳонбинӣ мешуморад. Таъкид месозад, ки инсон дар асоси аз бар намудани дониш ва тасаввуроти одии илмӣ, бояд қудрати шинохти муҳити атроф, ҷомеаро дошта, аз мавқеи мушаххас бархӯрдор бошад, ин гуна ҳаракат, ташаббус ҳамчун ангезаи пешбаранда дар ниҳоди одам пайдо шавад. **Инсони солимфикр муътақид бошад, ки барои сифати шахсият пайдо карданягон неруи махсуси фавқуттабиӣ вуҷуд надорад. Чунин аломат аз омӯзиш, ҷаҳонбинии илмӣ, таҳлили таҷрибаи судманд ва хулосаи баробар ба воқеият сарчашма мегирад.**

Воқеан, хотирнишон бояд кард, яке аз ҳидояткунандагоне, ки метавонад инсонро бо ақида, роҳу равиши муайян дар

шароити нави муносибатҳои ҷамъиятӣ – капитализми монополистӣ ба шахсияти барои ҷомеа фоидаовар мубаддал гардонад, худи Гегел аст. Ҳамчун намояндаи синфе, ки иқтидори маъниофаринӣ дорад, худро дар ин ҷода масъул мешуморад.

Ӯ инсонро шакли материя, ҳаракат, таҳаввулоти ҷисмонӣ ва маънавиро хосияти асосӣ ва доимии ин мавҷудот медонад. Таъсири маърифат ва таҷрибаи инсониро аз муҳимтарин омилҳои шаклгирӣ ва муайян кардани вазифаҳои ӯ меҳисобад.

**Тавре хотирнишон гардид, фоҷиаи бузурги солҳои 90-уми асри гузаштаи миллати тоҷик ва таърихи хунини мардуми мусулмон дар гузашта ва имрӯз, сарфи назар кардани донишҳои илмӣ, қашшоқии на танҳо моддӣ, балки маънавӣ аст**. Камбуди навмедонаи давомдори иҷтимоӣ ҳам, аз мушкилоти таърихии маънавӣ сарчашма мегирад. Ҳамзамон, гурӯҳакҳои дастнигари ҳамватанони мо, ки гоҳо бо намоиш додани мушкилоти ҷаҳонбинӣ аз худ дарак доданӣ мешаванд, яқин аз хештаншиносии воқеӣ ва худшиносии миллӣ бешуурона ва шояд бошуурона ҳам, фосила мегиранд.

Натиҷаи ҷараёни худмуайянкунӣ, хештаншиносӣ, бояд хулосабарорӣ, эҳтиромгузорӣ ба худ ҳамчун шахсият ва рафторсозӣ бошад. Дар ин ҷода, рӯзгор беҳтарин воситаи дарки воқеият аст. **Барҳақ, Гегел таҷрибаи зиндагиро меъёри асили дарки олами ҳастӣ медонад.** Ба ҳамин хотир, ҷузъиёт, раванд ва шаклгирии мафкурасозиро бо кӯшиши маҳз фаҳмониданӣ мешавад. Аммо ҷараёни худшиносиро, асосан, ҳамчун раванди фаъоли дохилии худи инсон дар назар мегирад: «**Сарчашмаи аввалини донишҳо таҷриба мебошад. Барои таҷриба ҳамагӣ зарур аст чизеро худамон фаҳмем, эҳсос намоем. Аммо байни эҳсос ва таҷриба бояд фарқ гузошт. Муҳтавои эҳсос, пеш аз ҳама, чизе ҳаст, ки як предмет нохост метавонад ба як шакл ва дар дигар ҳолат дар шакли дигар худро ба намоиш гузорад. Агар як навъи эҳсоси предмет такроран мадди назари ман пайдо шавад ва дар дигар ҳолат ҳам он бетағйир, дар ҳамон шакл монад, ин ҳамон таҷриба аст**» (Ҳамон ҷо. – С. 12).

Гегел чунин такроршавиҳоро одӣ, бесабаб, нохост ё фавқулода намешуморад. Ӯ арзишмандии таҷрибаро маҳз дар ҳамин мебинад ва таъкид мекунад: «**Муҳтавои таҷрибаро**

**қонунҳо ташкил менамоянд ё ин ки алоқамандии ду зуҳурот ва ҳангоми вуҷуд доштани як падида, ҳама вақт падидаи дигар рух медиҳад**» (Ҳамон ҷо. – С. 12).

Гегел муътақид аст, ки таҷриба фақат натиҷаи амалро нишон медиҳад. Наметавонад сабабҳои онро ошкор созад, тафсир намояд. Ба мисли И. Кант ин корро вазифаи олимон, донишмандон меҳисобад. Яъне «**субъекти тадқиққунанда бояд дар дунёи бенизоми падидаҳо тартиб ворид кунад».** Инро вазифаи муқаддаси зиёиёни миллӣ мешуморад.

Ҳамзамон, барои ташаккули ҷаҳонбинӣ ва худшиносӣ Гегел омилҳои муайянро хотиррасон мекунад, ки онҳо ҳам характери объективӣ ва ҳам хусусияти субъективӣ доранд. Дар мантиқи андешаҳои ӯ ҷузъиёти муассири муқобилистӣ ва зиддиятҳо афзалият касб кардаанд. Маҳз онҳо барои шаклгирии ин ва ё он тарзи ҷаҳонбинӣ, муҳтаво ва хусусиятҳои хештаншиносӣ мусоидат менамоянд.

Аз лиҳози диалектикӣ, муқобилистӣ ҳамчун мафҳуми фалсафӣ дар ҳолати истисно кардани яке аз мавқеъҳо мебошад. Мураккабии чунин муносибот дар доираи ҳаёти ҷамъиятӣ дар аввал ноаён, ба якдигар безарар ва одӣ ба назар мерасад. Дар давраи ниҳоӣ, чунин муқобилистӣ ба тарзи ошкор, дар шароити ҳаёти ҷамъиятӣ кӯшиши инкор кардани якдигарро дорад. Гарчанде назарияи фалсафӣ ин зуҳуротро аз лиҳози илмӣ тафсир намояд ҳам, дар низоми давлатдорӣ ассимилятсия, мувофиқгардонии чунин муқобилистоданҳо хосияти функсионалӣ дорад. Аммо онҳо характери меъёри ҳуқуқиро ба худ мегиранд. Ҳама гуна зиддиятҳо дар доираи конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ҳаллу фасл мегарданд. Дар ин ҳолат, талаботи сохти конститутсионӣ мавқеи афзалияти қотеонаро касб мекунад. Ҷаҳонбинӣ ва худшиносии миллӣ зарурати мувофиқ кунонидани онҳоро тибқи манфиатҳои миллӣ тақозо менамояд.

# МУҲИТ ВА ҶАҲОНБИНИИ МИЛЛӢ

Давлат натиҷаи олии эҳсоси худшиносии инсони комил аст. Он аз бузургтарин ва арзишмандтарин дастовардҳои мавҷудоти соҳибшуури табиат мебошад.

Дувуним ҳазор сол қабл Аристотел дар асараш «Сиёсат», ки сирф ба масъалаҳои сохт ва рукнҳои давлату давлатдорӣ бахшида шудааст, эътироф ва эҳтироми худро нисбат ба чунин кашфиёти инсон ба тарзи зайл иброз медорад: «**Табиат дар ниҳоди одамон тамоюли муошироти давлатиро ҷой кардааст. Ва аввалин шахсе, ки чунин шакли муносибат** (зиндагии инсонро дар чаҳорчӯбаи давлат ва давлатдорӣ – С. Я.)**-ро ташкил кардааст, барои одамизод бузургтарин некӣ намудааст**» (Аристотель. Политика. – М.: РИПОЛ классик, 2010. – С. 31).

Ибрози ифтихор аз хулосаи андеша ва тасмими инсон барои сохтани давлат аз ҷониби Арасту, моҳиятан, мансуб ба раванди муваффақонаи рушди шуур ва муҳимтарин қисмати он, худшиносии инсон мебошад. Дар ин маврид, Гегел давраҳои тараққиёти рӯҳи одамизодро ёдовар мешавад. Қисмати аввали онро рӯҳе меномад, ки «**дар муҳосираи табиат ва дар вобастагӣ ба ҳастии ҷисмонии инсон қарор дорад ва мо бояд аз он оғоз кунем, ки чунин рӯҳ ҳанӯз озод нест, ба таври худ, ба ҳастӣ мубаддал нагаштааст**» (Г. В. Ф. Гегель. Работы разных лет. В двух томах. Т. 2. – М.: Мысль, 1970. – С. 53).

**Гегел бовар дорад, рӯҳи одамизод аз замоне ки нишонаҳои материалии худро ба намоиш гузошт, вориди мубориза шудааст. Кӯшиш кардааст аз ҷисм фосила бигирад. Бар он ғолибият пайдо кунад. Онро раҳбарӣ намояд.**

Хотирнишон месозад, ки худшиносии инсон натиҷаи амали қонунмандии зиддиятҳо мебошад. Ва **алоқамандии сифатии рӯҳро ба муҳити атроф ифода мекунад. Ба ақидаи ӯ, ҷараёни тақсимоти инсон ба нажодҳо аз ҳамин мантиқ сарчашма мегирад** (Ҳамон ҷо. – С. 53)**.**

Гегел муътақид аст, ки шуури инсон дар дараҷаи ибтидоии он ба худ нигаронида шудааст. Холӣ аст. Фақат тавассути аз худ кардани воқеияти муҳит ба омили фарогир табдил меёбад. Давлат натиҷаи дарки тадриҷии олами ҳастӣ, қонуниятҳои

тараққиёти ҷамъиятӣ ва тафаккур мебошад. Чунин тағйироти диалектикии шуурро Гегел фавқулода муҳим мешуморад. «**Ҳамин тариқ, рӯҳ ба ҳақиқат ворид мегардад, ба хотири он ки ягонагӣ дар рӯҳи одӣ ... ҳамчун барқароршуда, ҳамчун омили бавосита, тавассути бартараф кардани зиддиятҳои дар мафҳумҳои шуур пайдошуда**» (Ҳамон ҷо. – С. 54) ба инобат гирифта мешавад.

Олимони номдоре, ки баъди Гегел дар бораи умдатарин хосияти диалектика – «**инъикоси воқеият дар шуури одамон на чизи мутлақ, на падидаи мурда, на зуҳороти шахшудамонда ва беҳаракат, балки ҷараёни ба тарзи абадӣ дар ҳаракат тағйирот, зиддият ва ҳаллу фасли он**» муҳокимаронӣ кардаанд, маълум мегардад, аз натиҷагирии илмии ҳамин нобиғаи фалсафаи олам истифода кардаанд.

Дар омади сухан гуфтан мумкин аст, ки ин афкори мантиқӣ ҳамчун назарияи муътамади қонунмандии рушди иқтисодӣ ва таъмини осудагии иҷтимоӣ, ҳамзамон, дар ҳадди эътидол нигоҳ доштани ҷаҳонбинии ба ҷомеа созгор, метавонад мисли аксиомаи муваффақи илмии аҳамияти универсалидошта хизмат кунад.

Эҳтимоли ғолиб он аст, ки ақибмонӣ, демагогияи схоластикии ҷонсахти зиддимиллии асрҳои аср дар байни қавми ақибмонда ва бадбахти баъзе аз мардумони Шарқ ҳукмрон, аз сарфи назар кардани чунин ҳақиқат аст. Гурӯҳакҳои дастнигари ғарбнишини «содаву гумроҳу нодонбачаҳои мо» ҳам, нодидагирони чунин аксиомаи илмӣ ва воқеияти аслии зиндагӣ мебошанд.

Вақте ки Гегел дар мавриди ҷаҳонбинӣ ҳарф мезанад, онро падидаи умумиҷаҳонӣ ном мебарад. Ӯ таъкид мекунад, ки «**Дараҷаи инкишофи рӯҳи фарди алоҳида ҳама вақт дар умум ва дар маҷмӯъ, дараҷаи тараққиёти рӯҳи тамоми инсониятро таҷассум мекунад**» (Ҳамон ҷо. – С. 14). Ва ба қавли ӯ, «**Рӯҳи умумӣ ҳамчун рӯҳи олам набояд мисли ягон навъи субъект таъйид гардад: балки он субстансияи фарогири умумӣ мебошад**» (Ҳамон ҷо. – С. 62). Классикони материализми илмӣ чунин тарзи масъалагузории Гегелро диди асосии диалектикии ӯ ном бурдаанд.

Ҳамзамон, ҷолиби таваҷҷуҳи хос аст, ки Гегел масъалаи шаклгирии рӯҳи инсониро ба тарзи васеъ – аз нигоҳи идеявӣ, ҷаҳонбинӣ, структураи шуур, аз ҷумла шуури миллӣ, сифати миллат, (тавоноии маънавии халқҳо) дар муносибат ба ҷанбаҳои муҳимми табиат ва тафаккур дар чаҳорчӯбаи назарияҳои антропологӣ баррасӣ, таҳлил, арзёбӣ ва хулосабарорӣ мекунад.

Маълум аст, ки антропология ақидаи шинохти инсонро аз мавқеи ҷуғрофӣ, релеф, зист, хусусияти фардии гурӯҳҳои одамон дар вобастагӣ ба ташаккули структураи нейронҳои майнаи қисмати асосии нажод ва халқу миллатҳо медонад.

Аз ҳамин ҷиҳат, мунаққидони Гегел ӯро ба хотири ба ҳам омехтани масъалаҳои антропологӣ бо илми фалсафа мазаммат кардаанд. Аммо таҷрибаи таърихӣ ҳақиқати илмӣ доштани ақидаҳои Гегелро, дар маҷмӯъ, тасдиқ намудааст. Бузургии Гегел дар тавоноии таҳлили воқеият ва амалкарди таърихӣ дар асоси рафторҳои иҷтимоии мардумони олам мебошад.

Бидуни доштани маълумоти кофӣ дар бораи табиат ва тинати воқеии халқу миллатҳо, ҷаҳонбиние, ки аз ҷавҳари ҳастӣ ва омилҳои ба он мусоидаткунанда бармеояд, ташкили муносибат бо олами беруна ба талаботи рӯз мувофиқати пурра надорад.

Дар тарҷумаи ҳоли Гегел, дар бораи он ки ба хотири донистани хислат ва хулқу атвори халқҳо ӯ ба кишварҳои олам сафар карда бошад, маълумот мавҷуд нест. Аммо яқин аст, ки олими пуркор барои навиштани ин қисмати «Фалсафаи рӯҳ» адабиётеро, ки дар он замон барояш дастрас буд, бодиққат ва масъулияти илмӣ омӯхтааст. Таҳлил, арзёбӣ ва хулосабарорӣ намудааст. Ҳамин аст, ки аз иншои рисолаи мазкур наздик ба ду аср гузашта бошад ҳам, назарияи илмии ӯ, ба фикри мо, ҳамчун асари дорои аҳамияти махсус боқӣ мемонад.

Гегел муътақид аст, ки рӯҳи (хонда шавад шуур, ҷаҳонбинӣ, маънавиёт, хислат, характер, сифати шахсият) инсон танҳо ҳодисаи ҷамъиятӣ нест. Ба он муҳити атроф, дар назар дошта мешавад табиат, релеф низ таъсири муайян доранд. Чунин асаргузорӣ амали лаҳзаина буда наметавонад. Давоми ҳазорсолаҳо дар этноси муайян осори худро мемонад. Ва «**барои шуур онҳо предмети табиӣ ба ҳисоб мераванд. Рӯҳ ба онҳо**

**муносибати зоҳирӣ надорад. Бо эҳтимолияти бештар, он худ ба худ сифати табиӣ мегирад**» (Ҳамон ҷо. – С. 62).

Ҳамин тариқ, хислату характери халқу миллатҳо, ки муҳокимаи онҳо дар ин мавзӯъ зарурати рӯзмарра дорад, зуҳуроти табиӣ, моҳиятиро дар худ касб кардааст. Хосияти наздик ба тағйирнаёбандагии хулқу рафтори халқҳо, дар маҷмӯи ифодаҳое, ки аз ҷониби ин мутафаккир иброз дошта мешаванд, аҳамияти масъаларо бори дигар хотиррасон менамояд.

Дар алоқамандӣ бо мавзӯъ, Гегел барои тасдиқи фикри худ аз силогизми зерин истифода мебарад: «**Рӯҳ зиндагӣ мекунад: 1) дар субстансияи худ; 2) дар рӯҳи табиат; 3) дар ҳаёти умумипланетарӣ; 4) дар гуногунии иқлим, иваз гаштани фаслҳои сол, шабу рӯз ва ғ. – ҳаёти табиӣ**» (Ҳамон ҷо. – С. 63).

Бузургии олими немис дар он аст, ки ӯ шуурнокӣ, ҷаҳонбинӣ, ақл, хирад ва донишро дар дараҷаи вобастагии (муносибати) инсон ба ҳодисаҳои табиат, ҷамъият ва тафаккур медонад. **Агар истифодаи истилоҳи ченаки арзишмандии ҷузъи зиндаи табиат – Одам ҷоиз бошад, гуфтан мумкин аст, ки Гегел онро ба сатҳи фикррониии мантиқӣ, наздикии андешаи ӯ ба воқеияти зиндагӣ, фосилагирӣ аз ҳукмронии табиат ва тақдир мебинад. Яъне қимати инсонро баробар ба дараҷаи тафаккури ӯ нисбат ба воқеият меҳисобад. На дар чизи дигар. Дар ҳамин поя, ба хулоса меояд, ки инсон аз ҳайвон чӣ қадар фарқ дорад.** Ӯ таъкид мекунад: «**Дар навтарин марҳала дар бораи мадорӣ, сидерикӣ** (замоне ки дар доираи он Моҳ, гашти пурраи худро дар фазо таъмин мекунад ва ба ҳамон ситоразори худ бармегардад – баробар ба 27,32 шабонарӯз – С. **Я.) ва теллурӣ** *(*муҳлате, ки Офтоб даври пурраи худро дар атрофи замин ба охир мерасонад, баробар ба 365 шабонарӯз – С. *Я.)* **будани ҳаёти инсонӣ гуфтаанд. Ҳайвон, моҳиятан, дар доираи ҳамин гуна арзишҳо зиндагӣ мекунад: характери махсуси он баробар бо шеваи маҳзи тараққиёташ кам ё беш алоқаманд аст**. **Инсон ба ҳамон андозае ки дониш дорад, ба ҳамон андоза вобастагии худро аз ҷузъиёте, ки номбар гардид, бартараф мекунад, то он дараҷае, ки тамоми ҳастии ӯ дар пояи маърифат, дар сатҳи рӯҳи озод муқаррар гашта бошад**» (Ҳамон ҷо. – С. 63).

Озодии ақли инсонро файласуф дар чаҳорчӯбаи тасаввуроти илмӣ ва меъёрҳои ҳуқуқ эътироф мекунад. Баръакси чунин ҳолатро декларативӣ, шаклӣ, намоишкорӣ, ғурури беасос, «**кибри аз дараҷаи хирад ва тахассусмандӣ бепояи хизматӣ ва дар таҷриба аз лиҳози судмандӣ тасдиқнагардида**» мешуморад.

Тавре хотирнишон гардид, Гегел муътақид аст, ки муҳити ҷуғрофӣ, релеф, вазъи табиӣ аз омилҳои муҳимми таъсиррасонӣ на танҳо ба ҷисм, балки ба рӯҳи инсон ҳам ҳаст. Ӯ дар таҳлили ин самт мехоҳад ба умқи масъала ворид гардад. Тарз ва муҳтавои ибрози силогизм ва энтимемаҳои файласуфи немисро метавон то дараҷае ҳамчун ҳақиқати мутлақ ба эътибор нагирифт. Талаботи методҳои диалектикӣ, ки худи Гегел аз асосгузорони қисмати умдаи онҳост, ҳаминро низ дар назар доранд. Аммо эътимоди қавӣ он аст, ки дар ин маврид, хулосаҳои ӯ ҷолиби таваҷҷуҳи махсус мебошанд. То ҳанӯз аҳамияти илмӣ, методологӣ ва амалии худро гум накардаанд. Онҳоро мебояд эътироф ва то ҳадди имкон истифода намуд.

Пеш аз он ки Гегел ба таҳлили рӯҳи миллат ва нажодҳои гуногун оғоз намояд, намуди физиологӣ – берунии объектҳои тадқиқоти худро ҳадафи омӯзиш ва арзёбӣ қарор медиҳад. Аз ҳама бештар, ба андом ва шаклу шамоили онон таваҷҷуҳ ва таъкид мекунад: «**Фарқияти ҷисмонии ҳамаи ин нажодҳоро, асосан, сохтори косахонаи сар ва рӯй дар бар мегирад**» (Ҳамон ҷо. – С. 68). Андешаи ғолиб он аст, ки ин гуна маълумоти физиологӣ, аз як тараф ба шароити табиие, ки ин гурӯҳи одамон умр ба сар мебаранд, вобастагӣ дорад. Дувум, чунин хосият ба тарзи тафаккур ва маънавиёти инсон, то андозае бетаъсир намемонад.

Аз пайдо гаштани мавҷудоти соҳиби шуур дар рӯйи Замин садҳо ҳазор сол сипарӣ гаштааст. Вобаста ба таҳаввулоти табиат, аз ҷумла, эволютсияи навъи махсуси он – Homo Sapience – аҷдоди одам тақрибан дар як давраи таърихӣ, дар як замони муайян дар рӯйи Замин пайдо гаштааст. Ба таври одӣ, то ба ҳол ягон нафар ё насли инсон шоҳиди тадриҷан аз дигар навъ ҷузъиёти биологӣ табдил ёфтани одамро мушоҳида накардааст. Аммо барои расидан ба мақсади илмӣ Гегел мувофиқи масали «**бузургӣ ба хирад аст на ба сол**» (Саъдӣ) – аз рӯйи дониш,

фаросат, пеш аз ҳама, шуурнокӣ, нажод ва миллатҳои дунёро ба дараҷаҳои гуногуни синнусолӣ – «ҷавон» ва «пир» ҷудо мекунад.

Яке аз миллатҳои африқоиро, барои мисол, «младенческий» (кӯдакмонанд) ном мебарад. Шояд баъд аз дусад соли таълифоти Гегел ин миллат тағйир пазируфта, рушд пайдо карда бошад, аммо барои тадқиқоти мо ин дигаргунӣ аҳамияти принсипиалӣ надорад. Ҷолиби таваҷҷуҳ дидгоҳ, меъёр, чаҳорчӯба, аломат, хосият, тарзу усуле, ки файласуфи бузург ин ва дигар халқҳоро баҳо медиҳад, мебошад.

**Дар ин маврид набояд фаромӯш кард, ки ба сифати тадқиқоти этнографӣ, давлатҳои дигар ҳувияти миллии моро низ мақсаднок меомӯзанд, то сифат ва арзишмандии тоҷиконро ҳам муайян кунанд. Пешгӯии авзоъро дар мамлакат дар вобастагӣ ба чунин хосият барои даҳсолаҳои баъдина таъмин намоянд. Ва рафторҳои сиёсиашонро ба нақша бигиранд. Тавре маълум аст, чунин тарзи корро, барҳақ, тадқиқоти стратегӣ ном мебаранд.**

Воқеаҳои февралӣ ва ҷанги шаҳрвандии солҳои навадуми асри гузашта, таҳдидҳои дохилимиллӣ – зуҳуроти бегонапарастӣ, тақлидкорӣ ва пайравӣ ба миллатҳое, ки худ дар фақр, нодорӣ ва вобастагии кулли иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ аз дигарон зиндагӣ мекунанд, фарқ карда натавонистани терроризм ва заминаҳои идеологияи террористӣ аз падидаи одии ҷаҳонбинии илмӣ ва мафҳуми оппозитсияи созанда, дар доираи арзишҳои умумибашарӣ ва манфиатҳои миллӣ моро водор месозад, ки ба сифат ва мундариҷаи маънавиёт ва хосияти шуурнокии гурӯҳҳои муайяни миллати худ воқеъбинона нигоҳ кунем. Эътирофи ҳақиқати ҳол ваояндабинии оқибатҳои он метавонад мардумро аз бадбахтиҳои пешорӯ наҷот ва ба давлатдории миллӣ бақо бахшад.

Гегел, тавре ёдовар шуд, миллатҳоро аз рӯйи кӯшиши эҳсоси дуруст намудан, аз худ кардан ва истифода бурдани муҳити атроф баҳо медиҳад. Ӯ менависад: «**Зангиҳоро ҳамчун миллати наврас** (норасида – С. Я.) **бояд шинохт**». Дар идомаи сухан, хулосаи худро чунин асоснок мекунад: онҳо «**аз вазъи муносибати беманфиатӣ ва бегонагӣ нисбат ба манфиате, ки мустақиман ба онҳо дахл дорад, то ҳанӯз набаромадаанд**». Ин тезисро ниҳоят ҷолиб ва ибратомӯз шарҳ медиҳад: Сиёҳҳоро

«**мефурӯшанд ва худи онҳо иҷозат медиҳанд, ки онҳоро фурӯшанд. Лаҳзае андеша намекунанд, ки ин амал аз рӯйи адолат аст ё на**» (Ҳамон ҷо. – С. 69). Дараҷаи фаросати ин халқро дар муносибат ба дин ва арзишҳои миллиашон, ҳамчун далели ақибмондагӣ, хурофотзадагӣ ва нодонӣ ба қалам медиҳад: «**дар дини онҳо ким - чизи кӯдакона мавҷуд аст. Чизи олиеро, ки эҳсос менамоянд, наметавонанд барояш истодагарӣ кунанд. Чунин падида фақат хеле зуд тавассути шуури онҳо мегузарад. Ҳамин гуна эҳсосоти олиро ба санги аввале, ки рӯ ба рӯ мегарданд, изҳор менамоянд. Онро ба муқаддасот табдил медиҳанд...** » (Ҳамон ҷо. – С. 69). Ба он саҷда мекунанд.

Гегел аз чунин ҳолати рӯҳӣ ва дараҷаи тараққиёти ақлонии ин халқ хулосаи хавотирангез мебарорад: Ин мардуми дар назар «**комилан нексиришт, бемалол дар вазъияти ором, дар ҳолати ногаҳон эҳсосотӣ шудан ба содир кардани ваҳшонияти фалокатбор қодир будани худро намоиш медиҳад**» (Ҳамон ҷо. – С. 69).

Ин тарзи масъалагузорӣ, тавре хотирнишон гардид, ба дусад соли қабл тааллуқ дорад. Гарчанде он ифодаи илмӣ ва аз забони Гегел ҳам бошад, боиси маъзарат аст. Аммо нишонаҳои чунин рафтори мардумони номбурда, яқин ба аъзои созмони террористӣ, ҳизбу ҳаракатҳои зиддимиллӣ, ки онҳоро «**мефурӯшанд ва худи онҳо иҷозат медиҳанд, ки онҳоро фурӯшанд, лаҳзае андеша намекунанд, ки ин амал аз рӯйи адолат аст ё на**» пурра тааллуқ дорад. «Қаҳрамонон»-и ифодаҳои Гегел дар таҷрибаи талхи миллии мо дар ин арзёбӣ мебояд воқеъбинона худро бишиносанд. Хулоса бароранд. Тасмими барои Ватанашон судманд бигиранд. Ислоҳи хато муҳлат надорад.

Ҳангоми таҳлили дараҷаи рушди маънавиёти миллатҳои гуногун файласуфи немис аз ҷанбаи муҳимми диалектикӣ – тазод истифода мебарад. Дар чунин ҳолат, миллатҳоеро, ки дар сарзамини қитъаҳои Африқо, Осиё ва Аврупо зиндагӣ мекунанд, аз рӯйи сифат дар муқоиса мегузорад. Мавқеъгириро нисбат ба чунин миллатҳо дар маҷмӯъ ва намояндагони ҳар яки он дар алоҳидагӣ, ноаён тавсия медиҳад.

Тадқиқоти Гегел дар бораи характер ва сифати шахсияти халқе, ки ба тақдири мардумони Осиёи Марказӣ таъсир гузошт, дорои аҳамияти махсус аст. Он ҳақиқати хотираи таърихии миллати моро (солҳои 1219-1220) бори дигар ба пуррагӣ тасдиқ мекунад. Ӯ таъкид месозад: «**Хусусияти маҳзи онон дар серҳаракатие ифода мегардад, ки бо ягон натиҷаи собит анҷом намеёбад. Чунин хислат** (ин мардумро - С.Я.) **ба ангезае тела медиҳад, ки онҳо ҳамчун тӯдаи бузурги малаххо дар сарзамини миллатҳои дигар паҳн мегарданд – серҳаракатие, ки аз нав ҷойи онро бетафовутӣ, беандешагӣ ва оромии бехирадона мегирад, ки он аз рафтори монанд ба чахмоқак оғоз гардида буд**» (Ҳамон ҷо. – С. 70).

Ҷузъиёти дигаре, ки дар тадқиқоти Гегел таваҷҷуҳро ҷалб мекунад, муносибати ин миллат нисбат ба худоён мебошад. Файласуфи немис шарҳ медиҳад, ки дини онҳо эътиқодоти ҳамагониро дар бораи Худо таҷассум менамояд. «**Аммо зӯри онҳо барои худои ғоиб басандагӣ намекунад: он дар шакли ин ва ё одами дигар ифода меёбад**» (Ҳамон ҷо. – С. 70). Ва агар ин одам бимирад, рӯҳи худовандиро дар ифодаи шахси дигар пайдо мекунанд.

Ҳангоме ки Гегел дар бораи Осиё сухан мегӯяд, равандҳои бедоршавии рӯҳро дар мардумони ин қитъа хотирнишон месозад. Аммо дар ин маврид ҳам, боз ягонагии рӯҳро бо табиат ба ёд меорад. Ва таъкид мекунад, то он даме ки рӯҳи инсон аз табиат ҷудо намегардад, бар вай бо ақли худ соҳибӣ карданро намеомӯзад, ин рӯҳро мустақил гуфтан ҷоиз нест: «**Дар чунин ягонагии рӯҳ бо табиат озодии ҳақиқӣ имкон надорад. Инсон дар ин холат дигар наметавонад худро ҳамчун шахсият шиносад. Ӯ дар фардияти худ ягон арзиш ба намоиш гузошта наметавонад**» (Ҳамон ҷо. – С. 70).

Муносибати инсон ба табиат барои халқҳои пешқадами дунё аз мавзӯъҳои марказӣ ҳисоб меёбад. Аз дараҷаи он ки одам чӣ қадар табиатро мефаҳмад, тафсир мекунад, бар он ҳокимият дорад, аз он истифода мебарад, сатҳи рушди ақл, хирад, донишу таҷриба ва дар маҷмӯъ, арзишмандии ин ва ё он халқро баҳо медиҳанд. Гегел таъкид мекунад: «**Дар назди инсон маҷмӯи зуҳуроти табиат меистад. Шахси бешуур, одами ваҳшӣ худро аз**

**табиат ҷудо намекунад. Одами соҳибшуур масъалаҳои калидиро дар ин самт ҷудо месозад, ки тавассути онон табиатро омӯзад ва аз худ кунад»** (Мысли и изречения (составитель С. Х. Карин). – Алма-Ата: Казгосиздат., 1964. – С. 31).

**Ақибмондагии маънавии зиддимиллӣ, ки ҷавҳари ақидатии онро хурофот, тақлидкорӣ ба идеология ва тарзи тафаккури миллатҳое, ки то ҳанӯз дар ҳолати дастнигарии занҷирии мардумони Ғарб ҳастанд ва дар ҳамин асос даъвои бадастории ҳокимияти сиёсиро доранд, то ҳанӯз имдодро аз қувваҳои фавқулинсон, бидуни заҳмати андухтани дониш интизорӣ мекашанд.** Дар назди табиат сар хам кардан, ҳамин андешаро ба дигарон ташвик намудан шеваи аслии ин гурӯҳакҳо аст. Тактика ва мутаассифона, стратегияи сиёсии онҳо низ, аз ҳамин ҷо сарчашма мегирад. Худ дар раҳгумӣ ҳастанд. Мехоҳанд дар ин бадбахтӣ дигаронро ҳамроҳ гиранд. Ҳамсон созанд. Сабки андешаи онон арзиши таҳлилро надорад. Аммо сар то по маълум аст, ки ин тоифа дар донистани одитарин қонуниятҳои табиат ва ҷамъият оҷизӣ мекашанд. Ба гуфти Гегел, «**худро аз табиат ҷудо намегиранд**». Боиси таассуф аст, «**То замоне ки одамон қувваҳои табиатро намедонанд, кӯр-кӯрона ба ин қонунҳо итоат мекунанд**» (Г. В. Плеханов. Избранные философские произведения в пяти томах. Т. 2. – М.: Соцэкгиз., 1956. – С. 232). Аксиомаи зиндагӣ аз Абулқосими Фирдавсӣ, Френсис Бекон (1561-1626) то замони мо фақат донишро ҳамчун шарти тавоноии фард, дар маҷмӯъ, миллат тасдиқ кардааст.

Камбудии дигаре, ки Гегел ба қисмати мардуми Осиё нисбат медиҳад, ноустуворӣ дар ҷаҳонбинӣ, калавандагӣ, тағйири ноҷо, номуваффақона ва беоқибати дидгоҳи назарӣ, аз як кунҷ ба кунҷи дигар ҳавола кардани худ бе асоси кофӣ мебошад. Чунин хислатро ба тақдири ин миллатҳо носозгор мешуморад.

Олими немис ҳангоми муҳокимаронӣ дар ин мавзӯъ, бори дигар ба сифати халқе, ки дар нимаи аввали асри XIII Осиёи Марказиро ғасб карда буданд, муроҷиат ва фикри худро оид ба ин қавм ҷамъбаст мекунад: Ин миллат «**...тавре хотирнишон гардид, аз дигарон бо характери тӯфонмонанди худ фарқ мекунанд. Мекӯшанд, чунин хислати худро дар берун ба намоиш гузоранд, мисли обхезие, ки тез мегузарад. Фақат харобиовар**

**амал мекунанд. Ягон чиз бунёд намекунанд. Амали онон ба ягон шакли рушд, тараққиёт ва инкишоф оварда намерасонад. Ва ба тамаддуни ҷаҳонӣ ягон навъ пешравӣ намеоранд**» (Ҳамон ҷо. - – С. 71).

Гегел рӯҳи мардуми мусулмонро ҳам қисман шарҳ медиҳад. Дар назарияи ӯ, ҷонибдорони ин дин Худоро мавҷудоти зарурат ба эътироф, пайравӣ ва эҳсоси умумиҷаҳонӣ талқин мекунанд. Онро ягона ва муқтадиртарин дар олам меҳисобанд. Худои мусулмонҳо мисли худои яҳудиҳо маҳдуд, миллӣ ва танҳо барои як халқ нест. Файласуфи немис ба ҷонибдорони ин дин, барҳақ, эҳтиромона муносибат мекунад. Ҳамзамон менависад: «**Ин халқ дар доираи эҳсоси баланд нисбат ба Худои ягона, ба ҳама чизе, ки хосияти ба охир расиданро дорад, ба ҳама харобиовариҳо бетафовут аст, бо рӯҳи болида, ҳаёт ва дороии худро дар ин роҳ нисор мекунад**» (Ҳамон ҷо. – С. 71). Аммо ба ақидаи ӯ, дар замири пайравони ин дин «**дар баробари эҳсосоти воло бузургтарин шаклҳои қасдгирӣ ва фитнагарӣ низ вуҷуд дорад**» (Ҳамон ҷо. – С. 71).

Ҳангоми таҳлили моҳияти эътиқодии пайравони ин шакли ҷаҳонбинӣ, хулосаи андешамандонаи Гегел иборат аз он аст, ки дар ислом рӯҳи этникии мардумони минтақаи мавриди назар (сарзамине, ки чунин боварӣ аз он сарчашма мегирад) бештар ба назар мерасад: «**Ба ин дин характери ... махсусан арабҳо ҳамсадо мебошад**» (Ҳамон ҷо. – С. 71).

## МАЪРИФАТ ВА МАНЗАЛАТИ МИЛЛАТ

Дар моҳияти «Фалсафаи рӯҳ»-и Гегел, аз ҷумла, таҳқиқи муқоисавии сохт ва мундариҷаи шуури гурӯҳҳои этникӣ, тавре хотирнишон гардид, аз лиҳози мавқеи ҷуғрофӣ, шаклгирии ҷаҳонбиние, ки тибқи он раванди тараққиёти ҷамъиятӣ муайян мегардад, дар назар дошта мешавад.

Агар Гегел дар хислати мардумони Африқо ва миллатҳои пайрави дини ислом ҷавҳари шууреро ошкор карда бошад, ки ба қавли ӯ, то ҳол дар вобастагии кулл ба шароит ва матои офаридаи табиат буда, барои саҳм гузоштан дар пешрафти таърихи умумиҷаҳонӣ мушкил доштаанд, ҳамзамон таъкид

мекунад: «**аврупоиҳо, баръакс, ҳамчун сифат ва характери дақиқи ҳамагонӣ, худ ба худ фикри муайянкунандагӣ доранд**» (Ҳамон ҷо. – С. 72). Умумияти рӯҳ ва ҷаҳонбинӣ дар ин мардум сифати махсусро мегирад. Махсус гуфта, Гегел қудрати андешаи созанда доштан, тибқи он амал карданро фаҳмониданӣ мешавад.

Маълум аст, ки бо ин аҳвол – бо сипарӣ гаштани даҳсолаҳои асри 21 дар кишварҳои мусулмонӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ҳам, қисмати муайяни аҳолӣ аз шуури схоластикӣ ва догматизм фосила намегиранд.

**Вазъ нишон медиҳад, ки дар муқобили ҷаҳонбиниҳои номбаршуда, қишрҳои муайяни зиёиён, бешубҳа, на аз камсаводӣ, балки заъфи андешаи миллӣ, урфу одат, анъана, тақлид ба бегонагон, ҳисси бегонапарастӣ ва ҳоло ҳам эҳсоси тарс аз эҳтимоли «зуҳури муллоабдуғаффорӣ» ва андешаи рӯзи мабодо, ба тарзи мақсаднок фаъол нестанд. Зиёикунонӣ ва равшангароиро фақат вазифаи давлат мешуморанд. Аммо «Давлат мансуб ба он аст, ки табиатан вуҷуд дорад. Ва инсон табиатан зуҳурест сиёсӣ»** (Аристотел. Политика. –М.: РИПОЛ классик, 2010. – С. 1). Қаҳрамониҳо ва инқилобҳои фикрии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Убайди Зоконӣ, ҳадди ақал Аҳмади Дониш ва Садриддин Айниро фаромӯш мекунанд. Бо ин гуна мавқеъгирӣ, шиорпартоӣ, «**ба осонии афиниҳоро дар пеши афиниҳо таъриф кардан**» (Аристотел) рӯз мебаранд. Интизорӣ мекашанд, ки каси дигаре омада, мардумро, махсусан ҷавононро, ҷомеаро аз ҷаҳолат халос мекунад. Ва онҳо ҳам дар амон мемонанд.

Аммо дар шароити тираи асримиёнагӣ олими машҳури англис Френсис Бекон ҷавонмардона таъкид мекунад: «**Мо ҳисоб мекунем, ки таърихи шаҳрвандӣ бо асосҳои комил аз се қисмат иборат аст: сараввал таърихи муқаддас ё таърихи калисо, баъдтар таърихи шаҳрвандӣ ва дар охир таърихи илм ва санъат. Мо фаъолияти худро аз ҳамон шакли охироне, ки номбар кардем, оғоз мекунем. Барои он ки ду аввалае, ки зикр шуд, аллакай арзи ҳастӣ кардаанд. Аммо охирон, тавре хотиррасон гардид, ниёз ба сохтан, асос гузоштан дорад. Ин таърихи илм аст. Воқеан, агар таърихи ҷаҳон аз ин кор маҳрум карда шавад, дар он ҳолат ин**

**муҷассама** (таърихи инсоният – С. Я.) **ба пуррагӣ ба кӯри Полифем (**яке аз қаҳрамонҳои раҳгумзадаи мифологияи Юнони Қадим – С. Я.**) мемонад**» (Ф. Бекон. Сочиение в двух томах. Т. 1. – М.: Мысль, 1977. – С. 158). Ва таъкид месозад, ки дар чунин вазъ ҷомеа аз шахсиятҳои соҳибистеъдод ва нобиғаҳо маҳрум мегардад**.**

Тавре мебинем, олимони Ғарб чаҳор садсола пеш дар назди миллатҳои худ, қотеона, афзалиятро ба донистани илм ва таърихи он чизе, ки ягона воситаи посухгӯ ба ниёзҳои иҷтимоии мардум аст, ҳидоят кардаанд. На ба дигар шаклҳои шуур. Ин мантиқро бузургони миллати тоҷик ҳам, бо ҳазорон маънӣ, моҳият ва мундариҷа ифода намудаанд. Академик Бобоҷон Ғафуров шарти пешрафт ва зиндагии муваффақонаи мардумони оламро, аз ҷумла, дар сатҳи тараққиёти илму маърифат медонад: «**Инсоният маҳз тавассутиривоҷи истеҳсолот ва маданият, мубодилаи комёбӣ, дониш ва таҷрибаҳои амалӣ ба пешрафти худ ноил гардидааст**» (Б. Ғафуров. Тоҷикон: (Иборат аз ду китоб). Китоби якум: Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. – Душанбе: Ирфон, 1998. – С. 9).

Гегел бо истифода аз методи муқоисавии таҳлили сифати миллатҳои гуногун, якеро дар «**пояи эҳсос**» ва қисмати пешқадами дигарро дар «**дараҷаи шинохти масъала**» қарордошта меҳисобад.

Ба андешаи ӯ, барои пешрафти ҷомеа танҳо фаҳми масъала басанда нест. Инсон бояд «**қудрати бузурги муҳокимаронии баробар ба воқеият**» ва дар асоси он «**амали аз лиҳози иҷтимоӣ судманд**» дошта бошад. Ин дастовард наметавонад дар роҳи рост ба вуҷуд ояд. Барои он қобилияти аз худ кардани донишҳои илмии дар таҷриба санҷидашуда зарур аст. Гаштаву баргашта таъкид мекунад, ки пешрафти ҷомеа ба «**муҳокимаронии хирадмандона**» ниёз дорад. На ба назарияи аз воқеияти ҳаллу фасли талаботи рӯзмарраи ҷомеа фосиладошта. Чунин натиҷаро Гегел дар сифати мардумони Аврупо ҳамчун зуҳуроти мавҷуд таъкид месозад. Қаноатмандии худро аз ин дастовард изҳор менамояд. Боифтихор менависад: Баръакси ақидаҳои қафомонда, «**Аврупоиҳо ба сифати принсип ва характери худ**

**фикри мушаххаси мувофиқ бо ҳамагон, андешае, ки худаш худашро муайян мекунад, доранд**» (Ҳамон ҷо. – С. 72).

Гегел тавассути мафҳумҳои фалсафӣ мекӯшад фаҳмонад, ки бо кадом сабаб, барои чӣ мардумони Аврупо, сарфи назар аз миллат, дину мазҳаб пеш рафтаанд. Халқҳои Осиё ва Африқо дастнигари онҳоанд. Ҳама чизеро дар зиндагии ҳаррӯза истифода мекунанд, маҳсули ақл, дониш ва андешаю навоварии қавми Аврупо аст.

Маҳз барои ҳамин фарқияти сифатии ин миллатҳоро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад.

Дар таҳлили Гегел чанд саволи муҳим таваҷҷуҳи ӯро ҷалб менамоянд. **Якум,** муносибати ин халқҳо ба худи онон. Яъне, фард, дар маҷмӯъ миллат, шинохти худро дорад? Донишҳои онҳо дар бораи таърих, ҳодисаҳои таърихӣ, арзишҳои умумимиллӣ, масъулияти ватандорӣ ва саромадони худ, тибқи ҷаҳонбиниашон аз чӣ иборат аст? Зарурати нақши як нафарро дар алоҳидагӣ ва миллатро дар умум чӣ гуна тасаввур мекунанд? **Дуюм,** муҳити атроф – воқеият, қонуниятҳои табиат ва ҷамъиятро дар кадом шакл мебинанд? Мавқеъ ва масъулияти худро дар муносибат бо ин зуҳурот, дар доираи воқеият ва манфиатҳои миллӣ чӣ хел асоснок менамоянд?

Гегел бар он аст, ки дарки зарурати донистани мушкилоти баробар ба ҳақиқати масъалаҳои табиат, ҷамъият, тафаккур ва ҳаллу фасли онҳо масъулияти бузурги расидан ба моҳияти чунин зуҳуротро тавлид мекунад. Барои ҳамин дилпурона менависад: «**Принсипи рӯҳи аврупоӣ хирадест, ки дар пояи худшиносӣ асос ёфтааст. Ва чунин шуурнокӣ ба он дараҷае аст, ки инсон ба худаш бовар дорад. Ва аллакай намегузорад тасаввур кунад: ҳадде нест, ки одам натавонад аз он гузарад. Онро ҳаллу фасл намояд. Чунин ҷаҳонбинӣ** (шинохти илмии муҳити атроф, дониш, хирад, тавоноии маънавӣ, касбият, ихтисосмандӣ, малака – С. Я.) **ба ҳама чиз ворид мегардад. Дар ҳама самтҳо ширкати худро таъмин мекунад**» (Ҳамон ҷо. – С. 72).

Барои фаҳмонидани тавоноии рӯҳи аврупоӣ Гегел раванди тасмимгирии ин мардумро шарҳ медиҳад. Таъкид мекунад, ки чунин амал дар асоси донистани моҳияти масъала шакл мегирад. Онро дар вобастагии дараҷа ва сифати азхудкунии қонунмандии

ҳодисаҳои муҳит медонад. Воқеият доштани он, ки инсон на танҳо маҳсули вазъияти таърихӣ, балки созандаи он аст, дар назарияи ин олими барҷаста тасдиқи худро пайдо мекунад.

**Ӯ таъкид месозад, ки ҳангоми сару кор доштан бо муҳимтарин вазъияте, ки дар табиат, ҷамъият ва тафаккур рӯйи кор меояд, ҳолати гуногуншаклии зуҳуроти материя худро ба намоиш мегузорад. Ҳамзамон, дониш ва қобилияти инсон аст, ки роҳ, восита ва навъҳои имконотро дар ҳамин қонунмандиҳои олами ҳастӣ ошкор месозад ва ба манфиати ҷомеа истифода мебарад.**

Дар тасмимгириҳо Гегел ҷонибдори «иродаи соф» нест. Ин амалро дар вобастагии кулл ба дониш, таҷриба, иқдоми мантиқӣ ва зарурати наздикшавии маънавиёт ба воқеият тасаввур мекунад.

Вақте ки файласуфи немис дар бораи қабул кардани қарор ва ҳалли масъала сухан мегӯяд, ӯ принсип ва шартҳои асосии чунин амалкардро аз арзишҳои умумибашарӣ меҳисобад. Он арзишҳое, ки раванди таърихии ниёзҳои иҷтимоии мардумро мадди назар доранд.

Гегел эҳсос мекунад, ки рӯҳи аврупоӣ то андозае барои пешбурди ҷомеаи башарӣ масъул аст. Аз ҳамин сабаб, хосияти диалектикии ин ҷаҳонбиниро таъкид менамояд. Зиддият ва тавони муқобилистиро аз сифатҳои рӯҳи аврупоӣ медонад: «**Рӯҳи аврупоӣ дар муқобили дунё истодагарӣ мекунад. Онро паси сар месозад. Аз он озод мешавад. Ба худ бозпас мегардад. Бо шакли одии худ. Ба шакли дигари худ. Бо бисёршаклӣ**» (Ҳамон ҷо. – С. 72).

Дар ин ҳолат, Гегел бо истифода аз мафҳумҳои фалсафӣ раванди инкишофро аз сода ба мураккаб, аз одӣ ба олӣ ба инобат мегирад. Воситаҳои сабабии онро шарҳ медиҳад. Бузургтарин омиле, ки дар кулли таълимоти олими немис мавқеи махсус дорад ва онро ягона воситаи зиндагии шоистаи инсон медонад, тавре борҳо таъкид гардид, маърифат аст. Ба назари мо, муносибати Гегел ба дарки истилоҳи донистан (муроқибат, аз худ кардан, фаҳмидан) ҷолиби таваҷҷуҳи махсус аст. Ӯ ба ин мафҳум мундариҷа ва мантиқи дорои масъулияти умда вогузор мекунад: «**Донистан моил кунонидани мафҳум ба ҳақиқат мебошад**. **Худи истилоҳи донистан, сараввал як навъ истилоҳи**

**танҳо пур аз худ аст. Дар ин маънӣ** (пур аз худ – С. Я.)**, он чизи холӣ мебошад. Тафаккур тавассути донистанҳо** (хондан, таҷриба гузаронидан, озмоиш, муқоиса ва таҳлил кардан, санҷидан – С. Я.) **бо муҳтавои маҳз пур мешавад»** (Г. В. Ф. Гегель. Работы разных лет. В двух томах. Т. 2. – М.: Мысль, 1970. – С. 144).

Дар тақвияти андешаҳои Гегел оид ба қудрати маънавии илму маърифат, суханони файласуф ва лашкаркаши машҳури Чини Қадим Сун Сзиро овардан мумкин аст, ки аҳамияти рӯзмарра дорад: «**Дониш он чизе аст, ки ҳақиқатро тасдиқ мекунад ва дурӯғро рад. Бесаводӣ бошад, дурӯғро тасдиқ мекунад, ҳақиқатро рад**» (Вопросы философии // 1956. – № 1. – С. 153).

Дар замони муборизаҳои иттилоотӣ, дар баробари дигар омилҳо, яке аз сабабҳои пофишорӣ кардани гурӯҳҳои зиддимиллӣ, ки **ба умеди хоҷагӣ кардан, бандагии бегонагон мекунанд,** аз ҳамин сифати шахсияти онон сарчашма мегирад.

Воқеан, барои мардуми Аврупо чунин донистанҳо, махсусан, дар соҳаи илмҳои бунёдӣ, тадқиқот, таҷриба, ки «**навиди фатҳу башоратшон ба осмон ва аз қаъри чоҳ баромада ба авҷи моҳ расидаанд»**, тавассути ин дастовардҳо мардумони мусулмонро ҳамчун тайёрахӯри маҳсули афкори қавми эшон таъна мезананд **(ниг. https//www.youtub.com/watchv=3fkwe9uf4xw)**, воқеан, як кори саҳл, одӣ, осон нест. Дар бораи заҳматҳои донишомӯзӣ ва таҷрибаандӯзӣ, яке аз илмпарастони қаблан ишоракардаи Ғарб, Ф. Бекон одилона мефармояд: «**худи донишҳо аз баъзе воқеиятҳои табиат ва санъат, ҳамчун асал аз гулҳои майдонҳои кишт ва боғот ҷамъоварӣ мешаванд. Албатта, онҳоро ақл такя бар қувваи модарзодӣ намуда, пайдо мекунад**» (Бекон Ф. Сочинения в двух томах. Т. 1. –М.: Мысль, 1977. – С. 282).

Таҳлили таърихи пурфоҷиаи миллати тоҷик, дар маҷмӯъ ва баъзе равандҳои ба сохти давлатдории миллии мо начандон созгори замони муосир, ки дар он қисмате аз ҳамватанонамон бо имконоти маҳдуди маънавиёти хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ ширкат меварзанд, шахсро ба андеша водор мекунад. Дар ин маврид, тафсири Гегел дар бораи он, ки муҳтавои дониш, сохт ва мундариҷаи он аз чӣ иборат аст, ибратомӯз мебошад.

Вақте ки Гегел дар бораи тавоноиҳо менависад, он донишҳоеро дар назар дорад, ки ҳодисаҳои табиат, ҷамъият ва тафаккурро бо хосият, муносибат, алоқа ва қонунмандиҳояшон дар бар мегиранд. Омили қудратмандӣ ва сарбаландии мардумони Аврупоро дар сохтани давлатҳои миллии муваффақ, пешрафта, собит ва амн маҳсули ҳамин гуна тасаввурот дар ҷаҳонбинии онҳо медонад. Бе дудилагӣ, бо лаҳни тунди ибратомӯз инро хислати аз дигар миллатҳо фарқкунандаи аврупоиҳо эълон мекунад: «**Ба ҳамин хотир, дар ин ҷо** *(*дар Аврупо – С. Я.*)* **талоши беохири донишомӯзӣ ҳукмфармост, чизе, ки ба дигар нажодҳо бегона аст. Дунё мавзӯи тааҷҷуби аврупоӣ мебошад. Мехоҳад онро фаҳмад. Он чизи дигари оламро, ки дар муқобили ӯ меистад, бо тамоми нозукиҳои зуҳуроташ, бо тамоми банду басташ, қонунмандиҳояш, умумияташ, маъниҳояш ва мантиқи дохилиаш донад**» (Г. В. Ф. Гегель. Сочинения. Т. 3. Энциклопедия философских наук. Часть третья. Философия духа. – М.: Мысль, 1956. – С. 72).

Агар Гегел дар бораи сифати созандагӣ ва ақлу хиради онҳо, сабабҳои асосие, ки аҳволи иҷтимоии ин миллатҳоро тағйир дода, дигар халқҳоро аз лиҳози пешрафти илму техника, фарҳанги истеҳсолӣ садсолаҳо пеш зердасти худ гардонидааст, фақат аз лиҳози донишҳои илмӣ сухан мегуфт, таълимоти ӯ дар бораи рӯҳ нотамом мемонд. Аз ҳамин сабаб, дар баробари донишҳои назариявӣ таҷрибаи амалии мардуми Аврупоро низ хотиррасон мекунад.

Ӯ сидқан бовар дорад, ки донишҳои илмӣ муҳимманд. Аммо беҳтарин ақидаҳо, волотарин шакли тафаккур ҳам наметавонанд худ ба худ ҷомеаро ба натиҷаҳои мавриди таваҷҷуҳ оварда расонанд. Шуури ҷамъиятӣ шаклҳои функсионалии фаъолияти назариявиро таъмин мекунад. Таҷрибаи зиндагӣ майдони санҷиши пешқадамтарин идеяҳо, тахминҳо, гипотезаҳо, андешаҳо мебошад.

**Бадбахтии гурӯҳакҳои зиддимиллӣ, ки дар беруни кишвар кироякаши ақидаҳои сиёсии бегона ҳастанд, дар он зуҳур меёбад, ки онҳо дар системаи эклектикии падидаи ҷаҳонбинии худ раҳгум задаанд ва дар ин мафҳумҳо нотавонию нофаҳмии комили физиологии худро ба намоиш мегузоранд.**

Хотирнишон бояд кард, ки маҷмӯи донишҳо сабабгори аслии амалия, таҷрибаи муваффақ мебошад ва баръакс. Гегел дар ин бора менависад: «**Комилан ҳамин тавр, мисли ҷанбаи назариявӣ рӯҳи аврупоӣ дар самти амалия мекӯшад, ки ягонагии байни илм ва ҷаҳони берунаро таъмин кунад**». Фикри худро идома дода, олими немис, ба назари мо, муҳимтарин андешаеро баён месозад, ки дорои аҳамияти бузурги хулосабарорӣ аст: аврупоиҳо «**ҷаҳони берунаро бо ҳамон неруе ба мақсадҳои худ тобеъ мекунанд, ки ҳокимияти худро дар ин олам таъмин созанд**» (Ҳамон ҷо. – С. 72).

Дар ин маврид, воқеан, хизмати мардумони «Дунёи куҳан» дар таърих ва тамаддуни ҷаҳонӣ аз кушодани қитъаҳои номаълум, расидан то ба Моҳ ва миллионҳо кашфиёти барои мардумони сайёра ҳаётан муҳим ба хотир меояд. Ва албатта, муқоисаи дар аввал ёдраскардаи Гегел бо халқҳои дигар ҳам.

Олими немис ба он мувофиқ аст, ки «фарзандони як мактаб ҳама олим наметавонанд шудан». Аммо гӯё ӯ вориди баҳс гардидани моро диниста, таъкид карданӣ мешавад: шахсоне, ки қудрати фикрии онҳо маҳз барои пешрафти илм ва ҷомеаи мутамаддин офарида шудааст, дар натиҷаи аз худ намудан ва нақд гузоштани донишу таҷрибае, ки таърихи инсоният офаридааст, дар ниҳодашон рӯҳи азнавсозӣ ва рушди ҷомеа ғолибият пайдо мекунад. «**Фард дар ин маврид, аз рӯйи принсипҳои шахсии худ, дар асоси қоидаҳои ба тарзи умумӣ муайяншуда, иқдом мегирад**» (Ҳамон ҷо. – С. 72). «Тарзи умумӣ» гуфта, Гегел манфиати ҷомеаро тасаввур мекунад. Ӯ сидқан ба донишҳои илмӣ такя карда, танҳо ба он итминон дорад. Мантиқан ба Ф. Бекон ҳамфикр будани худро тасдиқ менамояд: «**Охир, дар замин, албатта, ягон қуввае ба ғайр аз илму дониш нест, ки ҳокимияти волотаре бар рӯҳу ҷони одамизод, дар андеша ва тасаввурот, дар ирода ва эътиқоди ӯ дошта бошад**» (Ф. Бекон. Сочинения в двух томах. Т. 1. – М.: Мысль, 1977. – С. 135).

Тавре хотирнишон гардид, Гегел таъкид месозад, мардуми Аврупо моил ба он аст, ки манфиати хешро ба инобат гирад. Ҳамзамон, тарзи ҳаётеро интихоб кунад ва пеш барад, то манфиати умум дар он ҳамчун қоида эътироф гардида бошад. Ташкили ҳаёти сиёсии ҷомеаро ба мисли Аристотел,

мутафаккири бузурге, ки Гегел ба таълимоти ӯ эътимоди қавӣ дорад, дар хирадсолорӣ ва маърифатнокӣ асосёфта мешуморад. Равандҳои сиёсии ҷомеа ва натиҷаҳои иҷтимоии онро дар вобастагии кулл ба характери миллӣ медонад.

Ҳангоми таҳлили қобилияти халқу миллатҳо, олими немис аз мафкураи мансуби ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ – «рӯҳи маҳаллӣ» ошкоро сухан мегӯяд. Ин гуна хусусиятро, аз ҷумла, ба имконоти ақлонии онон низ нисбат медиҳад. Ӯ менависад: «**Он фарқияте, ки дар ин ҷо гуфта шуд, ифодаи худро дар рӯҳи** (шуури – С. Я.) **маҳаллӣ, ки тарзи ҳаёти беруна, машғулият, шакли ҷисмонӣ, моил будан** (ба самтҳои маънавӣ ва муносибатҳо – С. Я.) таҷассум месозад**, аммо бештар дар ҷараёнҳои дохилӣ** (маънавӣ – С. Я.), **тавоноии интеллектуалӣ ва ахлоқии халқҳо инъикос меёбад**» (Ҳамон ҷо. – С. 72).

Дар ин маврид, Гегел нисбат ба бетағйир мондани хулқу атвори миллӣ хулосаи худро пешниҳод мекунад: «**Доимӣ будани хислати зикргардидаи баъзе миллатҳо дар тамоми тӯли таърих ба назар мерасад**» (Ҳамон ҷо. – С. 72).

Бешубҳа, тарзи натиҷагирии яке аз нобиғагони сатҳи ҷаҳонӣ нисбат ба халқу миллатҳои муваффақ, комёб, пешрафта ва соҳибтаҷриба, дар доштани давлати миллии мутамарказ аҳамияти амалӣ дорад. Инсонро ба андеша, хулосабарории омӯзанда ва тасмимгирӣ ҳидоят мекунад. Худи миллати немис, ки Гегел бо ин ақлу хирад ва донишу фаросати шоистаи ибрат намояндаи он аст, бо вуҷуди комёбиҳо, ҳамчунон бо шикастҳои бузурги таърихӣ рӯ ба рӯ гашт. Аммо дар кӯтоҳтарин муддат тавонмандии бунёдии маънавӣ ва характери миллии худро ба намоиш гузошт, исбот кард. Дар ин маврид ҳам, пешгӯии Гегел дар бораи собит будани характери миллӣ дар ҷавҳари миллат тасдиқ мегардад. Ин таҷриба лоиқи таҳсин ва мавриди таваҷҷуҳи «**гӯши суханшунав ва дидаи эътибор**»-и миллӣ аст.

Хулосаи пойдорӣ ва бардавомии характери миллӣ нисбат ба халқҳое, ки тавассути моил будан ба нобоварии якдигарӣ ва кашмакашҳои дохилӣ, дар маҷмӯъ, фосила гирифтан аз илму маърифати замонавӣ, самтгирии ифтихорӣ ҷониби фанатизми динӣ, догматизми ақидатӣ, пайравии кӯр-кӯрона ба ҷаҳонбинии шахшудамондаи бегона, дурӣ ҷустан аз урфу одат, маданият,

худшиносӣ ва аслияти миллӣ, ки дар ҳар замони таърихӣ таҷрибаи «**рӯҳи зард бо хунобаи дил мунаққаш**»-ро такрор мекунанд, ҳамчун бонги хатар садо медиҳад.

**Бе тағйири тадриҷӣ ва мақсадноки шуури ҳамагонӣ, тавассути омӯзиш ва парвариши омма дар рӯҳияи хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ тақдири миллатҳое, ки худашон борҳо сабабгори бадбахтии таърихии хеш гаштаанд, такрори фоҷиаҳои пешгӯишаванда ногузир ба назар мерасад.**

Характери миллӣ – эъмори тақдири миллист.

## ТАБИАТ, ҶАМЪИЯТ ВА ХАРАКТЕРИ ИНСОН

Гарчанде Гегел ҳангоми омӯхтани ҷаҳонбинии одамизод дар бораи «рӯҳи умумиҷаҳонӣ» ҳарф мезанад, аз тасаввуроти схоластикӣ ва шахшудамонда фосилагирӣ мекунад. **Ҳама бозёфти инсонро мансуби ҳадаф, заҳмат, дониш ва тавоноии худи инсон мешуморад.**

Тавре олимони таҳқиқгари осори фалсафии Гегел таъкид кардаанд, ӯ ба дараҷае ба ақли одамизод, қудрати хиради ӯ бовар дорад, ки барои ҳаллу фасли тақдири он «**ба дигар қувваҳо қариб, ки навбат намедиҳад. Дарахти фасонаҳоро бешоху барг мекунад**». Хонандаи нуктасанҷ ҳангоми иқтибосоти одӣ ҳам метавонад аз таълифоти ӯ чунин маъниҳоро пайдо намояд.

Дар тасаввуроти Гегел табиат маҷмӯи ҷараёнҳои мансуб ба тағйироти доимии ҳолати физикӣ, кимиёвӣ ва биологии замин мебошад. Инсон ба пайдошавии табиат на танҳо муносибат надорад, балки худи ӯ офарида ва маҳсули табиат аст. Табиат заминаи аслӣ барои пайдоиши инсон мебошад. Шарти мавҷудият ва рушди инсонро ҳам аз имконоти табиат медонад.

**Аммо ба ақидаи ӯ, аз замоне ки нишонаҳои Homo Sapience пайдо шуд, аввалин кори оғозкардаи ӯ – шакли ибтидоии даст ба гиребон шудан бо дигар мавҷудоти органикӣ ва ғайриорганикии табиат буд. Дар мубориза истодагарӣ, меҳнат, заҳмат авлоди одам «Ман»-и худро пайдо кард. Дараҷа ва натиҷаҳои аз табиат рӯёнда тавонистани «ҳақ»-и худ инсонҳоро ба мардумони пешрафта, дар ҳоли рушд ва ақибмонда ҷудо сохт.**

Бузургии Гегел дар он ифода меёбад: бо вуҷуди ба тамоми ҳастӣ банди фалсафаи спекулятивӣ (мубоҳисавӣ, андеша ва муҳокимаронии фалсафӣ) гаштан, аз таъсири муҳити атроф ва дар ин поя шаклгирии хислату характери инсонӣ фосилагирӣ намекунад.

Дар чаҳорчӯбаи таҳлили ҷаҳонбинӣ ва маънавиёт олими немис сифати инсонро чун натиҷаи тараққиёти таърихии аҳли башар дар madди аввал мегузорад. Ӯ муътақид аст, ки тамоми дастоварди субъекти соҳибшуур дар самтҳои ҳаётан муҳим аз мундариҷаи маънавиёти ӯ сарчашма мегиранд. Онҳоро ҳамчун маҷмӯи сирати инсон шарҳ медиҳад. **Таъкид месозад, ки рафтори одам намунаи барҷастаи моҳияти ӯ мебошад.**

Зуҳуроти характерро Гегел дар муносибати ҷисму рӯҳ медонад. Онҳоро дар зиддияти диалектикӣ тафсир мекунад. Ин ҳолатро ҳамчун падидаи доимӣ ба қалам медиҳад. Натиҷаашро ба таври мантиқӣ хислат ва характери инсонӣ ном мебарад. Бо овардани мисолҳои гуногун ҷонибдори ғолибият пайдо кардани рӯҳ бар ҷисм будани худро таъкид месозад. Ӯ рӯҳи инсонро зухуроти баробар бо тавоноии бузург тафсир менамояд. Ба қавли ӯ, «**дар ин мубориза идеалӣ будани рӯҳ тасдик мегардад... ва он бартарияти хешро нисбат ба ҷисм** (ирода – С. Я.) **тақвият мебахшад**» (Ҳамон ҷо. – С. 53). Рӯҳе, ки чунин қудратро соҳиб мегардад, ҷузъиёти муҳимми худшиносӣ эътироф карда мешавад.

Олими немис бо он қудрати фитрие, ки дорад, самтҳои асосии фалсафаи оламро мавриди омӯзиш, таҳлил, арзёбӣ ва хулосабарорӣ қарор додааст. Дар натиҷаи кашфиёт ва навоварии худ дар соҳаи ҷамъиятшиносӣ, сабабгори пайдошавии назарияи аз нигоҳи инқилобӣ-иҷтимоӣ дигаргун сохтани олам гаштааст. Аз он олимон, сиёсатмадорон, миллиардҳо одамони сайёра баҳравар шудаанд. Аммо ба ин нигоҳ накарда, мутафаккири бузург ҳанӯз ҳам «**аз дараҷаи рушди заифи физиологияи узвҳои ҳис ва системаи асаб шикоят мекунад, ки онҳо тавоноии ошкор кардани алоқамандии дохилии рӯҳи инсонро бо органҳои беруна, ки чунин муносибатро таъмин мекунанд, надоранд**» (Ҳамон ҷо. – С. 17).

Ҳамин тариқ, нисбат ба хосияти физиологии одам талаботи бештар пешниҳод мекунад. Аз он интизориҳои зиёд дорад. Хоҳони он аст, ки ботини инсон ба олами беруна робитаи қавӣ ва баробар ба ниёзҳои воқеиятро дошта бошад. Аз ҳамин сабаб, назарияи сенсуалистии файласуфи фаронсавӣ Этйен Бонно де Кондилякро (1715-1780) мавриди танқид қарор медиҳад, ки охирин дар қудрати дарки олам аз ҷониби инсон ба эҳсос афзалият медиҳад. Ва ба инкишофи рӯҳ, ки мақсади асосии он расидан ба хирад аст, беэътиноӣ зоҳир мекунад. **Гегел ҷонибдори он аст, ки одам дар ҳама ҳолат бояд муносибати худро ба зуҳурот ва тибқи имкони маънавиаш ба моҳияти масъала муайян созад. Дар зиндагӣ тамошобини одӣ, бетараф набошад. Характер дошта бошад. Дар мантиқи тафсири ӯ, сифати инсон – маҷмӯи ягонаи мундариҷаи маънавиёти ӯ мебошад. Ва он дар гуфтор ва беш аз ҳама дар рафтори инсон арзи ҳастӣ мекунад.**

Гегел ба фардияти шахсият таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Ба қавли ӯ, тавассути иқтидори маънавӣ инсонҳо аз якдигар фарқ мекунанд. Гарчанде заминаи омӯзиш ва парвариш, дар маҷмӯъ, хосияти умумӣ дошта бошад ҳам, аммо «**характер мисли ким-чизе ҳама вақт байни инсонҳо тафовут мегузорад. Фақат дар характер фард ба таври доимӣ мавқеи худро муайян месозад**» (Ҳамон ҷо. –С. 81).

Олими шинохта характерро хосияти сирф ботинии инсон қаламдод мекунад, ки дар ҳолати гуногун, тавассути гуфтор ва рафтор зуҳур меёбад. Онро ҷузъи тавонмандии фард меҳисобад: «**Ба характер он қисмати шаклии неруи инсон мансуб аст, ки намегузорад шахс роҳеро, ки интихоб кардааст, аз он берун ояд. Тавассути хислат мақсад ва амалӣ гаштани манфиатҳои хешро пайгирӣ мекунад. Ва дар ҳама ҳолат розигиашро бо худаш таъмин менамояд**» (Ҳамон ҷо. – С. 81).

Ба қавли ин олими энсиклопедист, **шахсе, ки дорои характер нест, худро аз номуайянӣ, раҳгумӣ халос карда наметавонад. Аз як сӯ худро ба сӯйи дигар мезанад. «Барои ҳамин аз ҳар одам талаб бояд кард, ки ӯ хислати худро дошта бошад. Онро нишон диҳад**» (Ҳамон ҷо. – С. 81).

Мутафаккири олмонӣ аз ҳамватанони худ муносибати фаъолонаро нисбат ба ҳаёти воқеӣ интизор аст. Ва чунин тарзи

рафтор бояд барои рӯйи кор овардани арзишҳо, принсипҳо ва мақсадҳое равона карда шуда бошад, ки он дар доираи ахлоқ ва маънавиёти миллӣ сурат бигирад. Барои ҷомеа судманд бошад. Ин шеваи амалро дар доираи имконоти иҷтимоии ҳар шахс мебинад. Аммо аз мантиқи ифодаи Гегел дар «Фалсафаи рӯҳ» бармеояд, ки ҳангоми омӯзиш ва хулоса барвардан оид ба характер, ӯ бештар субъектҳоеро, ки дорои масъулияти тасмимгирӣ дар ҷомеа мебошанд, дар назар дорад.

Тавре ба назар мерасад, Гегел дар баробари арзёбии қудрати маънавӣ ва сифати ақлонии инсон сахтгир аст. Талаботи асосии олими маъруф аз он иборат аст, ки одам дар қиёс бо ҷараёнҳои иҷтимоӣ ва ҳодисаҳои муҳити атроф худро шиносад. Чунин амал на яктарафа, балки дар муқобилгузорӣ ва муқоиса бо дигар худшиносиҳо, аз лиҳози манфиатҳои ҷамъиятӣ зуҳуроти эътирофгардида бошад. Аз ҳамин ҷиҳат, ӯ хулоса мебарорад: «**Шахсе, ки дорои характер аст, дигарон ба ӯ эҳтиром мегузоранд, медонанд, бо кӣ сару кор доранд. Фақат тавассути амалӣ кардани мақсадҳои бузург инсон дар худ хислати бузургро ошкор мекунад ва ӯро ҳамчун қутбнамо ба дигарон муаррифӣ месозад**» (Ҳамон ҷо. –С. 81).

Аз рӯйи тасниф, файласуфи немис ба тамоми паҳлуҳои хислати инсонӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир мекунад. Онҳоро, дар маҷмӯъ, ба қисматҳои идеявӣ – дар алоқамандӣ ба ҷамъият, давлат ва муносибатҳои ҷамъиятӣ, ба меҳнат – асоси ташаккулёбии инсон, ҳамчун субъекти дорои иродаи махсус тасаввур менамояд. Дар мафҳуми характер, Гегел мантиқи иродаро низ ворид месозад ва онро муҳимтарин ҷузъи хислати инсонӣ мешуморад: «**Инсон бо характер, оне ҳаст, ки аз як ҷиҳат дар пеши худ моҳиятан мақсадҳои мушаххасро мегузорад. Аз лиҳози дигар, устуворона ин нақшаҳоро пайгирӣ мекунад. Дар дигар ҳолат, фардияти чунин одам вуҷуди худро аз даст медиҳад, агар маҷбур шавад, ки аз чунин хадафхо даст кашад**» (Мысли и изречения (составитель С. Х. Карин). Алма-Ата: Казгосиздат., 1964. – С. 158). **Характер аз сифати инсон гувоҳӣ медиҳад.**

Донишманди олмонӣ паҳлуҳои манфии худшиносиро ҳам мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор медиҳад. Аммо чунин зуҳуротро лоиқи баҳси фалсафа намешуморад. Онро мансуб ба худи фард

медонад. Ҳамчун заифиҳои шахсият ва камбуди ӯ тафсир менамояд. Таъкид месозад, ки ин шакли худшиносӣ арзиш надорад ва дар чаҳорчӯбаи дарки умумии омӯзиши табиати ақлонӣ ва ахлоқии инсон дорои аҳамият ҳам нест. «**Чунин тарзи худшиносӣ таваҷҷуҳи инсонро ба сӯйи номуайянӣ аз вазифаҳое, ки дар назди худи инсон меистад, моил мекунонад ва ба тарзи дигар, ба самти муҳтавои воқеии чунин шахсият, ки ба худхоҳии ниёзманд ба мувозибати қимат** (доягӣ, парастиш)**, ки фақат ба худи ӯ хос аст, равона месозад**» (Ҳамон ҷо. – С. 26).

Аз ҷониби дигар, ба донистани характери чунин ашхос Гегел моҳияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ медиҳад. Ӯ бо тамоми ҷиддият таъкид мекунад: «**Барои ҳаёт чунин донишҳо, бешубҳа, муҳим ва заруранд. Махсусан, дар ҳолатҳои аблаҳонаи сиёсӣ, вақте ки на ҳуқуқ ва маънавиёт, балки якравӣ, худхоҳӣ ва беназмии индивидиумҳо ҳукмрон аст, дар ҳолати иғвогариҳо, вақте ки характери одамон ҳангоми зуҳур гаштан на ба моҳияти масъала, балки тавассути ба тарзи маккорона истифода бурдани сифатҳои махсуси дигарон равона шуда, ба ҳамин восита мехоҳанд мақсадҳои нопоки худро амалӣ созанд**» (Ҳамон ҷо. – С. 26).

Маълум мешавад, ки чунин характер вусъати байналхалқӣ дорад. Ба ҳамаи миллатҳо хос аст. Тавре мебинем, дар чунин маврид ҳам, Гегел роҳоиро дар доштани маълумот, илм, хирад ва муносибати мантиқӣ мебинад.

## ИСТЕЪДОД ВА НОБИҒАГӢ

Ҳамзамон, Гегел ба характери шахсиятҳои бузург аҳамияти ҷиддӣ медиҳад. Чунин зуҳуротро коркарди прагматикии таърих, омӯзиши хосиятҳои фавқулода барои фаҳми хислатҳои беназири одамӣ, ки дар онҳо табиати инсон дар шакли воқеӣ таҷассуми худро пайдо мекунад, меҳисобад (Ҳамон ҷо. – С. 26). Гегел мадди назар гирифтани вазъи рӯҳии ашхосеро, ки чунин арзишро надоранд, гоҳо зарарнок ва вақтгузаронии беҳуда мешуморад. Аз он ки мабодо дар пасманзари он нукта нафаҳмида монад: «**воқеоти бузургро характерҳои бузург**» амалӣ карда метавонанд (Ҳамон ҷо. – С. 26).

**Омӯхтани хислат ва характери мақомоти раҳбарӣ, бешубҳа, яке аз муҳимтарин самтҳои илми давлатшиносӣ маҳсуб мегардад. Тавре Гегел таъкид мекунад, тавассути донистани сифати шахсиятҳои олӣ, ки ба тасмимгирӣ ва амали онон тақдири миллат ва давлатҳо вобастагӣ дорад, ҳолати воқеӣ ваояндаи сиёсатҳо муайян ва пешгӯӣ карда мешавад.**

Мавсуф, ки худ аз нобиғаҳои фалсафаи олам эътироф гардидааст ва ҷавҳари офаридаҳои ӯро сифати шуур, ақл, хирад ва маънавиёти инсон ташкил мекунад, қариб дар тамоми асарҳояш ба тарзи мустақим ва ё ғайримустақим ин масъаларо мавриди муҳокима қарор медиҳад.

Дар таълимоти одамшиносӣ, махсусан, муайян кардани дараҷаи истеъдод ва нобиғагии инсон ӯ аз назарияҳои «ба мактаб нарафтаву хат нанавишта, масъалагузори сад мударрис шудан», фарсахҳо дур аст. Гегел ин гуна муъҷизотро намефаҳмад. «**Масъалаи истеъдод ва нобиғагиро омӯхта, ӯ дуруст қайд мекунад, ки ин сифатҳои фавқулодаи инсонӣ натиҷаи ба ҳам омадани ду омиланд: хосияти табиӣ доштан ва тарбия дидан**» (Ҳамон ҷо. – С. 16). Гуфтаи Мавлавиро тасдиқ мекунад, ки «**Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд, Ҳеҷ оҳан ханҷари тезе нашуд...** ».

Тавре хотирнишон гардид, баъд аз ҳолати физиологӣ – аз лиҳози ҷисмонӣ ва рӯҳӣ солим будан, маҳаки аслии Гегел баҳо додан ба инсон аз рӯйи дониш, маърифат ва характери ӯст.

Олими немис дар таълимоти худ борҳо таъкид месозад, ки на ҳама донишҳоро илмӣ номидан мумкин аст. Барои ӯ назорати одӣ, хусусиятҳои зоҳирии предметҳо наметавонанд илмро ташкил кунанд. Ба ақидаи Гегел зуҳуротеро илм номидан мумкин аст, ки бар маҷмӯи далелҳои ба ҳам алоқаманд асос ёфта, қудрати ба намоиш гузоштани қонунмандиҳоро дороанд ва дар таҷрибаи зиндагӣ тасдиқ шуда, баҳри ҳаёти рӯзмарраи инсон фоидаовар бошанд. Бинобар ин, вақте ки ба шахсиятҳои фавқулода, соҳибистеъдод ва нобиға баҳо доданӣ мешавад, аз рӯйи ҳамин принсип хулосабарорӣ мекунад.

Нобиға будани намояндагони барҷастаи инсониятро на аз лиҳози «каромот», «даму нафас», «гузаштагон», балки аз нигоҳи илмӣ тафсир менамояд. Дар чунин таҳлил, ҷузъиёте монанди омил, сабаб ва натиҷа вуҷуд дорад. Ин сифатҳоро хусусияти

заминӣ, воқеӣ, объективӣ медиҳад. Онҳоро мутлақ, дастнорас ҳисоб намекунад. «**Аммо ҳам истеъдод ва ҳам нобиға... ба хотири он ки сарчашмаҳои одӣ доранд, бояд дар асоси воситаҳои ба тарзи умум қабулгардида такмил ёбанд, фақат агар нахоҳанд, ки чунин қобилият нобуд шавад, ба фарсудашавии ахлоқӣ ва ё ба аслияти аблаҳона табдил гардад**» (Ҳамон ҷо. – С. 16).

Иқтибоси овардашударо таърихи кӯтоҳи давраи соҳибистиқлолии давлати мо тасдиқ мекунад. Нафароне, ки метавонистанд бо қудрати ҷисмонӣ ва фитрӣ ба миллати худ хизмат кунанд, бо таъсири омили хонаводагӣ, муҳит, манфиатҳои молӣ вориди гирдоби фано ва дастобрези бегонагон гаштанд. Танҳо дар ҳамин манзалат дар ёдҳо монданд, номи худро дар саҳфаи таърихи миллат сабт карданд.

Гегел аз шахсони соҳибистеъдод, ки тавассути хосияти табиӣ ва заҳмати зиёд барои афзудани донишу малакаи худ ноил гаштанд, авлиё ё муқаддасот намесозад. Ба онҳо бо ҳисси масъулият муносибат мекунад. Аз олимону соҳибкасбон амали барои ҷомеа судмандро интизор аст: «**Фақат комилгардида, ҳамин тариқ, сифатҳои номбаршуда** (истеъдод ва нобиғагӣ)**-ро ҳамчун далели мавҷудияти худ ва қувваи худ бо андозае ки ҳаст, тасдиқ мекунад**» (Ҳамон ҷо. – С. 16).

Одамоне, ки бо заҳмати зиёд илму маърифат андухтаанд, соҳиби диплому унвонҳо гаштаанд, қудрати хешро бояд дар амал нишон диҳанд: «**Аз худ кардан ва гирифтани донишҳои гуногун, ки дигарон эҷод намудаанд, қатъиян, басанда нест. Талаб карда мешавад, ки тавассути аз худ кардани донишҳо дар ниҳоди инсон инқилоб – ҷунбиш ба вуҷуд ояд. Барои инсон фаъолияти худи ӯ, дарки ӯ, арзёбии ӯ... муносибати эҷодкоронаи ӯ зарур аст. Зарур аст, ки чунин донишҳо ҳамчун тухме, ки дар биёбон меафтад, нобуд нашаванд. Баръакс, ин донишҳо ба замин нигаронида шуда, неруеро ба вуҷуд оранд ва ҳосил диҳанд. Чунин қувваи эҷодии тафаккур тавоноии аслӣ мебошад. Бе чунин зуҳурот майнаи сари инсон партовгоҳи анбори дониш аст, ки онро ҳамчун китобхона метавон тасаввур кард. На зиёдтар аз ин**» (М. А. Налбалдян. Избранные философские и общественно – политические произведения. – М.: Мысль, 1954. – С. 155).

Вазифаи сохтани давлати миллӣ бар дӯши худи миллат аст. Ва майдони мубориза дар ин самт масъулияти бузурги ҳамагонӣ ва амали баробарвазн ба онро тақозо мекунад.

Баъди мутолиаи Гегел, инсонро ҳолати маънавии ашхосе, ки «пой тар нокарда аз гирдоби дарё гузашта», бо васоити гуногуни иттилоотӣ ба мардум шеваи зиндагӣ карданро омӯзониданӣ мешаванд, дар хиҷолат мемонад. Албатта, ҷойи шубҳа нест, ки дар ин заҳмат ҳадафи онҳо ақлҳои ҳамсони онҳост.

Худи Гегел бо ин донишмандӣ, хешро як умр ниёзманди комилгардонии илму маърифат меҳисобад. Рафтори ӯ намунаи амали як олмонӣ аст, ки имрӯз ҳамагон орзуманди омӯхтани сабақ ва баҳраварӣ аз хиради миллати онҳост.

Хушбахтона, вақте ки Гегел дар бораи характер муҳокимаронӣ мекунад, онро зуҳуроти якзайл ва шахшудамонда намешуморад. Гарчанде моил ба он аст, ки ин падида бештар ҷанбаи табиӣ дорад. «**Дар характер мо ... собит будани ишораҳои табииро дар алоқамандӣ бо тағйирёбии миҷоз мебинем**» (Ҳамон ҷо. – С. 82). Чизи муҳимме, ки олими немис хонандагони худро баумед месозад, ин аст, ки «**доимӣ будани характер на ба он дараҷае хосияти собит дорад, мисли он ки модарзодӣ бошад ба монанди омилҳои табиӣ: он метавонад тавассути ирода инкишоф ёбад**» (Ҳамон ҷо. – С. 82).

Ҳамзамон, Гегел қариб дар аксари офаридаҳояш ба сифати шахсиятҳои фавқулода, боистеъдод таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад. Ва мавқеи хулосавии андешаи худро ба тарзи зайл ируоз медорад: «**Ба ҳар ҳол, набояд он нуктаро инкор кард, ки характер моҳияти табиӣ дорад ва баъзе одамон нисбат ба дигарон табиатан дорои характери қавӣ мебошанд... гарчанде хислат инкишофи ҳақиқии худро дар шароити рӯҳи озод пайдо мекунад**» (Ҳамон ҷо. – С. 82).

## СИННУ СОЛ ВА ТАШАККУЛИ ҶАҲОНБИНӢ

Дар масъалаи таҳлил ва арзёбии рӯҳ Гегел худро бо ифтихор давомдиҳандаи кори Аристотел меҳисобад. Гарчанде «Фалсафаи рӯҳ» зиёда аз ду ҳазор сол баъд аз замони зиндагии ин нобиғаи ҳама давру замон эҷод шуда бошад ҳам, олими немис

эътиқод ва эътирофи худро бори дигар нисбат ба энсиклопедисти юнонӣ таъкид мекунад.

Зуҳуротеро, ки дар фалсафа ҳамчун мафҳуми ифодакунандаи «идеал», «ормон», «шуур», «тафаккур», «ақл», «хирад» оғоз аз Афлотун, Аристотел то Кант ном мебаранд, мехоҳад дар муносибат ба вазъи синну солии инсон, бо истилоҳоти гуногун шарҳ диҳад ва дар пайвастагӣ бо инкишофи физиологии одам тафсир намояд. Сарчашма ва давраҳои шаклгирии онро мавриди тадқиқ қарор диҳад. Рушди омилҳои ташаккулдиҳандаи шахсиятро моҳиятан баррасӣ кунад.

Истилоҳи рӯҳро, ки ӯ бо тавонмандии сухан дар тобишҳои мукаммали семантикӣ истифода мекунад, тавре таъкид гардид, дар вобастагии кулл бо эҳсос кардан, дарк намудан ва донистан мешуморад. Дар ин раванд, сифат ва муҳтавои рӯҳро дар ҷойи аввал мегузорад. Ба андешаи Ҷ. Брунер, ки мавзӯи асосии тадқиқоти ӯ ба масъалаҳои рӯзмарраи рӯҳшиносии рафти аз бар намудани донишҳо бахшида шудааст, «**шуур – маҷмӯи ҷараёнҳои фавқулодае аст, ки дар муқоиса бо ҳайвонот ба инсон имкон медиҳад воситаҳои меҳнатро истифода кунад ва аз забон на танҳо ҳамчун олоти муошират, балки василаи фикр кардан ҳам ба кор барад**» (Дж. Брунер. Психология познания. За пределамы непосредстенной информации. – М.: Прогресс, 1977. – С. 274).

Дар ин ҳолат, муаллиф тағйироти синну солӣ, муҳтаво ва тарзи тафаккури одамро тахассусмандона мавриди тадқиқ қарор медиҳад. Аммо, андеша моили он аст, ки баъд аз Гегел муҳаққиқони муваффақтар дар бораи таҳқиқи таҳаввули раванди фикрронии инсон кам андар кам ба назар мерасанд.

Гегел муътақид аст, ки дар ҷисми инсони солим шуур «**ҳамчун ҷараёни табиии синну солӣ**» арзи ҳастӣ мекунад. Шуурро дар тавозуни ҷисм мегузорад. Вобаста ба тағйири синну сол аз тан ҷудо шудани рӯҳро зарур медонад. Ҳамзамон, рағбат ва эҳтироми худро нисбат ба рӯҳе, ки аз ҳолати физикӣ фосилаи мусбат мегирад, таъкид мекунад: «**Дар чунин вазъ, рӯҳ мустақилияти худро дар баробари ҷисм ба намоиш мегузорад. Дар инкишоф аз бадан пешсаф мегардад. Бисёр ба назар мерасад, ки сатҳи рӯҳии кӯдакон аз инкишофи ҷисмонии онҳо муқаддам мешавад. Ба тарзи истисно, чунин сатҳ дар кӯдаконе, ки**

**истеъдоди бадей доранд, рух медиҳад..., ҳамчунон, дар самти аз худ кардани донишҳои математикӣ, дар иқтидор ва имконоти муҳокимаронии дуруст...** » (Ҳамон ҷо. – С. 85).

Гегел таъкид месозад, ҳангоми эволютсияи фикрӣ, инсон бояд ба дараҷае тараққӣ бикунад, ки худро **ба умумиятҳои характери ҳамагонидошта, чизи тайёр, собит, омодагашта муқобил гузорад, худро бишиносад. Ба фаҳми моҳият, мустақилияти рӯҳии хеш расидагӣ намояд. Ба он муваффақ шавад.** Ба ақидаи олими немис, **наврас ҳамон вақт «мард» мешавад, ки агар дунёро ҳамчун зуҳуроти сифати субстансионалӣ (хусусияти аслӣ, моҳиятдошта, доимӣ) ва индивидро падидаи аксидентиалӣ (лаҳзагӣ, гузаро, муваққатӣ) дида тавонад. Дар байни ҳамин ду ҷузъиёт, моҳият мавқеи худро муайян кунад. Аз амали хеш қаноатманд бошад. Дар олам бо чунин рӯҳ ба таври мустақил қадам занад. Он чизеро коркард кунад, ки амри зарурӣ, тақозои амал ва дар зиндагӣ судманд аст** (Ҳамон ҷо. – С. 86).

Гегел дар ин маврид ҷолибтарин таъбирро истифода мебарад: «**инсон бояд дар худ хосияти комил буданро пайдо кунад**». Он вақт **ӯ дар зиндагии сарсахтонаи аз тазод саршор ва аз бадиҳо пурбор** (таъбири Теодор Рузвелт) зистанро меомӯзад. Ва хулосабардорӣ менамояд: «**Бо комил шудан мард... ба фоидаи кор амал мекунад, на бар зарари он ва ба саҳлнигарӣ ва сабукфикрии ҷавонӣ падруд мегӯяд**» (Ҳамон ҷо. – С. 86).

Олими немис ба ташаккули ҷаҳонбинии наврасон таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад. Муътақид аст, ки ҷузъиёти тарбия ва таълим дар давраи аввали ҳаёти инсон, ҳамчун муассиртарин омил барои дар оянда шаклгирии шахсияти ӯ асос мешаванд. Дар ин асно, фардеро меҷӯяд, ки ба ӯ монанд шавад. «**Ҳама вақт ин ва ё он шахс барои наврас ҳамчун идеал хизмат мекунад. Мехоҳад ӯро фаҳмад, мекӯшад ба ӯ тақлид намояд. Ба ҳамин андешаи аниқ такя карда, фақат ба ин восита ба моҳияти худ сарфаҳм равад. Он чизе, ки вай мебинад, барояш ҳамчун намунаи олии рафтору маънавият қабул ва эътироф мегардад. Зарур аст, ки ин эҳсос барои шахси ҷавон эҳтиёткорона нигоҳ дошта шавад**» (Ҳамон ҷо. – С. 89).

Мусаллам аст, ки ин фикрро Гегел ба замони худ ва оилаи консервативӣ, аристократӣ, пешрафта ва мақсаднок

шаклгирифтаи немис мансуб медонад. Ва дар чунин шароит, ба ҳаёти оила ва фарзандон каси бегона ворид нест. Таъсири нохостаи муҳит ҳам имконнопазир аст.

Аммо ин андеша барои наслсозии имрӯзаи давлати миллии мо ҳам ниҳоят муҳим аст: фарзандон, наврасон ва ҷавонон бояд зери назар, таъсир, таълим ва тарбияи шахсоне қарор бигиранд, ки аз илму маърифат баҳравар, ба идеяҳои давлатдории миллӣ содиқ бошанд. Аз томот, ақида, урфу одатҳои бегона орӣ буда, соҳибандешаи фархундапаём шаванд, то «**аз ҳарфи онон хасм ба дом ояду донанд, ки дӯст куҷо асту роҳ кадом**» (Ҳофиз).

Гегел ҳам ба мисли Кант дар тарбияи инсон интизомро дар ҷойи аввал мегузорад. Онро омили асосии аз одам сохтани шахсият мешуморад. Таъкид месозад, ҷузъи муҳимми тарбия он аст: «**нагузоранд, ки тарбиягиранда тибқи хоҳиши худаш амал кунад. Барои он ки инсон соҳибфармон гардад, саравал бояд ӯ итоат карданро ёд бигирад**» (Ҳамон ҷо. – С. 89).

**Маълум аст, он чизе, ки миллати немисро дар олам машҳур кард, интизом, дақиқкорӣ, камгапӣ, аммо пуркорист.** Амали бонизом, ки тавассути муташаккилии бомаслиҳати дохилӣ, аз худ кардани қоидаҳои рафтор ва дар амал ҷорӣ намудани он иқдомоте, ки барои манфиати миллат созгор аст, аз хислатҳои ин мардуми ободкор ва намуна **барои қавмҳои ноком ва дар хmajобкорӣ пурибтикор мебошад.**

**Интизомнокӣ ва итоат кардан ба тартибу низоми барои пешравии ҷомеа созгор, муҳимтарин аломат, хислат ва характери миллӣ маҳсуб мегардад. Мисли нафари ҳушманде, ки аз одамони нек баҳравар мешавад, миллатҳо ҳам бояд дар ҳамин поя гузашта ва имрӯзаи худро бо миллатҳои пешқадам дар муқоиса гузоранд.** Аз онҳо омӯзанд. Ба онҳо пайравӣ кунанд, фаҳманд, ки муваффақияти амали ин ва ё он миллат дар чӣ ҳаст. Кадом сабаб онҳоро ба натиҷаи барои ҷомеа судманд овардааст.

Таҳлил нишон медиҳад, муҳтавои аз тарафи Гегел дар «Фалсафаи рӯҳ» собитқадамона таҳқиқшуда, зуҳуротест, ки бештар ба функсияи давлат дахл надорад. Балки онро мансуби синфи пешқадами миллат – зиёиён ва нафароне, ки бар дӯши худ масъулияти миллатдӯстӣ ва ватанпарастӣ доранд, онро бо гуфтор, офаридаҳо ва пеш аз ҳама, рафтори хеш муаррифӣ

мекунанд, медонад. Маҳз онҳо тавассути имконоти зеҳниашон бо коркарди фазои ҷаҳонбинӣ, хештаншиносӣ, худшиносии миллӣ ба манипулятсияи ҳолати идеологӣ, иҷтимоӣ-рӯҳии ҳамватанон машғуланд. **Дар ин самт, Гегел ба сифати миллат таваҷҷуҳ карда фаҳмониданӣ мешавад: вазъи рӯҳӣ-равонии миллат бояд то он дараҷае бошад, ки ҳимояи манфиатҳои миллӣ ҳамчун эҳсоси худидоракунии дар сатҳи эътиқодоти комил, ташаккули мақсадноки афкори ҷамъиятӣ, дар умум, дар пояи ҳифзи манфиатҳои Ватан расад.**

Воқеан, умумияти миллӣ, дарки мансубият ба Ватани ягона, эҳсоси масъулият барои таъмини субот ва рушди иҷтимоӣ, зарурати пешбурди манфиатҳои миллӣ, мебояд таҳкурсии асосӣ дар доираи низоми худҳифозатии аслияти аҷдодӣ, урфу одат ва анъанаҳои созандаи он бошад.

Ба ақидаи Гегел, чунин тарзи тафаккур наметавонад дар ҷойи холӣ, ба тарзи стихиявӣ пайдо шавад. Ташаккули маънавиёт ниёз ба тарбия ва таълими мақсаднок дорад. Тавассути аз бар намудани донишҳои воқеӣ **«ӯ метавонад ҳамчун шахси бавоярасида, дигар таҳти таъсири ангезаҳои хусусӣ ва нуктаи назари субъективии худ набошад. Аз доираи манфиатҳои хеш берун меояд. Танҳо ғами худро намехӯрад. Ӯ зери нуфузи хиради ҳастӣ амал мекунад. Барои дунё худро фаъол нишон медиҳад»** (Ҳамон ҷо. – С. 91).

Ормони аслии инсон саломатӣ ва зиндагии шоиста мебошад. Аммо **«Фақат дониш метавонад ба инсоният ёрӣ диҳад, ки сабабҳои бадбахтии ӯро бо тамоми ҷузъиёташ омӯзад. Фаҳмонад, чӣ гуна ин омилҳо нобуд карда мешаванд ва тавоноиҳоеро сарҷамъ кунад, то ин мақсад ба даст ояд»** (Р. Оуэн. Педагогические идеи. – М.: Мысль, 1940. – С. 130).

Гегел ҳам муътақид аст, ки инсони ҳақиқӣ идеал дорад. Ва нақшаҳои худро дар пайравӣ ба он дар шакли зайл тасаввур мекунад: **«Наздиктарин мақсади ӯ** (шахси ҷавон – С. **Я.) доштани маърифат аст. Бояд тавассути он имкон пайдо кунад, ки ба амалӣ гаштани ҳадафҳои худ ноил гардад. Дар ҷараёни рӯйи кор овардани нақшаҳои волои худ, инсон ба мартабаи ҷавонмардӣ ва шахсияти комил мерасад»** (Ҳамон ҷо. – С. 91).

Ба андешаи мо, муҳокимарониҳои Гегел дар бораи аз одами одӣ, содалавҳ, гаронбори ғам, раҳгум, маъюс ва малул аз фалак мубаддал гаштан ба шахси мубориз, фаъол, комгор ҷолиби таваҷҷуҳ мебошанд.

**Ба фикри ӯ, шахси ноозмуда, ки дар давраи муайяни зиндагӣ якбора, бе заҳмат ва омодагӣ ба имтиҳони рӯзгор, бо тасаввуроти идеалии худ вориди уқёнуси пурталотуми ҳаёт мешавад, гоҳо аз ин варта роҳи халосӣ пайдо карда наметавонад.**

**Бешубҳа, чунин мушкилот барои ҳар шахсе, ки зиндагии осудахотир доштааст, ногузир аст.** Ба гуфти Гегел, чӣ қадаре ки ин ҳолат ба рӯзгори ҷавон дер ояд, паси сар кардани «ҷабри турки фалак» барояш боз ҳам мушкилтар мегардад. Ҳамзамон, файласуфи немис бо маъюсӣ, аммо қотеона, таъкид мекунад: **«Дар ашхосе, ки табиати мулоим** (сустиродагӣ, камҳавсалагӣ – С. Я.) **доранд, аҳволи яъс ва ноумедӣ як умр идома хоҳад ёфт. Ҳатто, дар ҳамин вазъи монанд ба як навъ беморӣ, одам намехоҳад, ки аз субъективияти худ нисбат ба объективият даст кашад. Маҳз ба ҳамин хотир, дар ҳолати нотавонии нисбӣ қарор мегирад. Чунин истодагарии манфӣ ба осонӣ метавонад ба заифии ҳақиқӣ** (доимӣ – С. Я.) **мубаддал гардад»** (Ҳамон ҷо. – С. 91).

Албатта, барои адабиёт ва фалсафаи ҷаҳонӣ ин мавзӯъ нав нест. Аммо сухан аз боби он меравад, ки намояндагони кадом халқу миллатҳо, то чӣ андоза ва дар чанд муддат чунин иродаи барои воқеияти рӯзгор номувофиқро паси сар мекунанд. Ба зиндагии маъмулии баҳри худ ва ҷомеа судманд бармегарданд. Падидаҳое, ки такроршаванда ва умумӣ мешаванд, хосияти ҳамагонӣ пайдо менамоянд, ба қисмати таркибии характери миллӣ мубаддал мегарданд. Ва ин зуҳурот набояд сарфи назар карда шавад.

Гегел мавзӯъро идома дода, бо такя ба хислати миллии хеш, бераҳмона, вале асоснок, мисле, ки изҳорот мекарда бошад, ҳушдор медиҳад: **«Агар одам нахоҳад, ки ҳалок шавад, бояд эътироф кунад, ки дунё вуҷуди мустақилона дорад. Ҳамчун ҷисм, аллакай, хотимаёфта** (шаклгирифта – С. Я.) **аст. Зарур аст, инсон шароитеро қабул кунад, ки ҳамчун чоҳи мушкилгузар дар рӯ ба рӯйи ӯ истодааст. Ва аз дунёи саркаш он чизеро, ки барояш лозим**

**аст, тавассути мубориза бигирад, аз худ кунад»** (Ҳамон ҷо. - – С. 91).

Дар чаҳорчӯбаи дарки антропологияи сиёсӣ, айнан, ҳамин суханҳоро ба сохтани давлати миллӣ нисбат додан ҷоиз аст. **Ҳар соҳибватане гумон кунад, ки дар роҳи рост, бе мубориза, ба осонӣ, бо бетарафӣ ва ҳамчун тамошобин ба равандҳои ҷомеа, муҳити атроф муносибат кардан, сохтан ва эмин нигоҳ доштани давлат бо исми миллате, ки худро мансуби он медонад, имкон дорад, қатъан хато мекунад. Миллат ҳам мисли як фард мебояд дар муборизаҳо, муҳорибаҳо ҳаққи худро аз чанголи «даҳри дунпарвар», «дунёву шару шӯр», «макри осмон» ва «каҷтабъони дилкӯр» мардонавор бситонад. Он вақт давлат ҳам мисли он ҷавонмарде, ки Гегел мадди назар дорад, метавонад раҳи зиндагии худро ёбад. Ва ба он сазовор бошад.**

Гегел андеша дорад, ки инсон набояд гумон кунад, фақат ниёзмандӣ аст, ки ӯро барои амал сафарбар мекунад. Дар ҳақиқат, мушкилот, ки ҷузъиёти воқеияти олам аст, на ҳамчун чизи маҷбуран таҳмилгашта, балки зуҳуроти одии дар доираи ақл ва фаросати инсонӣ пазируфташуда шинохта шавад.

Бояд таъкид кард, ки гарчанде ақидаҳои Гегел барои ташаккули назарияи материалистии инқилоби иҷтимоӣ асос шуда бошанд ҳам, худи ӯ пайгир ва ҷонибдори чунин навъи табаддулот набуд.

Ҳамчун олим, мутафаккири бурдбор ва солор ҷонибдори бо роҳи эволютсионӣ тағйир додани авзои ҷомеа тибқи ниёзҳои онро дар назар дошт. Дар хислати одамӣ ҳам, ҳамин чизро талқин мекард: **«Ҷавонмард ... ниҳоят боақлона рафтор мекунад. Аз нақшаи навсозии пурраи ҷаҳон даст мекашад. Кӯшиш мекунад, ки мақсадҳои шахсӣ, завқу манфиати худро фақат дар алоқамандӣ бо ҳамин дунё амалӣ намояд»** (Ҳамон ҷо. – С. 92).

Олими немис тарафдори он аст, ки ҳар шахс, новобаста аз манзалати иҷтимоияш бояд дар зиндагӣ ҷойгоҳи муайян дошта бошад. Ва мундариҷаи чунин мавқеъро идеал ташкил кунад. Онро тавассути принсипҳое, ки ба рушди ҷомеа созгор ва мувофиқанд, амалӣ намояд. Ӯ чунин меҳисобад, ки барои рӯйи кор овардани ормонҳои ҳама кас дар олам фазо ва муҳит басандагӣ мекунад.

Дар ин маврид, Гегел ба бисёр саволҳо, ки бештар ҷанбаи субъективӣ, индивидуалӣ, рӯҳӣ доранд, посух медиҳад. Таъбирҳо ва истилоҳоти фалсафие, ки олими барҷаста истифода мебарад, нисбат ба шахсоне, ки гирифтори **«коргаҳи дидаи бехоб»** буда, муддатҳо **«нақши хати рӯйи об мезананд»**, хосияти маслиҳатӣ касб кардаанд. Муҳтавои хулосаи файласуф ин аст: шахсе, ки воқеан кор кардан мехоҳад, **«барои ӯ ҳам, фазои басандаи ба дуриҳо нигаронидашудаи фаъолияти эҷодӣ ҳаст. Гарчанде дунё, асосан, ҳамчун мавҷудоти хотимаёфта эътироф шуда бошад ҳам, ба ҳар ҳол вай мурда, дар ҳолати мутлақи беҳаракатӣ нест. Ҷараёни ҳаёт гаштаву баргашта худро тавлид ва ҳифз мекунад. Пеш меравад. Ана дар ҳамин ҳолати эҳёшавии олам ва рушди минбаъдаи он, амали инсони комил инъикоси худро пайдо мекунад»** (Ҳамон ҷо. – С. 92).

Гегел ба инсон на танҳо ҳамчун мавҷуди истифодабарандаи муҳити омодагашта, балки ба мисли эҷодкор муносибат мекунад. Онро бо ҳамин сифат мешиносад. Муҳимтарин вазифаи одамро дар азнавсозӣ ва таъмини рушди муҳите мебинад, ки ӯро иҳота кардааст: **«Аз як ҷиҳат мо тасдиқ мекунем: инсон он чизеро месозад, ки аллакай сохта шудааст. Аз дигар тараф, меҳнати одам, ҳамзамон, бояд барои пеш рафтан мусоидат кунад»** (Ҳамон ҷо. – С. 89).

## «ФАЛСАФАИ РӮҲ» ВА АҲАМИЯТИ АМАЛИИ ОН

Гарчанде ҳаёти инфиродӣ ва фаъолияти Г. В. Ф. Гегел мансубияти ӯро дар сафи нобиғагони сатҳи ҷаҳонӣ таъйид карда бошад ҳам, дар эҷодиёти ин шахсияти нотакрор ҳувияти миллии ӯ – олмонӣ буданаш, ҳамчун нишонаи барҷастаи характери ин миллат ҳувайдо мегардад.

**Олими нотакрор дар забон ва услуби баён, таҳлил ва такмили андеша аз мансубияти худ ҳамеша ба ин миллат ифтихор мекунад. Мекӯшад, ки қувваи эҷоди ӯ на танҳо барои пешрафти фалсафаи олам судманд, балки баҳри ҷаҳонбинии миллати худи ӯ арзишманд ва «офати даври фалак аз ҷону танаш ва чашми ҳасуд аз Ватанаш» (Ҳофиз) дур бошад. Ин муносибат ва арзи эҳтиром ба**

**муқаддасоти миллӣ аз ҷониби Гегел, ҳамчун фалсафаи ҳамешагии рӯҳ садо медиҳад.**

**Чунин рафтор намунаи ибрат ва пайравист.**

Новобаста аз он ки муҳаққиқон Гегелро дар бисёр маврид ҳамчун файлсуфи идеалист ном мебаранд, ӯ дар ягон ҳолат аз донишҳои илмӣ, назарияи дар амал санҷидашуда фосила намегирад, то худ ва дигаронро раҳгум насозад. Мекӯшад фалсафаи ӯ фақат боиси рушд ва инкишофи миллӣ бошад. Хулосаҳои олими бузург барои хонандагонаш ҳамчун сабақи ростӣ садо медиҳанд. Он ҷавоб ба мардумони синну сол ва касбу кори гуногун, сарфи назар аз ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсиашон, аст: **«Он чизе, ки дар идеалҳо** (орзуҳо, ормонҳо, тасаввуроти олӣ − С. Я.) **ҳақиқат ҳаст, дар таҷриба, фаъолияти амалӣ зуҳур меёбад: фақат аз он чизе, ки ғайри ҳақиқат** (мавҳум, дурӯғ, бофта, абстраксия – С. Я.) **аст, инсон бояд дур бошад** (Ҳамон ҷо. − С. 92).

Шароити таърихие, ки Гегел дар он рӯзгор ба сар мебурд, аз дараҷаи рақобатҳои геополитикии кунунӣ ба куллӣ фарқ мекард.

**Замони нав дар пояи таълимоти ӯ ва дигар олимони ҳақбин тадқиқоти иловагии мувофиқ ба тағйироти воқеии диалектикиро тақозо дорад.** Ҷавҳари эътиқод, асоси абстраксияи геополитикие, ки баъзе ҳамватанони мо аз рӯйи ғарази молӣ, бошуурона ва қисмати дигарашон бо ормонҳои ифротӣ ба гурӯҳҳои террористӣ мубаддал гаштаанд, ба қавли устодони худ «кушта мешаванд, то бикушанд», аз ҳамин мавҳум ва бофтаҳо сарчашма мегирад.

Ба хотири зарар расонидан ба Ватани падару модари хеш, террори мардуми диёр, «**қасди фирдавс ба подоши хиёнат**»-ро бо сухан, бо қалам ва бо қадам ба худ иҷозат медиҳанд. Мекӯшанд ин амалҳояшонро шиор созанд. Номҳои нав ба нави барояшон фикр карда баровардаи дигаронро рӯйи кор оваранд.

Ин мавзӯи марказии тадқиқи фалсафаи рӯҳи замон аст, то ислоҳи кор пайдо гардад.

Гарчанде моҳияти муайянкунанда доштани ҳастӣ, бо муҳтавое, ки дар ин категория вуҷуд дорад, нисбат ба рӯҳи инсон барои илм аксиома аст, таърихи инсоният, махсусан давраи ниҳоят пурпечутоби ду садсолаи ахир собит кард, ки чӣ гуна рӯҳ

аз қувваи беохири ҳастӣ суиистифода карда, бо такя дар он ҳастиро муайян мекунад. Дар ин маврид, сухани Архимед ба хотир меояд: **«Ба ман нуқтаи такяро нишон диҳед, курраи Заминро аз ҷояш тела медиҳам».**

Ҳастӣ бо бузургии худ чунин имконниятро ба тамоми мавҷудоти соҳибтафаккури олам додааст. Ин захира барои миллионҳо ва аз ин ҳам бештар мерасад. Аз ин ҳастӣ ба тарзи худ олиму омӣ, ҳокиму надим, тавонгару бенаво, мусулмону куништ – ҳама абадан ва беохир истифода мекунанд.

**Ҳастӣ, дар доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ – манфиат аст.** Манфиат бошад, бо ҳазор лафз гап мезанад. Ҳатто ба лаҳни хомӯшӣ. Бетарафӣ. Худро ба нодонӣ андохтан. Надидан. Нодида гирифтан. Ин шакли муомила асоси тазоди ҷомеа, муҳтавои шуур ва тафаккурро ташкил мекунад. Чунин ҳолат – мундариҷа ва моҳияти муомилаи ҷамъиятиро дар бар мегирад. Муайян кардани шуур ҳастиро, яке аз навъҳои идеологикунонидашудаи нақши ҳастӣ дар мушаххас кардани шуур мебошад. На бештар аз ин.

Таҳлили Гегел нисбат ба паҳлуҳои ҷаҳонбинӣ моҳияти бунёдӣ (фундаменталӣ) дорад. Маҳз ба ҳамин хотир, олимоне, ки баъд аз ӯ ба муҳимтарин шакли муайянкунандаи раванди ҳаёти ҷомеа – идеяҳо (дар баробари ҳастӣ) сару кор гирифтаанд, афкори ӯро барои тадқиқоти хеш ҳамчун сарчашмаи назариявӣ ва методологияи тадқиқоти рӯҳи одамизод интихоб кардаанд.

Яке аз масъалаҳои асосие, ки таваҷҷуҳи олимон-муҳаққиқони осори Гегелро оид ба шаклгирӣ ва инкишофи рӯҳ ҷалб кардааст, он аст, ки ҳангоми баррасии мавзӯъ муносибати файласуфи бузург ба шуур дар кадом сатҳ қарор дорад. Оё объекти таҳқиқоти ӯ ҷанбаи индивидуалӣ дорад, ё ба ҳалли муаммоҳои ҷамъиятӣ нигаронида шудааст.

Аз ҷумла, чунин савол ҳангоми тафсири «Фалсафаи рӯҳ» дар муқаддимаи китоб (нашри Москва, 1956), ки зимни омӯзиши мазкур истифода шуд, ифода гардидааст. Муаллифи ин сатрҳо муътақид аст, ҳатто мутолиаи одӣ (на омӯзиш ва таҳқиқ) ба ин савол посух медиҳад. **Заҳмати ин энтсиклопедисти бузург, асосан, ба таҳқиқи на шуури индивидуалӣ, балки ҷамъиятӣ равона шудааст.**

Гарчанде Гегел дар бораи сохт ва муҳтавои ҷаҳонбинии фард сухан мегӯяд, ба тарзи диалектикӣ бо ҳам алоқаманд будани шуури индивидуалӣ ба шуури ҷамъиятиро баръало нишон медиҳад.

**Ҳам аз лиҳози онтологӣ ва ҳам гносеологӣ шуур ҳодисаи ҷамъиятӣ аст. Аз ҳамин лиҳоз, барандаи шуури индивидуалӣ бо вуҷуди фарқият, қисмати шуури ҷамъиятӣ ва ё нишона аз он маҳсуб мегардад. Ин ба фаъолияти сохторҳои давлатӣ дар мавриди одитарин зуҳуроти ифротгароӣ, ҳатто на гурӯҳӣ ё ҳизбӣ, ҳамчун бонги хатар садо медиҳад.**

Агар аз абстраксия фосила гирифта, ба амалияи имрӯза ба тарзи воқеӣ назар андозем, зуҳуроти шуури террористӣ, ки сахттарин таҳдид барои ҷомеа ва давлати миллии мост, дар рафтори фард ё гурӯҳи одамон равшан намудор аст, сарчашма ва мундариҷаи муайян дорад. Аз лиҳози вақт ва дарбаргирии муҳит мушаххас аст. **Рӯҳи террористӣ, омодагӣ ва тасмимгириҳо дар ин маврид, дар дохил ва берун аз кишвар, дар доираи як системаи муайяни аз ҷониби қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ тарҳрезишуда амалӣ мешаванд.**

**Дар зуҳуроти терроризми имрӯза, дар қаламрави кишвар акси садо ва унсурҳои амиқи идеологии замони бухрон ва шикасти рӯҳи миллӣ дар давлати Сомониён, даврони босмачигарӣ ба хотири барқарор кардани султаи бегонагон ва ахиран унсурҳои боқимондаи ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон амиқ ба назар мерасад.**

**Субъектҳои ташкилкунандаи аъмоли террористӣ ва объекти аслии таҳдиди террористӣ – айни замон шикасти давлатдории миллии тоҷикон – ҷавҳари чунин мақсадгузорӣ мебошад.**

Актҳои террористӣ тавассути рӯҳи террористии аъзои ҷомеа амалӣ карда мешаванд. Инро душманони сохти давлатдории миллии тоҷикон дар хориҷи кишвар хуб медонанд. Ба ҳамин мақсад, дар Шарқу Ғарб, Шимолу Ҷануб машғули шикастани рӯҳи миллӣ дар ниҳоди мардум ва ба ҷойи он ворид кардани рӯҳи террористӣ мебошанд.

Дар рисолаи мазкур мафҳум ва истилоҳоти «илм», «дониш», «маърифат», «рӯҳ», «ҷаҳонбинӣ», «миллат», «хештаншиносӣ», «худшиносии миллӣ», «фарҳанг», «анъана ва урфу одатҳои

миллӣ» «характери индивидуалӣ», «характери миллӣ», «иродаи ватандорӣ», «сиёсат», «истеъдод», «мантиқи меҳнат ва мушкилоти зиндагӣ» «таъсири он дар ташаккули шахсият», «дин» ва «фанатизми динӣ» дар доираи ақидаҳои Г. В. Ф. Гегел мавриди муҳокимаронӣ қарор гирифт. **Мақсад аз он муқоисаи падидаи рӯҳ дар кишварҳои ақибмонда, рӯ ба тараққӣ ва пешқадами Шарқу Ғарб бо бедории миллӣ, чараёни ҳимояи манфиатҳои миллӣ, давлати миллии мо, бо имконоти воқеии зинда ва оммавӣ кардани рӯҳи миллӣ мебошад.** Зеро маҳз сифати хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ омили зиндагии шоиста ва ё мушкили инсон мегардад. Таълифи «Фалсафаи рӯҳ» аз ҷониби Гегел фаҳмонидани ҳамин зарурати ҳаётан муҳим ба одамон аст.

## ХУЛОСА

Омӯзиш ва таҳқиқи ҷаҳонбинӣ дар «Фалсафаи рӯҳ», ки то ҳадди имкон, дар чаҳорчӯбаи алоқамандӣ бо хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ сурат гирифт, ба андешаи мо метавонад чунин натиҷагириро ба бор орад: Г. В. Ф. Гегел,

1. Ҳангоми таҳқиқи масъалаи рӯҳ аз нигоҳи фалсафӣ – шуур, ҷаҳонбинӣ, тафаккур, ақл, хирад, хештаншиносӣ, худшиносии миллӣ, худмуайянкунии миллӣ, характер ва хулқу атвори миллӣ, муносибати идеявии инсонро ба ҳодисаҳои табиат, ҷамъият ва тафаккур мадди назар дорад.

2. Гарчанде дар адабиёти илмӣ ҳамчун файласуфи идеалистӣ объективӣ муаррифӣ мегардад, асоси пешрафти фард, ҷомеа, миллат ва давлатро танҳо дар вобастагӣ ба донишҳои илмӣ – омӯхтани қонуниятҳои пайдоиш ва инкишофи муҳимтарин масъалаҳои табиат, ҷамъият ва тафаккур медонад. Аз маҷмӯи ҷузъиёти моҳият ва зуҳурот қудрати бузурги муайян кардани алоқамандиҳои умумӣ ва зарурии онҳоро ба намоиш мегузорад. Дар масъалаи таҳқиқи шуур ва ҷаҳонбинӣ чунин тавонмандиро устодона асоснок ва тафсир менамояд.

**3. Вобаста ба аҳаммияти дониш ва маърифат ишора ба он дорад: миллате, ки аз омӯхтани илму фарҳанг канораҷӯӣ мекунад, ҳамарӯза донишҳои худро тавассути мутолиаи илмӣ**

**сайқал намедиҳад, бадеҳатан, рӯ ба девор меистад. Мутеъ ва дастнигари дигарон мешавад.**

4. Ба қудрати фавқуттабиӣ итминони комил дорад. Аммо бо такя бо он донишҳои энтсиклопедие, ки шахсан, бо заҳмати зиёд омӯхтааст, дар амал, дар таҷриба ва натиҷаҳои илмӣ дар масъалаи рӯҳ (шуур) ба даст оварда, пешкаши хонанда мегардонад, қувваҳои ғайриодиеро, ки гӯё онҳо ба инсон ақлу хирад ва донишу фаросат меомӯхта бошанд, бе дасту по ва бе шоху барг мегардонад. Таъкид мекунад, дар зиндагӣ инсон, ҷомеа бояд ба ақлу фаросати худ, ки танҳо тавассути донишандузӣ ба даст меояд, такя кунад.

5. Дар масъалаи пайдоиш ва ташаккули ин ё он ақида, ҷаҳонбинӣ, эътиқод, шакли инъикоси идеалии воқеияти реалӣ, рӯйдодҳои табиат, ҷамъият ва тафаккур, он чизеро, ки зуҳуроти рӯҳ меномад, **донистани сабабу омилҳои ҳақиқии он рӯйдодро** дар ҷойи аввал мегузорад. Инро муҳимтарин талаботи илм мешуморад.

Бо ин гуна мавқеъгирии табиӣ бори дигар хулосаи яке аз нобиғагони фалсафаи воқеънигори олам Абӯалӣ ибни Синоро тасдиқ мекунад, ки таъкид кардааст: **«Донистани ҳама гуна чиз, агар он зуҳур ёфта бошад, тавассути донистани** (дарк кардан – С. Я.) **сабаби пайдоиши он таъмин мешавад ва комил мегардад»** (Абу Али ибн Сина (Авиценна). Канон врачебной науки. Т. 1. Ташкент: Издательство Акад. наук УзССР, 1954. – С. 6). **Яъне рӯйдоди фавқулода, бесабаб дар ҳастии олам вуҷуд надорад.**

6. Исбот мекунад, ки рӯҳи (шуури) инсон решаи заминӣ дорад. Дар ҷомеа шакл мегирад. Ба дараҷаи тараққиёт, вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, анъана ва собиқаи таърихии он вобастагӣ дорад.

7. Ҳамзамон, муътақид аст, ки ба рӯҳ – шуур, ҷаҳонбинӣ, сифати маънавӣ ва ақлонии одамизод мавқеи ҷуғрофӣ, таваллуд, зист ва сифати генетикии худи қабила, халқ ва миллатҳо таъсири бузург доранд. Ва дар баъзе ҳолатҳо чунин таъйинот ирсӣ, бетағйир мемонад.

8. Наслҳои як халқ аз халқи дигар на танҳо аз ҷиҳати намуди зоҳирӣ, балки хислат, характер, махсусан дар муносибат ба меҳнати ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва бадастории натиҷаи ниҳой аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Маҳз ба ҳамин хотир, тарз, сифат ва дараҷаи зиндагии онон аз якдигар тафовут дорад.

9. Хулосаи олимони даврони қадим ва асрҳои миёнаро оид ба арзишмандии одам аз рӯйи муносибат ба табиат тасдиқ мекунад. Яъне инсон, сатҳи рушди ақлонӣ, маънавиёти халқу миллатҳоро тибқи шакли ҳукмронӣ, истифода ва сарварӣ карда тавонистани онҳо ба табиат, муҳити атроф баҳо медиҳад. Мутеъ будан ба тақдир ва зуҳуроти табиатро аломати адам ё камбуди дониш, маърифат ва заифии ирсии халқу миллатҳо ҳисоб менамояд.

10. Муҳимтарин аломатеро, ки барои дидани фарқ дар нерумандии шуур (ҷаҳонбинӣ, ақл, дониш, маърифат) байни халқҳо мегузорад, дар муаррифии дастовардҳои миллатҳо вобаста ба сохтани воситаҳои истеҳсолот, чизе, ки муҳитро тағйир медиҳад, зиндагиро осон, пурсамар, ҷамъиятро, давлатро пешрав месозад, мебинад.

11. Манзалати сиёсӣ, байналхалқӣ, дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, моҳият ва мундариҷаи боварии динӣ, нақши инсонро дар муносибат ба табиат дар доираи эътиқодоти осмонии онҳо ба ҳисоб гирифта, халқу миллатҳоро ба гурӯҳҳо тақсим мекунад. Тавре таъкид гардид, қиматнокии онҳоро аз рӯйи он ки имрӯз, айни замон, ба кадом комёбиҳо ноил гаштаанд, ки ба сатҳи зиндагӣ, оромӣ ва осудагии онҳо муассир будааст, баҳо медиҳад.

12. Кӯшиш мекунад, бо квалификатсияи (таснифи) мардумон ба «халқҳои примитивӣ», «монанд ба наврас», «ақибмонда», «зобит, ғосиб, аммо амалкунандагони бешуур, тахрибкор» дар муқоиса бо халқҳои пешқадам, ба иззати нафси аввалиҳо нарасад. Чунин гурӯҳбандиро бо мисолу далелҳои илмӣ асоснок ва исбот мекунад. Ба масъала бетарафона, ҷиддӣ, бо назокати олимона муносибат менамояд.

13. Барои аз дигар миллатҳо бо принсипҳои дар боло номбаршуда ба таври мусбат фарқ кунонидани халқҳои пешқадами Ғарб, **истилоҳи «рӯҳи аврупоӣ»**-ро истифода мебарад. Онро хирад ном мекунад. Ҳама қудрати замину осмонро ба худи одам нисбат медиҳад. Ва таъкид месозад: ҳадде нест, ки инсон аз уҳдаи он баромада натавонад. Тавоноии миллатҳои сокини Аврупоро дар **«кӯшиши беохири аз худ кардани донишҳо»** медонад. Ба чизи дигаре умед бастанро раво намебинад. Инро ҳамчун зуҳуроти хештаншиносӣ ва ахиран худшиносии миллӣ эътироф менамояд. Бо ҳамин гуна тавсиф, мехоҳад ба ҷаҳониён сирри «Дунёи куҳан»-ро ошкор созад. Онро чун намуна ба дигарон муаррифӣ кунад. Назарияи худро бо чунин далел асос бахшад.

14. Ҳангоми тафсири масъалаҳои рӯҳ, ба алоқамандиҳои ҷузъ бо кулл ва баръакс, таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Омӯхтани масъалаҳои рӯҳро дар доираи шуури ҷамъиятӣ зарур мешуморад. Аммо ба ҷаҳонбинии индивидуалӣ ҳамчун қисмати сифатии он муносибат мекунад. Зимни баҳодиҳии ҳолати рӯҳии ҷомеа ба назар гирифтани қисматҳои таркибии онро ба инобат мегирад. Ислоҳ ва ба манфиати умумии ҷомеа сафарбар кардани вазъи рӯҳиву равонии аъзои ҷомеаро муҳим медонад.

15. Муҳимтарин шакли зуҳуроти рӯҳро дар характери инсон мебинад. Онро ба қисматҳо ҷудо месозад. Ишора ба он менамояд, ки таваҷҷуҳи махсус барои тарбияи инсон дар овони хурдӣ, наврасӣ ва ҷавонӣ дода шавад. Шарти асосии обутоб ёфтани характери инсонро дар бархӯрди шахс бо мушкилоти зиндагӣ медонад. Чунин андеша дорад: касе, ки заҳматро надидааст, хислати хешро дар монеаҳо насанҷидааст, обутоб ва сайқал надодааст, наметавонад шахсияти комил ва барои имтиҳоноти зиндагӣ омил бошад.

16. Истеъдод ва нобиғагиро ҳамчун падидаи табиӣ шуморад ҳам, тарбия ва таълимро муҳимтарин шарти ба роҳи дуруст равона кардани зуҳуроти номбурда медонад. Таъкид месозад, ки бидуни заҳмати иловагии мақсаднок, ин ду унсур метавонанд бар зарари одамизод истифода шаванд. **Бо тамоми қотеият иброз медорад, ки инсони бузург шудани кас, новобаста аз**

**истеъдод ва аломатҳои нобиғагии табиӣ, бидуни омӯхтани илм, маърифат, маданияти инсонӣ ва дастрасӣ ба таҷрибаи зиндагӣ кори ғайриимкон аст. Дар ин масъала, ба ҳодисаи ғайритабиӣ, бе мавҷудияти муносибатҳои ҷамъиятӣ итминон надоштани худро алоҳида ишора мекунад.**

## ОХИРСУХАН

Ҳамин тариқ, рисолаи Гегел аз лиҳози фалсафӣ таҳқиқи рӯҳи одамизод, яке аз бузургтарин дастовардҳои илмии фалсафаи дунё дар мавриди шинохти инсон, ҳамчун ҷузъи на танҳо биологӣ, балки ҷамъиятӣ аст.

Бо таълифоти худ Гегел бори дигар исбот кардааст, гарчанде одам ҳамчун зуҳуроти дараҷаи олии биологии табиат буда, ҳангоми солим таваллуд шудан тамоми аломатҳои бо номи худ сазоворро дошта бошад ҳам, аммо рӯҳ – шуур, ҷаҳонбинӣ, муносибат бо худ, ба муҳит бо «алфоз ниҳодану гуфтан» то «даст гирифтану по ба по бурдан ва шеваи роҳ рафтан»-ро тавассути одам аз худ мекунад. Яъне «одам» ҳамчун истилоҳи илмҳои ҷамъиятӣ, зуҳуроти номуайян, сарбаста, мутлақ, худкифо ва танҳо барои худ нест.

Садҳо озмоиш ва ҳодисаҳои фавқулода нишонгари онанд, ки бидуни ҷомеа одам наметавонад инсони комил гардад.

Муҳимтарин аломати шуур кони савол будан ва дар ҳамин асос хосияти сафарбаркунӣ доштани он аст. **Вобаста ба он ки инсон ба кадом савол чӣ гуна посух пайдо мекунад, онро тавони дар тарозуи захираҳои дониш, ҷаҳонбинӣ ва маънавиёти худ баркашидан дорад, хулосабарорӣ менамояд, тасмим мегирад, тақдири худи ӯ ва дар маҷмӯъ, ҷомеа муайян мешавад. Ин мавзӯъ ҳамчун масъалаи беохири илмӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, идеологӣ, фарҳангӣ буд, ҳаст ва мемонад.**

Таълифоти Гегел барои хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ аҳамияти бағоят муфид дорад. Бе шинохти хеш, шинохти миллӣ имкон надорад. Инро олими немис ҳамчун ҷузъ дар системаи ягонаи рӯҳ бо мисолҳои дақиқ, бо истифода аз методҳои системавӣ, системавӣ-сохторӣ, сохторӣ-функсионалӣ,

муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, сарчашмаҳо ва фактҳои таърихӣ собит кардааст.

Гегел, бо вуҷуди он, ки аз бузургтарин файласуфони олам ва асосгузорони назарияҳои илмие аст, ки тафаккури инқилобиро дар илмҳои ҷамъиятшиносӣ сифати бунёдӣ бахшидааст, бо он машҳури олам гаштааст, аз мансубияти худ ба миллати немис ифтихор дорад. Дастовардҳои ин миллатро дар алоқамандӣ бо рӯҳи меҳнатдӯстӣ, меҳанпарастӣ, хирадсолорӣ, маърифатнокӣ, донишомӯзӣ, навоварӣ, тавони мустақилона паси сар кардани мушкилиҳо мебинад ва дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пешсаф буданро тавассути ба намоиш гузоштани рӯҳи миллӣ тадқиқ, тасдиқ ва хулосабарорӣ кардааст.

**Омӯзиш ва таҳқиқи асарҳои олимони Ғарб, аз ҷумла «Фалсафаи рӯҳ»-и Гегел, аз он шаҳодат медиҳад, ки роҳи асосии пешрафти миллат ва таъмини истиқлолият, суботи давлати миллӣ, дарёфт кардани роҳ, усул ва методҳои дар мағзи наслҳо коридани ҳисси хештаншиносӣ, худшиносӣ ва ҷаҳонбинии миллӣ аст. Ва дигар шаклҳои шуури ҷамъиятӣ, илм ва эътиқодоти динӣ ҳам, дар системаи ягонаи таъмини манфиатҳои миллӣ, ҳамчун ҷузъиёти фаъоли мусоидаткунандаи ҳамин навъи шуур ба хотири дар амн қарор додан ва рушди ҷомеа хизмат мекунанд.**

Мустақилияти ҷаҳонбинӣ – ҷузъиёти ҳаётан муҳимми истиқлолияти сиёсии миллатҳо дар асоси арзишҳои эътирофгардида ва пешрафтаи умумиҷаҳонӣ мебошад.

Агар рисоларо бо хулосаи Г. В. Ф. Гегел нисбат ба мавзӯи мавриди баҳс ҷамъбаст намоем, ӯ мегӯяд: **«Ягона чизе, ки ман, умуман, дар тадқиқоти фалсафиям кӯшиш кардам ва кӯшиш мекунам – ин ба тарзи илмӣ дарк кардан, фаҳмидани ҳақиқат мебошад»** (Г. В. Ф. Гегель. Энциклопедия философских наук. Т. 1. Наука логики. – М.: Мысль, 1975. – С. 57).

## МАОРИФПАРВАРӢ ВА ХУРОФАЗУДОӢ

**Хоҷамуродов ОЛИМҶОН**
*д.и.ф., профессор*

# БАҲСИ ТАҒЙИРИ ХАТ ДАР СОЛҲОИ 60-УМИ ҚАРНИ XX ДАР ЭРОН

Баҳси тағйири хат дар Эрон таърихи беш аз 150 - сола дошта, дар робита ба вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодии кишвар гоҳе хомӯш ва гоҳе дубора авҷ мегирифтааст. Аз солҳои бист то охири солҳои 60-уму ибтидои солҳои 70-уми қарни XX масъалаи мазкур мавриди ҷарру баҳси аҳли илму фарҳанги Эрон қарор гирифтааст.

Ин масъала, махсусан, баъд аз сафари расмии Ризошоҳ ба Туркия (соли 1934) ва дастури ӯ дар бораи иқдомоти табдили алифбо дубора мавриди омӯзишу таҳқиқу баҳси доманадоре дар маҳофили илмӣ, адабӣ ва васоили ахбори оммаи Эрон қарор гирифт.

Ба-дин робита, бинобар иттилои Яҳё Оринпур дар анҷоми ин амр аз ҷониби ҳукумат вазири маорифи вақт Алӣ Асғар Ҳикмат маъмур муқаррар гардид ва Фарҳангистони навтаъсиси Эрон низ дар моддаи дуввуми Асосномаи хеш "Мутолиа дар ислоҳи хатро ҷузви вазоифи худ қарор дод" [4,33].

Тақрибан ҳар даҳсола то нимаи дуввуми солҳои 70 қарни бист, яъне то Инқилоби Исломӣ ин баҳс дар ҷомеаи мадании Эрон идома доштааст.

Соли 1960 бо раёсати донишманди шаҳир Саид Нафисӣ аз ҷамъе донишмандону аҳли адаб дар Теҳрон анҷумане ба номи "Анҷумани ислоҳи хат" бо дастгирии ҳукумат таъсис дода шуд. Ин анҷуман алифбое пешниҳод кард ва дар нашрияҳои даврӣ ва радиои кишвар дар бораи нуқси алифбои кунунии форсӣ ва зарурати тағйири он тавзеҳоте ироа дошт.

Анҷумани мазбур ислоҳи хатро яке аз муҳимтарин ислоҳоти иҷтимоии ҷомеаи Эрон меҳисобид. Аммо муътақид бар он буд, ки чунин иқдоми муҳимму ҷовидонӣ бояд бо машварати оммаи васеъ, бидуни зӯриву таҳмил амалӣ гардад. "Зеро вокуниши мардум шадидтар мешавад ва натиҷаи матлуб ба даст намеояд" [4,48]. Аз ин рӯ, бо мантиқи қавию далелҳои раднопазир бояд мардумро ба ин ислоҳ омода кард, то батадриҷ ҳавохоҳони он афзуда, мардум пуштибони он гардад. Бад-ин робита баҳсу ҷидол дар бораи тағйир ё ислоҳи хат дар воситаҳои ахбори омма идома пайдо кард. Тибқи таъйиди Яҳё Оринпур, дар соли 1343 ҳ.ш. (солҳои 1964-65) анҷумане ба номи «Анҷумани тарвиҷи забони форсӣ" дар Теҳрон доир шуд ва маҷаллаеро ба номи "Бунёди фарҳанг" интишор дода, алифбое ба номи "Алифбои форсӣ ба хатти ҷаҳонӣ" пешниҳод кард ва аз хонандагон хост, ки ҳар гуна назаре дар бораи ин алифбо доранд, ба Анҷуман бинвисанд"[ҳамон ҷо]

Тарафдорону мухолифони ин ислоҳ баҳси доманадореро ба роҳ андохтанд. Аз ҷумла, нависандаи маъруф Ҷалол Оли Аҳмад низ ибрози назар намуд.

Ба андешаи Ҷалол Оли Аҳмад, давлати вақт барои мунсариф кардани афкори омма аз масоили мубрами иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар, масъалаи тағйири хатро матраҳ кардааст. Гӯё "...ҳоло дигар бар ҳама возеҳу мубраҳан аст, ки то даҳсолаи дигар ин мамлакат биҳишти барин хоҳад шуд ва танҳо монеъ бар сари роҳи ин биҳишти барин мушкилоти хатти форсист, ки иддао шудааст, агар набуд, мардум савод доштанду... ночор ҳама хушбахт буданд" (1,42).

Ин нақли қавл аз мақолаи калонҳаҷми Ҷалол Оли Аҳмад аст, ки зери унвони "Чанд нукта дар бораи хату забони форсӣ" дар моҳи фарвардини 1339 ҳ.ш. (март-апрели 1961) таълиф шуда, дар маҷмӯаи "Се мақолаи дигар"-и нависанда ба чоп расидааст.

Бояд ёдовар шуд, ки аслан тарҳи асосии ин мақола гузориши Ҷалол Оли Аҳмад ба Вазорати фарҳанги (Маорифи вақт) Эрон перомуни вазъи таълими забон ва адабиёти форсӣ дар мактабҳои он кишвар будааст. Аз ин рӯ, ба ҳайси пешдаромад андешаҳои хешро дар атрофи тағйири хат иброз доштааст, ки арзёбии он дар ин ҷо аз фоида холӣ нест.

Агарчи Ҷалол Оли Аҳмад андешаҳои хешро, тибқи сабки нигориши хеш танзомезу хашин иброз доштааст, аммо дар асл, ба ин ақида аст, ки дар шароити кунунӣ дар ҷомеаи Эрон масъалаи муҳиму ҷиддӣ на тағйири хат, балки вазъи асафбори таълиму тарбия ва забон аст. Зеро бо тағйири хат, - таъкид медорад ӯ, -як дафъа ба тараққӣ намерасем. Сӣ сол пеш Туркия ба алифбои лотинӣ гузашт, аммо тибқи омори ЮНЕСКО кишвар танҳо 40% босавод дорад. Аз ин рӯ, нависанда зимни таъкиди мавҷудияти мушкилоти алифбои кунунии форсӣ, иброз медорад, ки "кадом хатро дар олам суроғ доред, ки холӣ аз ин мушкилот ё навъи дигаре аз он бошад?" (1,42).

Дар идомаи мақолааш Ҷалол Оли Аҳмад зимни ёдоварии соири мушкилот, сабабҳои тағйири хат ва заминаи ҷарру баҳс дар атрофи онро чанд нуктаи зер меҳисобад:

**Нуктаи аввал**, аз назари нависанда он аст, ки дар тӯли таърих мо эронитаборон ҳеҷ гоҳ маълумоти худамонро ба хате, ки ихтирои худамон бошад, нанавиштаем. "Ҳамеша хатро аз дигарон гирифтаем ё иқтибос кардаем. Ва шояд ҳам, -тазкор медиҳад, -ба иллати гурез аз марказ барои ин навъ иқтибосҳо назарамон ҳамеша ба Ғарб будааст, на ба Шарқи модар" (1,43). Манзури Ҷалол Оли Аҳмад аз ин таъкид ин аст, ки дар даврони Ҳахоманишиҳо хатти мехиро аз бобулиҳову ошуриҳо гирифтанд ва котибон, аксаран байнаннаҳрайниён, яъне сомиҳо буданд. Дар замони истилои Искандар хату забони юнониро иқтибос кардем. Манзури Оли Аҳмад аз он ки "назарамон ҳамеша ба Ғарб будааст, на ба Шарқи модар" на ба ҳамнажодони ориёии Ҳинд, балки ба Ғарб, яъне Байнаннаҳрайну Юнон будааст. Сипас ёдрас мешавад, ки дар даврони ҳукумати Ашкониёну Сосониҳо ба паҳлавӣ навиштем, ки хате буд маъхуз аз финиқиву оромӣ. Хатти "Авесто" ҳам, ки мавриди истеъмоли инҳисорӣ дошт, такомулёфта ва танқиҳ (ислоҳ – О.Х.) -шудаи ҳамин хат буд. Баъд ҳам, ки ислом омад, хатти арабии аз кӯфиву ҳамирӣ гирифтаро худи мо ислоҳ кардем ва дар тӯли торихи исломӣ аз он сулсу насху таълиқу настаъликро дуруст кардем" (1,44). Дар поёни ин нукта ба хулосае меояд, ки дар асл, ихтилофе миёни ин ду хат нест, зеро ҳам хатти лотинӣ ва ҳам арабӣ решаи финиқӣ доранд ва ҳеҷ миллате дар ихтирои хат пешқадам нест. Хатро

“бозориёни милали мухталиф... барои сабту забти бедеҳбистонҳои худ” (1,44) эҷод кардаанд.

**Нуктаи дувуми** Ҷалол Оли Аҳмад дар робита бо хат он аст, ки пеш аз ихтирои дастгоҳи чоп хондану навиштан дар саросари олам тафаннунӣ ва дар ихтиёри табақае ё гурӯҳе хосе аз одамон буд, яъне рӯҳониён ва ҳокимон. Зеро мардуми одӣ аслан, ба омӯзишу таҳсил роҳ надоштанд.

Аз ин рӯ, дар мавриди пайдоиши хат ва истифодаи он дар Эрони бостон чунин менигорад: “....дар ин мамлакат ё беҳтар аст, гуфта шавад, дар саросари Шарқ мо ин риҷҳон (имтиёз)-и ҳуккому рӯҳониёнро ҳамеша пеш аз дигарон пиндоштаем... То Ҳахоманишҳо буданд музд медоданду насабномаҳо ва алвоҳи ҷангии худро бар пешонии кӯҳе дур аз дастраси авом мекананд, то бирасонанд, ки китобат амрест осмонӣ ва агар дар лавҳе аз забарҷад дар Тури Сино бар Мӯсо нозил нашуда, даст кам дар пешонии Бесутун ҳак(к) шудааст” (1,44-45).

Дар даврони сулолаи Ашкониёну Сосониён низ, ба андешаи Оли Аҳмад, хату савод дар инҳисори мубадону ҳирбадон буда, китоби муқаддаси “Авасто”, ки дар даҳҳо ҳазор пӯсти гов сабт гардида буд, танҳо чаҳор нусха дар чаҳор оташкадаи расмӣ нигаҳдорӣ мешуд ва аз дастрасии авом ба дур буд. Ҳол он ки, ба андешаи ӯ, пеш аз он ки Искандар ба Эронзамин ҳамла кунад, дар Юнон китобу мактабу мадраса буд ва “шогирдони Сукрот ҳар як китобҳо доштанду дафтару дастгоҳ ва мадрасаҳо. Мо шояд дар замони зуҳури Монӣ ҳам ба заҳмат қоғазро мешинохтем” (1,45).

Дар ин баҳс хулосаи Ҷалол Оли Аҳмад он аст, ки Ҳахоманишиҳо бо қабули хати мехӣ “ин воқеияти иҷтимоиро баён карданд, ки элнишинони тоза аз роҳ расидаанд ва бехабар аз адаби шаҳрнишинӣ ва ҳанӯз маҷбур ба яйлоқу қишлоқанд, ки ночор пойтахте дар Шуш дошта бошанд ва пойтахти дигаре дар Порс” (1,47).

Қабули хати мехии бобулӣ, -таъкид медорад Оли Аҳмад, -маънои қабули тамаддун ва шаҳрнишин шудани қавмҳои эронист, ки он як таҳаввули иҷтимоӣ маҳсуб мешуд.

Аммо Ашкониҳову Сосониҳо ба ҷои хати мехӣ хати дигареро интихоб карданд. Зеро, ба андешаи Оли Аҳмад, шаҳрнишин шуда буданду дорои дини воҳид ва забони расмӣ ва

акнун ниёзе ба Ошуру Бобул надоранд. Оташгоҳҳо бино мекунанду бо меъмориҳои тоза шаҳрҳо месозанду “Тоқи зарбиро бе ҳеҷ сутуне то панҷоҳ метр иртифоъ боло” мебаранд (1,43). Сафирҳо ба Ҳинд мефиристанду донишмандони “фирории аз таассуби Юнон ба масеҳият гаравидаро” дар кишварашон паноҳ дода, Дорултарҷумае бунёд мекунанд, то онҳо осори Ҳинду Юнонро тарҷума кунанд. Мадрасаву бемористонҳо месозанду корезҳо мекананд ва “афроди мураффаъулҳолашон дар авқоти фароғат китоб” мехонанду “нарду шатранҷу чавгон” мебозанд. Хулоса, “тамаддуне, ки қодир буд чаҳорсад соли тамом аз ду сӯ дар қиболи ҳамлаи ақвоми дигар биистад” (1,48), ба вуҷуд меояд.

Аз нигоҳи Ҷалол Оли Аҳмад, тағйири хат дар давраи ислом низ заминаи иҷтимоӣ-сиёсӣ доштааст. Дар ин давра, аз назари Оли Аҳмад, мардуми Эронзамин, пойбанди муқаррароти каставӣ, “гирифтору маҷбур ба таҳаммули табақабандии давраҳои моқабли таърих ва хаста аз ҳамаи ҷангҳое бо Рум ва ба ҷон омада аз молиётҳои давлативу муқаррароти хушки мазҳаби Зардушт” мунтазири муъҷизае аз омадани Ислом буданд. Аз назари Оли Аҳмад, бо пирӯзии ислом ва фурӯпошии империяи Сосониҳо эрониён озод шуданд. “Озод аз молиёт, озод аз қайди каста. Озод барои қабули ҳар мазҳабе ва озод барои таҳсили илм” (1,49) . Ба ин робита бояд хотиршинон сохт, ки мардум, албатта, дар ибтидои истилои араб дар қабули мазҳаб озод буданд, аммо агар исломро қабул накунанд, ҳатман бояд молиёт (ҷизя) бипардозанд. Ва саросар мусалмоншавии мардуми одӣ низ решааш озод шудан аз пардохти ҷизя будааст. Бо қабули Ислом ва тасаллути хилофат дар Эронзамин зиндагии иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии мардум низ билкул тағйир мекунад.

Аз ин рӯ, Ҷалол Оли Аҳмад ба натиҷагирии солим омадааст, ки **“тағйири хат ҳамеша (самбул) киноји тағйири шароити иҷтимоӣ будааст. Дар ҳама ҷои олам хат вақте тағйир кардааст, ки асоси зиндагии миллате дучори тағйиру таҳаввуле шудааст”** (1,46-47). Бад-ин малҳуз Ҷалол Оли Аҳмад ба тарафдорони тағйири хат муроҷиат карда мегӯяд: “... ин тағйири хат нишонаи чӣ тағйирест...?... Оё мазҳаби тозае омадааст, ки мо аз он бехабарем? Ё асоси зиндагии иқтисодии мардум иваз шудааст? Ё фақр решакан шуда? Ё бекориву велгардӣ аз миён рафта?... Охир ин тағйири хатро ба унвони кадом хабари хуш ва талиъаи

кадом қадами муборак ва пешқаравули кадом давраи тиллоӣ бипазирем?” (1,50).

Дар идомаи ин хитобаҳо Ҷалол Оли Аҳмад мулоҳиза меронад, ки ба фарзе ки ҷавонони имрӯз иддао кунанд, таҳаввули санъатии сарчашмагирифта аз Ғарб беаҳамият аз таҳаввулоти иҷтимоӣ-иктисодии собиқа нест, аз ин рӯ, тағйири хат ногузир аст. Дар ҷавоб ба ин суоли матраҳшуда, нависанда чунин андешаронӣ мекунад:

“Агар ин таҳаввули санъатӣ аз сурати тафаннуну тақлид ва надонамкорӣ бадар омаду тавонист дар умқи иҷтимои имрӯзии мо асаре бигзорад ва дасткам робитаи молику раиятро иваз кунад, тоза барои мо қазияи таҷрубаи Жопун пеш хоҳад омад, ки садупанҷоҳ сол пеш ба чунин марҳилае аз таҳаввули санъатӣ расид, вале ҳеҷ ниёзе ба ин надошт, ки хати каҷравтар аз тарсои худро иваз кунад” (1,50).

Ва ҳоло он ки, -таъкид медорад Оли Аҳмад, -саноати мо “ҳанӯз дар банди симонсозӣ” қарор дорад, аз ин рӯ, ба қавли маъруф, “мо ҳанӯз дар хами як кӯчаем”. Ва ба ҳар сурат, хаёлатон роҳат бошад. Беҳуда ғами хатро нахӯред. Агар ғаме бояд хӯрд, ғами забони форсист, ки ҳатто дар мадорис ба чунон вазъи ноҳинҷоре дучор шудааст” (1,51).

Тавре ки мулоҳиза шуд, ақидаи Ҷалол Оли Аҳмад дар мавриди тағйири хат дар ҷомеаи Эрони солҳои 60-уми қарни гузашта, дар пояи ҷаҳонбинии иҷтимоӣ қарор дошта, то ҳадде маншаъ аз назарияи ғарбзадагии ӯст.

Нависанда бо ишора ба таърихчаи таҳаввули хат дар Эронзамин собит сохтааст, ки ҳар дафъа, ки ҷомеаи Эрон дучори таҳаввули бунёдии иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ шудааст, хаташ тағйир ёфтааст. Ва дар поёни баҳсаш ишора бар он мекунад, ки дар Эрони имрӯза муносибати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ баъд аз истиқрори Ислом ва низоми қурунивустоӣ тағйир наёфтааст ва аз ин рӯ, ниёзе ба тағйири хат нест. Агар хат ҳам иваз шавад, ҳеҷ дардеро даво намекунад, зеро вазъи мактабу маорифи кишвар хело дар ҳолати риққатбор қарор дорад. Бояд, пеш аз ҳама, вазъи иқтисоди кишвар ва маорифи онро тағйир дод ва сипас дар бораи тағйири алифбо иқдом кард.

Баҳси тағйири хат, асосан аз соли 1965 дар ду маҷаллаи Теҳрон – “Рӯшанфикр” ва “Сапеду сиёҳ” оғоз шуд ва маҷаллаҳои дигари пойтахт онро идома доданд. Дар сафаҳоти он ашхоси мувофиқу мухолифи тағйири хат ибрози назар мекарданд. Яке аз тарафдорони сарсахти тағйири хати форсӣ сардабири маҷаллаи “Рӯшанфикр” доктор Раҳмат Мустафавӣ буд, ки дар мақолоташ бо мантиқи қавӣ ва далоили рӯшан аз тағийри хати кунунии форсӣ ба алифбои лотинӣ дифоъ мекард. Номбурда зимни баҳси доманадору муфиди хеш ба хубӣ маоибу маҳосини хати форсии арабиасосро тавзеҳ додааст. Ӯ таъкид медорад, ки хати имрӯзаи мо, агар онро хаттоте бинависад, аз хат болотар, балки як наққошӣ аст, ҳунар асту яке аз зебоиҳои кишвар маҳсуб мешавад.

“Мисли достонҳои “Ҳазору як шаб”, мисли бозори Эрон, мисли занҳои чодар чоқчурии (чодарнамозу шалвори махсус – О.Х.) чиҳил сол пеши Эрон ва мисли ҳарамсарову дузди Бағдод барои фарангиҳо ҷолиб аст. Аммо ҳамин нақшу нигори зебо, вақте дар китобу рӯзномаву маҷалла навишта мешавад ва вақте мардум ба ҳам қоғаз менависанд, дигар ба ҳеҷ ваҷҳ ба он зебоӣ нест. Монанди тору пуди ваҳшатзои домест, ки бисту ду милиюн одамизод [аҳолии онвақтаи Эрон-О.Х.] дар он дасту по мезананд. Ва, ҳатто дуктурҳои адабиёташону устодҳои донишгоҳҳояшон то калимаеро қаблан нашиносанд, аз хондани он оҷизанд” [4,48-49].

Доктор Раҳмат Мустафавӣ алифбои арабиасоси форсиро “мурдор” номида, таъкид медорад, ки ин хат мисли бахтак (кобус-О.Х.) рӯи забони мо, рӯи рӯҳу фикри навомӯзони мо ва рӯи рӯҳу фикри ҳамаи касоне, ки ҳирфаашон нависандагӣ ё адабиёт нест ва хатро барои эҳтиёҷоти рӯзонаву шуғлиашон мехоҳанд, афтодааст” [ҳамон ҷо].

Ҷои дигар мавсуф дар мавриди ҳарфҳои хоси забони арабӣ таваққуф намуда, чунин ибрози таассуф мекунад: “Агар араб забонашро ба таври махсусе дар даҳонаш мечархонаду садое монанди ... (сод) ё ...(зод) дар меоварад ва мо наметавонем ин садоро дар биёварем, набояд лаҷ кунем (якравӣ кунем- О.Х.) ва ҳарферо, ки аломати он садост, дар расмулхати худамон нигоҳ дорем. Ба девонагӣ монад ин доварӣ!” [4,49].

Доктор Раҳмат Мустафавӣ дар поёни мақолааш доир ба бартарии алифбои лотинӣ барои мардуми одии босавод чунин мисоле мезанад:

“Дар Туркия тирожи рӯзномаҳои дараҷаи аввал аз 200 ҳазор бештар аст. Дар Эрон тирожи бузургтарин рӯзномаҳо ба як саввуми ин теъдод намерасад. Чаро? Барои ин ки як турки босаводи хело одӣ, дар ҳудуди шаши ибтидоӣ (маълумоти синфи шаш дошта – О.Х.), ки рӯзномаи туркӣ ба даст мегирад, тардид надорад, ки рӯзномаро метавонад бихонад. Асомии ноошноро, аъам аз (новобаста аз – О.Х.) дохилӣ ва хориҷӣ метавонад дуруст талаффуз кунад ва метавонад онро бо садои баланд барои дигарон бихонад. Чанд дар сад босаводҳои эронӣ метавонанд рӯзномаро бо садои баланд бихонанд ва даҳ бору бист бор бар сари талаффузи калимае аъам аз эрониву бегона гир накунанд?” [4,50].

Чунонки мулоҳиза шуд, доктор Мустафавӣ бар хилофи Ҷалол Оли Аҳмад ба ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии тағйири хат коре надорад ва танҳо ҳадафаш суҳулати саводнокии мардум аст.

Дар даймоҳи соли 1344 ҳ.ш. (январи 1966) интишороти маҷаллаи “Яғмо” рисолаи мухтасари (китобчаи) устоди Донишгоҳи Теҳрон Муҷтабо Минавиро зери унвони “Ислоҳ ё тағйири хати форсӣ” аз чоп баровард, ки як навъ ҷамъбасти баҳси моҷарои тағйири хат дар он солҳо ба шумор меравад. Зеро бар хилофи навиштаи доктор Шаҳобӣ, ки қаблан баррасӣ шуд, устод Минавӣ андешаи тарафдорони тағйири хатро ҳеҷ гоҳ “андешаи нораво” ва дар он “ба ҳеҷ ваҷҳ маслиҳату ҳақиқате вуҷуд надорад” нагуфтааст ва бидуни ҳеҷ иддаои бетарафӣ андешаҳои тарафдорон ва мухолифинро муҳаққиқона дар доираи одоби илмӣ арзёбӣ намудааст.

Муаллиф дар муқаддимаи китобчаи хеш чунин менигорад: “Сад солест, ки дар боби тағйир ё ислоҳи хати форсӣ китобҳову рисолаҳо ва мақолаҳо навиштаанд ва ман метавонам даъво кунам, ки ағлаби онҳоро хондаам ва аз мазмуни мобақӣ ҳам беиттилоъ нестам. Дар натиҷаи чиҳил соли таҷрубаву касби иттилоъ бар ман возеҳ шудааст, ки мухолифин ё мувофиқин бо тағйири хати форсӣ мутааллиқ ба синфу табақаву навъи хосе нестанд, яъне ҳам ҷавони муътақид ба тағйири хат дидаам ва ҳам

пир, ҳам босаводи мухолиф бо тағйири хат дидаам ва ҳам бесавод” (2,1).

Барои исботи ин даъво муаллиф ишора ба он мекунад, ки ҳазору сад сол пеш аз ин Аҳмад ибни Тайиби Сарахсӣ хате ихтироъ карда буд, ки аз чиҳил ҳарф иборат буда бо он метавонист тамоми калимаҳои арабӣ, форсӣ, суриёнӣ, румӣ ва юнониро бинависад, ки дуруст хонда шавад. Ва дусад сол баъд аз он Абӯрайҳони Берунӣ низ дар осори хеш чандин бор аз бадии хати арабӣ шикоят кардааст.

Сипас устод Минавӣ менигорад: “Ҳаштоду ҳашт сол (1878м-О.Х.) пеш аз ин шайхулисломи Қавқоз аз уламои Машҳад дар боби тағйири хати муслимин истифто (талаби фатво-О.Х.) кард ва сурати ин суолу ҷавобро дар рӯзномаи “Ахтар”-и форсӣ, ки дар Истамбул мунташир мешуд, чоп кард. Ва дар он дида мешавад, ки уламо фатвои сареҳ ба тағйири хат додаанд” (2,2).

Аз ин рӯ, -таъкид медорад муаллиф, “ман наметавонам ҳеҷ як аз ин завоти муҳтарамро “ҷавону бетаҷрибаву каҷсалиқаву бесавод” бихонам” (ҳамон ҷо).

Муаллиф эътироф мекунад, ки мушкилоти хати форсӣ мавриди тасдиқи ҳама аст ва аз ин рӯ, “лузуми рафъи ин ишколот, ки мубтало ба умум аст, амрест, ки ҳама дар боби он ҳаққи изҳори ақида доранд” (2,3).

Устод Минавӣ дар таҷзияву таҳлили моҷарои тағйири хат ҳатталимкон талош варзидааст, то роҳе байнобайн пайдо шавад ва “мақсуди ҳар ду тараф ҳосил шавад” (ҳамон ҷо).

Муаллиф иброз медорад, тарафдорони тағйири хат ҳадафи аслиашон он аст, ки бояд ҳамаи мардум ҳарчи зудтар “хондану навиштан омӯхта, равонаи корҳои амалӣ ё илмӣ шаванд” (2,3).

Сипас таъкид мекунад, ки агар хондану навиштан барои корҳои амалӣ ё барои машғулияти илмӣ бошад, пас ашхосе ҳастанд, ки мегӯянд: ҳунарманду косиб ва деҳқон фақат бо даст кор мекунанд ва кори онҳо асосан ба гуфтану нишон додан асту эҳтиёҷи чандоне ба хондану навиштан надоранд. Аз ин рӯ, “чун дар тӯли муддати зиндагӣ дар шуғлу корашон ҳоҷате ба навиштану хондан надоранд, кам-кам онро фаромӯш мекунанд ва боз бесавод мешаванд... ва навиштану хондан фақат аз барои касоне лозим аст, ки бихоҳанд дохили риштаҳои илмӣ бишаванд..” (2,4).

Ба ҷавоби ин ашхос устод Минавӣ низоми таҳсили Англияро мисол меорад ва ёдрас мешавад, ки дар он кишвар даҳ-ёздаҳ сол таълими мактаб барои ҳама аз синни панҷсолагӣ ҳатмист, яъне барои касе мехоҳад намояндаи парламент шавад ё ронанда. Баъд аз хатми мактаби миёна, “касоне, ки бихоҳанд дунболи риштаҳои хосе бираванд... дар мадориси мутавассита ва олӣ дарс мехонанд” (ҳамон ҷо).

Дар идомаи баҳс муаллиф бо андуҳ тазаккур медиҳад, ки барномаҳои мактабҳои Эрон тавре ба роҳ монда шудааст, ки аз онҳо на деҳқони хуб берун меояд, на ҳунарманди хуб...”. Аз ин ҷост, ки воҷибтар аз тағйири хат, -тазаккур медиҳад муаллиф, барои ҷомеаи имрӯзи Эрон ислоҳи низоми маорифи кишвар аст.

Сипас муҳаққиқ ёдрас мешавад, як масъалаи дигаре барои тарафдорони тағйири хатти форсӣ “амри мусалламу қатъӣ” маҳсуб мешавад, ин аст, ки кӯдакон дар Эрон аз синни шашсолагӣ “дохили дабистон мешаванд ва ақалан муддати се сол вақти эшон масруфи омӯхтани хати бисёр мушкили феълӣ мешавад ва тоза пас аз ин муддат қодир ба хондану навиштан нестанд, дар сурате ки ба хати лотин ин кор баъд аз панҷ-шаш моҳ омӯзиш амалӣ мешавад” (2,5).

Муаллиф ба ҳар як эроди тарафдорони тағйири хат ҷавоби мудаллал медиҳад. Посухи аввали Минавӣ ин аст, ки дар Эрон то ба имрӯз атфоле, ки ба мактаб намераванду аз таълиму тарбият дуранд, бамаротиб аз кӯдаконе, ки ба мактаб меравандু дарс мехонанд, бештар аст. Аз ин рӯ, -таъкид медорад, -мо “нотавонистаем маълум кунем, ки аз барои бачаҳои мо оё ёд гирифтани хати феълии форсӣ осонтар аст ё омӯхтани хати лотин” (ҳамон ҷо).

Сониян, -мегӯяд ӯ, -агар се сол вақти бачаҳо танҳо ба омӯхтани хат сарф шавад ва қодир ба хондану навиштан нестанд, пас сабабаш танҳо мушкил будани хат нест. Ва ин мушкилро бояд дар методи таълим ва истеъдоду ҳуши шогирдон бояд ҷустуҷӯ кард. Аз ҷумла, “бадии тарзи тадрис, беҳушии шогирд ва дунболи кор нарафтани ӯ” (ҳамон ҷо).

Дар идомаи ин баҳс меафзояд: “Аз ин гузашта, ҳам атфоли эронӣ дидаам ва мешиносам, ки дар синни панҷсолагӣ дар арзи се моҳ ҳамин хати мушкили форсиро ёд гирифтаанд ва ҳам мардони ғайри эрониро мешиносам, ки илова бар ёд гирифтани

хати форсӣ, ҳатто забони форсиро ҳам пас аз панҷ-шаш моҳ дарс хондан он қадар ёд гирифта буданд, ки метавонистанд як номаи панҷ-шаш сатрии мафҳум ба забони форсӣ ва ба хати форсӣ бинависанд” (2,6). Пас муаллиф ба хулосае меояд, ки бо тағйири хат ҳама босавод намешавад.

Мисол меорад, ки душвортарин хати лотиниасос хати англисист, аммо англисҳо қариб ҳама босаводанд. Аммо португалиҳову испаниягиҳо, ки хати лотиниашон бамаротиб аз хати лотинии англисҳо осонтар аст, чаро сад дар сад босавод нашудаанд? Аз ин рӯ, таъкид медорад, ки “дунболи осонии хат рафтан ва хати осон дуруст кардан кофӣ нест” (2,7). Бояд муҳити иҷтимоиро ислоҳ кард, то ба аҳли савод дар ҷомеа арзиш қоил шаванд.

Тоҷире, ки бидуни хату савод соҳиби сарвати ҳангуфт шудааст ва “арзише ба хату савод қоил нест ва марде, ки мебинад босаводҳо дучори накбат шудаанду бо ҳазор мазаллат зиндагӣ мекунанд, мегӯяд: беҳтар ин аст, ки атфоламро аслан ба мадраса нафиристам” (ҳамон ҷо) ва беҳтар аст, касбе ёд диҳам, то нони худашро ёфта тавонад.

Қиссаи насиҳати лӯлӣ ба бачаашро аз ҳаҷвиёти Убайди Зоконӣ хотирнишон сохта, тазкор медиҳад, ки ба сабаби ҳамеша дар тангдастӣ умр ба сар бурдани аҳли савод, мардуми Эрон одат карда..., ки нисбат ба илму таҳсили савод ва натиҷаи он сӯъизан(н) дошта бошанду беалоқа бошанд” (2,8). Аз ин ҷост, ки ин авзоъ ва ин аҳвол ислоҳ мехоҳад ва дар хулосаи ин боб дуруст мегӯяд, ки “...агар инҳоро дуруст кардед, ислоҳи хат ҳам худ ба худ хоҳад омад, дар мавқеи лузум ба наҳве хоҳад омад, ки зиёне аз барои миллати Эрон надошта бошад. Агар ба он тартиб омад, касе бо он мухолиф нахоҳад буд, вале имрӯз вақти ин кор нест ва мо истеъдоду иститоати чунин иқдомеро надорем” (ҳамон ҷо).

Устод Минавӣ дар боби дигари рисолааш зери унвони “Оё ислоҳ ё тағйири хати форсӣ салоҳ асту лозим аст” барои нишон додани он ки мушкили хат иллати асосии пешравии ҷомеа буда наметавонад, дар бораи мушкилии хати англисҳо ва имлои мураккаби он маълумоти муфассал дода, андешаҳо ва тадбирҳоеро, ки тарафдорони ислоҳи хати англисӣ ироа медоранд, ёдрасӣ кардааст. Ва дар интиҳо чунин хулосабарорӣ мекунад: “хеле аз инглисҳо ба фикри ислоҳи хат ҳастанд ва дар

он роҳ кор ҳам мекунанд, аммо дар миёни эшон девонабозиву диктатурбозӣ пешрафт надорад. Касоне ҳам, ки муътақид ба ислоҳи хат ҳастанд... доим ақидаи худро изҳор мекунанд, то рӯзе, ки иддаи муътақидин ба ин амр он қадар зиёд бишавад, ки битавонанд каффаи тарозуро ба тарафи худ бигардонанд" (2,10).

Сипас муаллиф, иброз медорад, ки англисҳо дар баробари манфиати тағйиру ислоҳи хаташон зарари онро низ дар назар доранд. Пеш аз ҳама, дар бораи он мероси хаттие, ки аз гузашта доранд, бояд чӣ кор кунанд, мулоҳиза мекунанд. Ҳамаи онро ба хати нав баргардонанд ё ҳамон тавр боқӣ гузоранд? Агар баргардонанд, барои чопи он маблағи кофӣ давлаташон дорад? Агар китобҳои қадим дубора чоп нашавад, пас робитаи миллат бо гузаштааш қатъ мешавад. Бад-ин робита муҳаққиқ авзои Эрони замони худашро вобаста ба моҷарои тағйири хат муқоиса намуда, менигорад: "кори мо сад дараҷа бадтар аз кори инглисиҳову амрикоиҳост" (2,11).

Дар зимн, устод Минавӣ ишора ба он мекунад, ки дар даврони Хусрави Анӯширвон миллати Эрон китобҳои зиёд дошт, ки онҳо дар риштаҳои гуногун таълиф ва аз забонҳои юнониву суриониву ҳиндӣ осори фалсафиву динӣ, риёзиву ҳикмат ва амсоли он тарҷума шуда буданд. Пас суол мегузорад: "Чӣ шуд, ки ҳамаи онҳо аз миён рафт ва куллияи кутуби порсиву паҳлавӣ ва авестоие, ки барои мо боқӣ мондааст, аз садто мутаҷовиз нест ва аз онҳо ҳам фақат се ё чаҳортоаш аз давраи мо қабли ислом аст". Ва иллати асосиро дар тағйири хат медонад: "хати арабӣ, ки ҷонишини хати паҳлавӣ шуд, батадриҷ он кутуби қадим матрук гардид ва касе аз онҳо нусха барнадошт, ин буд, ки аз байн рафт" (2,12).

Муаллифи рисола ба нуктаи дигаре низ ишора мекунад, ки робитаи хат бо забон аст. Дуруст қайд мекунад, ки бо қабули алифбои арабӣ сели вожаҳои арабӣ вориди забони форсӣ шуд. Агар алифбои лотинро қабул намоем, вожаҳои урупоии лозиму нолозим вориди забонамон мегарданд. Дар ин бора чунин мулоҳиза меронад: "Ҳамон тавре ки ба воситаи иқтибоси хати арабӣ дари забони худро ба рӯи калимоти арабӣ боз кардем, ба воситаи иқтибоси хати лотинӣ ҳам дарро ба сӯи луғоти русиву фаронсавӣ ва олмониву инглисӣ боз мекунем" (2,12).

Барои бурҳони гуфтаҳои хеш муҳаққиқ ду мисоли равшан меорад. Дар ибтидо аз давлати Япония ёд мекунад, ки бо вуҷуди доштани хати мураккаб аз чанд ҳазор аломату нишона, тасвириву ҳиҷоӣ... беш аз як сад сол аст, ки дар роҳи тараққӣ сайр мекунад ва давлати Жопун бо давлатҳои бузурги дунё баробарӣ ва ҳамсарӣ мекунад ва иддаи мардуми бесавод дар он мамлакат бисёр кам аст" (2,14).

Аммо ҳамсояи Эрон, Туркия, -таъкид медорад муаллиф, - соли 1928 хати худро аз ҳуруфи арабӣ ба ҳуруфи лотинӣ иваз кард ва гӯё дар ривоҷи таълиму тарбия саъй мекунад, локин ашхоси босаводаш то ба имрӯз аз 30% бештар нест, "ва дар ин сиву чанд сола ба қадре калимоти урупоӣ дохили забони туркӣ шудааст, ки фаҳми забони ҷадид аз барои омма ба куллӣ ғайримумкин шудааст ва мунтаҳо бузургиву ҳурмати мамлакат дар назари соири ақвом ба ҳеҷ ваҷҳ бештар нашудааст" (ҳамон ҷо).

Албатта, андешаи устод Минавӣ дуруст ва илмист, ки тараққиву пешрафти иқтисодӣ ва фаннии ҳар халқ, на аз рӯи хати он, балки аз саъйю талош ва низоми давлатдорӣ ва сатҳи фарҳангии он халқ вобастагии зич дорад ва тавре ки дар боло мулоҳиза шуд, муҳаққиқ барои бурҳони гуфтаҳояш, давлати Японияро ҳамчун намунаи бориз мисол овардааст.

Агарчи Туркия бо тағйири хат мехост худро дар радифи кишварҳои пешрафтаи Ғарб расонад, аммо дар ин кишвар заминаи фарҳангӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар савияи лозим қарор надошт, ҳатто натавонист баъд аз солҳо саводнокии мардумашро аз 39-40 дар сад боло бибарад.

Дар иртибот ба тағйири хат дар Туркия устод Минавӣ дар мавриди ба алифбои кириллӣ гузаштани мо тоҷикон чунин ибрози андеша мекунад: "... дар Тоҷикистон чун алифбои русӣ ба навиштани форсӣ ба кор меравад, забон чунин пур аз калимоти русӣ шудааст, ки фаҳми навиштаи он форсизабонон бидуни донистани русӣ барои мо ғайримумкин аст" (2,15).

Эроди муаллиф дар мавриди иқтибосоти беҷои вожагони русӣ ва русӣ-интернатсионалӣ дар забони тоҷикии солҳои 30-70 қарни XX одилона ва баҷост. Воқеан, дар ин давра забони тоҷикӣ як навъ забони тарҷумазада ва аз асолати хеш фосила гирифта буд. Ин ҳама бо дасти худи мо, ки то битавонем

“садоқати хеш”-ро ба бародари бузургамон собит созем, лозиму нолозим вожагони русӣ ва ба қавле русӣ-интернатсионалистӣ иқтибос кардем, ва ҳатто, сохтори ҷумлаҳоямонро таҳтуллафзӣ мекардем. Ба қавле, “аз мост, ки бар мост” буд.

Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, забони тоҷикӣ аз солҳои 80-уми қарни гузашта ва бахусус, баъди фурӯпоши Иттиҳоди Шӯравию касби Истиқлол, бо гомҳои устувор боз ба асолати хеш баргашта истодааст.

Дар робита ба иқтибоси фавқуззикр ҳаминро низ бояд ёдовар шуд, ки устод Минавӣ танҳо дар мавриди иқтибосоти вожагони русӣ дар забони тоҷикӣ эрод гирифта, аммо бо тағйири алифбо дар андак муддат миллати тоҷик қариб наваду нӯҳ дарсад саводнок шуд, ҳарфе намезанад. Ҳол он ки, тавре ки дар мақолаи “Андешаҳои Содиқ Ҳидоят перомуни масъалаи хати паҳлавӣ ва алифбои овозӣ” ёдрас шудем, нависандаи маъруфи Эрон Содиқ Ҳидоят соли 1945 аз тағйири хат дар Тоҷикистон тамҷид карда, ин иқдомро фоли нек ҳисобида буд.

Дар поёни рисолаи хеш устод Минавӣ хушбин аст, ки рӯзе миллати Эрон соҳиби хате мешавад, ки барои сар то сар босаводшавии мардум мадад мекунад. Аммо дар қадами аввал бояд зиндагии мардум беҳбуд ёбад, иқтисод ва низоми иҷтимоӣ дигаргун шавад, то худогоҳиву фарҳанги мардум боло равад, орзу мекунад муаллиф. Аз ҷумла чунин натиҷагирӣ мекунад:

“Албатта, банда ва ҳамаи ватанпарастону миллатдӯстони дигар ҳам ин умеду орзуро дорем, ки хате дошта бошем (ё медоштем), ки мумеди (мададкунандаи - О.Х.) босавод шудани мардум бошад ва битавон бо он калимотро чунон навишт, ки дар хондани онҳо касе дучори саҳву тардид нашавад ва забони мо аз хатоҳо ва таҳрифоте, ки тамоми кутуби мо аз он пур аст, масун бошад. Вале мебинем, ки дар ҳолати ҳозир бо ин бесаводие, ки мамлакатро ин тавр фурӯ гирифтааст, ба ҳар коре даст бизанем, онро хароб мекунем” (2,16).

Тавре ки мулоҳиза шуд, назари устод Минавӣ дар мавриди тағйири хат дар Эрон, мисли назари Ҷалол Оли Аҳмад бастагӣ ба зербинои ҷомеа дорад. Дар сурати таҳаввулоти бунёдӣ дар шууни сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар мутобиқ ба ниёзи ҷомеа тағйири хат имконпазир аст.

Донишманди марксист, шодравон Эҳсон Табарӣ дар он солҳо дар ин баҳс шарик шуда, дар мақолаи арзишманди хеш "Бори дигар дар бораи хат ва забони форсӣ" андешаҳои худро перомуни тағйири хати арабиасоси форсӣ ба хати лотинӣ хело муҳтотона ва аз диди диалектикаи марксистӣ баён намудааст.

Дар ибтидо, Эҳсон Табарӣ аз дидгоҳи назариявӣ дуруст иброз медорад, ки агарчи хат ғайр аз масъалаи забон аст, вале бо ҳам пайванди ногустанӣ доранд. Чунки, -ёдрас мешавад ӯ: "Хат танҳо аломатгузориҳое (самиютик) барои забон нест, балки мобайни вожаҳо ва қавоиди дастурии забону хат тайи замон навъе равобити органик барқарор мешавад..." (3,211).

Сипас муҳаққиқ дуруст қайд мекунад, ки дар ин ҷо мо бо диалектикаи шаклу мазмун сару кор дорем, ки "пайванди мутақобилаи ин ду мақула низ амрест мусаллам ва дар ҳар мавриди мушаххас ин пайванд дорои вижагиҳоест" (ҳамон ҷо). Ба таъбири дигар, Эҳсон Табарӣ хотирнишон месозад, ки пайванди хату забон дар мавридҳои мушаххас метавонад тағйир ёбад, яъне дар марҳилаҳое аз такомули хеш забон метавонад хати мувофиқтареро барои хеш баргузинад. Зеро шаклу мазмун байни худ дар диалектика қарор дорад.

Аз ин рӯ, -ба таъкиди муаллиф, -агарчи хати кунунии форсӣ иқтибос шуда аз хати арабист, аммо эрониён онро ба завқи эстетикии худ мутобиқ сохта, онро басту такомул доданд. Ва ба қавли эшон: "Хати кунунии мо аъам аз насх ва ё настаълиқ, ки имрӯза назди мо мутадавил аст, мусалламан хатест, ки дар канори як силсила маойиби муҳим, дорои мазоёе низ ҳаст" (ҳамон ҷо).

Эҳсон Табарӣ мазоёи ин хатро дар он медонад, ки беш аз ҳазор сол аст "...фарҳанги мактуби мо ба ин хат нигошта мешавад ва тайи ин муддат ончунон пайванди самим байни вожаҳо ва шакли хаттии онҳо падид омада, ки гӯйи онҳоро аз ҳам наметавон гусаст... Дар сурати тағйири хат мо дучори мушкилоти бузурге аз ҷиҳати ҳифзи идомакорӣ дар ирсияи фарҳангӣ хоҳем шуд" (ҳамон ҷо).

Аз ин рӯ, назари Табарӣ он аст, ки ин иқдом бояд санҷидашуда, муҳтотона ва давлат бояд "нақшаи муназзам ва баррасишуда" дошта бошад. Дар айни замон низ иброз медорад: "Тардиде нест, ки хати лотинӣ батадриҷ дар бунёди луғавӣ ва

сарфу наҳви забони моро аз ҳайати суннатии қурунивустоии он беш аз пеш ва бо суръати фузунтар хориҷ хоҳад сохт” (3,211).

Ба таъбири дигар, тазаккур медиҳад, ки архаизму куҳнагии забони адабии классики мо афзоиш меёбад. Ва агар тадбири лозиму хосе андешида нашавад, баъд аз чанд муддат наслҳои баъдӣ забони классикиро “... бо заҳмате бамаротиб беш аз акнун хоҳанд фаҳмид. Чунонки мо акнун забонҳои эронии пеш аз исломро танҳо аз роҳи омӯзиши махсуси он забонҳо, метавонем дарк кунем. Ин гусасти фарҳангӣ худ айби бузургест. Таҷрибаи Туркия воқеӣ будани ин хатарро нишон медиҳад” (3,211-12).

Аммо муаллифи мақола, алорағми ин мулоҳизот тарафдори қотеъи тағйири хати форсист. Ӯ қотеъона чунин андешаронӣ мекунад: “бо вуҷуди маойибу хатароти ҷиддии тағйири хат, аз он ҷо ки мазоё ва ҷиҳоти мусбати ин амал (тағйири хат - О.Х.) дар тӯли торих ва аз назари такомули мадании кишвари мо ба ҷиҳати манфӣ бамаротиб чарбандатар аст, лизо бояд мусалламан ва мусалламан ба ин иқдом даст зад” (3,212). Мунтаҳо, тазкор медорад Э.Табарӣ, -ин амал батадриҷ бо тадоруки санҷидашуда сурат гирад ва алифбои нав ҳатман бояд алифбои лотинӣ бошад, чунки хати лотинӣ имрӯз, дар формулаҳои илмҳои дақиқ, чун риёзиву химияву физика ва амсоли он рахна кардааст.

Дар поёни ин бахши мақолаи хеш, ки аслан ба масъалаи вазъи забони адабии форсӣ ихтисос дода шудааст, муаллиф ба чунин натиҷагирии солим меояд:

“Тағйири хат илова бар тасҳилоти умдае, ки дар дурустхонӣ ва дурустнависӣ эҷод мекунад, батадриҷ ба харҷумарҷи мавҷуд дар талаффузи калимот ва имлои онҳо ва низ дар қавоиди сарфу наҳвӣ хотима хоҳад дод ва омили танзимкунандаи муҳимме дар ҳаёти дохилии забон бадал хоҳад шуд” (3,213).

Тавре ки мулоҳиза мешавад, Эҳсон Табарӣ низ тағйири хатро дар Эрон амали имрӯзу фардо намедонад, балки як амри ногузир, аммо дар дурнамои ҷомеаи мутараққӣ ва пешрафта меҳисобад.

Донишманди пуркор, шодравон Яҳё Оринпур дар китоби арзишманди хеш “Аз Нимо то рӯзгори мо”, баҳси тағйири хати форсиро чунин мантиқӣ ҷамъбаст намудааст:

“Имрӯз аксари эрониёни рӯшанфикр маҳосини алифбои лотинӣ ва лузуми тағйири алифбои форсиро мункир нестанд ва танҳо аз душвории ин кор нигаронанд ва бим доранд, ки бо тағйири алифбо ганҷинаи маорифу адабиёти Эрон осеб бубинад. Бо ҳама рисолаҳои ҷомеъе, ки то кунун навишта ва истилолоте, ки шудааст, ба заҳмат метавон онҳоро қонеъ кард, ки табдили алифбо ба ҳуруфи лотин садамаву зиёне ба дину оину забон ва сунону маорифи миллии мо нахоҳад зад”[4,50].

Барои тақвияти андешаҳои худ Оринпур ба мавҷудияти хатҳои махсуси лотиние, ки забоншиносону ховаршиносони аврупоӣ барои забони форсӣ ва умуман, забонҳои Шарқ ба хотири суҳулати қироати дурусти матнҳои ин забонҳо ихтироъ кардаанд, илова мекунад ва “ҳуруфи забони форсӣ ба ҳуруфи лотин бидуни дахлу тасарруф дар худи системаи хат табдил шудааст”, ки манзураш ҳарфнависӣ ё бо истилоҳи илмӣ, “транслетратсия” ва овонависӣ, ки онро “транскрипсия” меноманд, мебошад. Дар зимн, Оринпур таъкид бар он мекунад, ки масалан, дар китоби дарсии Розен “Оё бо форсӣ ҳарф мезанед?”, як порча аз “Сафарномаи Фаранг”-и Носириддиншоҳ ба хати лотинӣ, яъне ба транскретсия оварда шудааст. Вақте ки онро мехонем, “суҳулате фавқулоддае дар қироати матни форсӣ эҳсос мекунем”. Ва илова медорад: “ ...агар ҳамаи мутуни форсӣ бо алифбои назири он ва ё алифбои беҳтару содатар аз он навишта шавад, дигар ҳеҷ гуна ҷолу маҷоле барои ҳадсу тахмину истинбот дар сиҳҳати қироат боқӣ намемонад ва махсусан, хонанда дар кашфу фаҳми нусхаҳои қадимаи форсӣ дучори аҷзу ишкол нахоҳад шуд” [4,50].

Дар фароварди ин баҳс Яҳё Оринпур бар ин ақида аст, ки мазияти алифбои лотинро бар алифбои форсӣ танҳо аз роҳи донишу биниши илмӣ ва таҷрубӣ маълум карда шавад ва “агар натиҷа мусбат буд, барои ақли салим чорае ҷуз пайравӣ аз натиҷаи илмиву озмоишӣ нест” [4,50].

Ва дар натиҷаи ин озмоишоти илмиву таҷрубӣ тағйири хати форсӣ маслиҳат дида шавад, навбати интихоби хати ҷадид мерасад, ки масъулини иҷрои он матлабро дар матбуот матраҳ кунанд, то назару далоили ҳамаи донишмандону мутахассисони дохиливу хориҷии соҳа дар назар гирифта шавад, сипас “ин амри муҳимро ба ваҷҳи матлуб амалӣ кунанд” [ҳамон ҷо].

Шояд дар солҳои 70-80 ин баҳси тағйироти хат идома пайдо мекард ва ҷомеаи Эрон батадриҷ барои ислоҳи хати хеш, албатта, бо пуштибонӣ ва барномарезии давлат заминаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро фароҳам мекард. Аммо баъд аз пирӯзии Инқилоби Исломӣ ҷомеаи мадании Эрон билкул дигаргун шуд.

## Адабиёт


1. Ҷалол Оли Аҳмад. Чанд нукта дар бораи хат ва забон // Ҷалол Оли Аҳмад. Се мақолаи дигар. Чопи дуввум, бо таҷдиди назар. Теҳрон, 1342.
2. Муҷтабо Минавӣ. Ислоҳ ё тағйири хат. Теҳрон, 1344.
3. Эҳсон Табарӣ. Масоиле аз фарҳангу ҳунар ва забон. Теҳрон: Интишороти марворид, 1359.
4. Яҳё Оринпур. Аз Нимо то рӯзгори мо. Торихи адаби форсии муосир. Теҳрон, 1387.

**Асадзода НАЗРӢ**
*муҳаққиқ*

# ХУРОФОТГАРОИВУ ТАҚДИРПАРАСТӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ХАРАКТЕРИ МИЛЛӢ

Хурофотзудоӣ ва такмили фарҳанги ҷомеа дар кишварҳое, ки дидгоҳи аксари шаҳрвандонаш хурофотӣ ва хирадситезона аст, амре муҳим ва бунёдӣ дар ростои ҷомеасозист. Ин гуна давлатҳо ниёз ба ислоҳоти густурдае доранд, ки он бояд тамоми абъоди ҷомеаро фаро бигирад ва алалхусус, ҷаҳонбинии ирратсионаливу тафаккури эътиқодмеҳвар ва тақдирбовари шаҳрвандонро бо воқеияти кори ҷаҳон созгор намояд, зеро “шарти нахустини мавҷудият ва пойдориву мондагории давлат вижагиҳои сифатии шаҳрвандони он аст” *(Аристотель, Политика. –М.: РИПОЛ классик, 2010, С.470)*.

Ҳар як фарҳанг бар мабнои низоми муайяни арзишҳо ташаккул ёфтааст. Қисматҳои таркибии низоми арзишҳое, ки як фарҳангро бунёд гузоштаанд, дар фазои зеҳнии ҳомилони фарҳанг, ба таъбири ҳандасӣ, дар як ҳамворӣ қарор надоранд, балки нисбат ба ҳамдигар дар сатҳҳои мутафовит ҷойгиранд. Метавон гуфт, ки ин низом аҳромшакл ё ба таъбири дигар иерархалӣ аст. Аз ин рӯ, баҳси тақаддуму тааххури арзишҳо масъалаест, ки онро наметавон нодида гирифт. Он арзишҳое, ки дар низоми иерархалии арзишҳо дар қуллаи аҳром ҷойгиранд, ориентатсияи ҳомилони фарҳангро инъикос мекунанд ва ба нуқтаи тамаркузе табдил меёбанд, ки хатти машйи ҷомеа ба ҷониби он нигаронида шудааст. Ин арзишҳо дар аҳроми мазкур мавқеи меҳварӣ ва таъйинкунанда доранд. Гузашта аз ин дар ҷомеаҳое, ки дидгоҳи аксари афроди он ортодоксалӣ аст, арзишҳои мазкур на фақат меҳвариву таъйинкунандаанд, балки ба курсии тақаддус низ шинонда шудаанд. Аз ин рӯ, касоне, ки аз бистари чунин фарҳанг сар боло мекунанд, табиист, ки ҳамчун продуксияи ҷомеаи худ ҳама гуна падидаҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва амалкарди афродро дар қазоват ба арзишҳои меҳварии мавҳуми

хеш баҳо медиҳанд. Меъёри шинохти “хуб”-у “зишт” ва “бояд”-у “набояд”-и онҳо низ маҳз ҳамин арзишҳо хоҳанд буд. Масалан, як фарде, ки дидгоҳи мазҳабиву тафаккури эътиқодмеҳвар дорад ва арзишҳои мазҳабиро дар авлавият мегузорад, табиист, ки дар мавриди мавқеъгирии шахсӣ ва ё баҳо додан ба равандҳои сиёсиву иҷтимоӣ, ҳамчунин қазовати аъмоли атрофиён огоҳонаву ноогоҳона бо назардошти манофеи мазҳабӣ тасмим хоҳад гирифт, аммо шахсе, ки ҷаҳонбинии илмиву ҳувийяти миллӣ ва тафаккури давлатӣ дорад, ҳатман манофеи милливу давлатиро маҳаки қазовати худ қарор хоҳад дод ва аз ин равзана ба манзараи ҷаҳон ва падидаҳои он назар хоҳад кард.

Чунонки ишора шуд, арзишҳо ҳамчун компонентҳои муҳими таркиби ҳувийяти иҷтимоӣ (масалан, ҳувийяти миллӣ, маҳаллӣ, мазҳабӣ ва ғ.) нуқтаҳои тамаркузе мебошанд, ки ориентатсияву хатти машйи ҷомеа ба самти онҳо нигаронида шудааст. Нуктаи ҷолибе, ки онро илми аксиология (арзишшиносӣ) тасдиқ мекунад, ин аст, ки аксар мавврид ҳаводорони арзишҳо, ки мудом таҳти таъсири ҷозибаи арзишҳои худ қарор доранд, эҳсосмадорона ва ҳатто нохудогоҳона ба масири ғояҳое савқ дода мешаванд, ки ин арзишҳо онҳоро ба вуҷуд овардаанд. Ба таъбири дигар, онҳо ба сарбозони ихтиёрии ҷабҳаи арзишҳои худ табдил меёбанд.

Аз нигоҳи олими амрикоӣ Харрисон, фарҳанг маҷмӯи арзишҳо ва ба қавле, иерархияи арзишҳоест, ки рафтори шахсро муайян мекунад. Амалҳои ҳаррӯзаи мо, муносибати мо дар оилаву ҷамъият ва дар маҷмӯъ, тамоми кори моро аслан он арзишҳое муайян менамоянд, ки онҳоро нисбат ба арзишҳои дигар дар авлавият гузоштаем.

“Миллатҳо ва қавмиятҳо бо фарҳангашон аз якдигар мутамоиз мешаванд ва ҳувийяташон дар фарҳангашон нуҳуфтааст” *(Ҳасан Малик, Фарҳанг ҳастаи муқовимат дар баробари таҳоҷуми бегонагон аст. http//http. Kavehroom. Com/- С.145).* Фарҳанги миллат василаи ифода ва таҷассуми андешаву шуури ҷамъиятӣ, инъикоси сатҳи рушди фикрӣ ва ориентатсияи миллӣ низ мебошад. Аз фарҳанги миллат дар тӯли замонҳои муайян метавон пай бурд, ки дар ин ё он марҳилаи таърихӣ нерӯҳои зеҳнии ҷомеа ба кадом самтҳо тамоил доштанд ва ориентатсияи миллӣ ба кадом самт нигаронида шуда буд.

Масалан, гироиши мардум ба тасаввуф ва пуркорбурд будани мафҳумҳои ирфонӣ дар осори хаттӣ ва шифоҳии халқи мо дар асрҳои XII-XIX бозтоби ба масоили абстрактиву метафизикӣ таваҷҷуҳи фавқулода ва бардавом доштани гузаштагони мо аст. Дар ин муддати тӯлонии таърихӣ нерӯҳои зеҳнии миллати мо аслан дарк ва шинохти воқеияту ҳақиқати олами ҳастиро фақат аз тариқи басирату интуитсия имконпазир дониста, ағлабан корбурди усулу услубҳои хирадгароёнаву истидлолҷӯёна ва таҷрибиро қобили қабул намедонистанд ва ҳатто амале хато ва шаккокона меҳисобиданд. Аз ин буд, ки мо гӯё рӯ ба олами кубро ва ухро таваҷҷуҳе ба олами суғро ва дунё надоштем. Машғули кашфу шуҳуди руъёиву тахайюлӣ аз кашфи асрори табиӣ ва дунёи воқеие, ки дар он зиндагӣ мекардем, амдан ғафлат меварзидем. Аз ин рӯ, тафаккури мантиқиву улуми табиӣ дар ҷомеаи асримиёнагии мо бар хилофи Аврупо чандон рушд накард ва мо бо ин сабаб аз масири рушду пешрафти илмиву технологӣ берун афтодем.

Ҷаҳонбинӣ ва муқаррароти мазҳабӣ озодии андешаи шахсро маҳдуд мекунанд ва имкон намедиҳанд, ки шахс доир ба масоили кулливу ҷузъӣ фаротар аз доираи дидгоҳи мазҳабӣ биандешад ва изҳори назар кунад. Дар афкори умум ва ҳатто дар зеҳни аҳли илму адабу зиёи миллати мо ҳамакнун "асрори офариниш", тасвири ҷаҳон ва ҷойгоҳи инсон дар он куллан ортодоксалӣ аст, то ҳадде, ки ҳатто дар маҳофили илмӣ ҳам, агар касе бидуни эътибор ба боварҳои ирратсионалии умум мавқеъгирӣ кунад, ҳатман ба вокунишҳои ошкору пинҳони мутаассибона мувоҷеҳ хоҳад шуд. Аз ин рӯ, шахс дар ин гуна муҳити "фарҳангӣ" ва дар доираи чунин ахлоқи миллӣ маҷбур аст, ки нохудогоҳ ва ҳатто огоҳона ба тамоми падидаҳо на аз дидгоҳи илмиву мантиқӣ ва ҳатто шахсӣ, балки маҳз аз равзанаи суннатӣ нигарад.

**Мушкилоти дидгоҳи суннатӣ ва шуури ҷамъии мо дар он аст, ки аз бунёд фаталистӣ, мифоложӣ, вопасгароёна, ғайриилмӣ ва ҳатто ғайримиллӣ аст. Ин яке аз омилҳои бoздорандаи рушди миллист.**

**Ҷомеаи муосири мо ба ҷаҳонбинии дигар ниёз дорад. Барои он ки мо ҷаҳонбинии нав дошта бошем ва ҳамқадами миллатҳои мутамаддину мутараққӣ шавем, ҳатман бояд қолабҳои фарҳангӣ**

**ва ахлоқи суннатиамонро такмил диҳем. Ин қолабҳо ва тарзи ҷаҳонбинӣ миллати тоҷикро дар тӯли бештар аз ҳазор сол дар ҳоли бардагӣ, бедавлатӣ, истеъмори аҷнабиён, заъфу нотавониву хориву зиллат нигаҳ доштанд ва аз ин ба баъд низ мо аз тариқи онҳо яқинан ба ҷое нахоҳем расид.** Аммо тағйир додани ҷаҳонбинӣ ва ахлоқи миллӣ кори бисёр мушкил аст, зеро он тағйири урфу одат ва анъанаҳову суннатҳои мардумро, ки нерӯи аз ҳама консервативии ҷомеа аст, тақозо мекунад.

Аз ин рӯ, набояд ба якборагӣ дар фикри барандозии тамоми ин қолабҳои боздоранда шуд, чунки урфу одат ва суннатҳои як ҷомеа падидаи устувори иҷтимоиву равонӣ аст ва онро наметавон осон аз зеҳни мардум ва ба вижа, насли бузургсоли ҷомеа сутурд. Роҳи беҳтариниислоҳи вазъ коркарди услубҳои ҷадиду муассири таълиму тарбия, рушди илм ва эъмори ҷомеаи донишбунёд аст.  Дар ин росто тағйир додани қолабҳои тарбиятӣ, усулҳои тарбия ва ба таъбире педагогикаи миллӣ амре ногузир аст. Услубҳои таълиму тарбияи пешини мардуми мо дар қуруни вусто, педагогикаи шӯравӣ ва шеваи кунунии таълиму тарбия дар кишвар ҳама аслан авторитарӣ буду ҳаст. Дар сатҳи хонаводаҳо низ дар ҷомеаи мо тибқи "суннат"-ҳои аҷдодӣ услуби тарбия зӯргӯёнаву авторитарӣ аст. "Фарҳанг"-и  сиёсии ҷомеаи мо низ ҳамчунин зӯргӯёнаву авторитарист *(ниг. ба: Савин Н.В., Педагогика, Душанбе, "Маориф", 1975, С.165-166)*. Дар ин гуна "фазои тарбиятӣ", табиист, ки аксарияти афроди ҷомеаи мо наметавонанд ҷуръатманду сахткӯш, ташаббускору масъулиятпазир ба воя расанд. **Ин "фазои тарбиятӣ" аксарияти шаҳрвандони кишварамонро дар рӯҳияи заъфу нотавонӣ, зулмпазирӣ, беҳувийятӣ, камҷуръатӣ, муқовиматнопазирӣ, таслим дар баробари зӯроварӣ ва умуман, дар рӯҳияи бардагӣ ба воя расонидааст. Табиист, ки миллате, ки аксари афроди он чунин "характери миллӣ"-и заиф доранд, наметавонад дар арсаи пур аз муборизаи байналмилалӣ рақобатпазир бошад ва ба таври сазовор манфиатҳо ва мавқеъи худро дар баробари миллатҳои қудратманд ҳифз кунад.** Ба қавли Арасту: “Тарбия бояд ба ҳар як сохтори давлатдорӣ мувофиқ ояд. ...Мувофиқат кардани характер ба ҳар навъ сохтори давлатдорӣ барои ҳифз кардани он сохтор хизмат мекунад. *(Аристотель, Политика. –М.: РИПОЛ*

*классик, 2010, С.536)* Дар ин росто бо камоли таассуф бояд иқрор шуд, ки раванди ҳувийятсозӣ (*англ.* construction of identity ; *русӣ:* конструирование идентичности) ва дар зимн, ташаккули характери миллӣ дар сатҳи ниҳодҳои марбутаи ҷомеаи мо, ки рисолати зеҳниятсозиро ба дӯш доранд, аз ҷумла дар сатҳи оила, мактаб ва муҳити иҷтимоӣ аслан на ба он шакле ҷараён дорад, ки мебояд. Ин раванд дар ҳамаи сатҳҳо таҳти таъсири ғояҳое шакл мегирад, ки аз бунёд бо сохти давлатдории мо созгор нест ва метавонад дар оянда миллионҳо нафар ҳомилони афкори хурофотӣ ва бунёдгароёнаи мазҳабиро ба бор оварад. Яке аз омилҳои аслии ба ин шакл ҷараён гирифтани кор дар он аст, ки мо то ҳанӯз барномаи коромаду муассири ҳувийятсозии миллӣ насохтаем. Он чӣ дар ин росто мавҷуд аст, фақат чанд нуктаи хушки шиоргуна асту бас, ки бо онҳо наметавон дар ҳамаи сатҳҳои ҷомеа кори низоммандеро анҷом дод, хоса ҳангоми рӯ дар рӯи бо ниҳодҳо(институтҳо)-и иҷтимоии таърихан ташаккулёфтаи мазҳабӣ, ки фаъолияти системавии фарогир доранд.

Пажӯҳишҳои педагогӣ ва психологӣ тасдиқ карданд, ки кӯдакон бештарини корҳо ва рафторҳои худро дар тақлид бар амалҳои афроди бузургсолтар аз худ ва ба вижа, волидайн анҷом медиҳанд. “Хурдсолон бештар на аз тариқи донистан, балки аз тариқи тақлид зудтар меомӯзанд. Бинобар ин муҳим аст, ки ҳанӯз аз солҳои аввали таҳсил оид ба ташаккули улгӯҳо ва идеалҳои ахлоқии насли наврас кор барем *(Савин Н.В., Педагогика, Душанбе, "Маориф", 1975, С.182)*. Онҳо аз бузургсолон на фақат шеваи рафтору гуфтор, балки донишҳои нахустинро дар бораи олами атроф низ мегиранд. Бо ин андӯхтаҳо ва омӯхтаҳо хишти нахусти бинои шахсият ва ҷаҳонбинии онҳо гузошта мешавад. Хиштҳои баъдии ин биноро дар баробари хонавода, ҳамчунин муассисаҳои таълимӣ ва муҳити иҷтимоӣ мегузоранд. Боиси нигаронист, ки мо ҳанӯз дар ҳеҷ кадоме аз ин ниҳодҳои зеҳниятсоз фазои мусоиду созгоре барои ташаккули тафаккури илмиву мантиқӣ ва хештаншиносии миллӣ ба вуҷуд наовардаем. Ҳатто китобҳои дарсии муассисаҳои таълимии мо пур аз маводи хурофотӣ, миллиситезона ва фаталистӣ аст. Муҳтавои баъзе китобҳои

дарсии фанҳои гуманитарӣ, ҳатто фанҳои забон ва адабиёти тоҷик на танҳо ба масири миллӣ ва методологияи илмӣ мутобиқ нестанд, балки куллан дар қутби муқобили он қарор доранд ва ба раванди ташаккули худшиносии миллӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ садамаи ҷиддӣ ворид месозанд. Мутаассифона, иддае аз мураттибону муаллифони китобҳои дарсӣ ҳангоми таҳияи маводи таълимӣ ба ҷойи такя кардан ба илму фалсафа ва методологияи илмӣ, ба меъёрҳои хурофӣ ва муқаррароти мазҳабӣ такя кардаанд. Ин навъ китобҳои дарсӣ бархилофи хатти машйи сиёсии кишвар, бидуни шак, боиси бештар шудани худбохтагиву беҳувийятии насли наврас, густариши хурофоту таассуби мазҳабӣ дар миёни ҷавонон ва таҳкими мабнои ҷаҳонбинии бунёдгаронаи динӣ дар муҳити иҷтимоии кишвар мегарданд. Барои тасдиқи ин иддао чанд намунаи мухтасареро аз гузориши коршиносони соҳа дар ин бора ироа медорем. Дар китоби "Адабиёти тоҷик" барои синфи 6 *(нашри сеюм, Душанбе, "Маориф", С.2014)* ба Муҳаммад Ғазолӣ боби алоҳидае бахшида шудааст ва ӯ ҳамчун адиби равшанфикри миллат муаррифӣ гардидааст (саҳ.69-76), дар ҳоле, ки ӯ новобаста ба маъруфияти худ аслан як шахси мазҳабгарои миллиситезу хирадситез буд, ки алайҳи рушди илмҳои табиӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ бисёр тунд метохт*(дар идома ба ин масъала ба таври фишурда ишора хоҳад шуд).* Аз се ҳикояе, ки аз эҷодиёти ӯ мураттибон дар китоби дарсӣ иқтибос овардаанд, дутояш тақдирпарастиву хурофотро таблиғ мекунад. Дар ҳикояи "Моҳигир ва ҷавони ситамкор" *(саҳ.71)* қаҳрамон роҳи ҳалли мушкилро дар хоб мебинад ва дасти буридаи ӯ дар як шаб бозофарида мешавад. Дар ҳикояи "Савор ва марди нобино" *(саҳ.72)* муаллиф бо зӯроварӣ аз худ кардани ҳамёни бегона ва қатли як пири нобиноро аз сари қаҳру ғазаб дуруст мешуморад. Маънии он ҳикоят ин аст, ки одамон бояд доир ба сабабу омилҳои падидаҳое, ки дар ҳаёт ба вуқӯъ мепайванданд, аз ҷумла падидаҳои номатлуб, набояд биандешанд ва роҳиислоҳи онҳоро набояд биҷӯянд, балки бидуни чуну чаро ба тақдир тан диҳанд, чунки ҳамаи онҳо тибқи хости илоҳӣ ҷараён мегиранд.

Ба дидгоҳ ва хулосаҳои "илмӣ"-и муаллифони китоби дарсии "Адабиёти тоҷик" барои синфи 9 *(Душанбе, "Маориф",*

*С.2014)* зимни шарҳи воқеаҳои таърихӣ таваҷҷуҳ кунед: "...Агар аз як тараф, ноуҳдабароии шоҳону ҳокимон сабаб шуда бошад, аз тарафи дигар, ба хотири он ки ба халқ ҷабру зулми беҳад карданд, ғазаби Худо шуд ва онҳо аз тоҷу тахт маҳрум гардиданд" *(саҳ. 111).*

Ҳамчунин то ҳанӯз муаллифони китобҳои дарсии адабиёт бидуни эътибор ба моҳияти масъала дар тақлид ба гузашта дар пайи таблиғи асарҳое чун "Хирадномаи Искандарӣ" мебошанд ва ашхоси мутаҷовизе чун Искандарро, ки Ватани моро ғорат кардаву ҳазорон ҳазор ниёгони баруманди моро аз дами теғ гузаронида таъриху фарҳангамонро хор карда буд, ҳамчун улгӯи адолатпарварӣ ҷилва додан мехоҳанд *(ниг. ба китоби мазкур, саҳ. 242-255).*

Дар китоби "Адабиёти тоҷик барои синфи 10-ум" *(нашри сеюм (бо такмил ва иловаҳо), Душанбе, "Маориф", 2018)* боби алоҳидаву муфассале ба Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ихтисос дода шудааст*(саҳ.318-332).* Дар зимн, аз эҷодиёти Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ асари "Ақоид-ун-нисо»-и ӯ низ баргузида шуда, мазмуну мундариҷаи он ба тафсил тавзеҳ дода шудааст, дар ҳоле, ки ба хонандагон шарҳ додани мавзӯъҳои матраҳшуда аз диди тарбиятӣ муносиб нест, ба вижа дар дарси адабиёт. Бобҳои ин асарро муаллифон дар китоби дарсӣ ба тартиби зерин дарҷ кардаанд (саҳ.329):

Боби якум: «Дар баёни вузӯ ва ғусл»

Боби дуюм: «Дар баёни авқоте, ки намоз соқит аст ва тарки он воҷиб аст»

Боби сеюм: «Дар баёни рӯза»

Боби чорум: «Дар никоҳ дар шаб ё рӯзи зифоф»

Боби панҷум: «Дар баёни аъмоли шаби зифоф»

Боби шашум: «Дар баёни зоёнидани занон»

Боби ҳафтум: «Дар баёни ҳаммом рафтан»

Боби ҳаштум: «Дар баёни созҳо ва феъли он»

Боби нӯҳум: «Дар баёни фаслҳо ва авқоти он»

Боби даҳум: «Дар баёни муоширати занону шавҳарон»

Боби ёздаҳум: «Дар баёни матбуоте, ки ба назар воҷиб аст»

Боби дувоздаҳум: «Дар баёни таъвиз ба ҷиҳати захми чашм»

Боби сенздаҳум: «Дар баёни маҳраму номаҳрам»

Боби чордаҳум: «Дар баёни истинҷоби дуо» ва ғайра.

Дар мавриди тавзеҳи боби якум «Дар баёни вузӯ ва ғусл» мураттибони китоб ин нуктаро иқтибос овардаанд: “вузӯ ва ғуслро ҳамаи уламо (панҷ нафар бибиҳо…) воҷиб медонанд, вале дар ҳолатҳои зерин: вақте ки зан ба дасти худ ҳино баста бошад, ё бар абрӯяш усма кашида бошад, ё шавҳар ба ӯ иҷозати ҳамом рафтан надода бошад, ба ақидаи Бибишоҳ Зайнаб, то панҷ рӯз ин ҳолат давом бояд кунад ва ба қавли Бибихоли Ҷӯйборӣ, то як ҳафта ва ба гуфтаи Бибимоҷони Базморо, то ба як моҳ тарки ғуслро воҷиб медонад ва ғайра”.

Албатта, бояд ба эътибор гирифт, ки ин мисолҳо ба қавли Саъдӣ фақат “муште аз хирвору намунае аз бисёр” мебошанд.

Китобҳои дарсии фанни “Адабиёти тоҷик” ағлабан бо тарзи бинишу фаҳмиши асримиёнагӣ таълиф гардидаанд, ҳол он ки адабиёт аз ҷумлаи фанҳоест, ки дар раванди зеҳниятсозӣ ва ташаккулу таҳаввули биниши миллӣ метавонанд нақши калидӣ дошта бошад. Дар ин росто нуктаи шигифтангез он аст, ки муаллифони китобҳои дарсӣ бо вуҷуди он ки соҳибони унвонҳои баланди илмианд, аммо мутаассифона, дар бештарини маворид мавзӯъҳои матраҳшударо на бар асоси методологияи пазируфташудаи илмӣ, балки бар мабнои муқаррароти мазҳабӣ таҳлил кардаанд. Хатти машйи таҳлилу баррасиҳо дар ин китобҳо усулан хурофотию мазҳабӣ аст ва ориентатсияи миллӣ дар он вуҷуд надорад. Омӯзгороне, ки бар асоси чунин китобҳо фаъолияти худро ба роҳ монда зеҳниятсозӣ кардан мехоҳанд, яқинин аз диди ғоявӣ сардаргум хоҳанд шуд, чунки аз он ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон хатти машй(ориентатсия)-и миллиро дарёфт. "Агар омӯзгор дарк кунад, ки ориентатсияи ҷомеа чист, барои расидан ба мақсад талош хоҳад кард. Баръакс, дар он ҷое, ки фаҳмиши дақиқу равшани мақсад нест, бешак аз тарафи омӯзгор барои такомули шахсияти тарбиягирандагон кори созандае наметавонад анҷом дода шавад. Дар он гуна муҳит дар раванди тарбия стихиянокӣ ва номуназзамӣ авҷ мегирад, кор характери тасодуфӣ хоҳад гирифт ва фақат барои он анҷом дода хоҳад шуд, ки вақти барояш ҷудошуда сарф карда шавад. Фаъолияти тарбиявиеро, ки бидуни ҳадаф анҷом дода мешавад, аслан наметавон фаъолияти тарбиявӣ донист". *(Савин Н.В., Педагогика, .Душанбе, "Маориф", 1975, С.43)* Агар дидгоҳи

олимони адабиётшиносе, ки китобҳои дарсиро таҳия мекунанд, то ин ҳад хурофабунёд бошад, пас, аз омӯзгорону хонандагони макотиби миёнаи умумӣ чӣ метавон интизор дошт ва чӣ гуна метавон аз онҳо гила кард?

Мушкил то ба ин ҳад амиқ аст, ки иддае аз муаллифони китобҳои дарсии фанҳои филологӣ насли наврас ва ҷавонро ошкоро ва ҳадафмандона ба сӯйи хурофоти мазҳабӣ ва хушкандешӣ раҳнамой мекунанд. Ин таноқузро бинед, ки аз як тараф, мақомоти марбутаи давлатӣ ҷиҳати хунсо кардани созмону гурӯҳҳои тундрави мазҳабӣ ва коҳиш додани ангезаҳои ифротгаройии динӣ ҷаҳду талош меварзанд, аз сӯйи дигар, муаллифони муҳтарами китобҳои дарсии фанни забону адабиёти тоҷик хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳуриро дар рӯҳияи таассубу хурофоти динӣ “тарбия” кардан мехоҳанд.

Дар сатҳи хонаводаҳо вазъи тарбиятии насли навраси миллат хеле печидатар аз он аст, ки дар сатҳи муассисаҳои таълимии давлатӣ мушоҳида мекунем.

Худ қазоват кунед, ки ин муҳитҳои “тарбиятӣ” бо он ҳолу ҳавое, ки доранд, чӣ ба бор хоҳанд овард?! Ба қавли муҳаққиқи эронитабори амрикоӣ Амирҳусайни Лодан “Мо зоида(маҳсул; продуксия)-и фарҳангамон ҳастем” *(Амирҳусайни Лодан, Худосолорӣ ва дармондагӣ, Лос-Анҷелес, 2014), С.16)*. Ин фарҳанг мустақиман дар амри ташаккули шахсият ва ҳувийяту хулқу хислат(характер)-и афроди миллати мо нақш дорад. Афроди ҷомеаи мо ҳанӯз аз даврони кӯдакӣ ғайриихтиёр таҳти таъсири чунин муҳити фарҳангӣ мемонанд ва табиист, ки ночор ба қолабҳову меъёрҳои он мутобиқ мешаванд. Онҳо бо назардошти афкори умум огоҳонаву ноогоҳона ба рафтори ҷамъӣ тақлид ва пайравӣ мекунанд. Тақлиди бардавому пайравӣ ва пойбандии якумрии фард ба чунин муқаррароту суннатҳои ҷомеа боиси он мешавад, ки амалҳо ва рафторҳои муқаллидона тадриҷан ба одатҳо табдил ёбанд. Одатҳо рафторҳоеянд, ки дар заминаи такрор ба такрор ва ҳамеша анҷом дода шуданашон ба амалҳои автоматизатсияшудае мубаддал мегарданд, ки минбаъд онҳоро фард ва ё ҷомеа аслан ғайрииродӣ ва бидуни таваҷҷуҳ ба дуруст ва ё нодуруст буданашон иҷро мекунад. Одатҳо аз

дидгоҳи илми психология он навъ аз рафторҳои фард ва ҷомеа мебошанд, ки ба мисли амалҳои автоматизатсияшуда аслан на ба василаи шуур, балки ба василаи зершуур танзим мешаванд. Маҳз аз ин рӯ чунин одатҳо ба компонентҳои хулқу хислат ва характери афрод, ки онҳо ҳам аслан ба василаи зершуур контрол мешаванд, табдил мeёбанд. Дар урфият мардуми мо мегӯянд: “Одат чу қадим шуд, табиат гардад”. Воқеан ҳам, дар ин зарбулмасал ба таъсиргузор будани равандҳои иҷтимоӣ дар ташаккули падидаи равоние бо номи характер ва минҷумла характери миллӣ  дуруст ишора шудааст, ки онро илми психологияи муосир низ тасдиқ мекунад. **Ба ҳамин тариқ, одатҳое, ки таҳти таъсири муҳити иҷтимоӣ ба фард таҳмил мешаванд, тадриҷан ба падидаҳои устувору такроршавандаи психологиву рафтории аксари афроди миллат табдил мeёбанд, ки онҳо дар ташаккули характери миллӣ таъсири ҷиддӣ, амиқ ва мондагор мерасонанд. Дар иртибот ба ин масъала бояд ба эътибор гирифт, ки фазои ақидативу муҳити иҷтимоӣ ва ҷаҳонбинии мардуми мо, ки тӯли қарнҳо бар мабнои фарҳанги таваккулу ризо, тақдирпарастиву хурофот ва зулмпазирӣ, яъне таслим дар баробари зӯроварӣ шакл гирифта буд, наметавонист тафаккури истеъморӣ ва рӯҳияи бардагӣ ба бор наоварад. Ин сифатҳо ҳамчун падидаҳои устувору такроршавандаи психологиву рафторӣ, шӯрбахтона, ҳанӯз ҳам ҷузъе аз характери миллии мост ва яке аз омилҳои ҷиддии боздорандаи рушди миллии мо маҳсуб мешаванд. Маҳз чунин характери милливу тафаккури истеъморӣ ва тақдирбоварӣ имкон намедиҳад, ки нерӯ ва потенсиалҳои миллӣ пурсамар истифода шаванд.** Ин навъ ҷаҳонбинӣ дар зеҳни фард ва дар зимн ҷомеа фазои бастаи психологиро ба вуҷуд меоварад, ки дар натиҷа мардум наметавонанд ба нерӯи худӣ бовар дошта бошанд. Он маҷозан завлонаи пою занҷири дасти потенсиалҳои зеҳниву ҷисмии миллионҳо нафар фард аст. Бидуни шак ин тафаккури баста дар ташаккули психологияи ҷамъиятии мо ва қисматҳои таркибии он, аз ҷумла менталитет, ҳувийят ва характери миллӣ нақш мебозад, ки мутаассифона, ин нақш манфӣ ва тахрибист. Яке аз вижагиҳои чунин психологияи ҷамъиятӣ талқини таҳаммулгароии ифротии бидуни муқовимат ва рақобат аст. Ҳомилони чунин характер бо талқини

таҳаммулгароӣ аслан бидуни чуну чаро тан ба тақдир супурданро таблиғ карда, моҳиятан рақобати солим ва муқовимат дар баробари таъсироти хориҷиро муҳим намешуморанд. Таблиғ мекунанд, ки ба сӯи мо агар "ҳар раҳгузаре санг занад, кор" надошта бошем ва ҳатто "ор надошта бошем". Дар ин дунёе, ки яке аз аслҳо ва ҳатто омилҳои рушди он муборизаи аздод аст, паёмади чунин мавқеъгирӣ барои дорандандагони чунин хислат ва фитрат наметавонад чизе ба ҷуз хориву зиллат бошад. Маҳз таҳти таъсири чунин "фарҳанг" буд, ки миллате бо он гузаштаи пуршаҳомати давлатдориҳои абарқудрат дар аҳди антиқа, ки ҳатто ба бахши аъзаме аз Африқову Аврупо ҳам ҳукм меронд, дигар дар қуруни вусто ба миллати бечораву мазлуме табдил ёфт, ки ҳатто дар ватани худ таҳти султаи аҷнабиён қарор дошт. Маҳз бо таъсири ҳамин "фарҳанг" ва чунин психологияи миллӣ буд, ки мардумони эронитабор, аз ҷумла тоҷикон дар тӯли таърихи тӯлонии қариб ҳазорсолаи худ дар асрҳои миёна ҳаргиз талоши фарогире барои бозофаринии давлатдориҳои миллии хеш накарданд. Ва феълан низ ин мардум бо ин "фарҳанг" ва чунин характери миллӣ дар қисмати аъзами сарзамини аҷдодӣ, аз ҷумла ҶИА, ҶИЭ ва ғ. таҳти султаи миллатҳои дигар ба сар мебаранд.

Бо назардошти ин мушкилот, ки решаҳои амиқи таърихӣ дорад, мо бояд барои ислоҳи нуқтазаъфҳои характери миллӣ ҳатман омилҳои дегредатсия ва тазъифи онро шиносоӣ кунем, чунки характери миллӣ, ба қавли иддае аз ҷомеашиносону этнологҳои маъруфи ҷаҳон, аз ҷумла аз нигоҳи Ганс Моргентау, яке аз аз 8 унсури асосии ташаккулдиҳандаи қудрати миллӣ мебошад *(ниг. ба: Morgentay H. Politics Among Nations. – New York, 1964. –P.110)*. Дар қадами дувум бояд роҳкорҳо ва технологияи ҳувийятсозии миллӣ ва тақвият додани характери миллиро дарёфт ва мавриди корбурд қарор дод.

Воқеиятҳои олами ҳастӣ ва раванди таърихи башарӣ ба мо ин нуктаро талқин мекунанд, ки ба мафҳуми миллат ҳамчун падидаи иҷтимоӣ аз дидгоҳи конструктивӣ нигарем. Миллатро бояд сохт. Шароити созгори зеҳниву ақидатӣ ва иҷтимоиву сиёсие ба вуҷуд бояд овард, ки миллат ташаккул ёбад ва рушд кунад. Бо истифода аз фазои истиқлоли сиёсии кишвар роҳи

рушди устувори миллатро ҳамакнун бояд ҳамвор кард. «Оянда давоми табиӣ ва ногузири имрӯз аст. Оянда оғози худро аз имрӯз мегирад...” *(И.Д.Ковальченко, Методы исторического исследования. –М.: Наука, 2003. –С.88).* Аз ин рӯ, заминаи ояндаи солими ҷомеаи худро аз имрӯз бояд гузорем. Ба қавли ҷомеашиноси амрикоӣ Девид Метюз: “Албатта, тағйир додани ҳама чиз ва дар як рӯз ғайримумкин аст, вале аз чизе бояд сар кард” *(Девид Метюз, Сиёсат барои мардум, Душанбе, 1998, С.57).* Ислоҳоти густурда ва фарогире, ки Пётри Кабир дар асри XVIII дар кишвари Русия роҳандозӣ карда буд, заминаи устувору созгореро барои рушди минбаъдаи Русия ба вуҷуд овард. Пётри Кабир зарурати тағйир додани шуур ва ҷаҳонбинии ҷамъиро ҳамчун пешзаминаи таҳаввулоту рушди кулли соҳаҳои ҷомеа хуб дарк карда буд. Аз ин буд, ки ба дастури ӯ қариб тамоми китобҳои илмӣ ва адабии аврупоиён ба забони русӣ тарҷума ва бо теъдоди хеле зиёд интишор дода шуданд, то тамоми мардум ба он дастрасӣ дошта бошанд ва бо истифода аз онҳо аз вартаи хурофот раҳоӣ ёбанд.

Дар воқеъ, ҳеҷ гуна ислоҳоти аз ҷониби давлат роҳандозишуда агар дар байни ҷомеа аз лиҳози моҳиятӣ замина надошта бошад, ҳаргиз наметавонад ба падидаи устувор табдил ёбад. Ислоҳоте, ки бе таҳияи ин пешзамина роҳандозӣ мешаванд, хусусияти муваққатӣ дошта устувору мудовим нестанд ва фақат ба талошу кӯшиши давлатмардони ислоҳотгар вобастаанд. Бо коҳиш ёфтани тамоили ислоҳотгароёнаи ин афрод ва ё поён ёфтани маъмурияти онҳо табиист, ки раванди чунин ислоҳот низ поён хоҳанд ёфт. Барои он ки ҷомеа амали солиму созанда дошта бошад, ногузир бояд назари солиму созанда дошта бошад. Ба таъбири дигар, барои дар ҷомеа ба падидаи устувор табдил додани амалияи солиму созанда бояд назаргоҳ, яъне ҷаҳонбинии ҷомеаро солиму созанда кард.

Яке аз омилҳои боздорандае, ки монеи рушди миллист, ҷанбаи фаталистӣ доштани ҷаҳонбинии мардуми мост. Фатализм ва ё тақдирпарастӣ навъе аз хурофотгароист, ки эҳсоси масъулият ва дар зимн, нерӯи талоши фард ва ҷомеаро дар баробари мушкилот аз байн мебарад. Аҳли ҷомеае, ки мушкилоти худро ба тақдир нисбат медиҳанд, табиист, ки барои

бартараф кардани он ба таври ҷиддӣ масъулият намепазиранд ва саъю талош карданро дар ин роҳ амре ҳатмӣ намеҳисобанд. Аз сӯи дигар, ба дӯши сарнавишт ва қисмат бор кардани масъулияти худ навъе фарофиканӣ ва ба ин васила пинҳон кардани заифию нотавонӣ ва беҳунариву камҷуръатии худ низ ҳаст. Дар миёни ҷомеаи мо ба ҳукми одат даромадааст, ки мардум ва ҳатто равшанфикрон низ дар мавриди мушоҳидаи мушкилоти кору рӯзгори атрофиён ва таъминоти маишии онҳо гӯё ба хотири таскин бахшидани онон омили мушкилотро ба тақдиру қисмат рабт медиҳанд ва файласуфона мегӯянд, ки: “зиндагӣ ҳамин аст, сабр бояд кард, ҳама кор ба тадриҷ хуб мешавад” ё “тақдирро тадбир нест, инсон ҳар чизеро, ки дар пешонааш навишта шуда бошад, ноилоҷ хоҳад дид”. Зоҳиран тақдиргарой дар баробари мушкилоти рӯзгор амале таскиндиҳанда ва оромбахш дар назар меояд, аммо ин амал монанди корбурди доруҳои таскинбахш дар мавриди беморӣ аст, ки бо вуҷуди ором бахшидани дард ҳаргиз онро шифо нахоҳад бахшид, гузашта аз ин боиси куҳнатару музминтар ва шадид шудани он хоҳад шуд.

Ҳар миллате, ки ба ҷои талош кардан дуо карданро роҳи ҳалли мушкилоти худ медонад ва аз ин тариқ умедвори тағйироти муъҷизаосову натиҷаҳои зудрасу безаҳмат аст, аслан миллати масъулиятнопазиру роҳатталаб ва тақдирпарастест, ки роҳ ба ҷое нахоҳад бурд. Ин гуна миллат бо чунин сатҳи андешаву навъи шуур на фақат қудрати ояндасозӣ надораду масъулиятеро дар ин росто намепазирад, балки зиллату хориву дармондагии худро дар шароити ҳозира ва шикастҳову нобарориҳои кори худро дар гузашта низ ба худ нисбат намедиҳад ва маншаъи онро дар авомили фавқуттабиӣ медонад. Мушкилоти ин навъи тафаккур дар он аст, ки ҳомилу соҳиби он қодир ба дарки мақулаҳои сабабу натиҷа нест, аз ин рӯ гумон мекунад, ки натиҷаҳои матлубу дилхоҳ бе талошу заҳмат ва бидуни таҳияи заминаҳои он ба вуҷуд хоҳанд омад. «Баръакси ҳақиқат дурӯғ аст. Вақте ки дурӯғ ҳамчун ҳақиқат фаҳмида мешавад, гумроҳист» *(Кант И. Трактаты и письма. – М.: Наука,1980. – С. 360).*

Бовар ба дуо кардан ва ба ин васила умедворӣ ба раҳоии муъҷизаосо аз вартаи мушкилот худ навъе эътироф бар аҷзу нотавонии хештан аст.

Аз ин аст, ки соҳибони чунин тарзи тафаккур дар баробари мушкилоти мавҷудаи иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсӣ зуд таслим мешаванд ва иддае аз онҳо агарчи гоҳе зоҳиран эътироз кунанд ҳам, аммо ҳаргиз худро масъулиислоҳи вазъ намедонанд. Ба қавли муҳаққиқи эронитабори амрикоӣ Амирҳусайни Лодан: "Бовар ба маҳдуд будани ихтиёри инсон дар зиндагиву анҷоми кор як омили тахрибӣ ва боздорандаи фарҳангамон мебошад"*(Амирҳусайни Лодан, Худосолорӣ ва дармондагӣ, Лос-Анҷелес, 2014, С.198).* Ба махфигоҳи тақдир рабт додани мушкилоти рӯзгори худу аҳли ҷомеа гурезгоҳу паноҳгоҳест барои пинҳон кардани заъфу нотавонии назарӣ ва амалии хеш, хосса дар мавриде, ки роҳкори дурусти бурунрафте рӯ дар рӯи бунбастҳои мушкилоти фардиву иҷтимоӣ надорем.

Суоле ба миён меояд, ки чаро мо дар мавриди рӯ дар рӯӣ бо мушкилот ба ҷои сахткӯшӣ ва барномарезии воқеъбинонаву оянданигарона мехоҳем бо оростани хони "аз барои худо", гирифтани дуо, назр ба мазорҳо, маросими мушкилкушо, "хун кардан"-и бузу гӯсфанду мурғ барои рафъи "бало" ва дуову ниёиш гиреҳи корҳои баста ва мушкилоти худро кушоем? Ва бо анҷом додани ин корҳо гумон мекунем, ки масъулияти худро барои рафъи мушкилот ба ҷо овардаем. Чаро интизор ва умедворем, ки ба ҷои мо мушкилотамонро нерӯҳои осмонӣ ва ё арвоҳи бузургон ҳал кунанд? Посухи кӯтоҳ ба ин суол ин аст: Чунки шинохти дурусте аз воқеият надорем, олами воқеиро маҷозӣ ва олами маҷозиро воқеӣ мехонем.

Дар ташаккули чунин навъи ҷаҳонбинӣ нақши фарҳанги исломӣ низ хеле бориз аст. Ба ин таъсиргузории номатлуби фарҳанги исломӣ ҳатто баъзе аз намояндагони шинохтаи олами ислом низ иқрор шудаанд. Бубинед, ки Алии Шариатӣ, ки худ аз донишмандони улуми исломӣ аст, дар ин маънӣ чӣ гуфта: "Дар ислом ва бахусус дар ташайюъ шеваҳои хосе пеш гирифтаанд, масалан медонем, ки дар мабонии эътиқодии шиа ҳамчунон ки адл ва имомат ҳаст, тавассулу шафоат ва ибодату тақво ва тазкияи нафсу тавба, тақияву тақлид ҳам ҳаст. Ин мабонӣ

бештар ҷанбаи фардӣ ва рӯҳиву ахлоқӣ доранд ва гузашта аз он содатар метавон таҳрифашон кард ва мардумро ба ин васила аз масоили ҳод(ҳассос)-и зиндагии иҷтимоӣ ва пардохтан ба масъулиятҳои ҷамъӣ ва андешидан ба авомилу иллати бадбахтиҳои умумӣ ва тазодҳову табъизҳо боздошт ва ба номи тақияву тақлид сокиташон кард ва ба баҳонаи ибодату тазкия ба худ сарбандашон сохт*(Амирҳусайни Лодан, Худосолорӣ ва дармондагӣ, Лос-Анҷелес, 2014, С.185)*. Ин ҷо бояд ишора ва илова кард, ки ин “мабонӣ”, аз ҷумла тавассулу шафоат, тақвову тазкияи нафс, таваккулу ризо, қаноату сабр ва мақулаҳои дигаре амсоли инҳо дар мазҳаби суннӣ ва ирфон низ аз ҷойгоҳи вижае бархурдоранд ва дар ташаккули ахлоқи миллӣ нақши тахрибӣ бозидаанд.

Дар ростои мухолифати рӯҳоният бо дониш ва огоҳӣ муроҷиа мекунем ба андеша, боварҳо ва суханони бузургони рӯҳоният:

- Шофеъӣ - фақеҳи маъруф ҳукм дод, ки агар бандае дар улуми ғайришаръӣ назар кунад, ононро тозиёна бизананд ва дар миёни ашойир ва қабоил бигардонанд ва бигӯянд: "Ин сазои касе аст, ки китоб(манзур Қуръон аст) ва суннатро раҳо кард ва ба улуми ақлӣ рӯй овард".
- Ибни Ҷузӣ - фақеҳи ҳанбалӣ дар "Талбиси Иблис" худ ин қабил уламоро гурӯҳе муаррифӣ кард, ки Иблис ононро фирефтааст. Иблис дар фирефтани онон аз ин роҳ қудрат ёфтааст, ки онон барои дарки ҳақоиқ танҳо ба ақли худ рӯй оваранд.
- Ҳатто Ғазолӣ бо ҳама нубӯғи худ ба соиқа(бурҳон)-и таассуби мазҳабии хеш навишт: "Хавз(фурӯ рафтан) дар риёзиёт мусулмони муъминро ба куфр мекашонад ва назар дар илми Уқлидус ва таъаммуқ дар ҳисобу ҳандасаро мояи фасод донист.
- Закариёи Розӣ - бузургтарин пизишки таърихи ислом дар синини пирӣ бар асари он ки китобҳои ӯро ба сараш кӯбиданд, биноии худро аз даст дод.
- Ибни Сино - шайхурраиси ҷаҳони дониши исломӣ муаллифи "Қонуни шифо" ва беш аз 120 китобу рисолаи дигар, ки осори тарҷумашудаи лотинии ӯ то чандин қарн баъд аз худаш аз муҳимтарин китобҳои дарсии донишгоҳҳои аврупоӣ буд, аз

ҷониби фуқаҳо ва муташарриъини асри худ "зиндиқ ва мулҳид" эълом шуд ва "илми дурӯғину фиребандааш" мояи гумроҳии халқ ва дур кардани онон аз роҳи Ҳақ ва ҳақиқат ба шумор омад ва ба амри халифа Ал-мустадӣ китобҳояш дар соли 555-и ҳиҷрӣ сӯзонда шуд *(Амирҳусайни Лодан, Худосолорӣ ва дармондагӣ, Лос-Анҷелес, 2014, С.312).*

Бояд таъкид дошт, ки хирадситезии табақаи рӯҳоният на фақат дар Шарқ, балки дар Аврупои қуруни вусто низ омили боздорандаи ҷиддие буд. Ба қавли донишманди эронӣ Шуҷоъуддин Шифо: ”Душманӣ бо ҳар гуна донише аз мумаййизоти усулии ҳар се оини тавҳидӣ аст... Дар "Таврот" Худованд усулан дар баробари дониш ва донишмандон ҷабҳа мегирад ва тасреҳ мекунад, ки: "Ҳикмати ҳакимонро ботил ва дониши донишваронро табоҳ хоҳам кард. ... Калисо аз ҳамон замоне, ки ба қудрат расид, кӯшид то бар ҳар гуна фаъолияти илмӣ дар хориҷ аз он чӣ худ муҷоз медонист, лагом бизанад” *(Таваллуде дигар-Эрони куҳан дар ҳазораи нав, Шуҷоъуддин Шифо, С.167).* Аммо дар Аврупо ва ба дунболи он дар ҷаҳони мутамаддин тавонистанд шиддати тундравии Динро дар уфуқҳое, ки бо Миллату Илм зиддият дошт, ислоҳ кунанд ва ба ин васила ҷомеаҳои худро аз хурофотгарой раҳо намуда, дар заминаи худшиносии милливу рушди илмиву техникӣ ба авҷи тараққӣ бирасонанд, аммо миллатҳои хурофотгаро бо пойбандӣ ба таассуби диниву мазҳабӣ ҳамчунон аз масири рушд берун мондаанд.

Аврупо дар асри XVII- XVIII бо раҳо кардани зимоми зеҳни ҷомеа аз дасти калисо ва ба ҷои ҷаҳонбинии динӣ ташаккул додани ҷаҳонбинии илмӣ тавонист ба суръат тараққӣ кунад. Дар "Таърихи Пётри Кабир" - навиштаи Волтер омада, ки Пётр ба кашишону доноёни кишвараш гуфт: "Зулмати рӯҳонӣ ва дахолати муллоён дар амри мамлакатдорӣ садди роҳи ислоҳталабӣ ва навҷӯӣ аст. ..." *(Амирҳусайни Лодан, Худосолорӣ ва дармондагӣ, Лос-Анҷелес, 2014, С.183)*

Дар мисоли давлатҳои Русияву Туркияи усмонӣ, ки намояндаи Ғарбу Шарқ (олами ислом ва насоро) ҳастанд, тӯли асрҳои XVII-XIX, ки ҳар ду дар он замон қудрату имконоти низомиву иқтисодии тақрибан баробар доштанд (ва ҳатто дар

бисёр самтҳо давлати Туркҳои усмонӣ нисбат ба Русия афзалият дошт), ду падида ва раванди баръакси ҳамдигарро мушоҳида метавон кард. Шоҳони рус ва ба вижа, Пётри Кабир мекӯшиданд ҷомеаи хурофотзадаи худро ба масири хирадгароӣ ва мудернизатсия савқ диҳанд, аммо туркҳо дар ҳамон ҳоли ортодокс қарор доштанро афзал медонистанд. Ин равандҳои ба ҳам мутаноқиз боиси рушди Русияву заволи Туркияи Усмонӣ шуд. Зимнан бояд гуфт, ки русҳо аз ақибмондатарин миллатҳои Ғарб буданду туркҳо аз пешрафтатарин ва қудратмандтарин миллатҳои Шарқ.

“Туркон то асри XVII агарчи дар сояи шамшер то қалби Аврупо пеш рафта буданд ва хеле бештару пештар аз Русия бо Аврупои Ғарбӣ иртибот доштанд, аммо натавонистанд баҳраи чандоне аз илму ҳикмати он бибаранд. Ҳатто аз таҳаввулоти фикриву иҷтимоии бузурге монанди Ренесонс ва моҳиятиислоҳи дину инқилоби санъатӣ ва асри рӯшноӣ хабардор нагаштанд. Сарсахтии ин қавм дар донишнопазирӣ аз шигифтиҳои таърихи фарҳанги башар аст!!! Ҳадди таъаққули мадании Усмониро дар қарни XVII аз ин ҷо бояд шинохт, ки ҳатто фанни соатсозиро таҳрим карданд(!!!), барои ин ки соат кори муаззини масҷидро зоеъ мегардонад!!!” *(Амирҳусайни Лодан, Худосолорӣ ва дармондагӣ, Лос-Анҷелес, 2014, С.183)* Аз ин буд, ки нухбагони турк баъд аз шикасти давлати Усмонӣ дар ибтидои асри XX даст ба ислоҳоти густурдае заданд, ки яке аз муҳимтарин абъоди он модернизатсия буд ва ҳаст.

Миллате, ки таҳти таъсири хурофот қарор дорад, табиист, ки авомили суду зарари худро наметавонад дуруст ташхис кунад, аз ин рӯ бисёр осон ба абзори дасти нерӯҳои манфиатҷӯ табдил меёбад ва нохудогоҳ ба зарари худу ба нафъи бадхоҳони хеш талош меварзад. Миллатҳои ноогоҳу худбохта аксар маврид нисбат ба фарзандони содиқу ватанпарвари худ ва талошҳои ислоҳотгаронаи онҳо на фақат бетафовутанд, балки ҳатто аз ҷаҳолату худношиносӣ онҳоро маҳкум низ мекунанд. Садриддин Айнӣ дар китоби «Таърихи инқилоби Бухоро» дар бораи ҳаракати равшанфикрӣ ва тамоили шадиди ислоҳотгароёнаву маорифпарварона доштани он дар Аморати Бухоро изҳори назар карда, ҳамчун шоҳиди ҳол гуфтааст: “... вале ин халқи

мазлуму нодон ба тарафдорӣ аз ҳукумату косалесони он – муллоҳо ба муқобили ислоҳот омода мешуд» *(Садриддин Айнӣ, Таърихи инқилоби Бухоро, - Душанбе: Адиб, 1987. С.240)*.

Аврупову Амрико ва олами мутамаддин аз он ба пешрафт ноил шуданд, ки зеҳнияти ҷомеаашон аз тасаллути хурофот раҳоиш ёфт ва усули зиндагиашон бар бунёди хирадгароиву воқеънигарӣ ниҳода шуд. Ба тафовут аз қуруни вусто, ки хурофот меҳвари дидгоҳашонро ташкил медод, феълан он ҳеҷ гуна ҷойгоҳе дар низоми ҷаҳонбинии ҷомеаашон надорад. Мо ҳам агар мехоҳем ба пешрафт ноил шавем, бояд ногузир дар масири хирадгароӣ, мардумсолорӣ, эътимод ба нафс ва сахткӯшӣ қарор дошта бошем. «Қадами аввал барои ба зиммаи худ гирифтани масъулияти навиштани сарнавишти худ ин эътирофи он аст, ки мо имконияти интихоб дорем», яъне мавҷуди соҳибихтиёрем, на ин ки ҳар як амали мо аз қабл бо қалами тақдир навишта шудааст *(Девид Метюз, Сиёсат барои мардум, Душанбе, 1998, С.185)*. Ба чанд масъалае, ки ба мавзӯи мавриди назар марбутанд, таваҷҷуҳ мекунем:

## 3. ДЕМОКРАТИЯ ДАР ҶОМЕАИ ВОПАСГАРО

Дар ҷомеаҳое, ки зеҳнияти аксарияти афроди он хурофотист, ҳатто корбурди услубҳои мудерни давлатдорӣ ва равиши мардумсолоронаи маъмурияти ҷомеа низ наметавонанд ба худии худ заминаи рушди устуворро ба вуҷуд оваранд. Демократия ва унсурҳои аслии он, яъне ҳукумати мардумсолору қонунбунёд, адолати иҷтимоӣ, озодии баёну интихоб, раъйпурсии умумӣ ва ғ. мустақиман наметавонанд роҳро ба сӯи рушди ҷомеа боз кунанд. Масалан, дар ҷомеае, ки дидгоҳи аксари шаҳрвандонаш хурофотист, табиист, ки мафҳуми озодӣ дар чаҳорчӯби муқаррароти мазҳабӣ ва эътиқодоти умум тафҳим мешавад. Қонунсолории ҷомеа аслан ба маънои дар авлавият гузоштани муқаррароти мазкур фаҳмида хоҳад шуд. Аз тариқи интихоботу раъйпурсии умумӣ низ дар чунин ҷомеаҳо афроде шонси бештари интихоб шуданро хоҳанд дошт ва лоиҳаҳои қонунҳое имкони мавриди пазириши умум қарор гирифтанро метавонанд дошта бошанд, ки ба хостаи аксарият мутобиқ аст. Демократия аслан равиш ва услуби ҳукумат кардан аст, маъмурияти ҷомеа бар асоси хостаҳои умум аст, на форматсияи иҷтимоиву

иқтисодӣ ва ё мактаби фикриву фалсафӣ. Аз ин рӯ, агар хостаҳои умум иртиҷоиву вопасгароёна ва ғайривоқеъбинона бошанд, табиист, ки он ҷомеа ҳатто бо корбурди равиши демократӣ низ роҳ ба ҷое нахоҳад бурд. Ба қавли ҷомеашиноси амрикоӣ Девид Метюз: "Барои рушди демократия... мардум бояд бошуур бошанд". *(Девид Метюз, Сиёсат барои мардум, Душанбе, 1998, С.137)* Албатта, ин ҷо бояд ба эътибор гирем, ки манзури Девид Метюз аз корбурди вожаи бошуур аслан шуури илмиву сиёсӣ аст.

Бинобар ин барои рушди ҷомеа ташаккул додани ҷаҳонбинии воқеъбинонаву илмии умум ва такмили шуури ҷамъиятӣ омили аз ҳама муҳим ва бунёдӣ аст. "Мардумсолорӣ ё ширкати мардум дар таъйини сарнавишти хеш дар сурате имконпазир мебошад, ки ҳам омодагии зеҳнии касратгароӣ дар ҷомеа вуҷуд дошта бошад ва ҳам бунёнҳои чорчӯбии он барпо шавад. Мардумсолорӣ як шиор нест, балки як пружа ва як систем аст" *(Амирҳусайни Лодан, Худосолорӣ ва дармондагӣ, Лос-Анҷелес, 2014, С.46)*.

## 2. МАШРУЪИЯТИ ФАРОИҶТИМОӢ (ИЛОҲӢ) ДОДАН БА ДАВЛАТ ДАР ҶТ

Як нишонаи равшани хурофотӣ будани ҷаҳонбинии ҷомеаи мо дар он зоҳир мешавад, ки ҳатто кормандони давлативу зиёиён ва адибону назарияпардозони сиёсии ҷомеаи мо мисли рӯҳониёни дарбории қуруни вусто, Ҳукумати кишварро, ки расман дунявию демократӣ, яъне мардумсолор эълом шудааст, кӯшиш мекунанд, ки худосолор ҷилва диҳанд. Давлат ва Ҳукумате, ки худро худосолор ҷилва медиҳад, ба он ишора мекунад, ки гӯё он машруъияти илоҳӣ дорад. Худосолорӣ аслан як мактаби сиёсии динӣ аст. Бар асоси таълимоти ин мактаби сиёсӣ роҳбари давлат "тобеи қонуни заминӣ, мамлакатӣ ва мардумӣ нест, зеро машрӯъияташ мустақим аз тарафи Худо мебошад. Бинобар ин ӯ ҳеҷ гуна масъулияте дар баробари қонун ва мардум надорад, яъне дар баробари қонун ва мардум посухгӯ нест" *(Амирҳусайни Лодан, Худосолорӣ ва дармондагӣ, Лос-Анҷелес, 2014, С.13)*.

Мавқеъгирии назарияпардозони давлатие, ки барои ҳифзи бақои давлат онро худосолор нишон додан мехоҳанд, аз як

тараф, агар бозгӯи дидгоҳи хурофотии онҳо бошад, аз тарафи дигар, далели камзарфиятии онҳо аз лиҳози илмӣ аст, ки наметавонанд дар такя ба донишҳои сиёсиву иқтисодӣ ва ҷомеашиносӣ мавқеи давлат ва сиёсати раҳбарияти онро ба таври муътамаду мустанад ҳимоят карда, мардумро мутақоид созанд. Ҳар гуна кӯшише дар ростои машруъияти фароиҷтимоӣ додани давлат куллан хилофи меъёрҳои ҷомеаи демократӣ ва қонунгузории кишвар аст. Дар ҷомеаи демократӣ (мардумсолор) давлат ва роҳбари он бар асоси раъйи мардум рӯи кор меоянд ва аз ин рӯ, маҳз раъйи аксарияти мардум мабнои фаъолияти қонунии онҳост.

Мутаассифона, дар кишвари мо кам нестанд назарияпардозони сиёсӣ ва адибону зиёиёне, ки ба таври ошкоро аз тариқи садову симои кишвар ва дигар васоити ахбори омма ин гуна дидгоҳи хурофотиро ироа медоранд. Ин “назарияпардозон” ба таври мустақим ва ғайримустақим ғолибан бар он ишора мекунанд, ки машрӯъият, яъне асоси қонунии фаъолияти Ҳукумати феълӣ на аз раъй ва хости мардум, балки аз ҷойгоҳи мавҳуми фаромардумиву мавароиҷтимоӣ маншаъ мегирад. Баъзе аз онҳо дар чунин маврид ҳатто аз корбурди таъбирҳои омиёнаи “назаркарда” низ сарфи назар намекунанд ва нохудогоҳона дар мавқеи ақидатие қарор мегиранд, ки хилофи муқаррароти моддаи I Конститутсияи ҶТ мебошад. Ин навъи мавқеъгирӣ хурофотӣ будани ҷаҳонбинии на фақат омма, балки нухбагону зиёиён ва кормандони давлатии моро низ ба намоиш мегузорад, аз ҷумла дар сатҳи байналмилалӣ.

## 3. МАЗОРПАРАСТӢ

Дар кишварҳои мусулмоннишин ва ба хусус, дар кишвари мо мазор ва мазорпарастӣ яке аз анъанаҳои хурофотиест, ки бисёр густариш ёфтааст. Дар Тоҷикистон наметавон минтақа ва ҳатто деҳаеро ном бурд, ки дар он ва гирду атрофи он чанд мазор ва ё ба қавле, макони муқаддас вуҷуд надошта бошад. Парастиши мазорҳо ва эътиқод ба нерӯи фавқуттабиӣ доштани онҳо навъе аз боварҳои хурофотист. Эътиқод ва парастиши мазорҳо аз тарафи мардум марбут ба тарзи ҷаҳонбинӣ ва шуури ҷамъиятии онҳост. Мардумоне, ки чунин ҷаҳонбинӣ доранд, бар онанд, ки

мазорҳо ва арвоҳи ашхоси дафншуда метавонанд ба вазъи зиндагии онҳо ва шаклгирии равандҳои сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маишии аҳли ҷомеа таъсиргузор бошанд. Дар робита ба ин навъи эътиқод аст, ки мардуми мо ба мазорҳо рӯ меоранд ва барои ҳалли мушкилоти худу аҳли ҷомеа “шафоат” мехоҳанд.

Ин гуна шинохт ва ҷаҳонбинӣ роҳро ба таври фарох ба сӯи фатализму тақдиргароӣ ва дар зимн, бемасъулиятӣ боз хоҳад гузошт, яъне миллионҳо нафар барои рафъи мушкилоти худ ва ҷомеа роҳи ҳалро дар он мебинанд, ки рӯ ба мазорҳо оранд ва арзи ниёзу дуо кунанду шафоат талабанд.

Рушди миллӣ ба сатҳи ташаккули тафаккури миллӣ робитаи мустақим дорад ва ҳамчунин маншаъи мушкилоти ҳар ҷомеае низ аслан дар шуури ҷамъиятии он аст. Он чӣ доир ба ин масъала нигаронкунанда аст, вазъи ҷаҳонбинии имрӯзаи мардуми мост.

Дар байни мардуми мо мазорҳои зиёде, аз ҷумла мазори Бурхи Валӣ дар ноҳияи Рашт, мазори Аскарӣ дар ноҳияи Шӯробод, мазори Хоҷа Ҷунайди Бағдодӣ дар шаҳри Роғун, мазори Увайси Қаранӣ дар ноҳияи Балҷувон, мазори Хоҷа Исҳоқи Валӣ дар ноҳияи Айнӣ ва ғ. хеле маълуму машҳуранд, аммо гӯри шаҳидону қаҳрамонони ин миллат, аз ҷумла Спитамен, Деваштич, Абумуслими Хуросонӣ, Мунтасири Сомонӣ, Восеъи диловар, Сарбадорони Самарқанд ва ғ. куллан ношинохта ва нопайдост. Барои чунин шакл гирифтани қазия рӯҳониёни миллати мо беш аз дигарон сабабгоранд. Мутаассифона, дар тӯли таърих рӯҳониёни мо на фақат маънаван аз мавқеи миллату манофеи миллӣ дифоъ намекарданд, балки дар бештарини маворид миллиситезӣ карда, барои маҳви арзишҳои милливу унсурҳои фарҳанги миллӣ беш аз бегонагон талош меварзиданд. Маҳз дар робита ба ҳамин тарзи бархурду муносибат ва миллиситезии рӯҳониён аст, ки мазорҳо ва парастишгоҳҳои мардуми мо бидуни камтарин истисно ҳама ҷанба ва моҳияти диниву мазҳабӣ ва бегонапарастӣ доранд. Дар ин росто ҳатто як намунаеро наметавон мисол зад, ки марқади ватанпарасте ва ё қаҳрамони миллие ба мазору зиёратгоҳ табдил ёфта бошад.

Гузашта аз ин, мардуми мо нисбат ба арзишҳо ва қаҳрамонҳои миллӣ беэътиноанд. Иддае аз онҳо ҳатто тавҳин бар гузашта ва гузаштагони таърихи ғайриисломии худ мекунанд.

Яке аз омилҳои заиф шудани ҳувийяти миллӣ таҳмили муқаддасоту арзишҳои бегона ва тарҷеҳ додани онҳо бар арзишҳои миллӣ аст. Мутаассифона, дар ҷомеаи мо чунонки гуфтем, ҷаҳонбинии омма ва ҳатто зиёиён аслан ортодоксаливу хурофотист. Мавқеи меҳварӣ доштани арзишҳои ғайримиллӣ дар зеҳни мардуми мо далели рӯшани худбохтагиву бегонагарой ва набуди тафаккури миллӣ дар ҷомеаи мост.

Вожаи "мазор", ончуноне ки аз луғоти муътабар пайдост, лафзи арабист ва бо вожаҳои "зиёрат", "зоир", "мазур" ва калимоте аз ин қабил ҳамреша аст. Маънои вожаи "зиёрат" дидор ва боздиде аст, ки ба хотири таъзиму такрим, яъне бузургдошту гиромидошт анҷом дода мешавад. Арабҳо зиёраткунандаро "зоир" ва "зоира", зиёратшавандаро "мазур" ва макони зиёратро "мазор" мегӯянд *("Муъҷам-ул-мақоис-ал-луғат", С.443; "Лисон-ул-араб", ҷилди 4, С.336)*. Аммо мафҳуми мазор маъмулан ҳаммаънии "зиёратгоҳ", "зиёратҷой", "марқад", "оромгоҳ", "қабр", "қадамҷой" ва мадфани ашхоси муқаддаси исломӣ аст *(Ислам. Энциклопедический словарь.-М.,1991, С.151)*. Дар миёни ом мафҳуми мазор аслан маънии "макони дафни шаҳид"–ро дорад, яъне мадфани шахсе, ки дар роҳи дин қурбон шудааст. Дар қуруни вусто мафҳуми мазор маънии густурдатаре ба худ гирифт. Таҳти ин мафҳум на танҳо маконҳое, ки оромгоҳи шаҳидон маҳсуб мегаштанд, дар мадди назар буд, балки мадфани намояндагони қишрҳои соҳибимтиёзи исломӣ ва ба вижа сайидон, хоҷагон, эшонҳо ва тӯраҳо, ки бо марги табиъӣ вафот карда буданд, низ дар назар гирифта мешуд. Дар иртибот ба суннатҳову анъаноти тоисломӣ дар ҷомеъаи исломӣ кӯҳҳо, ғорҳо, сахраҳо, шаҳобсангҳо, чашмасорон низ чун мазор аз ҷониби мардум парастиш мегаштанд.

Анъанаи мазор ва мазорпарастӣ аслан ба навъи эътиқодоти башар дар бомдоди таърих марбут аст, ки аз он дар таърих ҳамчун даврони ҷомеаҳои ибтидой ном бурда мешавад. Башарият дар он марҳилаи рушди худ бисёре аз падидаҳои

табиатро, ки ба мармуз ва пурасрор менамуд, парастиш мекард. Парастиши падидаҳои табиӣ ва аҷроми осмонӣ ба эътиқодоти одамони даврони ибтидоӣ хос буд, ки онро дар диншиносӣ "динҳои табиӣ" мегӯянд ва ашёпарастиро ҳамчун фетешизм ва рӯҳпарастиро ҳамчун анемизм ном мебаранд[1].

Омилҳои мазорпарастӣ дар ҷомеаи мо хеле зиёданд, ки дар ин навишта мо ба хотири ба дарозо накашидани баҳс аз шарҳи онҳо худдорӣ мекунем, аммо новобаста ба ин метавон бо қотеият гуфт, ки аз миёни тамоми он омилҳо ҷиддитарин омили ривоҷи анъанаи мазорпарастӣ дар кишвари мо, бидуни шак, ҷаҳонбинии ғайриилмӣ ва хурофотӣ доштани аксари афроди ҷомеа аст. Касоне, ки аз дарки ҳаводиси табииву иҷтимоӣ оҷиз мемонанд, бинобар ноогоҳӣ табиист, ки дидгоҳи хурофотӣ хоҳанд дошт. Барои ин гуна ашхос бовар ба нерӯи фавқуттабиӣ доштани баъзе падидаҳои табиӣ, аз ҷумла сангҳову чашмасорону дарахтҳои куҳансол ва ғ. амре маъмулӣ хоҳад буд. Ин гуна одамон, ба вижа ба нерӯи арвоҳ ва дар зимн, ба "шафоат"-и мазорҳо эътиқоди фавқулода доранд.

Бояд гуфт, ки ба густариши чунин ҷаҳонбинӣ таълимоти мазҳабӣ хеле мусоидат мекунад. Бисёр унсурҳои фетешизм ва анемизмро дар динҳои тавҳидӣ метавон мушоҳида кард. Зиёрати амокини муқаддасу мазори ашхоси муътабар, парастиши санги сиёҳ(ҳаҷаруласвад), қасам хурдан бо офтоб, моҳ, ситорагон, ки дар осори динӣ мушоҳида мешавад ва талаби шафоат кардан аз ин гуна амокину аҷром ва ашё истидлоли ин иддаост.

Мазорпарастӣ ҳамчун навъе аз хурофотпарастӣ аслан ва абадан бо тафаккури илмӣ созгор нест. Мазорпарастӣ бидуни муболиға худ як навъ эътиқодест, ки моҳиятан ҷиҳоду шаҳодатро таблиғу талқин мекунад. Мардумро беҳувийят ва бегонапараст менамояд ва аз масири ватанпарастӣ мунҳарифу мунсариф месозад, чунки мазорҳои кишвари мо қариб ҳама ба ашхосе мутааллиқ дониста мешаванд, ки андактарин иртиботе ба масъалаи меҳанпарастӣ надоранд, гузашта аз ин, аксари онҳо аслан аҷнабианд ва дар ташаккули илму фарҳанги тоҷик саҳме нагузоштаанд.

Яке аз омилҳои ақибмондагии давлатҳои ҷаҳони сеюм хурофотгароӣ ва тақдирбоварии аксари афроди ҷомеаҳои

онҳост, зеро хурофотгароӣ ва тақдирбоварӣ эҳсоси масъулияти иҷтимоии мардумро то ҳадди сифр поин бурда, роҳҳали мушкилоти инфиродиву иҷтимоиро дар дуову ниёиш ва рӯи ниёз овардан ба шахсиятҳои муътабари рӯҳониву мавзеъҳои ба ном муқаддас медонад. Парастиш ва эътиқоди ҷоҳилона омили таассуб аст ва таассуб инсонро ба тундравию ифротгароӣ ангеза медиҳад. Аслан парастиш як мафҳуми мазҳабӣ аст ва дар ҷомеаҳои мазҳабмеҳвар роиҷ аст. Дар ҷомеаҳои мудерни Ғарб, ки аксари афроди он бар асоси мантиқу истидлол ва хирадгароиву андешаи солим амал мекунанд, ин падида ҷойгоҳи таъсиргузор ва фарогире надорад, ки фазои афкори умумро таҳтушшуо қарор бидиҳад.

Ба масъалаи тарғиби мазорпарастӣ ва дар зимн, ташвиқи хурофот ҳавасманд будани баъзе нерӯҳои хориҷӣ ва рӯҳониёни дохилиро аз қазияи марги Анвар-пошшои турк дар солҳои 20-уми қарни гузашта метавон дарёфт. Рӯҳониёни кишвари мо дар такя ба эътиқодҳои содалавҳонаи мардуми ҳувийятбохтаи маҳал баъди марги Анвар-пошшо ва дафн кардани ӯ ба тадриҷ болои марқадаш мақбара сохта, онро ба мазор табдил дода буданд. Давлати Шӯравӣ ин мақбараро вайрон кард, аммо новобаста ба ин рӯҳониён бо дастгирии мардум дигарбора мақбараро эҳё карда, ба ин миссионери аҷнабӣ ҳамчун муҷоҳиди роҳи ислом ва қаҳрамон арҷгузорӣ мекарданд ва мекунанд. Ин қазия, аз як сӯ, далели рӯшанест, ки тақаддусбахшӣ ва мазорпарастӣ як технологияи санҷидашудаву муассири ҳувийятсозии динӣ аз тарафи баъзе нерӯҳои манфиатҷӯи хориҷӣ ва рӯҳониёни дохил буду ҳаст ва аз сӯи дигар бозтоби нохудогоҳии миллӣ, бегонапарастӣ, мазҳабзадагӣ ва худбохтагии миллати мост.

Агар як гурӯҳи қавмӣ ва ё иҷтимоӣ бихоҳад, ки низоми сиёсиву иҷтимоии гурӯҳи қавмӣ ва ё иҷтимоии дигарро заиф кардаву ба тадриҷ онро шикаст диҳад, нахуст арзишҳову муқаддасоти он ҷомеаро дар назари худи онҳо хору беқадр мекунад. Дар ин росто панарабистон ва исломгароёни тундрав дар тӯли таърих барои мағзшӯии мардуми мо ва аз масири миллигароиву ватанпарастӣ мунҳариф кардани онҳо аслан аз ду васила истифода карда буданд ва айни замон низ аз он абзор истифода мекунанд. Василаи аввал тақаддусзудоӣ буду ҳаст, ки

он дар назари мардум беарзиш ва хор кардани арзишҳо ва улгӯҳои миллӣ аст. Василаи дувум тақаддусбахшӣ мебошад, ки он ба ҷои арзишҳову улгӯҳои миллӣ арзишҳо ва шахсиятҳои диниву мазҳабиро ҷойгузини онҳо намудан аст.

Бо мақсади ҷуброн кардани аъмоли истеъморгароёнаи аҷнабиён, ки дар тӯли таърих ба тадриҷ арзишҳои миллии худро ба арзишҳои меҳварии мо табдил дода, истиқлоли зеҳнии моро аз байн бурда буданд ва боиси ҳувийятбохтагии миллати мо шуданд, мо айни замон бо истифода аз истиқлоли сиёсии кишвар бояд барои ба даст овардани истиқлоли зеҳнии миллат ва ташаккули тафаккури миллӣ талош варзем. Ислоҳи вазъи равонӣ ва такмили шуури ҷамъиятии ҷомеа ё истиқлоли зеҳнии миллат заминаи аслии устувории истиқлоли сиёсии миллат аст.

Дар боло ба раванди тақаддусзудоӣ ва тақаддусбахшӣ ишора шуда буд. Барои ислоҳи вазъи равонӣ ва ҳувийятбохтагии ҷомеаи худ мо айни замон маҳз аз ҳамин роҳкор, яъне аз технологияи заиф кардани ҷойгоҳи арзишҳои ғайримиллӣ ва ҷойгузини онҳо кардани арзишҳову улгӯҳои миллӣ бояд истифода кунем. Аммо дар ин самт набояд бидуни роҳкор ва нақшаи мукаммал амал кард, зеро ин гуна бархурд натиҷаҳои баръакс дошта метавонад ва вокунишҳои ҷиддиро ба бор оварда, суръати раванди мазкурро кунд мекунад. Бояд ин амал дақиқан барномарезӣ шуда, бо равиши нарм марҳила ба марҳила анҷом дода шавад. Корсоз ва натиҷабахш будани ин амалро дар робита ба мазори Рӯдакӣ метавон мисол овард, ки дар ин росто хидмати Қаҳрамони миллати тоҷик С. Айнӣ хеле зиёд аст. Ин роҳкори С.Айниро дар самти улгӯсозии чеҳраҳои миллӣ ба шеваҳои муносиб ва ҷадид идома бояд дод ва ҳадди ақал барои қаҳрамонҳо ва чеҳраҳои сиёсии барӯманди миллие чун Куруши Кабир, Спитамен, Ардашери Бобакон, Анушервони Сосонӣ, Деваштич, Абумуслими Хуросонӣ, Яъқуби Саффорӣ, Мунтасири Сомонӣ, Восеъ, Сарбадорони Самарқанд ва ғайра муҷассамаҳову тандисҳо созем, ҷойгоҳҳои шинохтаеро ба номи онҳо гузорем ва корномаҳои меҳанпарастонаашонро ба таври шоиста муаррифӣ ва таблиғ кунем.

Дар воқеъ, мо ба хотири дастёбӣ ба рушди миллат ниёз ба тағйироте бунёдӣ ва куллӣ дорем, ки он аслан бояд дар сатҳи

ҷаҳонбинӣ ва шуури ҷамъиятии мо ба вуҷуд ояд. “Шарафманд ва лоиқи даврон гардонидани давлат на ба тақдир, балки ба дониш ва иродаи шаҳрвандон вобаста аст” *(Аристотель, Политика. –М.: РИПОЛ классик, 2010, С.536)*.

### 4. ФАРҲАНГИ ТАВАККУЛ ВА АДАМИ ТАЛОШ (сахткӯшӣ)

Бидуни шак, як омили бисёр муассири ташаккули шуури ҷамъии мо фарҳанги мост. Аз ҷумла, авомили аслии нуқтазаъфҳои менталитети мо-тоҷиконро низ аз лобалои фарҳангамон бояд ҷуст. Дар мавриди рӯ дар рӯӣ бо мушкилоти иҷтимоиву сиёсӣ умед бастани мардуми мо ба нерӯҳои фавқуттабиӣ ва ё қаҳрамонҳое, ки вижагиҳои фароинсонӣ доранд (масалан, Маҳдӣ, шайхҳои соҳибкаромот, ҳуккоми соҳибқирону назаркардаи худо ва ғ.), нишона ва далели бовар надоштани мардум ба нерӯи худ, масъулиятнопазирӣ, бетарафӣ, беҷуръатӣ, тақдирпарастӣ, ноогоҳӣ аз нақши худ дар таъйини сарнавишти худу масири иҷтимоиву сиёсии ҷомеа ва ояндаи Ватан аст. Ин тарзи тафаккур, яъне бовар ба тағйири муъҷизаосои вазъи мушкили ҷомеа ва ба ин васила бидуни ҳеҷ заҳмате ба якборагӣ рафъ шудани тамоми мушкилоти мавҷуда, агар аз як сӯ, далели масъулиятношиносиву роҳатталабии мо бошад, аз сӯи дигар, дидгоҳи хурофотӣ ва ғайриилмиву ғайривоқеии ҷомеаамонро ба намоиш мегузорад. Ин дидгоҳи тахайюлпарварона, ки аз бунёд бо дидгоҳи илмӣ созгор нест ва бо мақулаҳои сабаб ва натиҷа мухолиф аст, бозтоби он аст, ки мардуми мо бидуни фароҳам овардани шароити муносиб ва анҷом додани корҳои зарур ба якборагӣ натиҷаҳои матлубро ба даст овардан мехоҳад ва орзуи ҳалли мушкилотро мекунад, ки он ба ҳеҷ ваҷҳ имконпазир нест. Адабиёти шифоҳиву хаттии мо ва ба вижа, осори мутасаввифа, ки дар зеҳниятсозии хосу оми ҷомеаи мо нақши муассире дорад, пур аз ҳикоёту қиссаву ривоёте аст, ки дар онҳо кадом як шайху авлиёе бо як дуо ва каромот муъҷизае меофаринад ва якшаба тамоми мушкилоти мардумро ҳал мекунанд. Нақши таъйинкунанда доштани мардумро дар эҷоди сарнавишти худ (ва зимнан, дар рафъи мушкилоти иҷтимоиву сиёсии кишвар) дар адабиётамон ба нудрат метавон мушоҳида кард.

Дар адабиёти қадим ва ҳатто муосири мо низ ба таври мустақим ва ё ғайримустақим ба машрӯъияти мавароуттабиӣ доштани ҳукумат ишора мешавад. Эътимоди аксари мардуми мо ба машрӯъияти мавароуттабиӣ доштани ҳукумат ва нақши таъйинкунанда надоштани омма дар ташкил ва танзими давлат масъала ва мушкилоте аст, ки решаи он аз фарҳанги қадими мо об мехурад. Ба таври фишурда барои тасдиқи ин иддао метавон аз ҷойгоҳи вижаи мафоҳиме чун "фарри каёнӣ", "фарри эзадӣ", "Сушиёнт" ва ғ. дар таърих ва фарҳанги бостониамон ёдовар шуд. Исломи ирфон низ бо қоил будан ба мақоми фароиҷтимоии анбиёву авлиёву абдол ва имомҳои замону имоми охируззамон пояҳои ин "фарҳанги сиёсӣ"-ро таҳким бахшидааст. Аз ин аст, ки мардуми мо амалан барои пазириши аслҳои ҷомеаи демократӣ, яъне ҷомеаи мардумсолор омода нест ва дар ҳолати тамоил доштани ҳукком ба навъи худкомаи маъмурият вокуниши қобили мулоҳизае нишон намедиҳад. Аз ин рӯ, барои дар кишвари мо ташаккул додани ҷомеаи мардумсолор ногузир бояд қолабҳо ва форматҳои зеҳниятсозӣ, аз ҷумла фарҳангу суннатҳои миллиамон тағйир ва такмил дода шаванд.

Интизори қаҳрамон (ва ё Сушиёнт, ё Маҳдии замон, шоҳи одил ва ғ.) будани мардум ин ҳақиқатро ба намоиш мегузорад, ки дар воқеъ, ҷомеа аз вазъи мавҷуди худ розӣ нест ва умедвори ислоҳи вазъият аст, аммо мушкил дар он аст, ки мардум барои дастёбӣ ба ин ҳадаф худро масъул намедонад ва интизори он аст, ки каси дигаре ба ҷои ӯ ин корро анҷом диҳад. Мардум ормонҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва вазъи матлубро дар тахайюлоти худ ва зимнан, дар адабиёти хеш меофарад. Агар мардум "вазъи матлубро ба сурате месохт, ки бо воқеияти иҷтимоӣ ба наҳве қобили интибоқ мебуд ва бо тағйироте ҳарчанд пурзаҳмат ва дарозмуддат таҳаққуқ меёфт, ҷомеаро ба самти ислоҳ савқ медод". *(Алӣ Ризоқулӣ, Ҷомеашиносии нухбакушӣ, Теҳрон: Нашри Най, 1377. С.28)*

Боварӣ доштан ба ризқи азалӣ низ яке аз омилҳоест, ки боиси коҳилӣ, адами сахткӯшӣ, ақибмондагӣ ва камбизоатии эътиқодмандони ин таълимот аст. Ин ақидаи нодуруст аксари эътиқодмандонро аз сахткӯшӣ дар роҳи беҳдошти вазъи

иҷтимоии худ ва ҷомеа боздоштааст. Ҷомеаи хурофазада ва тақдирбовар дар баробари мушкилот муқовиматпазир нест.

Доир ба масъалаи тарғиби таҳаммулгароӣ низ мо бояд ба ифрот роҳ надиҳем. Бо тарғиби таҳаммулгароӣ набояд миллатро дар рӯҳияи зулмпазирӣ ва созишкорӣ тарбият кард. Сабру тоқат кардан дар баробари ноадолативу фасодкорӣ ва хориву зиллат ҳеҷ иртиботе бо таҳаммулгароӣ надорад. Ин рафтор аз адами эътимод ба нафс, аҷзу нотавонӣ ва гузашта аз он, аз беҷуръативу беҳувийятӣ сарчашма мегирад.

“Моҳияти миллат дар характери миллат ифода меёбад. Характери миллӣ меъёри асосии арзёбии ҳар миллат аст. Он дар системаи муносибат ба тақдири худи миллат ва дар муносибат бо дигар миллатҳо зоҳир мешавад. Характери миллат дар муқоиса бо дигар миллатҳо муайян, мушаххас ва арзёбӣ карда мешавад. Характери миллӣ бо худшиносии миллӣ сахт вобаста аст. Ҳар дуи он дар шинохти мансубияти шахс ба худи миллат, дар тақдирсозии он миллат, аз лиҳози маъно муродиф мегарданд.

Дар муайян кардан ва баҳо додан ба характери миллӣ, суханҳо, шиорҳо, назарияҳо ва таъбири дигар ҳиссиёт, аҳамияти камтар доранд. Амали намояндаи миллат баёнгари аслии сифати миллист”. *(С.Ятимов, Таҳлили стратегӣ ваояндабинии сиёсӣ, Душанбе, Ганҷ нашриёт, 2015, С.36)*

Зеҳният ва шуури ҷамъиятии ҳар ҷомеае, қабл аз ҳама, дар робита ба фарҳанги он шакл мегирад. Аз ин рӯ, агар ҷаҳонбинии як ҷомеа ғайриилмӣ ва хурофотӣ бошад, пас, барои ислоҳи вазъи фикрии ҷомеа, қабл аз ҳама, фарҳанги ҷомеаро ҳамчун омили ташаккулдиҳандаи шуури ҷамъӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода, қолабҳои маҳдудкунандаи онро шиносоӣ ва ислоҳ бояд кард.

## Китобномаи мухтасар


1. Аристотель, Политика. –М.: РИПОЛ классик, 2010.
2. Кант И. Трактаты и письма. – М.: Наука, 1980.
3. С.Ятимов, Таҳлили стратегӣ ва ояндабинии сиёсӣ, Душанбе, Ганҷ нашриёт, 2015
4. И.Д.Ковальченко, Методы исторического исследования. – М.: Наука, 2003
5. Амирҳусайни Лодан, Худосолорӣ ва дармондагӣ", Лос-Анҷелес, 2014
6. Шуҷоъуддин Шифо, Таваллуде дигар-Эрони куҳан дар ҳазораи нав, Теҳрон, 1382.
7. Садриддин Айнӣ, Таърихи инқилоби Бухоро, - Душанбе: Адиб, 1987
8. Алӣ Ризоқулӣ, Ҷомеашиносии нухбакушӣ, Теҳрон: Нашри Най, 1377
9. Девид Метюз, Сиёсат барои мардум, Душанбе, 1998
10. Савин Н.В. Педагогика, Душанбе, "Маориф", 1975
11. Энциклопедический словарь. -М., 1991.

**Саидзода ҶАМОЛИДДИН**
*номзади илмҳои педагогӣ*

## ХОҚОНӢ ВА ШУУБИЯ

*Шаҳаншоҳи ислом-Хоқони Акбар,*
*Ки тоҷи сари Оли Сомон намояд.*
*Хоқонӣ*

Баъди аз байн рафтани давлати миллии Сомониён, рӯи кор омадани сулолаҳои турктабор ва ташкили давлатҳои ғайримиллии Ғазнавиёну Қарахониён ва алалхусус, Салҷуқиён рӯҳи миллӣ ба заъф гароида буд ва рӯҳи мазҳабию қавмии атрок дар ҷомеа ҳукмронӣ менамуд. Маҳмуд нахустин касе буд, ки натанҳо давлати миллии моро барои ҳамеша аз байн бурд, балки рӯҳи қавмию мазҳабиро ҷойгузини он намуд. Ӯ барои тақвияти сиёсати қавмию мазҳабии худ ва ночиз кардану аз байн бурдани андешаву орои миллии эронинажодон – тоҷикону форсҳо ва суст кардани эҳсоси қавмию нажодии онҳо тамоми чораҳоро меандешид. Аз ин рӯ, ӯ, бо баҳонаи қарматию муътазилию рофизӣ, маҳз тоҷикону форсҳоро мекушт ва ба қатл мерасонд.Ба қавли Носири Хусрав:

*Ном ниҳӣ аҳли илму ҳикматро*
*Рофизию қарматию муътазилӣ.*[1]

Ин, албатта, барои миллати мо фоҷеа буд. Миллате, ки ба тозагӣ худро аз зери султаи аъроб халос карда, ба ташкили давлатҳои ниммустақили худ (Тоҳириён, Саффориён, Сомониён) даст ёфта буд, ба балои дигар, ки аз балои араб бадтар буд, рӯ ба рӯ шуд. Агар Искандару аъроб мулки моро истилову тасхир карданд, баъд аз муддате ҳукуматро ба дасти ҳокимони маҳаллӣ супурдanду худ ба мамлакати хеш баргаштанд. Аммо атрок натанҳо кишвари моро истило ва тасхир намуданд, балки дар он ба таври абадӣ маскан гирифтанд ва ҳукуматҳои миллии худро

[1] Носири Хусрав. Куллиёт.Девони ашъор. -Ҷ.1. -Душанбе: Эр-гарф,2003. -С.717.

ташкил намуданд. Бад-ин тартиб, эронинажодон – тоҷикону форсҳо ҳар чӣ доштанд, нисори онҳо карданд. Шоир беҳуда нагуфтааст:

*Ҳар чӣ ӯ аз моли дунё дошт, дод,*
*Хитаи Балху Бухоро дошт, дод,*
*Суннати волою девон дошт, дод.*
*Тахти Сомон дошт, дод.*

*Душмани донишгадояш «Дониш» -и Сино гирифт,*
*Душмани бесуннаташ девони Мавлоно гирифт.*
*Душмани санъатфурӯшаш санъати Беҳзод бурд,*
*Душмани бехонааш дар хонаи ӯ ҷо гирифт.*[2]

Мусаллам аст, ки миллати мо ба қабул кардани дини ислом аз аъроб дар дил орзуҳои бисёре дошт, ки он, пеш аз ҳама, ба баробарии қавму миллатҳои мусулмон иртибот мегирифт. Ин меъёр дар оғози ислом то андозае мавриди риоя қарор дошт. Аммо баъди даргузашти Муҳаммад ва паси сар шудани ҳукмронии хулафои Рошиддин сиёсат билкул тағйир кард. Хусусан, бо рӯи кор омадани Уммавиёну Аббосиёни сиёҳпӯш шиори мусовоту баробарию бародарии мусулмонон халалпазир гардид ва аъроб ба таҳқири милали мусулмони ғайриараб пардохтанд ва тавҳину наҳ задани миллатҳои мусулмони ғайриарабро дучандон зиёд намуданд. Онҳо акнун мусулмонони ғайриарабро "мавло" мехонданд ва ба онҳо ба дидаи таҳқиру хушунат менигаристанд ва муносибат мекарданд. Ҳамвора аз бартарияти нажодии худ сухан мегуфтанд ва шукӯҳу азамат ва ифтихороти ақвоми мусулмони ғайриарабро нодида мегирифтанд. Албатта, ин амали зиддисломии онҳо муҷиби дилсардию норозигии мардум мегардид ва ононро ба ҷунбиш вомедошт. Лиҳозо, дар гӯшаву канори эронзамин ошӯбу шӯришҳои халқӣ сар мезаданд. Мусулмонони ғайриараб, ба вижа, аҳли Аҷам, аз рӯи талаботи китоби муқаддаси мусулмонон – Қуръон, ки баробарии тамоми ақвоми мусулмонро кафолат медиҳад, ба мубориза бархостанд ва барои ҳаққу ҳуқуқи миллии худро ба даст овардан ва баробарии худро таъмин намудан бо

[2] Бозор Собир. Бо чамидан, бо чашидан…-Душанбе: Адиб,1987. - С.17.

қавми ҳукмрони араб, муқовимат мекарданд. Ин бартариҷӯии аъроб мусулмонони ғайриараб, ба вижа аҳли Аҷамро водор месозад, ки баҳри исботи ҳаққу ҳуқуқ ва баробарии худ бо кулли мусулмонон бипардозанд. Дар ин маврид эшон аз ояи 13-уми сураи (Ҳуҷурот)-и Қуръон суд меҷӯянд, ки дар он ҷо гуфта шудааст: «Ё айюҳа-н-носу инно халоқнокум мин закарин ва унсо ва ҷаъалнокум шуъубан ва қабоила ли таъорафу инна акрамакум инда-л-лоҳи атқокум, инналлоҳа алайҳим хабир»,[3] яъне «Эй мардум, мо шуморо аз нареву модае биофаридем. Ва шуморо ҷамоатҳо ва қабилаҳо кардем, то якдигарро бишиносед. Ҳаройина гиромитарини шумо нази Худо парҳезгортарини шумост. Худо донову кордон аст».[4] Дар ҳамин замон аст, ки ҳаракате ба номи шуубия пайдо мешавад, ки мақсади аслии онҳо таъмини ҳуқуқи баробарии мусулмонон ва ташкили давлатҳои миллӣ ва барандохтани давлату барҳам задани ҳукмронии араб буд, на мубориза бар зидди дини мубини ислом. Ҳарчанд Абӯмуслим дар ин роҳ кӯшиши зиёд ба харҷ дод, аммо ба ҷое нарасид ва охируламр аз дасти аъроб кушта гардид. Яъқуби Лайс низ ба мурод нарасид...

Наҳзати шуубия, ки асосан аз ибтидои асри VIII расман шурӯъ шуда буд, то асри XII-асре, ки шоири бузурги миллии мо Ҳоқонии Шарвонӣ зиндагӣ мекард, идома ёфт ва пасон ба хомӯшӣ гароид. Аммо, бо ин ҳама, ҳаракати шуубия билкул аз байн нарафт ва ба шаклҳои мухталиф, бо роҳҳои гуногун, пинҳону пайдо ба умри худ идома медод. Хусусан, донишмандон, равшанфикрон ва аҳли илму адаб ба ҳар васила дар осори худ рӯҳи миллию меҳании худро ба намоиш мегузоштанд ва аз рӯҳи бартариятҷӯии аъроб, ки тамоми дастовардҳо ва фазилатҳои дини исломро танҳо ба аъроб мансуб медониистанд, ҷилавгирӣ мекарданд ва ба ин ё он тарз муқовимат менамуданд ва аз худ вокуниш нишон медоданд. Фирдавсӣ дар ин роҳ гӯйи сабқатро аз адибони дигар бурда буд. Саропои «Шоҳнома» дар ҳамин рӯҳияи миллӣ ва ватандӯстӣ навишта шудааст. Асадии Тӯсӣ, Эроншоҳи Абулхайр, Носири

[3] Қуръони маҷид.Тарҷумаи Абдулҳамиди Оятӣ. -Теҳрон: Нашри замон. -1360 шамсӣ-2001 мелодӣ. -С.518.

[4] Ҳамон ҷо, ҳамон саҳифа.

Хусрав, Абӯрайҳон Берунӣ, Закариёи Розӣ, Ибни Сино, Носири Хусрави Қубодиёнӣ дар ин замина хидмати зиёд ва пурарзиш намудаанд. Онҳо то ҷое, ки метавонистанд, аз рӯҳи қавмӣ, аз ҳувият ва ифтихори миллии хеш дифоъ менамуданд. Намегузоштанд, ки аъроб ба таҳқири эронинажодон даст бизананд, арзишҳои миллии онҳоро нодида бигиранд ва зери по гузоранд. Офаридани «Мунозираи Арабу Аҷам» - и Асадии Тӯсӣ ҳамин гуна вокуниш бар зидди бартариятҷӯиҳои аъроб буд. Албатта, адибони мутараққии дигар низ бар зидди худписандӣ ва ғурури нобаҷои арабӣ баромаданд ва ба гуфтани ашъори фошкунанда пардохтанд ва аз мавқеи нодурусти қавми аъроб ба ҳаммиллатони хеш хабар доданд ва як навъ ба муқовимату вокуниш бархостанд. Агарчи сиёсати мазҳабии давлатҳои турктабор ба ин амал имконият намедоданд, аммо, ба ҳар сурат, эронинажодон, пӯшидаву ошкоро суннати дифоъ ва муқовиматро идома медоданд. Хусусан, аҳли қалам, аз ҷумла, устод Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Асадӣ, Носири Хусрав ва дигар адибони миллии мо дар ашъорашон бо тарзу роҳҳои гуногунин анъанаро давом медоданд ва аз ситаму вуҷуди ду неруи анэронӣ-аъробу атрок, ки кишвари моро истило ва ҳувияти миллии моро шикаста буданд, ба мардум хабар медоданд. Дар ин замина Хоқонӣ яке аз чеҳраҳои мумтозтарин дар адабиёти мо пас аз Фирдавсию Носири Хусрав ва қабл аз устод Айнӣ маҳсуб мешавад. Дар бисёре аз шеърҳои ӯ мо ҳамин рӯҳияи нафрат ба аъроби худписанду бадкор ва беинсофию ғурури нобаҷои қавмиро мушоҳида мекунем, ки шоир ба мисли Фирдавсӣ ба боди интиқод мегирад, зеро Хоқонӣ, дар баробари ғурури мазҳабӣ, ғурури миллӣ ҳам дорад ва аз миллате намояндагӣ мекунад, ки бо фарҳангу тамаддуну илму адабиёташ чашми оламиёнро хира кардааст. Лиҳозо, вақте ки ӯ мебинад, ки ҳаммиллатонашро таҳқир мекунанд, ба чашми кам ва ҳақорат ба эшон менигаранд, нисбат ба онҳо беҳурматӣ зоҳир менамоянд, хомӯш наменишинад. Хусусан, вақте ки ин амалро аз ҷониби арабони ҳамдини худ, ки бояд ҳамаро бо як чашм бубинанд, мушоҳида менамояд, аламаш меафзояд. Ба ҳарфи дигар, вақте ки ӯ беинсофию бадкирдорӣ ва худро бартар шумурдан аз миллати дигар, ба вижа аҳли Аҷам, аз ҷониби аъробро мебинад, ба иззати нафсаш мерасад, ба ғурури миллиаш таъсири манфӣ мерасонад. Дар ин ҳангом қалам ба имдоди ӯ мерасад. Ӯ қаламро мегирад ва

ин манзараи нохушоянду нодилпазирро, ин ҳақорату таҳқири эшонро нисбат ба ҳаммиллатони худ рӯи коғаз мерезад ва бад-ин тартиб рӯҳи миллӣ ва шуубии худро, ки аз қавмгароии аъроб ва бартар шумурдани худ нисбат ба соири мусалмонон сарчашма мегирад, намоиш медиҳад ва аз эҳсоси баланди инсонию миллии худ ба ҳаммиллатони хеш иттилоъ медиҳад. Масалан, ӯ боре ҳангоми ҳаҷ ба тамошои дарёи Даҷла мебарояд, то тафреҳ намояд, аммо мушоҳидаи манзараи таҳқиру ҳақорати пири аҷамизод аз ҷониби маллоҳи араб ба ғурури миллии ӯ нохун мезанад. Бинобар ин, шоир даст ба ифшои беҳурматию ноинсофии маллоҳи араб мезанад ва бад-ин тартиб хӯю феъли зишти қавми арабро, ки худро бартар аз соири мусулмонон мешуморанд, зери тозиёнаи танқид мегирад:

*Дӣ, шабонгаҳ ба галат сӯи лаби Даҷла шудам,*
*Боҷгаҳ дидаму наззора бутони ҳарамӣ.*
*Бар лаби Даҷла зи бас нурлаби нӯшлабон*
*Ғунча-гунча шуда чун рӯи фалак пушти замӣ.*
*Нозанинони араб дидаму риндони Аҷам,*
*Ташнадил з-орзую гарқа тан аз муҳташамӣ.*
*Пире аз дур биёмад аҷамизоду гариб,*
*Чашм пӯшидаю нолон зи бараҳнақадамӣ.*
*Даҳанаш хушку шукуфта рухаш аз тармижаӣ,*
*Ҷигараш гарму фусурда танаш аз сарддамӣ.*
*Ташнагӣ бодия бурда ба лаби Даҷла фитод,*
*Сусттан мондаю аз сусттанӣ сахт гамӣ.*
*Об бардоштани Даҷла магар зӯр надошт,*
*Ки навон буд зи ларзонтанию пуштхамӣ.*
*Шарбате об талаб кард зи маллоҳе гуфт:*
*«Ҳати ё шайху Зуҳайбан ҳурамаул рақамӣ».*
*Пир гуфт: «Эй фато, он зар, ки надорам, чӣ диҳам?»,*
*Гуфт: «Ихсаъ қатъаллаҳ яминал аъҷамӣ».*
*Обе аз Даҷла чу бинам, ки ба пире надиҳанд,*
*Ман зи Багдод чӣ гӯям сифати бекарамӣ?*
*Бедирам лоф зи Багдод мазан, Хоқонӣ,*
*Гарчи имрӯз ба мизони сухан як дирамӣ.*[5]

---

[5] Девони Хоқонии Шарвонӣ.Муқобилаву тасҳеҳ ва муқаддимаву таълиқоти Зиёуддини Саҷҷодӣ. -Теҳрон,1368. -С.927-928.

Хоқонӣ ду маротиба ҳаҷ кардааст. Ӯ дар роҳи ҳаҷ шаҳру кишварҳои зиёдеро дида ва бо одамони мухталиф, ба қавму миллатҳои гуногун, хусусан аъроб, рӯ ба рӯ шудаву бо бархе аз эшон гуфтугузору мусоҳибат доштааст. Ба дараҷаи кофӣ гуфтору хулқу хӯйи эшонро омӯхтааст. Ҳамин мушоҳида, омӯзиш ва бардоштҳои зиёде аз шаҳру деҳу мардумони мухталиф, наззораи ҳодисаву воқеаҳо, гуфтугӯ бо ашхоси гуногун, суҳбату баҳсҳо боиси эҷод ва эроди ашъори воқеъгароёна дар осораш гардидааст. Ба сухани дигар, ӯ ҳар чӣ дидааст, дар осораш мунъакис кардааст. Дар ин замина на танҳо маснавии «Хатм-ул-ғароиб» («Тӯҳфат-ул-Ироқайн»), балки қасидаву қитъаву ашъори дигари шоир низ маводи судманд медиҳанд. Шоир дар бисёре аз ин ашъор на фақат рӯҳи миллӣ ва ғурури инсонии худро буруз медиҳад, балки бад-ин тартиб ба таъриху миллати хеш бетафовут набудани худро низ ба намоиш мегузорад. Аз ин рӯ, гоҳ ба ёди таърих меафтад, гоҳ аз бузургони бостон, гоҳ аз риҷоли таърихию қаҳрамонони асотирию паҳлавонони қадими Эрону эронзамин сухан дар миён меорад ва гоҳ аз асорату хорию зории миллат меандешад, ғаму андӯҳу ҳасрату таассуфу дареғ мехӯрад, аз шукӯҳи дерини ватану миллати хеш сухан мегӯяд, зеро миллаташро дар зери султаи араб мебинад. Агарчи аз Шарвон, ки зодгоҳаш аст ва аҳли он, ки ба ӯ номеҳрубонӣ менамоянд, борҳо шикоят мекунад, аммо, бо ин ҳама, онро дӯст медорад ва мисли устод Рӯдакӣ:

*Имрӯз, ба ҳар ҳоле Багдод Бухорост,*
*Куҷо мири Хуросон аст, пирӯзӣ он ҷост.*[6]

аз Бағдод, ки маркази хилофат аст, бартар мениҳад ва мегӯяд:

*Шарвон ба иззи шоҳ зи Багдод даргузашт,*
*То шоҳзода Сафватуддин бонувони ӯст.*[7]

Зимнан бояд гуфт, ки дар силсилаи ашъори шуубияи Хоқонӣ ва ҳамсадоии ӯ ба ин ҷараёни миллию инсонӣ муҳаққиқон, асосан қасидаи «Айвони Мадоин» -ро мисол меоранд, аммо ин дар осори ӯ мисоли ягона нест. Дар ин замина метавон мисолҳои

[6] Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Ашъор. –Душанбе: Адиб, 2007. –С.67.
[7] Девони Хоқонии Шарвонӣ. –С.73.

зиёд овард ва рӯҳи қавии миллию инсонию ҳамсадоии ӯро ба шуубиён собит намуд. Бадбахтона, осори Хоқонӣ аз дидгоҳи арзишҳои миллӣ ва рӯҳи эронгарой то ҳол ба таври ҷиддӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст, шореҳон низ ағлаб осори шоиррро аз назари дину мазҳабу ирфону тасаввуф шарҳу тавзеҳ дода ва баррасӣ намудаанд. Ҳатто назари донишмандон низ ба ин гуна ашъори шоир, аз ҷумла «Айвони Мадоин» чандгуна аст ва бештар ба ибрату ҳасратгароии шоир хулоса мешавад. Ҳол он ки ин қасида баъд аз «Шоҳнома» -и Фирдавсӣ, ашъори ватандӯстонаи Носири Хусрав ва пеш аз осори устод Айнӣ беҳтарин асари адабист, ки дар он рӯҳи миллӣ ба таври барҷаставу бориз муҷассам шудааст. Он яке аз шоҳкорҳои адабиёт ва «Шоҳнома» -и кӯчакест, ки дар парвариши рӯҳи миллӣ ва бедор кардани эҳсоси ватандӯстонаи эронинажодон нақши муҳим бозидааст ва дар зоти худ камназир мебошад. Ин қасидаро пайваста бояд хонд ва ҳамчун гимни ватандӯстӣ ва ҷовидонагӣ барои тарбияи насли наврас истифода кард, зеро шоир дар он рӯҳи миллӣ ва ватандӯстонаи худро дар замоне ба намоиш гузоштааст, ки камтарин маҷоли дар ин боб сухан гуфтан дар миён набуд. Сиёсати мазҳабии хилофат ва қавмии атрок, ки дар Эрону эронзамин соя афканда буд, имкони аз миллат, ватан, нажоди худ сухан гуфтан ва гузаштаи худро ёд карданро ҳаргиз намедод. Ҳар кӣ дар ин қаламрав ҳаракат мекард, алалфавр аз байн мебурданд. Ҳатто ба онҳое, ки дар дарбори атрок содиқона хидмат мекарданд ва сиёсати мазҳабии Бағдодро ташвиқу тарғиб мекарданд, дар муқобили миллати худ ва рӯҳи миллӣ қарор доштанд, аз қарматию муътазилию рофизӣ изҳори нафрат мекарданд, сиёсати тоҷиккушии ин истилогаронро пуштибонӣ менамуданд, низ раҳм намекарданд ва ба андак баҳона эшонро қатл мекарданд. Аз ин хотир, Низомулмулк, ба он ҳама хидмат ва садоқат ба Бағдоду Салҷуқиён, ҳамеша дар тарс мезист. Лиҳозо, ӯ аз нигаронӣ ва ҳароси худ аз Алп Арслон дар «Сиёсатнома» чунин менависад: «Ва сахт босиёсат ва ҳайбат буд ва ман бад-он сабаб, ки ӯ (Алп Арслон-Ҷ.С.) дар мазҳаби хеш чунин ба ҷидду ҷаҳд муътақид буд ва мазҳаби шофеӣ ба айб медошт, ҳамвора аз ӯ андешанок ва

тарсон будаме».[8] Бинобар ин, иншои «Айвони Мадоин» дар замони ҳукмрони мутлақ будани сиёсати мазҳабии аъроб ва қавмии атрок як ҳодисаи нодир буд ва аз Хоқонӣ ҷуръат ва аз сар гузаштанро талаб мекард. Воқеан, садҳо адибон дар он замон ва баъд аз ӯ зиёрати ҳаҷ мекарданд, аммо касе тухфа аз Мадоин намеовард, мадоинома наменавишт, дар муқобили Ҳамзаи араб, аз Салмони Форсӣ ёд ва ифтихор намекард. Ба ҳарфи дигар, агар дигарон аз Макка «субҳа аз гили Ҳамза мебурданд», танҳо Хоқонӣ буд, ки аз Макка «субҳа аз гили Салмон меорад». Албатта, ин бузургтарин раҳоварди миллӣ аст, ки танҳо ба Хоқонӣ ихтисос мегирад. Аз ин рӯ, мо дар таърихи адабиёти тоҷику форс шоири дигареро бо ин рӯҳия дар замони бедавлатӣ ва заъфи рӯҳия ва андешаи миллӣ суроғ надорем. Пас, мо мегӯем, ки Хоқонӣ қаҳрамон аст. Мо бояд имрӯз ба туҳфаи ҷовидонии шоир ба эронинажодони шикастхӯрда ва бедавлат баҳои воқеӣ бидиҳем ва ба он аз дидгоҳи арзишҳои миллию инсонӣ ва ватанпарварӣ бингарем ва хидмати шоирро дар зинда кардани рӯҳияи миллӣ ва ватанпарварӣ қадр намоем, бишносем, бишиносонем. Шоире, ки аз қаламаш афкори олию лоязолӣ метаровад, афкоре, ки ба дилҳо чанг мезанад, ба дидаҳо нур мебахшад, миллатро тасаллӣ медиҳад ва бовар мекунонад, ки рӯҳи миллӣ баъди Сосонию Сомониён ҳам намурдааст, зинда аст, зеро фарзандону фарзонагону миллатдӯстоне чун Хоқониро дорад. Хоқонии ҳамнаво бо Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Соҳиби Шерозӣ, Садриддин Айнӣ, Маликушуаро Баҳор, Ишқӣ, Забеҳуллоҳи Сафо, Деххудо, Хусрави Фаршедвард, ки синааш лабрез аз афкору орои ватандӯстонаю эҳсоси миллӣ будааст ва аз қавму нажоди худ, гузаштаи пурифтихори хеш на танҳо афсӯсу дареғу ҳасрат мехӯрад, балки меболад ва бо як шукӯҳу шаҳомати ориёӣ ба ҳаммиллатони худ ҳушдор ва дарси ибрат медиҳад:

*Ҳон, эй дили ибратбин, аз дида назар кун, ҳон,*
*Айвони Мадоинро оинаи ибрат дон.*
*Як раҳ зи лаби Даҷла манзил ба Мадоин кун*
*В-аз дида дувум Даҷла бар хоки Мадоин рон…*
*Гар зоди раҳи Макка туҳфас-т ба ҳар шаҳре,*

---

[8] Низомулмулк. Сиёсатнома.-Душанбе: Адиб, 1989.-С.3.

*Ту зоди Мадоин бар туҳфа зи пайи Шервон.*
*Ҳар кас барад аз Макка субҳа зи гили Ҳамза,*
*Пас, ту зи Мадоин бар субҳа зи гили Салмон…*
*Ихвон, ки зи роҳ оянд, оранд раҳоварде,*
*Ин қитъа раҳоворд аст аз баҳри дили ихвон.*[9]

Ҳамин гуна мавқеи фаъол, аз рӯҳи ватандӯстона бархӯрдор будани Хоқонӣ ва эҷоди асари шоҳкори миллию инсонӣ ва бурузи эҳсосоти эронгароӣ, паёмрасонию ибратдиҳӣ сабаб шудааст, ки устод Бозор Хоқониро дар радаи аввали шоирони эронгарою эрондӯсту миллӣ қарор бидиҳад ва бигӯяд:

*Аҳди шоирони ридак буд баъд аз Рӯдакӣ,*
*Баъди шеъри Рӯдакӣ кам нест шеъри ридакӣ…*
*Чун камони Рустаму Ораш нашуд шеъри Аҷам,*
*Рафт аз дасти Аҷам аз бекамонӣ Ҷоми Ҷам…*
*Унсурӣ то дегдон аз нуқраи Маҳмуд кард,*
*Чор унсури Аҷамро садқаи Маҳмуд кард.*
*Хор кардӣ паҳлавонони яли «Шаҳнома»-ро,*
*Шоирони говриши буздили дарборҳо.*
*Ғайри Хоқонӣ харобoти Мадоинро кӣ дид?*
*Қатра-қатра аз сари мижгони кӣ оташ чакид?*
*Меҳану миллат намедонанд ин асҳоб чист?*
*Душмани деринаи мо, ҳар кӣ бошад, хонагист.*
*Хатм шуд бо Саъдиву Фирдавсӣ шеъри бостон,*
*Шоираш Саъдист, Фирдавсӣ-худои шоирон.*[10]

Дар ҳақиқат, Хоқонӣ пас аз Фирдавсию Носири Хусрав ва қабл аз устод Айнӣ бузургтарин шоири миллии мост, ки бо неруҳои истилогар, алалхусус аъробу атрок, ки миллати моро таҳқир ва аз вуҷуди сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию низомӣ маҳрум кардаанд ва сабаби заволи сиёсию иҷтимоию иқтисодию низомӣ ва фарҳангу тамаддуну қудрати мо гардидаанд, ба муқовимат бархостааст. Ӯ дар осораш аз фарҳангу тамаддуни Эрони бостон, шахсиятҳои таърихию риҷоли бузурги давлатӣ, аз ҷумла Рустаму Суҳробу Исфандиёру Орашу Бежану Кайқубоду Кайхусраву Баҳроми Чӯбинаву дигар чеҳраҳои асотирию

[9] Девони Хоқонии Шарвонӣ. –С.358.
[10] Бозор Собир.Шоиру шеъре агар ҳаст…Душанбе: Адиб, 2006.-С.79.

таърихӣ, ба некӣ ёд ва ифтихор кардааст ва бад-ин тартиб ғамхори илму адабу фарҳангу тамаддуни миллӣ будани худро ба намоиш гузоштааст. Ин нишон медиҳад, ки Хоқонӣ, агарчи марде сахт мутадайин буд, аммо аз рӯҳи қавии миллӣ низ бархӯрдор буд, вобаста ба замону макони ҳаёташ, пинҳону пайдо ба дифоъ ва ташвиқу тарғиби он пардохтааст. Ӯ нагузоридаст, ки неруҳои анэронӣ ба таҳқири аҷамиён пардозанд, дар ҳаққи онҳо суханони зишт бигӯянд, онҳоро паст бизананд ва нисбат ба эшон зулму истисморро раво бидоранд. Бо як калом, ӯ тоқати дидани зулму истисмори қавми шикастхӯрдаи худро надошт. Лиҳозо, ҳар ҷо ки беадолатии неруҳои анэронӣ, масалан, аъробро мебинад, хомӯш нишаста наметавонад, ҳароина бо шеър ҷавоб мегӯяд. Ин гуна ашъор дар девони шоир хеле зиёд аст, ки аз ғурури волои миллӣ ва инсонии Хоқонӣ дарак медиҳанд. Хусусан, манзараҳои нохушоянде, ки шоир ҳангоми сафар ва ҳаҷ мушоҳида намудааст, ӯро бетараф нагузоштаанд, балки ба вокуниш водоштаанд ва муҷиби эҷоди ашъори муқовимат гардидаанд. Воқеан, ин гуна ашъор, ин гуна эҳсос, ки шоир аз худ буруз додааст, нишон медиҳад, ки Хоқонӣ воқеан ҳам, бо шуубиён, ки таҳқири арабро таҳаммул намекарданд ва ба онҳо ҷавобҳои дандоншикан медоданд, ҳамдаст ва дар сафи онҳо қарор дорад. Ин амал ӯро ҳамчун шоири масъулу мутааҳҳид ва ватандӯсту пурғурури миллӣ ба хонандагон муаррифӣ менамояд. Инро қавли муаллифи мақолаи «Хоқонӣ-ҳамово бо шуубиён» Абдураҳими Собит низ тасбит менамояд, ки мегӯяд: «Авҷи ҷӯшу хурӯши наҳзати шуубия дар қарнҳои дуввуму саввум буд, аммо дар рӯзгори Хоқонӣ ҳанӯз ин андеша, агарчи на ба он шиддат ва хиддати оғозин, каму беш ҳузур дошт. Дар қарни панҷум Меҳёри Дайламиро мебинем, ки дар тафзили эрониён ба қавми араб ашъори пуршӯре месароид ва низ шоҳиди онем, ки Замахшарӣ - соҳиби «Кашшоф» (467-538ҳ.қ.) аз интисоби худ ба наҳзати шуубия табарро меҷӯяд, ки ин худ далели матраҳ будани ин андеша дар қарни шашум мебошад».[11] Шодравон Маликушшуаро Баҳор доир ба интисоби Хоқонӣ ба наҳзати шуубия чунин менависад: «Ба ҳар сурат,

[11] Абдураҳими Собит.Хоқонӣ-ҳамово бо шуубиён.//Ошно, шумораи сеюм, соли панҷум, мурдод ва шаҳривари 1375.-С.34.

Хоқонӣ аз баракати ҳисси шадиди ватании муосирини азиз дар натиҷаи ин қасида (қасидаи «Айвони Мадоин») дар хадоди шуарои шуубия ва таолии Фирдавсию Дақиқӣ ва эрондӯстони қадим қарор гирифта».[12]

Тавре ки гуфтем, мутаассифона, аксари муҳаққиқон ва хоқонипажӯҳон ҳамовозии Хоқониро бо шуубиён танҳо дар қасидаи «Айвони Мадоин» дидаанд ва мушоҳида кардаанд. Ҳол он ки мо ин гуна рӯҳия, ҷилва ва ҳамсадоӣ бо шуубиёнро дар осори дигари шоир низ бармало боздид менамоем. Мо гумон мекунем, ки осори шоир аз ин лиҳоз ҳанӯз ба таври боиставу шоиста мавриди кандуков қарор нагирифтааст. Ишораву мақолоте, ки дар ин замина то ҳол иншо шудаанд, барои бозтоби ин мавзӯи муҳим нокифояанд. Хоқонипажӯҳонро зарур аст, ки дар ин самт ҷиддан ба пажӯҳиш машғул шаванд, то бад-ин васила натанҳо аз рӯҳияи динию мазҳабию инсонӣ, балки аз эҳсоси миллию ватандӯстона бархӯрдор будани ин шоири бузурги миллию ватандӯстамонро кашф ва ба намоиш бигузоранд ва бад-ин тартиб дар парвариши рӯҳи миллии ҳаммиллатон, ба вижа насли наврас, саҳм бигиранд, зеро рӯҳияи дифоъ аз арзишҳои миллӣ ва ифтихор аз гузаштаи шукӯҳманди Эрон, бостонситоӣ, муқовимат ва ифшои бартариятҷӯии аъроб ва зулму ситами атрок бар аҳли Аҷам дар бисёре аз ҷойҳои осори шоир ба таври пинҳону пайдо ба намоиш гузошта шудааст. Аммо муҳаққиқон, бо сабабҳои айнию зеҳнӣ, ба ин мавзӯъ ва ин буъди осори шоир аз паси панҷа нигариста, бештар ба рӯҳи динию мазҳабӣ ва тасаввуфию ирфонии осори шоир диққат додаанд ва ба рӯҳи миллию инсонии орову афкори ӯ таваҷҷуҳи лозимаро мабзул надоштаанд. Ин амал, хусусан дар кори шореҳон ба ҳадди ифроту тафрит расидааст. Эшон саргарми таассубу хурофот ва аз мавқеи сиёсати мазҳабии дар замони худ ҳукмрон ва рӯҳияи ғолиби динию ирфонию тасаввуфӣ ба ҳалли масъала наздик шуда, ҷанбаҳои дигари афкори ӯро аз мадди назар дур гузоштаанд. Чунончи, дар бораи озодандешӣ, ситамситезӣ, рӯҳияи миллию ватандӯстонаи шоир, хусусан арабситезию маҳкум кардани сиёсати истисморгароёнаи атрок, ки мулки Аҷамро ба майдони тохтутозу одамкушию қатлу ғорат

[12] Ҳамон ҷо, ҳамон саҳифа.

қарор додаанд, на танҳо чизи казоие нагуфтаанд, балки сукут варзидаанд. Ҳол он ки дар ин мавзӯъҳо аз ашъори шоир метавон садҳо мисол овард ва ба доираи таҳлилу таҳқиқ кашид. Барои мисол, танҳо овардани ин абёт аз қасидаи баланду машҳури шоир, ки бо радифи «барафканад» сурудааст, кофист, ки мо Хоқониро дар силки шоирони ситамситез, муқовиматгар, ҳамфикр бо шуубиён ва дорандаи рӯҳи миллию ватандӯстона ба қалам бидиҳем:

*Мулки Аҷам чу туъмаи туркони аъҷамист,*
*Оқил куҷо бисоти таманно барафканад?*
*Тан гарчи сӯву этмак аз эшон талаб кунад,*
*Кай меҳри шаҳ ба Отсизу Бугро барафканад?*
*Зол арчи мӯи чун парри зоғ орзу кунад,*
*Бар зоғ кай муҳаббати анқо барафканад?*[13]

Воқеан, шоир дар ин абёт мегӯяд, ки аз рӯи зарурат тан ба ҳукумати бегона медиҳад, аммо ба ҳеҷ ваҷҳ дил ба ин шоҳони бегона намедиҳад, балки ба Нусаратуддин-подшоҳи эронинажоди Мозандарон медиҳад, на Буғрохону Отсизи турк, ки кишварро на танҳо истило, балки ба хоку хун кашидаанд ва оромиву осоишро аз мардум бурдаанд. Лиҳозо, шоир бо дарду ҳасрат аз даст рафтани мулки Аҷам, яъне туъмаи туркони аъҷамӣ (яке аз саффоктарин ва хунхортарин қабилаҳои туркҳои оғузӣ – Ҷ.С) шудани онро ҳамчун фоҷиаи бузурги миллӣ матраҳ мекунад ва бад-ин тартиб муҳаббати худро ба эронинажодон, Эрону эронзамин ва мардуми он, ки дар асорати бегонагони пастмояи бефарҳанг ба сар мебаранд, нишон медиҳад. Ин гуна эҳсоси меҳандӯстона ва бурузи рӯҳи миллӣ дар ашъоре, ки нисбат ба ҳамлаи ғузон ба Эрон, ба вижа Хуросон ва қатли Имом Муҳаммади Яҳё – яке аз пешвоёни мазҳаби шофеӣ сурудааст, бармалост. Ӯ дар ин гуна шеърҳои худ аз дил нола сар медиҳад ва нафрату ғазаби худро нисбат ба туркони ғуз равшан ба намоиш мегузорад:

*Он Мисри мамлакат, ки ту дидӣ, хароб шуд.*
*В-он Нили макрамат, ки шунидӣ, сароб шуд.*
*Сарви саодат аз тафи хазлон зугол гашт,*

[13] Девони Хоқонии Шарвонӣ.-С.140.

*Акнун, бар он зугол ҷигарҳо кабоб шуд.*
*Аз сели ашк бар сари тӯфони воқеа*
*Хуноб ба қуба-қуба ба шакли ҳубоб шуд.*
*Чил газ сиришки хун забари хок даргузашт,*
*Ло бал чиҳил қадам зи бари моҳтоб шуд.*
*Ҳам пайкари саломату ҳам нақши офият*
*Аз дидаи наззорагиён дар ниқоб шуд…*
*Гуфтам ба гӯши субҳ, ки ин чашмзахм чист,*
*К-ашколу ҳоли чарх чунин носавоб шуд?*
*Субҳ оҳи оташин зи ҷигар баркашиду гуфт:*
*«Дардо, ки корҳои Хуросон зи об шуд».*
*Гардун сари Муҳаммади Яҳёӣ ба бод дод,*
*Меҳнат рақиби Санҷари Моликриқоб шуд.*
*Аз ҳабси ин хидев халифа дарег хӯрд*
*В-аз қатли он имом пайамбар мусоб шуд...*[14]

Хоқонӣ борҳо ба ин ҳодисаи мудҳиш ва фоҷиаи бузурги миллати мо дар осораш ишора менамояд, хабар медиҳад ва ҳуҷуми туркони ғузро ба Хуросон, ки бахше аз Эрони бузург мебошад, маҳкум менамояд. Масалан, ӯ дар ин қасида, ки ба мадҳи султон Муҳаммад ибни Маликшоҳ бахшида шудааст, султонро ба бозситонии Хуросон аз чанголи туркони ғуз даъват менамояд ва ташвиқ мекунад:

*Мулки Хурсон туроcт, дар кафи агёр гасб,*
*Мӯсии мулкат туӣ, гург шӯбони ганам.*
*Мулки Хуросон ба тег бозситонӣ зи гуз,*
*Пас чӣ кунӣ дар ниём ганҷи зафар муктатам?*
*Кова, ки донад задан бар сари Заҳҳок путк,*
*Кай шавадаш пойбанд кӯраву сандону дам?*
*Гӯ баҳисомат, ки бурд оби бути лот ном,*
*К-ин ҳама зери ниём, тан чӣ занӣ лотанам?*
*Гар зи пайи газви гуз қасди Хуросон кунӣ,*
*Гарди саворон кунад чеҳраи гардун дижам.*
*Аз ҷигари Ҷайшхон хок занад ҷӯши хун,*
*Атсаи хунин диҳад бинии шерон зи шам.*
*Даргаҳи мирони гуз даршиканӣ Нимрӯз,*

[14] Ҳамон ҷо.-С-155-156.

*Чун дари Афросиёб нимшабон Рустам…*[15]

Дар заминаи ғузситезии Хоқонӣ дар қасидаҳояш боз ҳам метавон мисол овард, аммо мо дар ин мавқеъ пораеро аз як қитъаи шоир нақл менамоем, ки аз ду неруи истилогар ва анэронӣ, ки қудрати кишварро дар даст гирифтаанд ва рӯҳи миллии моро ночиз кардаанд, интиқод менамояд. Ин қитъа ҷанбаи таърихӣ дорад ва рӯҳи қавии шуубии Хоқониро ба намоиш мегузорад, зеро ӯ рӯирост аз аъробу атрок шикоят менамояд. Албатта, ин ҷо «ман» -и шоир хусусияти ҳамагонӣ мегирад, яъне ба мулку миллат ихтисос дорад, ки дар дарозои таърих ба зулми аъробу атрок гирифтор шудааст:

*Манам, ки ҳамчу камон дастмоли турконам,*
*Ҳама зи ғамзаи ҳаданг охта ба кинаи ман.*
*Хаданги ғамзаи туркон накард бодилам, он-к*
*Ниҳеби румҳи араб мекунад ба синаи ман.*
*Агар на Каъба будӣ, дар Араб чӣ кор маро,*
*Ки нест дар Аҷам имрӯз кас қаринаи ман?*[16]

Тавре ки аз ин мисол мебинем, Хоқонӣ дар ин ҷо беш аз атрок ба аъроб метозад, зеро эшонро қавме бераҳму худписанду ношоиста мебинад ва хунрезии эшонро беш аз хунрезию қатли оми атрок медонад. Лиҳозо, шоир мегӯяд, ки агар Каъба дар ин мулк намебуд, ҳаргиз маро ниёзе ба ин сомон ва ин мардум намеафтод. Хоқонӣ қариб наздик ба ҳамин маънӣ, яъне аз бадкорию зиштиҳои аъроб дар қасидаи «Туҳфат-ул-ҳарамайн» низ сухан дар миён меорад, зеро вай Каъбаро дар дасти қавме бадфеълу шум мебинад. Аз ин рӯ, сиёҳони арабро ба морону занбӯрон ташбеҳ ва монанд менамояд:

*Ман ба чашми хеш дидам Каъбаро аз захми санг*
*Ашкбор аз дасти муште нобасомон омада…*
*Каъба дар шуме араб чун қутб дар тунге садаф,*
*Ё садаф дар баҳри зулмонӣ гаравгон омада.*
*Каъба ганҷ асту сиёҳони араб морони ганҷ,*
*Гирди ганҷ онак сафи морон фаровон омада.*
*Каъба шони шаҳду кони зар рустаст, эй аҷаб,*

[15] Ҳамон ҷо.-С.262-263.
[16] Ҳамон ҷо.-С.912.

*Хайли занбӯрону моронаш нигаҳбон омада.*[17]

Ҳамин гуна эҳсосоти ногувор аз сафари Каъба ва мушоҳидаю рухдодҳои манфӣ ва нохушнудии шоирро аз аъроб дар қасидаи «Наҳзат-ул-арвоҳ», ба вижа дар анҷоми он низ мебинем:

*Бодия чун гамзаи туркон синондор аз араб,*
*Ҷои хунрезону наргисзори найсон дидаанд….*
*Каъба дар дасти сиёҳони араб дида, чунон-к*
*Чашмаи ҳайвон ба торикӣ гаравгон дидаанд.*
*Он чи дида душманони Каъба аз мургон ба санг,*
*Дӯстони Каъба аз гавго дучандон дидаанд.*
*Беҳтарин ҷое ба дасти бадтарин қавме гарав,*
*Муҳраи ҷондору андар магзи саъбон дидаанд.*
*Не зи Эзид шарму не аз Каъба озарм, эй дарег,*
*Ҷойи шеронро сагони сур суккон дидаанд…*[18]

Хоқонӣ дар ашъораш бисёр симои қавми арабро матраҳ кардаву ба намоиш гузоштааст, ки нақли ҳамаи онҳо дар ин ҷо намегунҷад. Лиҳозо, мо дар ин маврид ба овардани намунае аз як қитъаи шоир, ки бо забону шеваи рамз иншо шудааст ва бунёдаш бар орзуҳои беш аз ҳазорсолаи миллати мо нисбат ба истилогарони араб, рӯҳи некбинонаи шоир ва боварӣ ба ғалабаи Аҷам ниҳода шудааст, иктифо менамоем:

*Рӯзе миёни бодия бар лашкари Аҷам*
*Дасти Араб чу гамзаи туркон синон кашид.*
*Девони мегранг синонкаш чу Офтоб*
*К-аз нӯки найзашон сари кайвон синон кашид.*
*Мег аз ҳаво ба ёрии он мегчеҳрагон*
*Омад зи барқ, найзаи оташфишон кашид.*
*Мо оҷизи ду мег, ки бар домани фалак*
*Қавси қузаҳ аломате аз парниён кашид.*
*Ман дар камони назора, ки ногаҳ бурид бахт*
*Чун об дардавиду чу оташ забон кашид.*
*Гуфто, матарс аз ин гурӯҳи нохудойтарс,*
*К-онак Худои Каъба бар эшон камон кашид.*[19]

---

[17] Ҳамон ҷо.-С.371.
[18] Ҳамон ҷо.-С.91-95.

Тавре ки мебинем, Хоқонӣ на танҳо дар қасидаҳояш, балки дар соири ашъораш, алалхусус қитъаҳояш низ бар аъроб метозад, аз хӯйи бади эшон интиқод менамояд ва ноҳамворию каҷрафторию балоҳои зиёди ба сари миллати мо овардаашонро, ки таърих шоҳиди он аст, як-як баён медорад. Шоир дар ин маврид таърихро ба воқеият гиреҳ мезанад, аммо ағлаб он чи дар ин замина мегӯяд ва менигорад, ҷанбаи воқеӣ доранд, зеро аксари онҳо ба сайру саёҳату сафару мусофирати ӯ ба ҳаҷ иртибот мегиранд, ки онҳоро дар роҳу дар ҳангоми ҳаҷ аз сар гузаронидааст ва бо чашми сар дидааст. Хоқонӣ дар ин қисм аз ашъораш агар, аз як сӯ, аз ранҷи роҳу сафар сухан гуфта бошад, аз сӯи дигар, аз ноҳамвориҳо ва муносибати бади аъроб ба ҳоҷиён, ба вижа аҳли Аҷам, изҳори назар менамояд. Чунончи:

*Зи коми наҳангон бурун омадем,*
*Зи гарқоби дарёи хун омадем…*
*На аз бодия, бал зи тӯфони Нуҳ*
*Ба киштии исмат дарун омадем…*
*Ба сагҷонӣ, ар чун Сикандар ба табъ*
*Дар он роҳи зулмотгун омадем…*
*Зи гавгои зангидилони араб*
*Гурезон, надонӣ, ки чун омадем?*
*Аз он зогфеълон, гаҳи шабравӣ*
*Зи саффи кулангон фузун омадем.*
*Зи хун хӯрдану ҳабс ҷастем ур,*
*Ту гӯӣ зи модар кунун омадем.*
*Агар сарнагун хондаемон равост,*
*Ки мо аз раҳим сарнагун омадем.*[20]

Зимнан бояд гуфт, ки васфи Мадоин дар ашъори Хоқонӣ танҳо ба қасидаи машҳури «Айвони Мадоин» маҳдуд намешавад, балки шоир дар ашъори дигараш низ аз ин боргоҳи шукӯҳу шавкати эрониён, яъне пойтахти давлати Сосониён, ки ба дасти аъроб шикаставу вайрон гардидааст, сухан мегӯяд. Шоир дар ин ашъораш низ бо дареғу афсӯс аз дидани айвони вайрону беасаробон ёд мекунад. Агарчи ӯ ин мазмунро на ба

[19] Ҳамон ҷо.-С.859.
[20] Ҳамон ҷо.-С791-792.

тафсил, балки ба иҷмол, дар ду-се байт, зимнан, изҳор менамояд, аммо аз ҳамин иҷмол ҳам хонанда ба тафсили воқеа ва мақсади шоир ба осонӣ пай мебарад. Ӯ мушоҳидаи ҳоҷиёнро ба ин навъ рӯи саҳфа мерезад:

*То хаёли Каъба нақши дидаи ҷон дидаанд,*
*Дидаро аз шавқи Каъба замзамафшон дидаанд…*
*Бар сари Даҷла гузашта, то Мадоин Хизрвор*
*Қасри Касрою зиёратгоҳи Салмон дидаанд.*
*Тоқи айвони ҷаҳонгиру вушоқи пирзан*
*В-аз накӯномӣ тирози фарши айвон дидаанд.*
*Аз таҳайюр гашта чун занҷири печон, к-он замон*
*Бар дари айвон на занҷиру на дарбон дидаанд.*
*Тоҷдораш рафтаю дандонаҳои қасри шоҳ*
*Бар сари дандонаҳои тоҷ гирён дидаанд…*[21]

Хулоса, ин намунаҳо андаке аз бисёранд, ки ҷилваҳое аз рӯҳи миллӣ ва ҳамнавоии Хоқониро бо шуубиён нишон медиҳанд. Мутаассифона, тавре ки зикр кардем, осори шоир дар ин замина, яъне муносибати ӯ бо шуубиён ҳанӯз ба таври алоҳида ва густурда мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст. Албатта, дар ин мавзӯъ ишораву мақолаҳои алоҳида мавҷуданд, аммо ин корҳо барои нишон додану бозтоби ҳамаҷонибаи ин мавзӯи муҳим дар осори шоир басанда нестанд. Умед аст, ки хоқонишиносон дар оянда на танҳо рӯи ин мавзӯъ, балки мавзӯъҳои дигари ашъори ӯ, хусусан худшиносии миллӣ, озодандешии шоир ва ғайра равшанӣ меандозанд. Ногуфта намонад, ки Хоқонӣ аз аъробу атрок интиқод мекунад ва дар осори худ аз зулму ситами онҳо нисбат ба миллати мо сухан мегӯяд, аммо ба ислом ба дидаи ҳурмат менигарад. Ӯ дар заминаи тавҳид ва дар васфи Муҳаммад қасидаҳои ғарро суруда, ҳамвора аз пайғамбари ислом тамҷид намудааст. Воқеан, шоир аз лақаби «Ҳассони Аҷам» доштани худ дар осораш пайваста ёд менамояд ва ифтихор мекунад. Ӯ худро ҳамтои Ҳассон ибни Собит – шоири маддоҳи Муҳаммад медонад. Чунончи:

*Чун зи роҳи Макка Хоқонӣ ба Ясриб дод рӯй,*
*Пеши садри Мустафо сонии Ҳассон дидаанд.*[22]

---

[21] Ҳамон ҷо.-С.90.

***********************************

*Банда Хоқонию даргоҳи Расулуллаҳ, аз он-к*
*Бандагон ҳурмат аз ин даргаҳи аъло бинанд.*
*Мустафо ҳозиру Ҳассони Аҷам мадҳсарой*
*Пеши симурги хамӯш тӯтии гӯё бинанд.*[23]

Дар ҳақиқат, Хоқонӣ, ки дар диндорӣ сахт мутаассиб аст, ба ислом ба дидаи арҷу эҳтиром менигарад, аммо мушоҳидаи рафтору гуфтору эҳсосоти бартарҷӯӣ ва нафратомези аъроб нисбат ба эрониён, ки дар сайру сафари худ, алалхусус ҳангоми ҳаҷ дидааст ва шоҳиди он бадгӯиҳо, хислату хӯйи нописанди онҳо гардидааст, ӯро ба аксуламал водоштааст ва вай мисли шуубиҳо ба дифои миллат бархостааст. Шоир бад-ин тартиб ифтихори қавмии худро дар ашъораш матраҳ сохта, рӯҳи миллию шуубӣ ва меҳанпарастонаи хешро ба намоиш гузоштааст. Ин амал ӯро дар сафи шоирони миллию ватандӯсту шуубии тоҷик-форс қарор додааст. Ба ин нукта натанҳо муаллифи мақолаи «Хоқонӣ-ҳамово бо шуубиён», балки муаллифи китоби «Забони миллат-ҳастии миллат» - Эмомалӣ Раҳмон низ ишора карда ва гуфтааст: «Афзалуддин Бадил Алӣ ибни Усмони Ҳақоиқии Шервонӣ, ки бо тахаллуси «Хоқонӣ» ва лақаби «Ҳассони Аҷам» машҳур аст, дар хонаводаи падари эрониюласл ва модари румӣ по ба олами ҳастӣ ниҳод... Хоқонӣ аз бузургтарин қасидасароёни адабиёти мо шинохта шудааст. Яке аз қасидаҳои ӯ ба тавсифи Мадоин дар наздикии Бағдод ва таассуф аз харобаҳову вайронаҳои ин шаҳр бахшида шудааст, зеро замоне ин шаҳр пойтахти давлатҳои бузургу муқтадири эронии Ашкониён ва Сосониён буд. Ин қасида аз шоҳкорҳои забону адаби форсӣ маҳсуб мешавад ва аз мавҷудияти ангезаи шуубия ва рӯҳи баланди ватанхоҳӣ дар ниҳоди гӯяндаи он дарак медиҳад».[24] Дар ҳақиқат, Хоқонӣ шоири миллӣ, масъул, ватандӯст, озодихоҳу озодфикр буда, дар саросари осораш андеша ва ғояи миллӣ, нафрат ба аҳли ситам ва неруҳои анэронӣ, ба вижа аъробу атрок, ҷӯш мезананд. Ӯ бонии илму адабу фарҳангу тамаддуни эронинажодон мебошад ва хидмати бузурге

[22] Ҳамон ҷо.-С.95.
[23] Ҳамон ҷо.-С.99.
[24] Эмомалӣ Раҳмон.Забони миллат-ҳастии миллат.Китоби 1.-Душанбе,2016.-С.384.

дар роҳи худшиносии миллӣ ва парвариши рӯҳи ватандӯстона кардааст. Агар билфарз аз вай танҳо қасидаи «Айвони Мадоин» боқӣ мемонд, боз ҳам номаш дар таърихи адабу фарҳанги миллати мо ҳамчун шоири миллию ватандӯсту шуубӣ бо ҳарфҳои заррин сабт мешуд, зеро ӯ дар ин қасидаи волои хеш таровишҳои табъашро дар хидмати ҳаммиллатону ҳамватанону ҳамнажодони хеш қарор додааст. Ҳақ ба ҷониби Сортр аст, ки мегӯяд: «Нависанда чи бихоҳад, чи нахоҳад, ҳатто агар ба тоҷҳои ифтихороти ҷовид чашми тамаъ дӯхта бошад, рӯи суханаш бо муосирон аст, бо ҳамватанонаш, бо бародарони ҳамнажод ва ҳамтабақааш».[25]

Воқеан, Хоқонӣ дар «Хатм-ул-ғароиб» («Туҳфат-ул-Ироқайн») модарашро настурию зардуштӣ муаррифӣ менамояд ва мегӯяд:

*Настурию мӯбадӣ нажодаш*
*Исломию Эзадӣ ниҳодаш.*
*Пас карда гузин ба ақлу илҳом,*
*Бар кеши кашиши дини ислом.*
*Бигрехт аз китоби настур,*
*Овехт дар китоби мастур.*
*Кадбону буда чун Зулайхо,*
*Барда шуда боз Юсуфосо.*[26]

---

[25] Жон Пул Сортр.Адабиёт чист?-Садои Шарқ,1990,№4.-С.71.
[26] Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIY.Қисми якум.-Душанбе,1976.-С.137.

**Зиёева ЗЕБО**
*ходими калони илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИ ҶТ*

# САЙРЕ ДАР ТАЪЛИМОТИ АХЛОҚИИ СУҚРОТ, АФЛОТУН, АРАСТУ ВА ЭПИКУР

Ахлоқ яке аз шаклҳои қадимаи фаъолияти маънавии инсон буда, эҳтиёҷ ба мавриди андеша қарор додани муносибати инсон ба инсон ҳанӯз хеле барвақт дар оғози тамаддун пайдо шудааст. Баҳсу мунозираҳои ахлоқӣ ҳанӯз дар аввалин мероси хаттии инсоният ба қайд гирифта шуда, баъзеи онҳо ҳатто хаттӣ сабт низ гардидаанд.

**Таълимоти ахлоқии Суқрот**. Суқрот (469 – 399 то м.) чунин мешуморид, ки инсон аз дигар махлуқот бо рӯҳи худ фарқ карда, дорои қобилияти муҳокимаронӣ буда, дар рафтори худ меъёрҳои одобро риоя менамояд. Ӯ инсонро даъват менамуд, ки нафси худро шиносад ва онро тобеи ақл намояд. Ақидаи Суқрот ба ақидаи релятивистии суфастоён мувофиқ набуд. Танҳо ба он ақидаи суфастоён, ки худи инсонҳо неку бад, адолату хушбахтӣ ва ғайраро муайян менамоянд, зид набуд. Аммо, ба андешаи ӯ, бояд шарҳи умумии мақулаҳои асосии ахлоқӣ вуҷуд дошта бошанд. Суқрот чунин мешуморид, ки хушунату дағалӣ ҳама вақт бадӣ ва инсони босаводу комил будан ҳамеша накӯист. Аз ин рӯ, танҳо тавассути маърифатнокӣ, озод будан ва накӯкорона умр ба сар бурдан метавонад, ки худи ҳамин аллакай хушбахтӣ мебошад. Суқрот асосгузори ахлоқи ақлгароёна (ратсионалӣ) мебошад.

Таълимоти ахлоқии Суқрот дар инкишофи фалсафаи ҷаҳонӣ нақши бузург гузоштааст. Ӯ ақидаҳои фалсафӣ ва ахлоқиашро дар шакли мубоҳисаи шифоҳӣ инкишоф додааст. Падари Суқрот ҳайкалтарош ва модараш доя буд. Суқрот вазифаашро дар он медид, ки бояд дар атрофи фалсафаи ахлоқ пайваста баҳсу мунозира ва муҳокимаронӣ намояд.

Суханрониҳои танқидии ӯ нисбати давлатдории Афина аз ҳисоби ашрофиён ва дарбориён душманони зиёд пайдо намуд.

Суқротро ба риоя накардани қонун ва эътироф накардани Худоҳое, ки мардуми шаҳри Афина онҳоро эътироф мекарданд, бо баҳонаи офаридани Худоҳои гуногун ва аз роҳ баровардани ҷавонон туҳмат намуданд. Ба ҳамин хотир Суқротро ба маҳкама кашида, ахиран ба қатл расонидаанд. Суқрот имкон дошт, ки барои зинда мондан аз ақидаҳои фалсафӣ ва ахлоқии худ даст кашад, вале ӯ аз ҳақиқат даст накашида, бо дасти худаш заҳр хӯрда мемирад.

Суқрот дар шакли хаттӣ ягон меросе ба ёдгор нагузоштааст, вале фикру ақидаҳои ӯро шогирдонаш Афлотун ва Ксенофон дар асарҳои гуногун ҷамъоварӣ намудаанд. Моҳияти таълимоти ахлоқии Суқрот аз он иборат аст, ки неъмат лаззат бурдан ва ғам азоб кашидан аст. Қобилияти зиндагии инсон, ба андешаи ӯ, аз он вобаста аст, ки инсон аз миёни лаззат ва азоб кадомеро интихоб мекунад. Ба ақидаи ӯ, ҷаҳони лаззатҳои инсон ва азобҳояш бисёр мураккаб аст ва ҳангоми саъю талошҳо барои ба даст овардани лаззатҳои гуногун, инсон бо азобҳои ниҳоят сангин рӯ ба рӯ мешавад.

Ба ақидаи Суқрот, донишу накӯкорӣ бо ҳамдигар айният дошта, вазифаи асосиро дар он медид, ки инсон дар асоси аз худ кардани донишҳо зиндагиашро чӣ гуна ба роҳ монад. Манбаи дониш, ба ақидаи ӯ, фаъолияти рӯҳии инсон мебошад. Аз ин ҷо, файласуф ба хулоса мерасад, ки ҳар инсон бояд рӯҳи худро шинохта бошад. Ҳамчунон ки ишора шуд, Суқрот пайрави консепсияи хирадгароӣ (ақлгароӣ) буд. Бо ҳамин хотир, рафторҳои ахлоқии мусбии инсонро бо дониш айният дода, амалҳои ғайриахлоқиро бошад, ӯ иштибоҳи маҳз медонист. Сабаби беахлоқии инсонро Суқрот дар надонистан ва норавшан будани истилоҳоти ахлоқӣ медид. Аз фармудаи Суқрот: «Худро бишнос!» чунин бармеояд, ки ӯ ғояҳои ахлоқии худро бевосита ба шахсияти инсонӣ равона кардааст. Зарурияти худшиносӣ ва худтарбиякунии шахсият дар таълимоти ахлоқии ӯ дар заминаи чунин тасаввуроте бунёд ёфтааст, ки тибқи он, ҳеҷ кас бо хоҳиш ва иродаи худ наметавонад ба бадӣ даст расонад. Аз ин ҷо, файласуф ба хулоса расидааст, ки рафторҳои ғайриахлоқӣ маҳз аз иштибоҳҳои худи инсон бармеоянд.

Дар таърихи афкори фалсафӣ Суқрот аз маорифпарварони аввалине эътироф шудааст, ки масъалаи инсонро мавзӯи тадқиқоти худ қарор додааст. Ӯ низоми накӯкориҳои инсонро аз

қабили мардонагӣ, ҳикмат, нотарсӣ ва адолатро ба таври махсус зикр кардааст. Категорияи ахлоқии эътидол ва дигар самтҳои таълимоти Афлотун минбаъд ҳаматарафа инкишоф ёфтаанд. Ба ақидаи ӯ, накӯкориҳои инсон бевосита ба дониши инсон ва соҳибмаърифатии ӯ алоқаманданд. Накӯкориҳо аз зумраи сифатҳои ахлоқи мусбии инсонанд, ки бо донишҳои ӯ алоқаманд буда, якҷоя низоми донишҳои инсонро ташкил медиҳанд.

Ба ақидаи Суқрот, фаъолияти маънавӣ бояд барои рушду инкишоф додани дониши инсон мусоидат намояд. Суқрот ҳамчун файласуфи ахлоқгаро кӯшиш менамуд, ки фаъолияти одамонро бо рафторҳои ахлоқиашон алоқаманд гардонида, аз ин роҳ дар зиндагии онхо тағйироту дигаргуниҳо ворид намояд. Суқрот аввалин шуда кӯшиши мавриди тадқиқ қарор додани идеалиётро ба миён гузошта, ҳастии идеалиро воқеияти ҳақиқӣ шуморидааст. Ӯ камолотро пеш аз ҳама дар камолоти ахлоқии инсон медид.

Ба ақидаи Суқрот, тамоми рафторҳои ахлоқии инсон дорои табиати нисбӣ мебошанд, аз ин рӯ, ӯ кӯшиш мекард, ки дар ин нисбиятҳо ягон рафтори ахлоқи мутлақи инсониро пайдо намояд. Суқрот аввалин шуда дар таърихи афкори фалсафӣ кӯшиш намудааст, ки накӯкориҳои ахлоқии инсонро мавриди омӯзиш қарор дода, онҳоро ба низоми истилоҳот ҷудо намояд.

Таълимот ва образи Суқрот дар инкишофи ҷаҳонбинии шогирдон ва пайравонаш таъсири бузург расонидааст. Тарзи зиндагӣ, сифатҳои ахлоқӣ ва инчунин шиорҳои ахлоқии ӯ мавриди таваҷҷуҳи бисёр файласуфон ва нависандагон қарор дошта, ба намояндагони алоҳидаи фарҳанги ҷаҳонӣ низ таъсири бузург расонидаанд.

**Таълимоти ахлоқии Афлотун**. Афлотун (427-347 то м.) – шогирди Суқрот буд. Мувофиқи ақидаи ӯ, мабдаи асосӣ ва ҳақиқии ахлоқро на ҷисму нафс, балки мусул (идея), ки пеш аз ҳама гуна накӯию зебоӣ қарор дорад, ташкил медиҳад. Хушбахт шахси шарафманд аст. Шарафмандиро, инсон тавассути маърифату муҳаббат ба даст меоварад. Ба ақидаи ӯ, се зинаи муҳаббат вуҷуд дорад: муҳаббат ба ҷисм, нафс ва накӯӣ. Моҳияти маърифат, ба хотири нафс расонидани он чизест, ки ӯ дар олами мусул замоне онҳоро ҳис карда буд. Инсон – мавҷуди дорои қобилияти дарки накӯӣ буда, донишмандӣ, мардонагӣ, оқилӣ, парҳезкорӣ ва адолатхоҳӣ сифатҳои асоситарини ӯ

мебошанд, ки дар фаъолияти худ амалӣ мегардонад. Зеро адолат - ин ягонагии се накӯӣ - ҳамчун қисмати мувофиқ бо нафс амаликунанда, ҳамчун пайвасткунандаи ахлоқ ва сиёсат баромад мекунад (таълимот дар бораи давлат).

Барои муваффақшавии пурра ин се накӯӣ, бояд се табақаи мардумон дар давлат фаъолият намоянд: ҳокимон (сифати накӯи онҳо - донишмандӣ), ҳарбиён (сифати накӯи онҳо - мардонагӣ) ва косибон (сифати накӯи онҳо - парҳезкорӣ).

Қонуни асосии фаъолияти бомувафаққияти давлат, пеша кардани ғояи адолатпарварӣ мебошад.

Ҳамчунон ки ишора шуд, Афлотун аз файласуфони бузурги Юнони Қадим аст, ки ба идеализми объективӣ асос гузоштааст. Афлотун дар яке аз минтақаҳои зебои Афина бо номи Академия мактаберо ифтитоҳ намуд, ки кариб 900 сол арзи вуҷуд дошта, танҳо бо фармони император Юстиниян баста шудааст. Ба ақидаи Афлотун, идеяи олӣ - идеяи неъмат мебошад, ки тамоми одамон кӯшиши ба даст овардани онро доранд. Ба ақидаи вай, ҳастии идеяҳо, ҳастии аслӣ буда, сабаби пайдоиши тамоми ашёҳо мебошад, зеро ашёҳои олами атроф тағйирёбанда ва гузаранда буда, олами идеяҳо бошад, азалӣ ва абадӣ мебошад.

Афлотун се ҳолати рӯҳи инсонро ҷудо менамояд:

1. Ақлонӣ (интеллектуалӣ).
2. Қавиидодагӣ.
3. Пуризтиробӣ (аффективӣ).

Дар байни ин ҳолатҳои номбаршуда ҳолати ақлониро якумин ҳисобида, дар такя бо ин се ҳолати накӯкориҳои инсонро ҷудо менамояд:

1. Ҳикмат, ҳамчун натиҷаи накӯкории ақл.
2. Мардонагӣ, ҳамчун натиҷаи накӯкории ирода.
3. Эътидол ё муътадилии лаззатҳо, ҳамчун натиҷаи ҳолати пуризтироби рӯҳ.

Омехта кардани (синтез) ин накӯкориҳо, ба ақидаи Афлотун, бо зоҳиршавии категорияи адолат анҷом меёбад. Асоси ахлоқро Афлотун дар идеяи неъмат мебинад, ки он берун аз вуҷуди шахсии инсон қарор дорад. Вазифаи инсон, ба андешаи ӯ, иборат аз саъю талош барои ба даст овардани ин неъмат мебошад, то ки аз ин роҳ олами атрофро шинохта, ҳадафҳои худашро амалӣ намояд. Ба ақидаи ӯ, моҳияти инсонро ахлоқ ва рӯҳи инсон

ташкил медиҳад. Чунки рӯҳ ҷузъ ё пораи рӯҳи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад.

Ба ақидаи Афлотун, донишу накукорӣ баробармаъно мебошанд. Инсон, ба андешаи ӯ, маҷмӯи рӯҳ ва ҷисм буда, рӯҳ азалӣ ва ҷисм фонӣ (фаношаванда) аст. Вазифаи аввалиндараҷаи ахлоқ аз инкишоф додан ва ба камолот расонидани рӯҳи худ иборат аст, чунки қисмати оқилона ва хирадмандонаи рӯҳ ба инсон имкон медиҳад, ки ӯ оламро дониста гирад. Ба ақидаи ӯ, рӯҳи инсон интиқолдиҳандаи идеяҳои неъмат, адолат ва зебоӣ мебошад. Моҳияти ахлоқи Афлотунро камолоти ахлоқии инсон ташкил медиҳад.

Афлотун дар асараш «Давлат» идеяҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ахлоқиро ҷиҳати бунёд кардани давлати идеалӣ ва ҷомеаи идеалӣ инкишоф додааст. Шакли давлатдории аристократӣ, ба ақидаи ӯ, шакли идоракунии саҳеҳ ва дурусти ҷомеа мебошад.

Инсони идеалӣ, ба ақидаи Афлотун, пеш аз ҳама манфиати давлатро ҳимоя менамояд. Афлотун қариб 30 асар навиштааст, ки онҳо дар шакли диалог (муколама) фароҳам омада, то замони мо расидаанд.

**Таълимоти ахлоқии Арасту**. Арасту (384 – 322 то м.) шогирди Афлотун буд, аммо аз таълимоти ӯ оид ба мусул даст кашида, ба ҷои он таълимоти худро оид ба шаклҳо ва моҳияти ашё пешниҳод намуд. Моҳияти ашё, мувофиқи таълимоти ӯ, дар худи онҳо ҷой дорад, моҳияти инсон на дар мусул (ба мисли таълимоти Афлотун), балки дар нафси ӯ зоҳир мешавад. Вазифаи ахлоқии инсон дар афкор (донишмандӣ, муҳокимаронӣ), рафтор (мардонагӣ, ростқавлӣ ва шафқатмандӣ) ва накӯкории ӯ зоҳир мегардад.

Ҳар як накӯкории ахлоқӣ, дар маркази ду сифати ахлоқӣ қарор дорад, ки рафторро назорат менамояд (масалан, саховатмандӣ, ки аз як тараф, бахилӣ ва хасисӣ ва аз тарафи дигар, доройӣ ва сарватмандиро назорат мекунад). Ҳама гуна навъи накӯкорӣ, ки аз ҳолати рӯҳӣ, маънавиёт, одатҳои инсон иборат аст, дар ҳаёти амалӣ дар асоси таҷрибаи ҳаётии ҳар як инсон ба вуҷуд меояд.

Фаъолияти нафс, агар бо мақсади накӯкорӣ анҷом дода шавад, боиси хушбахтии инсон мегардад. Арасту аввалин шуда ахлоқ (этика)-ро ба сифати илми махсус ҷудо намудааст. Ҳамон тавр ки дар боло зикр шуд, Арасту се асари ахлоқие бо

номи «Этикаи Никомах», «Этикаи бузург» ва «Этикаи Эвдемон»-ро таълиф намудааст, ки боиси барқарор шудани илми этика гардид. Ба ақидаи муҳаққиқон, «Этикаи Никомах» аслан асари Арасту буда, ба ӯ мансуб будани ду асари дигараш зери шубҳа гузошта шудаанд. Ба ақидаи Арасту, вазифаи ахлоқ тарбияи инсон буда, бояд чунин сифатҳои ахлоқиеро ба ӯ биомӯзонад, ки барои зиндагиаш зарур ва лозиманд. Ахлоқи Арасту аз дар инсон тарбият додани рафторҳои воқеӣ ва амалии ахлоқ ва омода намудани ӯ барои зиндагии воқеӣ иборат аст. Ба ақидаи Арасту, инсон шаҳрванд буда, ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ ва сиёсӣ шинохта мешавад. Таълимоти ахлоқии Арасту бо таълимоташ дар бораи давлат алоқаманд аст. Арасту таълимоти одиро ба монанди устодаш, на дар лаззатҳои ҳиссӣ, балки дар хирадмандӣ, дар хиради баланду олӣ медид.

Арасту накӯкориҳои инсонро ба низом даровარда, онҳоро ба чанд навъ таксим менамояд:

1. Накӯкориҳои ахлоқӣ, ки хусусиятҳои ахлоқии инсонро меомӯзад.
2. Дианоэтикӣ, ки хосиятҳои ахлоқи табиати инсонро меомӯзад.

Арасту чунин мешуморид, ки накӯкориҳои ахлоқӣ ирсӣ набуда, танҳо ба василаи тарбия аз худ карда мешаванд. Ӯ чунин мешуморид, ки накӯкории аз ҳама асосӣ роҳ надодан ба камбудӣ ва зиёдаравист. Инсон бояд ҳамеша дар асоси қоидаи миёнаи тиллоӣ амал намояд. Ба ақидаи Арасту, аз ҳама хосиятҳои неки инсон дар он зоҳир мешавад, ки инсон бояд ҳамеша барои донистани ҳақиқат кӯшиш намояд. Мақсади инсонро Арасту дар он медид, ки инсон хушбахт бошад. Арасту навиштааст, ки одамон дар интихоби неку бад озоданд. Идеяи софи неъматро ӯ бораи инсон дастнорас ҳисобида, таълим медод, ки инсон бояд барои ба даст овардани неъмати воқеӣ талош намояд. Неъмати воқеиро танҳо ба воситаи хираду ирода аз худ намудан лозим аст. Арасту менависад, ки инсон барои накӯаҳволии худ ва тақдири худ, бояд масъулиятро эҳсос намуда, кӯшиш намояд, ки хушбахт бошад. Арасту ғояи тақдири қаблан муқарраргардидаи инсонро комилан инкор менамуд.

Дар «Этикаи Никомах» Арасту масъалаҳои хушбахтӣ ва ба камолоти ахлоқӣ расидани одамонро таҳқиқ намуда, чунин мешуморид, ки инсон ҳамеша мақсади нек дошта, ҷавҳару асоси

ӯро хушбахтӣ ташкил медиҳад. Арасту ба монанди Афлотуну Суқрот донишу накӯкориро айниятдор медонист. Ба ақидаи Арасту, ахлоқ ба сиёсат, алоқамандии ногусастанӣ дорад. Ба ақидаи ӯ, инсони озод бояд ҳамеша ба давлат хизмат намуда, онро аз душманон ҳимоя намояд.

**Таълимоти ахлоқии Эпикур.** Эпикур яке аз маъруфтарин ҳакимони Юнони Бостон буда, дар соли 341-270 қабл аз мелод дар Самос ба дунё омадааст.

Дар овони ҷавонӣ ба омӯхтани илмҳои замонаш машғул шуда, таҳсилро дар мактаби Аристип, ки шогирди мустақими Суқрот буд, ба поён расонид. Дар солҳои 326 ба Афина рафта, дар он ҷо боғеро харидорӣ намуда, мактаби худро таъсис дод.

Эпикур бо танқиди назарияи мусули Афлотун баромад намуда таъкид кардааст, ки мақсади ниҳоии ҳаёти инсонӣ, лаззатгароӣ, яъне набудани машаққат (ранҷу азоб), худро дур гирифтан аз ранҷу азоб мебошад. Ҳаёти ахлоқии инсонро на маишат, балки ақл (хирад, оқилӣ) идора менамояд. Ақл дорои қобилияти интихоб кардани амалҳое мебошад, ки инсонро воқеан ба хушбахтӣ расонида, ба рӯҳи ӯ оромӣ ва осудагӣ мебахшад.

Аз ин рӯ, Эпикур тафовути миёни лаззатҳои тану нафсро ба миён гузошт, ки инсон бояд на ба лаҳзаҳои даргузар, балки ба ҳолатҳое афзалият медод, ки ба нафс бештар оромӣ ва таскин бахшида, ҳолати устувору пойдори хушбахтиро ба вуҷуд оварда метавонанд. Хушбахтиро, ӯ дар мавриди ранҷу машаққат қарор надодани тан ва нафс, вуҷуд надоштани тарсу ҳарос аз сарнавишту марг медид. Фалсафа инсонро қабл аз ҳама аз бими тарси тақдиру марг, ки аз дағалию нодонӣ сар мезанад, раҳо менамояд. Ба даст овардани ҳолати таскину оромии нафс чизи муҳим аст, зеро дар ин ҳолат инсон аз хоҳишу орзуҳои ҳарисонаю шаҳватона комилан озод мешавад. Эпикур, ба эҳсоси дӯстӣ ва ҳаловатҳои рӯҳӣ баҳои баланд додааст, аз ин рӯ, ӯро аксаран намояндаи машҳури гедонизм (юнонӣ. hedone – лаззату ҳаловат) мешуморанд.

Аз Эпикур якчанд осоре боқӣ мондааст, ки муҳимтарини онҳо «Ҳикмат» ва «Навиштаҷоти фалсафӣ» мебошанд. Осори Эпикур 3 мавзӯи асосиро дар бар гирифтаанд: мантиқ, коинот ва ахлоқ (мувофиқи баъзе андешаҳо, ӯ зиёда аз 300 рисола эҷод намудааст).

Эпикур пайрави фалсафаи материалистӣ буда, материя (моддиёт)-ро ибтидои коинот медонист. Ӯ пайрави Демокрит буд, яъне кулли мавҷудотро иборат аз атом ва заррачаҳои хурди мутаҳаррики табиӣ (биззот) медонист. Ба андешаи Эпикур, мавҷудоте, ки мо онҳоро арвоҳу худоён меномем, ба монанди дигар ҷисмҳо аз зарраҳои атомӣ таркиб ёфта, зарраҳои таркиби онҳо аз зарраҳои таркибии соири ҷисмҳо шаффофтар ва латифтаранд. Азбаски пайдоиши ҷисмҳо натиҷаи интиқоли зарраҳо ва тасодуму иттисоли онҳо ба якдигар аст, пас худоёнро на дар офариниши коинот ва на дар идораи ҳодисаҳои олам таъсире нест. Онҳо ҳеҷ гуна таъсир дар неку бадии олам надоранд. Аз ин рӯ, набояд ба хайри онҳо умед баст ва на аз шарри онҳо ба ҳарос омад ва ё ин ки аз тарси азоб ва ё ба умеди савоб онҳоро ибодат кард. Гуноҳу савоби ухравӣ аз ин маншаъ мегирад, яъне накӯкор аз аъмоли некаш хушҳол ва гунаҳкор аз ёдоварии гуноҳҳояш ғамгин мешавад. Рӯҳи инсон бошад, пас аз марги инсон бо ӯ мемирад ва монанди худи ҷисм ба заррачаҳои хурд мубаддал шуда, зарраҳояш дар таркиби ҷисмҳои дигар маҳлул мегарданд.

Ба андешаи Эпикур, маърифат ба 3 тарз ҳосил мешавад: эҳсос, истинбот ва ба тариқи асар.

1) инсон ҳодисаҳои ҷузъиро ба воситаи мушоҳида ва эҳсос дарк менамояд;

2) мафҳумҳои куллиро ба воситаи таҷриба ва такрори мушоҳида (тасаввур) ва ба хотир овардани чанд идроки мушобеҳ (монанд) истинбот мекунад ва лаззату дардро аз осоре, ки дар нафс зоҳир мешавад, дармеёбад.

Эпикур андеша дошт, ки беҳтарини машғулиятҳо ҳикмат аст, вале ҳикмат бинафси (худ ба худ) ҳеҷ арзиш надорад, магар ки он воситаи таълим додани хушбахтӣ бошад. Хушбахтӣ низ ғайр аз дарки лаззату ҳаловат чизи дигаре нест ва он ҳам дар сояи оромии хотир ва осоиштагии қавм ҳосил мешавад.

Лаззат аз ду қисм иборат аст:

1) лаззати зудгузару олӣ. Ба монанди нафс, лаззати шаҳвонӣ (ки баъдан инсонро ранҷуру нотавон мекунад).

2) лаззати боқӣ (пойдор) ва устувор. Ба монанди лаззати рӯҳонӣ, ки доимӣ ва ҳам ба осонӣ ба даст меояд. Вазифаи ҳикмат бошад, дарки лаззати рӯҳонӣ аст. Он чизе, ки оромии хотир, яъне лаззатро аз байн мебарад, боварӣ ба мавҷудияти худоҳо ва

арвоҳҳои бад аст. Пас, агар фалсафа инсонҳоро мутмаин созад, ки ба ғайр аз олами ҷисмонӣ олами дигаре нест ва дар он дунё тақдире вуҷуд надорад, ки инсонҳоро маҳкум ба бадбахтӣ кунад ва инсон пас аз марг барои аъмоли худ ҳисобот намедиҳад ва азобу уқубате ӯро дар пеш интизор нест, пас хотирҳо оромиш ёфта, ба дарки лаззати рӯҳонӣ, ки дорои охирати саодатманд аст, ноил мегардад.

Фалсафа баёнгари ахлоқӣ ҳамида аст ва бояд муқаддимаи дарёфти лаззати воқеӣ бошад. Агар фалсафа дорои чунин хусусият набошад, монанди тиббест, ки аз беҳдошти саломатӣ ҷудо аст.

Ба ақидаи Эпикур, шуҷоат аз он хотир хуб аст, ки ба мо қудрати таҳаммули ранҷ ва бархурдорӣ медиҳад. Тақво аз он ҷиҳат нек аст, ки моро аз иртиқоб ба айшу ишрат (маноҳӣ) ва лаззати олӣ, ки дар охир дорои ранҷу азоб аст, боз медорад. Адолат низ аз он ҷиҳат нек аст, ки моро водор месозад, ки ба лаззати дигарон монеъ ва дигарон низ лаззати моро халалдор насозанд.

Хуллас, чун ҳақиқати пояи зиндагӣ ва некии олӣ лаззату ҳаловат аст, пас бояд лаззат меъёру мизони неку бад бошад. Яъне ҳар амале, ки моро ба сӯи лаззат роҳнамоӣ мекунад, фазилат аст ва баръакси он разилат ба ҳисоб меравад.

Ҳамин гуна, ки фалсафаи Эпикур лаззатро меъёру мизони неку бадӣ ахлоқи одамӣ қарор дода буд ва мардуми ом гумон мекарданд, ки муроди Эпикур аз лаззат - лаззати шаҳвонӣ аст ва ногузир фисқу фасодро дар миёни онҳо ҷорӣ месозад. Аммо шогирдони ӯ медонистанд, ки мақсади Эпикур аз лаззат - лаззати рӯҳониву маънавӣ буда, назария ва андешаҳои ӯро дар шакли умумӣ хулоса карда даст ба даст гардонида, онҳоро ҷиддан анҷом медоданд.

Шогирдонаш ба ифтихори ӯ ҳар моҳ ҷашн ороста, ҳар сол маҷлиси бузурге ба хотири ӯ барпо намуда, рафта-рафта ӯро ба дараҷаи худоӣ бардоштанд. Эпикур ба дӯстиву муҳаббати инсонҳо диққати ҷиддӣ медод. Аз хотири он, ки дӯстӣ сабаби муҳаббати байни одамон гардида, онҳоро барои ҳар чӣ бештар аз лаззат баҳраманд гардидан, равона месохт.

Эпикур пеш аз марг васият намуд, ки новобаста аз он сатҳи ахлоқи пасте, ки дар табақаи ғуломон дида мешавад, бояд нисбат ба онҳо меҳру муҳаббат зоҳир намуда, онҳоро гиромӣ

доранд. Худи ӯ низ то охири умр бо ғуломон ҳамеша хушмуомила буд. Эпикур дар соли 270 то мелод дар синни 71 солагӣ аз бемории санги масона аз олам чашм пӯшид. Дар инҷо барои тақвияти гуфтаҳои боло чанде аз суханони ӯро меорем:

1) Худро бишносед ва дар зиндагии рӯҳии худ дар бораи лаззат биандешед ва аз дарду ғам дурӣ ҷӯед.

2) Чунон зиндагӣ кунед, ки аз тарс фориғ бошед.

3) Хирадманд касест, ки бикӯшад барои пайдо накардани душманони гумном зиндагӣ кунад.

4) Лаззате, ки дар бахшидан аст, дар ситондани он вуҷуд надорад.

5) Пас аз марги дӯстон онҳоро набояд фаромӯш кард.

6) Аз сиёсат, ишқ ва ҳар гуна фаъолияти шадид бипарҳезед.

# ОЯНДАБИНИИ МИЛЛӢ ВА ХАТАРҲОИ ҶАҲОНИ ИМРӮЗӢ

**Нурзода НОЗИМ**
*муҳаққиқ*

## ИФРОТГАРОЙИИ ДИНӢ ВА ОЯНДАБИНИИ МИЛЛӢ

Мардуми форсу тоҷик тайи таърихи тӯлонӣ тавассути таҳоҷуму истеъмори аҷнабӣ, зулму истибдоди дохилӣ, саҳлангории давлатмардону ҳукуматдорон, бехабарию ноогоҳӣ аз вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва динию дунявии замон, нашнохтани ҳадафу мақсадҳои идеологии бегонагон ва билохира рӯйкард ба ҷаҳл, хурофот ва таассуб ранҷу азоби зиёд кашида, ҷисман ва рӯҳан хаста шудааст. Албатта, ба шарофати истиқлолият дар марҳилаи навини таърихӣ мардуми тоҷик масири зиндагиро тағйир дода, рӯ ба таҷаддуди фикрию сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ ниҳода истодаанд, вале ҳоло ҳам ҷомеаи тоҷикӣ аз бандубори хурофоту ҷаҳолат ва таассуби даҳшатовар куллан наҷот наёфта, тадриҷан раванди ташаннуҷи таассубпарастӣ ва ҷаҳолатхоҳии оммавӣ дар Тоҷикистони кунунӣ, мутаассифона, тақвият ёфта, тадовум пайдо карда истодааст. Ҳадаф инҷост, ки ҷаҳолат, хурофот ва таассуб ҳамеша ифротгаройиро тавлид карда, василаю абзори муҳими тадовуми беназмию бетартибӣ, бадахлоқию бадандешӣ, кинаю адоват, нафрату бадбинӣ дар ҷомеа гардида, роҳи тараққиёту таҳаввулоти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, ахлоқӣ, фикрӣ, фарҳангиро ба таври куллӣ барбаста, мардумро дар тангнои фикрию сиёсӣ қарор дода, ҷониби хирадзудоию варшикастагӣ равона месозад. Агар муруре кӯтоҳ ба таърихи ҷавомеи мусулмон дошта бошем, ба осонӣ дармеёбем, ки аксаран, дар вартаи ҷаҳлу ҷаҳолат қарор доштаанд. Ба унвони намуна метавон гуфтаи сайёҳи франсавӣ Волнейро овард, ки дар садаи ҳаждаҳуми мелодӣ аз Миср дидан намуда, таассуроташро бад-ин тарз ироа доштааст: «Ҷаҳл дар ин шаҳрҳо ому шоеъ аст. Ин шаҳрҳо монанди ғолиби билоди Усмонӣ (Туркия) аст, ки ҷаҳл дар миёни ҳамаи табақоти онҳо

русухи комил дорад ва илму адабу ҳунару саноеъ дар онҳо ба баситтарин ва ибтидоитарин сурате боқӣ мондааст, чунонки агар соати шахсе хароб шавад, касеро наметавон ёфт, ки онро дуруст кунад, магар он ки бегона бошад» (ниг.:Ҳалабӣ Алӣ Асғар. Таърихи наҳзатҳои динӣ-сиёсии муосир. Теҳрон: Заввор, 1382.-С.8).

Чун ҳадафи навишта ифротгаройӣ ё ба истилоҳ экстремизм аст, суханро аз луғатшиносии мафҳум оғоз мекунем. Экстремизм («extremism» аз лафзи лотинии «extremus» баргирифта шуда, маънохои охирин ҳад, ҳадди ниҳоӣ, назари ниҳоӣ ва ифротӣ доштанро далолат мекунад), дар адабиёти сиёсию динӣ, асосан ба маъниҳои дар сиёсат ба назар ва фаъолияти ифротӣ мутамоил будан (см.: Социологический энциклопедический словарь. Редактор –координатор академик Российской академии наук Г. В. Осипов. –Москва: Издательство Норма, 2000. –С.422), дар назар ва ақидаи сиёсӣ ба зиёдаравӣ роҳ додан (см.: Большая Советская Энциклопедия. Том 30. –Москва: Советская Энциклопедия, 1978. –С.19), пайравӣ ба назария ва чорабиниҳои ифротӣ, ифротталабӣ (ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. –Душанбе, 2010. –С.699) ва ниҳоятан, саъю талоши ҳалли мушкилот тавассути усулҳои тунду радикалӣ, истифодаи тамоми намудҳои зӯроварӣ ва террор барои расидан ба ҳадаф (см.:Павленок П. Д. Краткий словарь по социологии.–Москва:Инфра-М,2001.–С.247) истифода шудааст. Экстремизм дар шакли истилоҳи «ифротгароӣ» дар чанд соли ахир дар маҳдудаи коршиносии ватанӣ мавриди корбурд қарор мегирад.

Ифротгароӣ аз решаи арабии «фарт» ба маъниҳои пешдастӣ ва аз ҳад даргузаштан, чира шудан, таҷовуз аз ҳадду андоза, зиёдаравӣ, ифрот ва таҷовуз аз чизе (ниг.: Фарҳанги Амид. Ҷилди севум. Таълифи Ҳасан Амид. Теҳрон: Муассисаи интишороти Амири Кабир, 1381.-С.1826), ҳамчунин дар шакли ифрот ба маъноҳои аз ҳад гузаштан, аз ҳадду андоза таҷовуз кардан, зиёдаравӣ кардан ва умуман, зиёдаравӣ омадааст (ниг.: Фарҳанги Амид. Ҷилди аввал. Таълифи Ҳасан Амид. Теҳрон: Муассисаи интишороти Амири Кабир, 1381.-С.236).

Бояд тазаккур дод, ки экстремизм (ифротгаройӣ) бо бунёдгаройӣ (фундаментализм) ва радикализм (тундгаройӣ) ҳукми бародарӣ дошта, ин ҳар се дар якҷоягӣ маҷмӯаи мушкилоти иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва умуман,

моддию маънавиро дар маҳдудаи иҷтимоӣ ба вуҷуд меоранд ва саранҷом боиси ҷангу низоъҳои бардавоми бемаънӣ, қатлу куштор, даҳшату ваҳшати мардумӣ мегарданд. Радикал (Radicalisme аз решаи «Radical»-и лотинӣ ба маънои решаӣ, аслӣ, асосӣ, марбут ба решаи як чиз – ниг.: Фарҳанги Амид. Ҷилди дувум. Таълифи Ҳасан Амид. Теҳрон: Муассисаи интишороти Амири Кабир, 1381.-С.1202) пайрави чораҳои ифротӣ ва қатъӣ дар иҷрои амале маҳсуб меёбад (см.: Словарь иностранных слов. –Москва: Русский язык, 1990. –С.423). Дар таърихи тамоми мардуми ҷаҳон усулгароӣ, тундгароӣ ва ифротгароии динӣ-мазҳабӣ берабтӣ ва шикасти бофтҳои иҷтимоиро ба вуҷуд оварда, махуфтарин балоёро сари мардум рехтаанд. Мусаллам аст, ки ҷанг, хунрезӣ ва қатлу ғорат аз ҷумлаи махуфтарин ва палидтарин балоёи мумкин дар радифи зилзила, сел, тоъун, вабо, қаҳтӣ ва хулоса, тирагӣ маҳсуб шудааст (ниг.: Таҳлиле бар ҷанги таҳмилии Ироқ алайҳи Ҷумҳурии Исломии Ирон. Ҷилди дувум. Теҳрон, 1367. –С.1). Ҳама гуна ақоиди бебунёд, ки дар назари пайравонаш таассубан, аслу решаӣ маҳсуб мешавад, ногузир ба ҷангу хунрезӣ мепайвандад. Ин аст, ки мутафаккири маъруфи урупоӣ Волтер дидгоҳи ҷомеъе дар робита бо ҷангу хунрезӣ ироа доштааст: «Сад ҳазор аз ҳамнавъони мукаллои девонаи мо сад ҳазор ҳайвони дасторбасари дигарро барои чанд ваҷаб хок мекушанд… Ин чанд ваҷаб хок ба касе ба номи султон тааллуқ хоҳад гирифт ё ба як нафари дигар, ки маълум нест, чаро қайсараш меноманд»(ниг.: Гастон В. Ҷомеашиносии ҷанг. Теҳрон, 1368. –С.15).

Сарнавишти миллат дар ҳама давру замон ба кайфият ва чигунагии вазъи ҷуғрофӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ, иқтисодӣ, фикрӣ ва фарҳангӣ бастагӣ дорад. Решаю авомили бурузи ифротгароӣ ва ба истилоҳ экстремизми динӣ-мазҳабӣ, қабл аз ҳама, дар ақибмондагии саросарии иҷтимоӣ зоҳир мегардад. Ҳар қадар иҷтимоъ мутамоили ҷаҳолату афкори пӯсидаи гузашта бошад, ҳамон қадар хатари ҳама гуна ифроту тафритгарӣ онро таҳдид мекунад. Аз назари коршиносӣ, авомзадагӣ як бемории риққатбор ва андешакуши иҷтимоӣ аст. Сараввал, бояд бемориро аз дарун ҷӯем, чунки дар рӯйи кор омадани ифртгаройиву бунёдгароиии динӣ-мазҳабӣ, беш аз пеш, авомили дарунӣ саҳиманд ва онҳо зиёдтар рӯйи хурофоту таассуби динӣ-мазҳабӣ қарор мегиранд. Ҳанӯз дар даврони императории

Ҳахоманишӣ маҳдудиятҳои табақотӣ ва маҳрумиятҳои иҷтимоӣ салтанат мекарданд ва ин боиси нобовариҳои мардумӣ ва хуруҷи ифротгаройии динӣ (дар мисоли рӯҳонияти зардуштӣ) гардид. Агар дар маҳдудаи давлати Ҳахоманишӣ табақоти иҷтимоӣ, мисли мардуми Юнон, ки мутаносибан дар тавозун ва фазои демократия зиндагӣ мекард, ба сар мебурд, илму фан, бегумон, пеш мерафт (ниг.: Муртазо Ровандӣ. Таърихи иҷтимоии Ирон. Ҷилди аввал. Теҳрон: Амири Кабир, 1354. -С.498). Ҳамин раванд (номутавозинии иҷтимоӣ, истибдоди дохилӣ, рӯҳониятсолорӣ, вопасмондагӣ, хурофотпарастӣ) дар имтидоди давлатдории Сосонӣ, ки зиёда аз чаҳорсад сол салтанат кард, идома ёфт ва ахиран, мунҷар ба шикасти императории қудратманди Сосонӣ аз ҷониби арабҳо гардид (ниг.: Зарринкӯб Абдулҳусайн. Ду қарни сукут. Теҳрон: Сухан, 1381. –С.60).

Агар истеъмори дохилӣ, аз як тараф, муҷиби ба вуҷуд омадани ифротгаройиву бунёдгаройӣ дар бисёр маворид шуда бошад (ниг.: Ризоқулӣ Алӣ. Ҷомеашиносии нухбакушӣ: таҳлили ҷомеашинохтии бархе аз решаҳои истибдод ва ақибмондагӣ дар Ирон. Теҳрон: Нашри Най, 1377.-С.227-228), аз ҷониби дигар, дар рӯйи кор омадани истибдоди шарқӣ дар манотиқи гуногун дасти авомили ҷуғрофӣ низ мушоҳида мешавад. Ба сухани сареҳтар, мардуми иронитабор ҳанӯз аз қадимтарин замон бар асари вазъи табиӣ ба мушкилот мувоҷеҳ буд (ниг.: Дуронт Вил. Таърихи тамаддун. Ҷилди аввал. Теҳрон, 1365. –С.413). Камбуди об дар минтақа, гармиии аз ҳад зиёд, саҳронишинӣ ва чодарписандӣ авомилеанд, ки дар Осиёи Марказӣ ва Ховари Миёна ҳамеша домангири иҷтимоъ буданд. Аз ин лиҳоз, истибдоди шарқӣ бештар рӯйи масоили ҷуғрофӣ тамаркуз пайдо мекард ва камбуди об, ки аз силсилаи мушкилоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фикрӣ дар минтақа маҳсуб меёфт, асоси зуҳури истибдод ва муомилаю муошироти ифротию радикалӣ дар миқёси олами Шарқи мусулмонӣ талаққӣ мешавад. Ба таъбири дигар, ҳукуматҳои шарқӣ бар мабнои об пайдо мешуданд, дар ҳошияи об ба вуҷуд меомаданд, аммо ҳукуматҳои ғарбӣ дар асоси таззод зуҳур мекарданд (ниг.: Зебокалом Содиқ. Мо чӣ гуна мо шудем: решаёбии илали ақибмондагӣ дар Ирон. Теҳрон: Интишороти Равзана, 1378. -С.101).

Камбуди об ва гармо – навоқиси иқлимию ҷуғрофӣ боиси дар ҷаҳлу таассуб қарор гирифтани ҷомеаҳо мешуданд (ин

авомил имрӯз низ муаассиранд) ва дар натиҷа, хирадбезории иҷтимоъро ба вуҷуд меоварданд. Хирадситезӣ ё ба қавли Абдулҳодӣ Ҳоирӣ, «яксуянигарӣ» дар фазою муҳити кишварҳои исломӣ сабаби бурузи ифротгаройӣ ва ба ин монанд истибдодҳои равонию ҷисмонӣ гардид. Хирадситезӣ ва ҷаҳолатпарастӣ аз замони салоҷиқа дар Дорулислом (Бағдод) падид омада буд ва Ғазнавиёну Салҷуқиён онро идома бахшиданд (ниг.: Зебокалом Содиқ. Мо чӣ гуна мо шудем: решаёбии илали ақибмондагӣ дар Ирон. Теҳрон: Интишороти Равзана, 1378. -С.206). Ба қавли Маҳдӣ Фаршод, фарогирии улуми ғайридинӣ ва фалсафа дар мадориси ҳавзаи хилофат (минҷумла Ирон) мамнӯъ шуда ва фақат омӯзиши матолиби динӣ муҷоз буд (ниг.: Фаршод Маҳдӣ. Таърихи илм дар Ирон. Ҷилди 1. Теҳрон: Амири Кабир, 1365. –С.86-87). Муаррихи маъруфи илм Ҷорҷ Сартон омили уфул ё пастравии илмии муслиминро дар «ойини мадрасӣ» (scholasticism – схоластика) дида, дар ин боб навиштааст: «Мардуми Шарқу Ғарб дар маърази озмоиши бузурги ойини мадрасӣ (scholasticism) қарор гирифтанд, мардуми Ғарб аз он бадар омаданд, вале шарқиён шикаст хӯрданд» (ниг.: Сартон Ҷорҷ. Муқаддимаи таърихи илм. Ҷилди аввал. Техрон, 1353. –С.61-62). Ойини мадрасӣ бартарияти улуми илоҳиро бар улуми табиӣ-риёзӣ ва фалсафӣ тасдиқ мекард ва дар натиҷа, сабабгори ақибмондагӣ ва вопасзадагии иҷтимоию фикрӣ гардида, барои ба вуҷуд омадани падидаҳои номатлуби фундаментализм (бунёдгаройӣ), экстремизм (ифротгаройӣ), радикализм (тундгаройӣ), терроризм (даҳшатафканӣ) ва фатализм (тақдирпарастӣ) дар дилхоҳ иҷтимоъ (албатта, иҷтимои вопасмонда дар назар аст) ҳамаҷониба мусоидат карда ва мекунанд.

Аз лиҳози таърихӣ, танҳо дар замони салатанати чанд амири Аббосӣ вазъияти иҷтимоию фикрӣ тағйир ёфт ва муҳити муътадили фикрию эҷодӣ сохта шуд. Дар давраи амирони Аббосӣ Абӯҷаъфар Мансур (754-775) наҳзати тарҷумаи осори юнонӣ, мисрӣ, ҳиндӣ шурӯъ шуда, ин раванд дар замони Ҳорунаррашид (786-809) ва Маъмун (813-833) густариш ёфта, муносибати амирони Аббосӣ ба илму ҳикмат ва олимону донишмандон муътадил гардид ва шароити бози фарҳангӣ барои тарвиҷи илму фалсафа дар қаламрави хилофат ба вуҷуд омад. Дар ин давра кутуби Уқлидус, Афлотун, Арасту, Букрот,

Ҷолинус ва соири донишмандону файласуфони юнонию румӣ тарҷума шуд ва майдони баҳсу муҷодилаҳои илмӣ-фалсафӣ густарда гардид (ниг.: Сафо Забеҳуллоҳ. Таърихи улуми ақлӣ дар тамаддуни исломӣ то авосити қарни панҷум. Муҷаллади аввал. Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1371. -С.44-45). Вале ин раванд дар давраи амирони минбаъда варшикаста ва роҳи илму маориф аз тариқи омӯзиши улуми фалсафӣ ва табиӣ-риёзӣ баста мешавад. Амир Мутаваккил (847-861) ба аҳли ҳадис ва суннат эътиқод карда, хуни ононеро, ки ба баҳси холиқ будан ё набудани Қуръон иштиғол меварзиданд, мубоҳ кард. Ӯ таълиму тарбияи мутавассити аҳли замма (яҳудиён, масеҳиён, зардуштиён)-ро мамнӯъ эълом дошта, хондани фарзандони ононро дар мадориси мусулмонон қатъиян манъ кард. Ҳамчунин **китобфурӯшонро савганд дод, ки китобҳои фалсафӣ ва соири осореро, ки дар хусуси масоили каломӣ ва ҷадалӣ иттилоъ медоданд, нафурӯшанд** (ниг.: Султонзода Ҳусайн. Таърихи мадориси Ирон аз аҳди бостон то таъсиси Дорулфунун. Теҳрон, 1364. –С.71). Рӯҳониёни мутаассиб ва ҷаҳолатписанди давр хуб медонистанд, ки омӯзиши фалсафа ва илмҳои фалсафӣ сатҳи огоҳӣ ва эҳсоси пурсишгарии ҷомеаро боло мебаранд ва саранҷом боиси ба ҳошия рондани улуми вомондаи динию мазҳабӣ мегарданд. Бо фаро гирифтани фалсафа ва илмҳои фалсафӣ инсон ба масоили зиндагӣ бо назари интиқодӣ бархӯрд мекунад ва роҳҳои бурунрафт аз мушкилот ва шеваи зиндагии шоистаро дунбол менамояд. Ба ин маъно донишманд ва файласуфи маъруфи англис Бертран Рассел ишора кардааст: «Фалсафа дар саросари таърихи худ аз ду ҷузъ ташкил шуда, ки ба таври ноҳамоҳанг таркиб ёфтаанд: ин ду ҷузъ, **яке тафаккур дар бораи моҳияти ҷаҳон аст** ва дигаре **назарияи ахлоқӣ ё сиёсӣ аст дар бораи беҳтарин шеваи зистан** (ниг.: Рассел Бертронд. Таърихи фалсафаи Ғарб ва равобити он бо авзои сиёсӣ ва иҷтимоӣ аз қадим то имрӯз. Тарҷумаи Наҷаф Дарёбандӣ. Нашри электроникӣ, баҳманмоҳи 1388. –С.620). Аз ин ҷост, ки илму фалсафа василаи асосии тағйироти фикрию эҷодии инсон буда ва дар ниҳоят, инсонсозанд, аммо дар асрҳои миёна ва имрӯз ҳам дар бисёр мамолики мусулмоннишини шарқӣ, мардум аз омӯзиши улуми фалсафӣ имтиноъ меварзанд ва ба домони улулми хурофӣ сахт мечаспанд. Бехабар аз он ки илм василаест,

ки тамоми тамаддуни моро бо шитоби зиёд дигаргун месозад (ниг.: Бернол Ҷон. Илм дар таърих. Ҷилдҳои 1-2. –Теҳрон, 1354.-С.26).

Дурӣ ҷустан ва имтиноъ варзидан аз масоил ва улуми фалсафӣ дар асрҳои миёна пойгоҳи ҷиддие барои ҷулуси ифротгаройӣ фароҳам овард. Бояд ёдовар шуд, ки дар тақвияти ҷараёни ифротгаройиву зиёдарвиии динии асримиёнагӣ саҳми Абуҳомид Муҳаммад Ғазолӣ назаррас аст. Ӯ аз зумраи он мутафаккироне буд, ки дар асрҳои миёна майдони муборизоти шаръиро ба муқобили фалосифа таҳким бахшид. Ғазолӣ дар он рӯзгорон беш аз ҳар касе бо озодандешӣ ва густариши андеша бар пояи тааққул ва истидлол ситез кард ва яксӯнигариро ҷоне тоза бахшид. **Юриши саҳмгини Ғазолӣ ба фалосифа ва андешаҳои фалсафӣ, шеваҳои мубтанӣ бар хирад, андеша, истидлол ва жарфнигариро аз густариши фарогир** боздошт (ниг.: Ҳоирӣ Абдулҳодӣ. Нахустин рӯёрӯйиҳои андешагарони Ирон бо ду рӯяи тамаддуни буржуазии Ғарб. Теҳрон: Амири Кабир, 1367. –С.131). Ғазолӣ фалосифаро барои он такфир кард, ки онон боиси чолиши фикрӣ ва мунозиоти мазҳаб дар қуруни вусто гардиданд. Бо ин ният вай мутолиоти фалсафиро мамнӯъ сохт. Ғазолӣ навиштааст: «Дар бозии шатранҷ, бо он ки зеҳнро неруманд месозад, мамнӯъ ва маҳзур (мамнӯъ, ҳаром, нораво – Н.Н.) аст ва ҳамчунин аст назар дар илми Уқлидус ва ал-Маҷастӣ (Геометрияи Евклид) ва дақоиқи ҳисобу ҳандаса ва риёзиёт. Дар онҳо, ки хотирро ташҳиз (тез кардан, бурро кардан –Н.Н.) ва нафсро неруманд мекунанд ва бо ин ҳол мо онро ба сабаби як уфт (нуқсон, камбудӣ –Н.Н.), ки дар пай дорад, манъ мекунем, зеро аз муқаддамоти илми авоил (улуми табиӣ) аст, ки **мазоҳиби фосиде, ки мутааллиқ бад-ин бошад, вуҷуд надорад, лекин метарсам, ки бад-он мунтаҳо мегардад»** (ниг.: Сафо Забеҳуллоҳ. Таърихи улуми ақлӣ дар тамаддуни исломӣ то авосити қарни панҷум. Муҷаллади аввал.Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон,1371. -С.149). Ҷойи дигар навиштааст: «Агар чизе суде танҳо ва зиёнҳое бисёр дорад, ҷойиз нест барои ин як манфиат худро ба зиёнҳои бузург дучор кард, чунонки шароб, лошак, дар таъдили мизоҷ ва тақвияти табъу димоғ ва қимор дар ташҳизи (тезу бурро кардан-Н.Н.) хотир муассир аст ва бо ин ҳол ҳар ду ҳароманд ва ҳатто мудовамат дар бозии шатранҷ» (ниг.: Сафо Забеҳуллоҳ. Таърихи улуми ақлӣ дар тамаддуни

исломӣ то авосити қарни панҷум. Муҷаллади аввал. Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон,1371. -С.149). Дар Ғарби императории ислом (Андалус) низ муборизоти зидди улуми фалсафӣ мутадовил шуд ва кор то ҳадде расид, ки бо амри **халифаи Уммавӣ Мансур бини Абӣ Омир ба ғайр аз кутуби тиб, ҳисоб, луғат, фиқҳ дигар ҳама китоб сӯзонда ва дар чоҳ афканда шуд** (ниг.: Сафо Забеҳуллоҳ. Таърихи улуми ақлӣ дар тамаддуни исломӣ то авосити қарни панҷум. Муҷаллади аввал. Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон,1371. -С.147).

Мардуми аксари мамолики Шарқи мусулмонӣ бар асари маҳрумияту вобастагиҳои фикрӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, маданӣ, иқтисодӣ, ҷуғрофӣ ва амсоли инҳо ба гирдоби тамоюлоти ифротгаройӣ меафтанд ва бо назардошти шароити сиёсӣ домани муборизоти динӣ-мазҳабӣ дар манотиқи шарқӣ густардатар мегардад. Ҷомеашиносони ғарбӣ Карл Маркс, Макс Вебер, Бергер бар ин назаранд, ки маҳрумиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ боиси зуҳури тааҳҳуди мазҳабӣ ва натиҷатан, бурузи экстремизм(ифротгаройӣ)-и динӣ мегарданд. Дар таърихи сиёсии мусулмонон экстремизми динӣ ё ба истилоҳ ифротгаройии динӣ собиқа дорад. Муҳаққиқон таърихи бунёдгаройии исломиро ба давраи зиндагии пайғамбар ва пайравонаш марбут донистаанд ва бунёдгароёни муосири исломӣ худро пайрави усулгароёни аввалия мепиндоранд. Ҷунбишҳои бунёдгароёна ва ифротии исломӣ дар натиҷаи бухронҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ ба вуҷуд омадаанд (ниг.: Р.Ҳрайр Декмиҷиян (R. Hrair Dekmgian). Ислом дар инқилоб. Ҷунбишҳои исломии муосир дар ҷаҳони араб. Тарҷимаи Ҳамид Аҳмадӣ.Теҳрон:Интишороти Кайҳон, 1377. –С.32).

Тайи се қарни гузашта, ислом ва ҷомеаи исломӣ ба бухронҳои дохилӣ ва берунӣ мувоҷеҳ шуд (пошхӯрии империяи Усмонӣ ва аз ҷониби Урупо мудохилакорӣ дар умури Ирон) ва исломиён ҷавоби ҳалли бухронро дар бозгашт ба ислом ва усули бунёдӣ медиданд ва дар ин замина, роҳи ҳалли мушкилоти печидаи диниро дар бозгашт ба исломи ноби муҳаммадӣ дида, муборизаро дар шакли тунд ва ифротӣ оғоз бахшиданд. Мувофиқи таъкидоти муҳаққиқон, ин муборизот дар шаклу қолабҳои инқилоби исломӣ дар Ирон; тасхири масҷиди бузурги Каъба дар Арабистони Саудӣ; бурузи ноороміҳо дар устони шарқии Арабистони Саудӣ; муқовимат дар баробари ишғоли

Афғонистон аз ҷониби Шӯравӣ; қиём алайҳи режими баъс дар Сурия; мухолифати мусаллаҳона бо режими баъсии Ироқ; террори Анвар Содот-Раисиҷумҳури Миср; ҳамалоти ифтихорӣ ва мубориэаи мусаллаҳона алайҳи неруҳои исроилӣ, амрикоӣ ва фаронсавӣ дар Лубнон; бурузи нооромиҳо дар Баҳрайн ва бомбгузориҳо дар Кувайт; шӯриш ва тазоҳурот дар Алҷазоир, Тунис ва Марокаш машруъият пайдо намуданд. Ба таври куллӣ, ҷунбиши бунёдгаройии исломӣ, чи дар шакли пайгирона ва чи дар шакли ғайрифаъолаш дорои се вижагӣ мебошад: 1) фарогиранда; 2) чандмарказӣ; 3) мудовамат (ниг.: Р.Ҳрайр Декмиҷиян (R. Hrair Dekmgian). Ислом дар инқилоб. Ҷунбишҳои исломии муосир дар ҷаҳони араб. Тарҷимаи Ҳамид Аҳмадӣ.Теҳрон:Интишороти Кайҳон, 1377. –С.21-22). Наҳваи мубориэоти динӣ-мазҳабӣ дар ҷаҳони муосири исломӣ бештар рӯйи таассуби динӣ қарор дошт ва маъмулан калимаи «мутаассиб»-ро бо вожаи **«мутатарриф» ё ифротӣ** баробар талаққӣ кардаанд (ниг.: Р.Ҳрайр Декмиҷиян (R. Hrair Dekmgian). Ислом дар инқилоб. Теҳрон:Интишороти Кайҳон, 1377.–С.24). Вижагиҳои фарогиранда, чандмарказӣ ва муҳимтар аз ҳама, мудовамати ҷунбишҳои исломии хусусияти ифротгароёнадошта дар тавсеаю густариши низоми ифротӣ дар манотиқи мухталифи даргир дар шаклҳои нав дар шароити феълӣ низ муассиранд. «Ихвон-ул-муслимин», «ал-Қоида», «Ҷабҳат-ун-нусра», «Ансоруллоҳ» ва соири созмонҳои сиёсии исломӣ дар шароити имрӯзӣ тавлидгари асосии низомҳои ифротӣ-экстремистӣ дар манотиқи Шарқи мусулмонианд. Созмонҳои мазкур на танҳо боиси ташаннуҷи вазъ дар Ховари Миёна ва Осиёи Марказӣ мегарданд, балки вазъи куллии ҷаҳонро мағшуш месозанд. Ин аст, ки ҷомеаи мутамаддини ҷаҳонӣ бо ин гурӯҳу созмонҳои махуф мубориза мебарад ва дар ҳар минтақаи рӯшан садо алайҳи ифротгароён баланд аст. Аммо хадамоти махсуси ғарбӣ, ки дар хидмати қудратҳои ҷаҳонӣ қарор доранд, таври ниҳонӣ муассис, маблағгузор ва тавсеадиҳандаи чунин созмонҳо маҳсуб шуда, танҳо дар лафзу шиор алайҳи онҳо мубориза мебаранд.

Вазъи муосири сиёсию динӣ тақозо мекунад: агар дар низоми сиёсии ҷаҳони имрӯз заиф бошем, ногузир ба вартаи сиёсатҳои хашини динӣ-мазҳабӣ, ки ҳамагӣ дар хурофот ғутидаанд, меафтем ва оқибати он хеле маргбор аст, чаро ки бозии эҳсосоти мазҳабӣ ҳеҷ гоҳ поён намеёбад ва риштаи мудовимати он дар

дасти абарқутратҳо буда, ҷомеаҳои аз назари маърифатӣ ва огаҳӣ заифро ҳамеша дар ҳоли ҷангу низоъ қарор медиҳад, то роҳи ҳадафмандии миллӣ ва фарҳангиро дарнаёбанд ва абадуддаҳр бастаю бандаи хурофоту таассуби динӣ-мазҳабӣ бимонанд. Мо дар шароите қарор дорем, ки онро шоир (ниг.: Алиакбари Озодӣ мутахаллис ба Гулшан (1901-1974) рӯзноманигор, шоир ва нависандаи муосири ironӣ – манбаъ: Викигуфтоварди форсӣ: www. Gugl.com) ин тавр ба риштаи тасвир баркашидааст:

*Бирав қавӣ шав, агар роҳати ҷаҳон талабӣ,*
*Ки дар низоми табиат заиф помол аст.*

Ё, дақиқтарашро Бедили Деҳлавӣ арз доштааст:

*Оқибати ин маърака оҷизкушӣ аст,*
*Зинҳор ин ҷо нотавон манмоӣ.*

Дар воқеъ, сарнавишти миллати мо дар раванди ифротгаройии динӣ рӯйи хатари ҷиддӣ қарор дошта, он дар ҳоли ҳозир ва минбаъд давлати Тоҷикистон ва ҷомеаи тоҷикиро ба мушкилоти азим мувоҷеҳ месозад. Хатар, пеш аз ҳама, инҷост, ки пояҳои ниҳодҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фикрӣ, маърифатӣ ва фарҳангии мо аз назари сатҳи огаҳӣ ва бинишмандӣ хеле заиф ба назар мерасанд ва инақшор байни худ дар таноқузи огоҳона ва ноогоҳона қарор гирифта, ҳанӯз ба сатҳи иттиҳоди миллӣ ва тафоҳуми фарҳангӣ нарасидаанд. Ин аст, ки бояд решаҳои мушкилро дар зиндагӣ ва зеҳни хеш ҷустуҷӯ намоем, онҳоро бозшиносӣ кунем ва баъдан дар пайи дармонашон гом бардорем. **Ҷомеашиносон муътақиданд, ки мо зоидаи фарҳангамон ҳастем**, бинобар ин, нақш ва аҳамияти фарҳанг дар шаклгирии диду назари умумии ҷомеа калидӣ аст (ниг.: Лодан Амир Ҳусайн. Худосолорӣ ва дармондагӣ. Мубориза барои адолат, озодӣ ва мардумсолорӣ. –Лос-Анҷелес, 2014. -С.16). Бо таваҷҷуҳ ба ин, шинохти фарҳанги бумӣ, костиҳои фикрию маданӣ, камбуду навоқиси равонию ахлоқӣ, омӯзишу арзёбии илмӣ ва мантиқии равандҳои муосири сиёсӣ ва геополитикӣ ва билохираояндабинии миллӣ имкон фароҳам меоварад, ки сатҳи хатарҳои минтақавӣ ва глобалӣ коҳиш ёбад ва миллат дар масири дурусти сиёсӣ, иҷтимоӣ, мафкуравӣ ва фарҳангӣ ҳаракат кунад. Дар зимн, ҷомеаи мо, бо он ки дар садаи муколамаи инсону кайҳон

қарор дорад, мутаассифона, суннатӣ, ақибмонда ва вопасгарост. Бо таваҷҷуҳ ба ин, ниҳодҳои маърифатӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фикрӣ ва фарҳангиро зарур аст, ки барои ҷилавгирӣ аз ташаннуҷи хурофоти динӣ-мазҳабӣ (ки аз рӯйи таҷриботи таърихӣ, одатан дар шакли ифротию тафритӣ буруз мекунад) бо ҳам даст диҳанд ва ба ин восита дар ҳамбастагии миллӣ ва мубориза алайҳи бунёдгаройӣ, тундгаройӣ ва экстремизми динӣ-мазҳабӣ саҳми арзанда бигиранд.

**Хоҷаев ҲИКМАТУЛЛО**
*сармутахассиси Маркази тадқиқоти стратегии*
*назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

## ИФРОТГАРОИИ ИТТИЛООТӢ – ПАДИДАИ НАВИ ТЕХНОЛОГӢ

Даҳсолаҳои охир рушди бесобиқаи таблиғоти ифротгароӣ ва терроризм дар Интернет ба мушоҳида мерасад. Мутаассифона, ҷаҳони муосир хатари ин падидаро ба таври комил арзёбӣ накарда, чунин мешуморад, ки ҳамлаҳои бевоситаи террористӣ (инфиҷор, оташзанӣ, гаравгонгирӣ, қатли мансабдорон ва ғайра) таҳдиди ҷиддӣ ба ҷомеа мебошад. Таъсири иттилоотии бунёдгароёнаро дар радифи дуюм қарор медиҳанд ва онро дуюмдараҷа мешуморанд, зеро он ба таври ноаён таъсир мерасонад, ҳамчунин муайян кардани манбаи он номумкин аст.

Бо назардошти ин сабабҳо, ифротгароии иттилоотиро аксар вақт дар як радиф бо PR – технология, (тафаккури иҷтимоӣ) таблиғот ва дигар зуҳуроти таъсиррасонии суханӣ ба мардум қарор медиҳанд. Дар асл, ифротгароии иттилоотӣ бо падидаи таъсири суханӣ доштан маҳдуд намешавад, балки дар худ ҳамчунин дигар ҷанбаҳои ифротгароиро ниҳон дорад.

Дар ин иртибот суолҳои мантиқӣ ба миён меоянд: ифротгароӣ чисту таъсири нутқӣ чист? Чӣ гуна ин ду категория дар як мафҳуми умумӣ – ифротгароии иттилоотӣ пайванд мегиранд? Ифротгароии иттилоотӣ акнун неру мегирад.

Терроризми иттилоотӣ — шакли таъсиррасонии номатлуб ба шахсият, ҷомеа ва давлат бо кумаки тамоми намудҳои иттилоот мебошад. Ҳадафи асосии он заиф ва вайрон кардани сохти конститутсионӣ мебошад. Ба ин мақсад онҳо неруҳо ва воситаҳои гуногун – аз агентҳои хадамоти махсуси хориҷӣ то ВАО – и ватанию хориҷиро ҷалб мекунанд.

Имрӯз проблемаи ифротгароии иттилоотӣ ба арзишҳои ҷомеа, махсусан ҳассос аст. Ин ба он хотир аст, ки марҳалаи кунунии рушди муносибатҳои иттилоотӣ бо имкониятҳои таъсироти иттилоотӣ, ҳам ба шуури инфиродӣ ва ҳам ба

тафаккури иҷтимоию иқтисодӣ муайян карда мешавад, ки метавонад таҳдиди барангехтани ҷанги иттилоотиро ба вуҷуд оварад. Дар натиҷа, мушкилоти амнияти иттилоотӣ дар радифи аввал қарор мегирад ва ба муқобилаи ногузири озодии иттилоот табдил мегардад.

Гурӯҳҳои ифротӣ соҳаҳои нав ба нави фазои иттилоотиро фаро гирифта, дар ниҳоят, ба оммаи васеъ муқарраротн аксиологии худро бомуваффақият талқин мекунанд. Зимни натиҷагирӣ, метавон таъкид кард, ки ифротгароии иттилоотӣ зинаи омодагӣ барои намудҳои дигари ифротгароӣ мебошад. Он муҳити мусоидро барои паҳншавӣ ва қабули идея ва идеалҳои ифротӣ шакл медиҳад.

Чун натиҷаи ин – механизмҳои таъсироти нутқӣ имкониятҳои номаҳдудро барои таъсиргузорӣ ба рушди ҷомеа боз мекунанд. Яъне, ифротгароии иттилоотӣ, аксаран зуҳури шумораи зиёди ифротиҳои бетаҷриба (неопытный) – ро таҳрик менамояд.

Ба ақидаи банда, дар насли ҷавони имрӯза вобастагии зиёд аз интернет шакл мегирад. Аммо чун ҳар гуна падидаи иҷтимоӣ, он ҷанбаҳои хеле манфӣ низ дорад. Ҷавонон ҳар чӣ бештар вақти худро дар назди телефон ва компютер сипарӣ мекунанд ва ба ҷаҳони маҷозӣ нисбат ба воқеият афзалият медиҳанд ва бозиҳои гуногуни таблиғкунандаи зӯрию зӯроварӣ ва хушунат ба рӯҳияи ҷавонон таъсири ногувор мерасонанд.

Боз як натиҷаи паҳншавии ифротгароии иттилоотӣ тағйири худи сохтори гурӯҳҳои ифротӣ мебошад. Гурӯҳҳои ифротӣ бо риояи ҷиддии мартаба дар байни аъзои он, ки пеш дар як гурӯҳ шомил буданд, имрӯз аз ҳисоби рушди воситаҳои алоқа шакли роҳбарии шабакаиро ба кор мебаранд. Ин маънои онро дорад, ки имрӯз гурӯҳҳои ифротӣ фақат як пешвои харизматӣ надоранд, ки идеология ва стратегияи худро ба тамоми гурӯҳ таҳмил намоянд. Ҳоло дар худи як гурӯҳ чанд пешвоён ҳастанд. Ҳар кадоми онҳо сарчашмҳои маблағгузории худро доранд ва онҳо дар қаламрави калон паҳн шудаанд.

Имконияти пешбинӣ ва муқобила кардан бо чунин гурӯҳҳои ифротӣ бамаротиб коҳиш ёфтааст. Аз ҷониби дигар, ба вуҷуд омадан ва густариши шабакаи мазкур ҳар гуна гурӯҳи ифротиро

барои анҷоми ҳамла осебпазир месозад. Ин то андозае вазифаи сохторҳои зиддиифротиро осон менамояд, ки амали худро ба тахриби алоқа байни ҳалқаҳои гурӯҳҳои ифротӣ равона мекунанд.

Дар интернет ва шабакаҳои гуногуни иҷтимоӣ бе зикри ном дар як лаҳза иттилооти мухталиф паҳн мешавад. Даҳҳо ҳазор интернет – сайт ва вебпорталҳои амалкунанда имрӯз мавриди истифодаи террористону ифротиён қарор доранд. Аз тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ онҳо тарафдорони навро ҷалб карда, ғояҳои бунёдгароиро таблиғ менамоянд.

Имрӯз дар таркиби ташкилотҳои байналмиллалии террористӣ интернет – хадамоти комили касбӣ фаъолона кор мекунад ва ҳудуду имкониятҳои он хеле вусъат ёфтааст. Бо кӯмаки интернет–манбаъҳо имрӯз маъракаҳои иттилоотӣ барои дастгирии гурӯҳҳои гуногуни террористӣ роҳандозӣ гардида, ҷараёни амалиёти террористӣ ба нақша кашида мешавад ва иттилооти муфассал дар бораи ҳадафҳо ва объектҳои ҳамла ҷамъоварӣ карда мешавад.

Террористон дар интернет воситаҳои пардохти электронии маблағ ва дигар системаҳоро васеъ истифода мебаранд. Воситаи асосӣ барои даъват, муроҷиат ва интиқоли навору дискҳои видеоӣ ва аудиои онҳо низ интернет мебошад. Дар маҳсулоти мазкури интернетӣ иттилоот дар бораи амали террористӣ дар шароити мухталиф, дастурамал барои таҳияи дастгоҳҳои худсохти мунфаҷира ва шумораи зиёди видео дар бораи «қаҳрамониҳои» террористон гунҷонида мешаванд.

Терроризм дар интернет падидаи динамикӣ ва бисёрҷониба мебошад. Саъю талоши давлатҳо барои мониторинг ва аз байн бурдани сайтҳои ҷараёнҳои ифротӣ ва террористӣ на ҳама вақт самарабахш аст. Интернет – манбаъҳо ва вебпорталҳои ташкилотҳои террористӣ шакли худро тағйир медиҳанд, кӯшиш мекунанд тахти мазмуни дигар пинҳон шаванд, доменҳои навро таъсис медиҳанд, хостинги кишварҳои гуногунро истифода мебаранд. Дар ин зимн, онҳо аз озодии сухан сӯъиистифода карда, онро васеъ ба кор мебаранд. Таҷриба нишон медиҳад, ки аз байн бурдани сайтҳои террористӣ мушкил аст, чунки онҳо провайдерҳои хориҷиро истифода мебаранд. Дар натиҷа, як давлат наметавонад ба бастани сайти ғайриқонунӣ дар давлати

дигар муваффақ шавад. Тафовут дар қонунгузории миллӣ низ монеаи ҷиддӣ дар ин роҳ аст. Чунин сурат гирифтани кор шаҳодат медиҳад, ки имрӯз проблемаи терроризм дар интернет ба як мавзӯи асосию мубрам барои ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст.

Имрӯз дар ҷаҳон бештар аз ҳама ду намуди асосии истифодаи шабакаи ҷаҳонии интернет ба ҳадафҳои террористӣ ривоҷ ёфтааст:

-терроризми иттилоотию равонӣ, ки моҳияти он аз истифодаи интернет ба мақсадҳои тарсонидани аҳолӣ ва паҳнкунии иттилооти дурӯғин, намоиши қудрати ташкилотҳои террористӣ ва таблиғи идеологияи террористӣ иборат аст. Ба воситаи интернет ташкилотҳои байналмилалии террористӣ таблиғи ақидаҳои бунёдгароии таҳрифшудаи ҷиҳод ва мубориза бо кофаронро таблиғ мекунанд, идеяҳои ифротгароӣ ва терроризмро таҳти пӯшиши динӣ паҳн мекунанд. Дар сурате, ки гурӯҳҳои динии дурӯғин пайравони худро дар рӯҳияи садоқати мутаассибона ва нотаҳаммулӣ ба дигар динҳо тарбия мекунанд, ксенофобия таблиғ карда мешавад. Ба воситаи интернет — манбаъҳо сиёсати террори иттилоотии миқёсан васеъ роҳандозӣ шуда, саҳнаҳои қатлу куштор ва шиканҷаи одамон ба намоиш гузошта мешавад;

-терроризми иттилоотӣ – техникӣ ё кибертерроризм, ки моҳияти он аз тахриби низоми идоракунии соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва ворид кардани осеб ба муҳити иттилоотии давлатҳо иборат мебошад. Дар айни замон, кибертерроризм имрӯз аз он ҷиҳат махсусан хатарнок аст, ки дар сурати аз байн рафтани системаи таъмини ҳаётии аҳолӣ, ба талафоти азими инсонӣ оварда мерасонад.

Дар марҳилаи кунунӣ ҳашт усули гуногун ва қисман мутобиқ бо якдигари шабакаи террористӣ дар интернет муайян карда шудааст:

**Ҷанги равонӣ** – дар интернет барои паҳн кардани иттилооти дурӯғин, таҳдид, барангехтани тарсу ҳарос, эҳсоси нотавонӣ, тасвири амали даҳшатовари худ истифода бурда мешавад.

**Реклама ва таблиғот** – интернет имконияти террористонро барои ошкор ва таблиғ кардани фаъолияти худ тавсеа дод. То ин

вақт умеди террористон барои ошкор шудани амали онҳо аз ҷалби таваҷҷуҳи телевизион, радио ва дигар ВАО вобаста буд.

**Ҷамъоварии маълумот** – интернетро метавон чун китобхонаи азими рақамӣ баррасӣ намуд. Фақат «Торнамои умумиҷаҳонӣ» тақрибан миллиард саҳифа иттилоотро пешниҳод карда метавонад, ки бисёрии он озодона дастрас ва барои ташкилотҳои террористӣ «ҷолиб» аст. Аз интернет террористон метавонанд иттилооти муфассалро дар бораи ҳадафҳо – масалан, дар бораи зерсохтори нақлиётӣ, неругоҳҳои барқи атомӣ, иморатҳои ҷамъиятӣ, фурӯдгоҳҳо, бандарҳо ва ҳатто иттилоот дар бораи тадбирҳои зиддитеррористиро ба даст оваранд.

**Ҷамъоварии маблағ** – мисли дигар созмонҳои сиёсӣ, гурӯҳҳои террористӣ интернетро барои такмили фондҳои худ истифода мебаранд.

**Ҷалб ва сафарбаркунӣ** – интернетро террористон на танҳо барои тақозои «хайрот» аз хайрхоҳони худ, балки барои ҷалб ва сафарбаркунии тарафдорон, ки нақши ҳар чӣ фаъолтарро дар дастгирии амали террористӣ бозӣ мекунанд, истифода мебаранд.

**Таъсиси шабакаҳо** – бисёр гурӯҳҳои террористӣ бо кумаки интернет имконият пайдо кардаанд бо якдигар ва бо дигар ташкилотҳои террористӣ алоқа барқарор намоянд. Технологияи муосири иртиботӣ, махсусан компютерӣ, аз рӯи чанд сабаб воситаи таъсиси шабакаҳо ва дастгирии шабакаҳои террористӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки ифротгароии иттилоотӣ чун падидаи нави технологӣ ба амнияти миллии кишварҳои алоҳида таъсири манфӣ мерасонад ва мубориза бо он тайёрии ҳамаҷонибаи зеҳниву техникиро тақозо мекунад.

**Собириён МЕҲР**
*иқтисодшинос*

# МУНОСИБАТҲОИ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОНУ ҶОПОН

Таҳқиқу назорати пайвастаи раванди робитаҳои дипломатӣ ва иқтисодии кишварҳои гуногун бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ шарт ва зарур буда, кафолати бартараф шудани камбудиҳо ва заминаи рушди динамикии онро фароҳам меорад. Ҳеҷ фаъолият бе камбудӣ нест ва равобити дуҷонибаву бисёрҷонибаи кишварҳо ҳам камбудӣ ва бартариҳои худро дорад. Моро зарур аст ин равандҳоро таҳлилу омӯзиш намуда, камбудиҳоро бартараф созем ва аз ҳама имконоти мавҷуда ба пуррагӣ истифода кунем.

Ҷопон яке аз кишварҳои пуриқтидорест, ки аз нигоҳи иқтисодӣ дар ҷаҳон ҷойи сеюм (пас аз ИМА ва Чин)-ро ишғол менамояд. Густариши технологияҳои баланд дар ин кишвар роҳи онро ба бозори ҷаҳонӣ боз намуд ва айни ҳол тақрибан бо тамоми ҷаҳон додугирифтҳои иқтисодиву фарҳангӣ дорад. Робитаҳои Тоҷикистон бо ин кишвари қудратманд аз аҳамияти вижа бархурдор аст. Ҳарчанд додугирифти кишвари мо бо Ҷопон нисбатан кам аст, вале имкониятҳои фаровон мавҷуд аст, ки онро ба зинаҳои баланд расонем. То имрӯз равобити ин ду кишвар дар кадом сатҳ буд? Чӣ ояндае моро интизор аст, агар муносиботи худро бозбинӣ накунем? Чӣ роҳҳое метавонад шароити истифодаи ҳама имкониятҳои мавҷудаpo фароҳам оварад ва боиси густариши босуръати ҳамкориҳо шавад? Дар матлаби мазкур кӯшиш мекунем ба ин пурсишҳо посух дарёбем.

Баъди чанд моҳи эълони Истиқлоли Тоҷикистон 2-юми феврали соли 1992 муносибатҳои дипломатӣ бо Ҷопон ба роҳ монда шуд. Аммо аз сабаби сар задани ҷанги нангини дохилӣ

дар Тоҷикистон танҳо дар 26-уми январи соли 2002 кишвари Ҷопон тавонист сафорати худро дар Душанбе ифтитоҳ намояд. Сафорати Тоҷикистон дар Токио бошад, дертар 28-уми ноябри 2007 ба фаъолият оғоз намуд. Тӯли 27 сол раҳбари Тоҷикистон чор маротиба ва нахуствазири Ҷопон як маротиба аз кишварҳои якдигар дидан карданд. Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бори нахуст дар моҳи майи соли 2001 ба Ҷопон сафар анҷом дода, охирин сафараш моҳи октябри соли 2018 ба вуқӯъ пайваст. Намояндагони парлумон ва вазоратҳои гуногуни ҳар ду кишвар пайваста ба кишварҳои якдигар сафар мекунанд ва масъалаҳои мубрам дар муносибатҳо миёни Тоҷикистону Ҷопонро марвиди баррасӣ қарор медиҳанд.

Бо вуҷуди кӯшишҳои ҳар ду ҷониб гардиши молу маҳсулот миёни Тоҷикистону Ҷопон то ҳол ночиз боқӣ мондааст. Бо сабабҳои гуногун мо натавонистем имкониятҳои мавҷудаæро амалӣ намоем ва аз натиҷаи он суди назаррас ба даст оварем. Ин дар ҳолест, ки бароиривоҷи ҳамкориҳо чандин санади дуҷонибаву бисёрҷониба ба имзо расонида шудааст. Барои инъикоси ҳолати мавҷуда ва самти ҳаракати робитаҳои иқтисодии ду кишвар дар зер нишондодҳои омории дастрасро таҳлилу баррасӣ мекунем.

**Содироту воридот.** нишондодҳои оиди гардиши молу хизматрасонӣ миёни Тоҷикистону Ҷопонро метавон аз сомонаи СММ, сомонаи Бонки Ҷаҳонӣ ё аз сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон дастрас кард. Мутаассифона, рақамҳои дарҷшуда дар сомонаҳои СММ ва Бонки Ҷаҳонӣ бо рақамҳои дарҷшуда дар сомонаи БМТ мутобиқат намекунанд. Бинобар ин, мо сари интихоб қарор мегирем, ки аз кадом сарчашма истифода кунем? Интихоби мо сари нишондодҳо аз сомонаи Бонки Ҷаҳонӣ қарор мегирад. Чунки он бо нишондодҳои СММ як ҳастанд ва мо дар ду ҳолат инҳоро дида метавонем. Дар ҷадвали 1 маълумоти 9

соли охир дар мавриди содироти Тоҷикистон ба Ҷопон ва воридоти мо аз ин кишвар оварда шудааст.

Ҷадвали 1. Содироту воридоти Тоҷикистон ба Ҷопон дар солҳои 2010-2017

(ҳаз.дол.ИМА)

| Солҳо | Содирот | Воридот | Гардиши умумӣ | Бақия |
|---|---|---|---|---|
| 2010 | 25912,07 | 1400,24 | 27312,32 | 24511,83 |
| 2011 | 13051,46 | 888,80 | 13940,26 | 12162,67 |
| 2012 | 10871,35 | 7466,99 | 18338,33 | 3404,36 |
| 2013 | 1114,03 | 1342,77 | 2456,80 | -228,75 |
| 2014 | 1384,43 | 14160,35 | 15544,78 | -12775,91 |
| 2015 | 2230,14 | 5328,67 | 7558,81 | -3098,53 |
| 2016 | 1161,95 | 3588,89 | 4750,84 | -2426,95 |
| 2017 | 1456,12 | 5907,32 | 7363,44 | -4451,20 |

Сарчашма: сомонаи Бонки ҷаҳонӣ (https:// wits. worldbank. org/CountryProfile/en/Country/JPN/Year/2017/TradeFlow/EXPIMP/ Partner/TJK/Product/All-Groups)

Аз ҷадвали 1 бармеояд, ки содироти Тоҷикистон бо Ҷопон тамоили манфӣ дорад. Агар дар соли 2010 он 25 912 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил мекард, дар соли 2017 он ба 1456 ҳазор баробар шудааст ва ин пасттарин рақам нест. Камтарини он ба соли 2013 рост меояд, ки он 1114 ҳазор доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Бештаринаш ҳамон 25912 ҳазори соли 2010 мебошад.

Воридоти Тоҷикистон аз Ҷопон бошад, бо вуҷуди тамоили мусбат доштан тағйирпазирии зиёд дорад. Агар дар соли 2010 он ба 1400 ҳазор доллари ИМА баробар буд, дар соли 2017 он 5907

ҳазорро ташкил кардааст. Аммо дар соли 2014 содирот ба Ҷопон 14 160 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил кардааст, ки ин бештарин нишондод дар ин нуҳ сол мебошад. Камтарин рақам дар ин ҷо дар соли 2011 ба назар мерасад, ки он баробар аст ба 888 ҳазор доллари ИМА.

Ҳамин тариқ, гардиши умумии молу маҳсулот миёни Тоҷикистону Ҷопон низ тамоили манфиро ба худ мегирад. Дар соли 2010 гардиши умумӣ ба 27312 ҳазор доллари ИМА баробар аст, ки ин бештарин рақам дар чанд соли охир аст. Аммо соли 2017 он то ба 7363 ҳазор доллари ИМА пойин фаромадааст.

Агар бақияи гардиши мол дар солҳои 2010-2012 ба манфиати Тоҷикистон бошад, дар солҳои баъдӣ он ба манфиати Ҷопон шудааст ва дар солҳои 2013-2017 ҳамасола воридоти мо аз содиротамон ба Ҷопон зиёд будааст. Масалан, дар соли 2017 воридоти мо 5907 ҳазор доллари ИМА буда, содиротамон танҳо 1456 ҳазорро ташкил медиҳад. Ин ҷо содироти мо танҳо камтар аз 20 дарсади гардиши умумӣ миёни ин ду кишвар мебошад, ки хеле кам аст. Тамоюли содироту воридот миёни ду кишвар дар намудори 1 нишон дода шудааст.

Намудори 1. Содироту воридоти Тоҷикистон бо Ҷопон




Аз намудори 1 ба осонӣ метавон дид, ки содироти молу колоҳо аз Тоҷикистон ба Ҷопон гароиши манфӣ дорад. Хати гароиш ҳам рӯй ба поён дорад ва дар формулаи гароиш коэффисенти b ба -2803.4 баробар аст, ки маънои он ба ҳамин рақам (2803.4 ҳаз. долл. ИМА) кам шудани содирот дар ҳар сол аст. Воридоти Тоҷикистон аз Ҷопон гароиши мусбӣ дорад, вале коэффисети b дар он кучак буда, солона танҳо ба миқдори 603.28 ҳаз. долл. ИМА зиёд мешавад. Агар чанд соли дигар ин гароишҳо бетағйир монанд, вазъият ба таври назаррас ба зиёни Тоҷикистон мешавад.

**Кумакҳои расмӣ барои рушд (КРР).** Кумакҳои расмӣ барои рушд ин грантҳо ва қарзҳои имтиёзноке мебошанд, ки аз ҷониби мақомоти расмии кишварҳои тараққикарда ба кишварҳои рӯ ба рушд, бо мақсади мусоидат барои рушд ва некуаҳволии мардумашон дода мешаванд. Ҷопон дар миёни 15 кишвари асосие дохил мешавад, ки чунин кумакҳоро ҳамасола ба

кишварҳои рӯ ба рушд мерасонад. Ҳанӯз дар моҳи июни соли 1992 ҳукумати ин кишвар маншури КРР (the ODA Charter)-ро ба тасвиб расонд, ки сиёсати ин кишварро дар ин ҷода баъди хотимаёбии Ҷанги сард муайян мекунад. Ин ҳуҷҷат дар заминаи таҷрибаи 40-солаи Ҷопон дар амалисозии барномаҳои КРР тартиб дода шуда буд ва то имрӯз аз рӯйи он кор мекунанд. Ҳуҷҷати мазкур фалсафа, усул ва соҳаҳои асосиро барои амалисозизии барномаҳои КРР муқаррар менамояд.

Фалсафаи маншури КРР-и Ҷопон иборат аст аз афкори башардӯстона, шинохти вобастагии мутақобилаи миллатҳо дар ҷаҳон, ҳифзи муҳити зист ва ҳимоят аз талошҳо барои расидан ба худкифоии кишварҳои кумакгиранда. Дар баробари ин, маншури мазкур чор усулро муайян кардааст, ки инҳо мебошанд:

- созгорӣ миёни ҳифзи муҳити зист ва рушд;
- роҳ надодан ба истифодаи маблағҳои барномаҳои КРР бо мақсадҳои низомӣ ва аланга андохтани мунокишаҳои байналмилалӣ;
- назорати хароҷоти низомии кишварҳои рӯ ба рушд, фаъолияти онҳо дар заминаи истеҳсоли силоҳҳои куштори дастаҷамъӣ ва содироту воридори ярок;
- назорати раванди демократикунонӣ дар кишварҳои рӯ ба рушд, кӯшишҳои онҳо барои рушди иқтисоди бозаргонӣ, ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои шаҳрвандон дар ин кишварҳо.

Дар доираи кумакҳои расмӣ барои рушд, Ҷопон ҳамасола маблағҳои муайянеро барои Тоҷикистон ҳам ҷудо намуда, лоиҳаҳои алоҳидаро маблағгузорӣ менамояд. Лоиҳаҳое, ки амалӣ мешаванд, бештар дар вилояти Хатлон буда, онҳо барои бозсозии низоми обрасонӣ ба аҳолӣ, тақвияти амният дар марзи Тоҷикистону Афғонистон, тақвияти низоми тандурустӣ, рушди деҳот ва дастгирии саноат, рушди ҳамоҳанги соҳаи энергетика бо муҳити зист, хизматрасонии техникии соҳаи нақлиёт, тақвияти иқтидори идории муассисаҳои давлатӣ ба воситаи

омӯзиши кормандони онҳо ва ғайра равона шудаанд. Ба ғайр аз ин, дар доираи КРР Ҷопон дар ҳаҷми 19 млн.долл.ИМА дар соли 2014 лоиҳаи беҳбуди фаъолияти Фурӯдгоҳи байналмилалии Душанберо маблағгузорӣ кардааст.

Ҳаҷми ин кумакҳо аз содироту воридот миёни ин ду кишвар ба таври назаррас зиёд аст. Мо дар боло ҳаҷми содироту воридот миёни Тоҷикистону Ҷопонро дар ҷадвали 1 овардаем. Акнун дар ҷадвали 2 ҳаҷми кумакҳои расмии Ҷопон ба Тоҷикистонро, ки барои рушди соҳаҳои гуногун равона шудаанд, меорем.

Ҷадвали 2. Кумакҳои расмӣ барои рушд.

миллион долл.ИМА

| Year | Grant Aid | Technical Cooperation | Total |
|---|---|---|---|
| 2012 | 27,71 | 5,27 | 32,98 |
| 2013 | 19,01 | 7,65 | 26,66 |
| 2014 | 17,49 | 6,05 | 23,54 |
| 2015 | 14,21 | 3,61 | 17,82 |
| 2016 | 25,41 | 5,63 | 31,04 |
| **Total** | **103,83** | **28,21** | **132,04** |

Сарчашма: сомонаи ВУХ Ҷопон (https://www.mofa.go.jp/files/000142566.pdf)

Муқоисаи содироту воридоти мол ва КРР нишон медиҳад, ки дар панҷ соли овардашуда (2012-2016) КРР ҳамеша аз содироту воридот дар алоҳидагӣ ва ҳам гардиши умумии мол миёни ду кишвар зиёд будааст. Барои равшантар дидани ин фарқият метавон дар намудорҳои алоҳида КРР-ро бо содироту воридот дар алоҳидагӣ ва гардиши умумии молу маҳсулот тартиб дод. Пеш аз ҳама, КРР-ро бо содирот аз Тоҷикистон ба Ҷопон муқоиса мекунем.

Намудори 2. Муқоисаи КРР бо содирот




Аз намудор ба осонӣ дида метавонем, ки тӯли ин панҷ сол ҳамасола КРР-и Ҷопон ба Тоҷикистон аз содироти мо ба ин кишвар зиёд будааст. Ҷамъи нишондодҳои панҷсола ҳам нишон медиҳад, ки агар дар тӯли ин панҷ сол Тоҷикистон аз Ҷопон 132,04 млн.долл. ИМА кумакҳо барои рушд гирифта бошад, содирот ба ин кишвар ҳамагӣ 16,76 млн.долл.ИМА-ро ташкил мекунад. Ин тақрибан 8 маротиба камтар аст. Ин ба он маъност, ки Тоҷикистон натавонистааст аз имконоти тиҷоратӣ бо Ҷопон истифодаи дуруст кунад. Содироти молу хизматрасониҳо дар ҳолати ба роҳ мондани муносибатҳои иқтисодии дуруст, метавонанд бамаротиб аз КРР зиёдтар бошанд. Ҳолати баръаксе, ки мо ҳоло мебинем, қобили қабул нест. Ба ин масъала диққати ҷиддӣ додан лозим аст, то аз имкониятҳои мавҷуда дуруст истифода ва роҳи бурунрафт аз ин ҳолати ногувор пайдо карда шавад.

Намудори 3. Муқоисаи КРР бо воридот




| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| КРР | 32,98 | 26,66 | 23,54 | 17,82 | 31,04 | 132,04 |
| Воридот | 7,47 | 1,34 | 14,16 | 5,33 | 3,59 | 31,89 |

Воридоти Тоҷикистон аз Ҷопон низ аз КРР-и ин кишвар ба мо тақрибан 4 маротиба камтар аст. Яъне, Ҷопон аз тиҷорати бевосита ба Тоҷикистон агар дар панҷ соли мавриди назари мо 31,89 млн.долл.ИМА ба даст оварда бошад, 4 маротиб зиёдтар (132,04 млн.долл.ИМА) ҳамчун кумаки расмӣ барои рушд ба кишвари мо пардохт кардааст. Яъне, Ҷопон аз тиҷорати бевосита бо Тоҷикистон даромади назаррасе надорад. Албатта, маҳсули зеҳнии мардуми Ҷопонро тоҷикистониён зиёд истифода мекунанд ва мо дар кӯчаву бозорҳо маҳсулоти ширкатҳои ҷопониро зиёд мебинем. Аммо аксари онҳоро ширкатҳои ҷопонӣ дар кишварҳои ҳамҷавори мо истеҳсол мекунанд. Дар ҳолати ба Тоҷикистон ворид шудани ин гуна маҳсулот маблағи он ҳамчун содироти ин кишварҳо ба расмият медароянд, на содироти Ҷопон. Бинобар ин, тавре ки дар намудори 4 мебинем, ҳатто гардиши умумии молу хизматрасониҳо миёни Тоҷикистон ва Ҷопон 2,7 маротиба аз кумакҳои расмии ин кишвар барои рушди Тоҷикистон камтар аст, ки ин боиси нигаронист.

Намудори 4. Муқоисаи КРР бо гардиши умумӣ




Дар доираи кумакҳои расмӣ Ҷопон ба кишварҳои рӯ ба рушд кумакҳои қарзӣ низ мерасонад. Аз ҷумла, кишвари ҳамсояи мо Узбекистон ин қарзҳои имтиёзнокро ба даст овардааст ва аз ин имконият истифода кардааст.  Ин қарзҳо барои соҳаи энергетика ва обёрии заминҳо равона шудаанд. Вале аз рӯи маълумоти дастрас аз сомонаи ВУХ-и Ҷопон,Тоҷикистон ба ин қарзҳо дастрасӣ пайдо накардааст. Ҳол он ки мо барои сохтмони Истгоҳҳои Барқӣ обӣ ба чунин қарзҳои имтиёзнок ниёз дорем.

Коршиноси ҷопонӣ Томоҳико Уйама яке аз сабабҳои асосии кам будани ҳузури иқтисодии Ҷопон дар кишварҳои Осиёи Миёнаро нисбат ба КРР, паст будани сатҳи сармоягузории мустақим медонад. Ӯ меафзояд, ки сармоягузорӣ ба Осиёи Миёна хатарҳои муайянеро дорад, ки бесуботии иқтисодӣ ва ноустувории сиёсати иқтисодӣ дар ин кишварҳо аз ҷумлаи онҳо мебошанд.[3] Барои Тоҷикистон дар баробари ин мушкилот, маҳдуд будани бозори фурӯш, мавқеи номувофиқи ҷуғрофӣ ва паст будани ҳосилнокии меҳнат аз омилҳои маҳдудкунандаи рушди муносиботи иқтисодӣ бо Ҷопон ба шумор меравадн.

Яке аз роҳҳои тақвияти равобити иқтисодии Тоҷикистону Ҷопон ин ташкили фазои мувофиқи сармоягузорӣ барои ширкатҳои ҷопонӣ ва ба роҳ мондани маҳсулотҳое, ки Ҷопон аз хориҷ ворид месозад ва кишвари мо дар истеҳсоли онҳо бартарияти нисбӣ дорад, мебошад. Маълум аст, ки "бо ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад". Бо қабули қонунҳои махсус ва кушишҳои зиёд дар ростои ба вуҷуд овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ, натиҷаҳои дилхоҳе ба даст наомадааст. Сармоягузории мустақими хориҷиро наметавон танҳо бо таблиғ ва тавсифҳо ҷалб кард. Бояд, пеш аз ҳама, эътироф кард, ки то ба ҳол натавонистем фазои мусоидеро фароҳам оварем. Вагарна "куҷо ин саранҷоми" ғайриқаноатбахшро доштем. Фазои мусоидро барои ҳама фароҳам бояд сохт. Додани имтиёзҳо барои ширкатҳои алоҳида вазъиятро бадтар месозаду беҳтар не. Чунки дар чунин ҳолат рақобати солим аз байн меравад. Дар ҳоле ки дар шароити иқтисоди бозаргонӣ танзимгарӣ одилонатарин рақобат мебошад.

Бо фароҳам овардани фазои солими сармоягузорӣ барои сармояҳои мустақими хориҷӣ, тадқиқотҳои бозорёбии алоҳидаро метавон дар Ҷопон ва Тоҷикистон гузаронд ва талаботи Ҷопон ва имкониятҳои Тоҷикистонро дар назар гирифта, истеҳсоли маҳсулотеро ба роҳ монд, ки Тоҷикистон дар он бартарияти нисбӣ ё бартарияти мутлақ дорад. Танҳо дар асоси натоиҷи чунин тадқиқотҳои амиқ метавон равобити иқтисодии Тоҷикистону Ҷопонро ба сатҳи баланд расонд ва ҳама имкониятҳои мавҷударо самаранок истифода кард. Дар ин ҷода набояд ба зоҳири масъала нигоҳ карда, тасмим гирифт, ё тақлиди амалҳои кишварҳои дигарро кард. Чунки ҳар кишвар шароити ба худ хосро дорад ва таҷрибаи яке на ҳама вақт бо дигаре мувофиқ аст. Баъдан рақобат ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ вуҷуд дорад. Танҳо роҳҳои нав ва идеяҳои нав метавонанд баранда бошанд. Тақлид, ки навоварӣ

буда наметавонад ва тақлидгар ҳамеша дар қафо мемонад.Томоҳико Уйама дар ин маврид мегӯяд: "Ин давлатҳо ва мардуми Осиёи Миёна ҳастанд, ки бояд барои дарёфти дониш, технология ва сармоя бо ҳам рақобат кунанд ва маҳорати худро дар муносибатҳои байналмилалӣ тақвият бахшанд". Бале, оянда дар дасти ҷавонон аст, валеояндаи дурахшони ҳар кишваре дар дасти ҳукумати кунунӣ ва мардуми фаъоли имрӯзаи он мебошад. Маҳз дастбакорони имрӯза вазифадоранд чораҳои зарурирo барои муносибатҳои иқтисодии беҳтаре миёни Тоҷикистону Ҷопон андешанд ва амалӣ созанд. Вагарна ҷавонон дар оянда ҳамин мушкилоти имрӯзаро ба мерос хоҳанд гирифт.

**Сарчашмаҳо**


1. Basic Approaches of Japan's ODA (philosophy and principles) (https://www.mofa.go.jp/policy/oda/summary/1995/1basic.html)
2. Japan's ODA Data for Tajikistan (https: //www. mofa.go .jp/files/ 000142566.pdf)
3. Japanese Policies in Relation to Kazakhstan (http://mitp-content server. mit.edu: 18180/books/ content/ sectbyfn? collid= books_pres_0&id=6802&fn=9780262621748_sch_0005.pdf)
4. Аналитическая таблица экспорта – импорта товаров по странам (https://nbt.tj/ru/payments_balance/analytical_table.php)
5. Japan Product exports and imports from Tajikistan 2017 (https://wits.worldbank.org/CountryProfile/en/Country/JPN/Year/2017/TradeFlow/EXPIMP/Partner/TJK/Product/All-Groups#)
6. UN Comtrade Database (https://comtrade.un.org/data)
7. Япония в Центральной Азии в начале XXI века(https://www.researchgate.net/publication/319062911_Aponia_v_Centralnoj_ Azii _v_ nacale _HHI_ veka_ izucenie _problemy _ekonomiceskogo_ vliania_kitajskimi_specialistami/link/5a218288aca2727dd87a9ef0/download)

**Шерхон СУЛАЙМОН**
*ходими хурди илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо*

# КУҲАНУЛГӮҲОИ ОРИЁӢ МОЯИ ИФТИХОРИ АМРИКОИҲОСТ

Дар ин ҷустор ба таври фишурда мехоҳем дар бораи таъсири фарҳанги ориёӣ дар ташаккули тамаддуни башарӣ бо ишора ба ҷойгоҳи муҷассамаи Озодӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бипардозем.

Муҷассамаи Озодӣ тандисе аст, ки ҳамакнун дар шаҳри Нью-Йорк бахши Манҳетен чашмнавози миллионҳо ҷаҳонгард аст. Ин тандис сохтаи дасти пайкартароши фаронсавӣ бо номи Фредерик Огуст Бартолди аст ва сохтаи дарунии тандисро Густав Эйфил - муҳандиси фаронсавии Бурҷи Эйфил офаридааст. Ин шоҳкори ҳунарӣ ва самбули озодӣ аз сӯйи давлати Фаронса дар соли 1886 ба шодбоши ҷашни садумин солгарди истиқлоли Амрико аз чанголи Англия, ба давлати Амрико пешкаш гардид.

Акнун барои шумо, хонандаи гиромӣ, аз таъриху шиносномаи ин пайкараи шигифтангез каме маълумот медиҳем.

**Вижагиҳои махсуси Маҷассамаи Озодӣ**

Ин муҷассама дар симои як зан бо танпӯши румӣ, тавассути тандиссози фаронсавӣ - Фредерик Огюст Бартолди тарроҳӣ шуда, тавассути Жосеф Пулитсер бунёд гардидааст. Намоди Озодӣ дар дасти рости худ машъал ва дар дасти чапаш лавҳаҳое бо навиштаҷот дорад, ки он, дар воқеъ, ҳамон таърихи тасвиби баёнияи истиқлоли Амрико *(4 июли 1776)* аст. Яке аз пойҳои муҷассамаи Озодӣ рӯйи занҷир қарор дорад ва ҳафт партав ё пайкони беруншудаи тоҷи муҷассама намоде аз ҳафт дарё ё ҳафт қора аст.

Иртифоъи тандис 45 метр аст, ки бар рӯйи пояи бузурге бо баландии 46 метр қарор дода шудааст ва дар маҷмӯъ, иртифоъи умумии он 91 метр мебошад. Вазни он 625 тон ва хароҷоти сохти он 250 ҳазор доллар аст, ки сохтмони он аз сӯйи давлати Фаронса маблағгузорӣ шудааст. Танҳо сохти пояи ин тандис, ки 200 ҳазор доллар буд, тавассути давлати Амрико пардохт

гардид. Тандис дорои 168 зина ҳаст, ки боздидкунандагонро то болои Бурҷ роҳнамой мекунад. Тоҷе, ки бар сари муҷассамаи Озодӣ қарор дорад, шомили 25 панҷара ва 7 партав ё найзаҳои нурӣ аст, ки аз он хориҷ шудаанд.

Тавре ишора рафт, ин муҷассамаро Фаронса ба Амрико дар иртибот ба солгарди раҳоии Амрико аз истеъмори Британиё ҳадя кардааст. Сохти пояи муҷассама, ки зери назари шарики амрикой Ричар Моррис Ҳант анҷом мешуд, дар 22 марти соли 1886 такмил шуд. Бартолди пеш аз ин кор тарҳи муҷассамаро дар моҳи июли соли 1884 ба поён расонида буд ва ин муҷассама, ки барои интиқол ба Амрико ба 350 бахш тақсим шуда буд, 17 июли соли 1885 ба воситаи киштии фаронсавӣ Исра (ESRA) ба Нью-Йорк фиристода шуд.

Насби муҷассама рӯйи поя ё сутуни ҷадиди худ дар Нью-Йорк чаҳор моҳ идома ёфт. Билохира 28 октябри соли 1886, яъне 10 сол пас аз садумин солгарди истиқлоли Амрико муҷассамаи Озодӣ дар ҳузури Стивен Гровер Кливланд, бистуҷаҳорумин сарвари Ҷумҳурии Амрико ва ҳазорон нафар мардуме, ки барои ин маросим ба бандари Нью-Йорк омада буданд, пардабардорӣ шуд.

Ин тандиси бузург дар соли 1924 ба номи ёдбуди миллии Амрико шиносой шуд ва ҳамакнун аз иншооти шинохташуда дар Созмони ҷаҳонии Юнеско аст.

Шакли муҳандисии берунии «Тандиси Озодӣ» ба тандиси Колосуси Родос (Colossus of Rhodes) ва тандиси Карло Борромео (Carlo Borromeo) дар Италия монанд аст.

Пиромуни ҷараёни ин тандис суханҳо бисёр аст, аммо мақсади мо чистии ин муҷасасама аст ва ин ки оё дар созиши ин ҳунар созандагони он аз аз меросҳои фарҳанги сарзамини баяғморафтаи Эрони бузург илҳом гирифтаанд ё на?

Фаридуни Ҷунайдӣ – таърихнигори эронӣ навиштааст: «Муҷассамаи Озодии Амрико тандиси Тойис - маъшуқаи Искандари Мақдунӣ аст ва он машъали бадастгирифта ва 7 гоми бардоштаи тандис ба ин мақсад аст, ки мехоҳад тахти Ҷамшедро ба оташ бикашад». Пофишории муаррихони кунунии Эрон, аз ҷумла дуктур Ҷунайдиро дар бораи рамзи Тойис будани пайкараи Озодии Амрико наметавон бовар кард.

Александр дар миёни ғарбиён қаҳрамони бузург ва беназир шинохта мешуд, аммо дар миёни миллати форс шахсияти

бадному вайронгар аст. Дар матни Зартушт аз вай ҳамвора ба унвони “гуҷаста” (малъун) ёд шуда ва ҳамроҳи Заҳҳоку Афросиёб аз коргузорони Аҳриман ба шумор омадааст. Искандари Мақдунӣ марди македонӣ буд.

Бузургтарин ва муҳимтарин ҷанги Искандар набард бо импературии паҳновар ва тавонманди Ҳахоманишиён буд. Набарди Искандар ва подшоҳи Эрон чанд бор ба ақибнишинии вай анҷомид, аммо саранҷом бо тазъифи рӯҳияи сипоҳиёни Эрон варақ ба нафъи юнониён баргашт ва Искандар Дориюшро дар минтақаи Гелгамиш шикаст дод.

Тахти Ҷамшед ба оташ кашида шуд…

Шаби пирӯзии Искандар ва афсаронашро дар Тахти Ҷамшед (Персеполис)- қасри бошукӯҳи эрониён ҷашн гирифтанд. Искандар ҳамвора дар сафарҳои худ чандин зани бадному раққосаи юнонӣ ҳамроҳи худ мебурд. Яке аз ин занон Тойис-канизи уршалимӣ буд, ки ба хотири зебоӣ ба дарбори Искандар роҳ ёфта буд. Вай, ки бо ҳузури шоҳ духтари асири эронӣ ва духтари Дориюши сеюм Стотира ҷойгоҳи худро дар хатар медид, кӯшиш дошт интиқоми худро аз вай бигирад.

Бинобар ин, дунболи мавқеъияте буд, ки ғурури тамоми эрониёнро бишканаду онҳоро хору ноком кунад. Дар он ҷашн, ӯ онқадар ба Искандар шароб хӯронд, ки ақли ӯро аз сараш бурду сипас аз ӯ хост, ки ба интиқоми маъбаде, ки дар Афина Хашоёршоҳ онро ба оташ кашида буд, Тахти Ҷамшед оташ зада шавад. Искандар машъали оташро ба Тойис дод ва ӯ ҳам пардаҳои ҳарири қасрро оташ зад. Дар муддати кӯтоҳ қаср ба тамом оташ гирифт. Фардои он рӯз Искандар болои теппае истода буд ва пушаймон ба натиҷаи кори худ менигарист.

Акнун Тойис ба унвони намоди Озодӣ бар обҳои Атлантик истода аст…

**Ин раҳоварди шум таърихи мову шумост, ки ба дасти румиён ва фарзандонашон тозиён анҷом шуда буд.**

Ҳатто мо дар асри ҳозир ҳам дар филми «300 спартанӣ»-и сохтаи Олмон мебинем, ки ба таври ошкоро ва ғайри мунсифона ба ниёкони мо туҳмат мезананду коре, ки аҷнабиён бо мо карданд, ба падарони тамаддунсози мо, нисбат медиҳанд ки ин таҳрифи таърих, душманию зишткорӣ, ноҷавонмардию беинсофӣ ва дар як сухан, хиёнат ба ҳақиқати таърихист.

Дуюм ин ки гузаштаи сӯхташудаи мо ва дастони оташафрӯзи душман моро рӯ ба рӯи ҷаҳони номаълум ва нопайдо гузоштааст, моро сахт сардаргум кардааст, ҳар тухматеро ба мо мезанад, чун забони дифоъкунони мо ва худамонро буридаанду қалам ҳамеша ба дасти душманон будааст. Ҳазорон сол аст, ки душманони мо дар сарзамини мо ҳам ҳоким буданду ҳам ровӣ ва ҳам таърихнигору ҳам қозӣ, ҳам вакили мову ҳам ҷаллоду ҳам зиндонбони мо…

Нигоҳи дигар ба таърихсозони қалбакии ориёиситез меандозем:

Он афсонаҳои бебунёд, ба вижа он қиссае, ки баъзе “муаррихин”-и қиссанавис аз он ёд кардаанд: Чанд зани фоҳиша, ки яке аз онҳо (Тойис) бо духтари Дориюши сеюм рақобат дошт ва тахти Ҷамшед ба ин хотир ба оташ кашида шуд, чӣ қадар масхара ва кӯдакона аст. Ин гуна қиссаи бебунёдро дар бораи духтари сеюми Яздигурд ба номи Шаҳбону низ сохтанд, ки Шаҳбону духтари Яздигурди сеюм зани Ҳусейн ибни Алӣ шуду эрониён ба ии хотир бад шуданду душмани аҳли тасаннун….

Ноогоҳӣ аз таъриху фарҳанги ноёконамон моро бисёр худбохтаю парешонҳол ва тарсую ноумед гардонидааст. Ҳамеша бегонагон дар бораи таъриху адабиёт ва чистию кистии мо ба мо дарс меомӯзанд ва аммо имрӯз мо ба номи меҳру хирад ғуборҳои зангоринро аз рӯи марвориди чистии худ канор мезанем ва гуҳари ноби ҳастӣ ва кистии худро дар ҷаҳон партавафшон мекунем.

Ман ҳангоме ки китоби «Ҳафтсин»-и Омӯзгор Меҳрофаринро хондам, ба розҳои бориктар аз мӯй огоҳ шудам ва ҳангоме ки ба ҳафт хӯшаи нур бар сари тандиси Озодӣ нигаристам, ин сухани Омӯзгор дар андешаам танин андохт:“Чаро шумораи ҳафт дар нигоҳи бисёре варҷованд (муқаддас) аст? Ҳангоме, ки бо биниши меҳру хирад ба дуртарин нуқта дар соярӯшани таърих менигарем, сипантоӣ ва тақаддуси шумораи ҳафтро мебинем, меҳронаҳои митроии Меҳрофарин чашмнавози нигоҳи меҳрхоҳи мо мешавад. Чунонки гӯё шуморагони «ҳафт» андоми ногусастанӣ аз пайкари оини Меҳр аст, чаро ки бундоди оини митроӣ бар «ҳафт меҳрпоя» бино шудааст:

**Меҳрпояҳои ҳафтум дар оини меҳр чунин будааст:**

Меҳрпояи Калоғ- пайванд бо Тир ё Аторуд;

Меҳрпояи Ҳамсар - намоди ситораи Ноҳид ё Зуҳра;

Меҳрпояи Сарбоз - пайванд бо Баҳром ё Миррих;

Меҳрпояи Шер - пайванд бо Ҳурмузд ё Барҷис;

Меҳрпояи Порсо - пайванд бо Моҳ ё Қамар;

Меҳрпояи Хуршед - пайванд бо Меҳр ё Шамс;

Меҳрпояи Пир - Муршид мансуб ба Кайвон ё Зуҳал;

**Агар мо ин ҳафт нота:** “*до-ре-ми-фа-сол-я-сӣ”*-ро алифбои хунё ё мусиқӣ медонем ва боваридаем, ки ҳар овоз ва нағмае бо ин вотҳо ва ҳарфҳо оғоз ва поён мегирад. Ба бовари Меҳрофарин, “Шоиста аст, ки ҳафт гоми оини меҳрро низ пазанг ё калиди сулҳи ҳамаи дин ва боварҳову мазҳабҳои осмониву заминӣ, ба вижа мазҳабҳои сомӣ, ки бештар аз ҳама аз фарҳанг ва дину оини ориёӣ бахра бурдаанд, бидонем”. Ин суханони меҳронаи Меҳрофарин оҳанг ва ба қасди кам шумурдани ҳеҷ дину бовару мазҳабе нест, басо омиғи будманд ё ҳақиқат аст….

Ба ростӣ, то кунун андешидаед, ки чаро бузургони мазҳабҳои иброҳимӣ аз яҳудӣ ва масеҳияту мусалмон бар гирди пайғамбарону имомонашон тоҷмеҳр - тоҷи хуршедӣ (хӯша ё найзаҳои нуронӣ)-и Митроро расм мекунанд?

Посухи ин пурсишро агар аз хирадатон дарёфтед, бисёре аз кӯргиреҳҳо бароятон боз мешавад.

Оре, тандиси Озодии Амрико, бе каму кост, баргирифта аз тандиси Митро аст ва онон беҳтар аз мо медонанд, ки ниёкони мо ба ростӣ офаридгори бундоди меҳру хирад ва дӯстдори рӯшноӣ ва донистану парастандаи меҳру хирад будаанд. Митрои дирӯзи мо, дар як сухан, ҳамин пешрафти ҷомеъаи башари имрӯз аст, ки барои мо ранги мазҳаб дораду метарсем ба ин наздик шавем, чун мо ҳанӯз ҳам дар занҷири гуфторҳои нохушоянду маснӯие, ба монанди куфру ширк ва маҷус … ҳастем.

Хонандагони гиромӣ, ба ин навиштор биандешед ва нигаргоҳҳоятонро барои мо бифиристед.

Сарчашмаҳо

1. Омӯзгор Меҳриёри Меҳрофарин. “Ҳафтсини Каёнӣ” Амрико 2007. 50.с.
2. Mehryar Mehrafarin. “Civilizations build destinies” University of Mehrafarin’s (“UOM”) 2012. Ac.
3. Liberty Enlightening the World. The Creation of the Statue of Liberty Khan, Yasmin Sabina 2010.
4. Statue of Liberty - Wikipedia

## ЧЕҲРАҲО

**Муродова ТОҶИНИСО**
*номзади илмҳои фалсафа*

# МУҲАҚҚИҚИ ШИНОХТАИ ИРФОН ВА ФАЛСАФАИ НИЁГОН

*(Бахшида ба зодрӯзи профессор Муҳаммадқул Ҳазратқулов)*

Мо дар ин мақолаи хеш ҳадаф гузоштем, чанд сухане дар бораи фаъолияти илмӣ, фарҳангӣ-суннатии ҳамкори мухтарамамон, доктори илмҳои фалсафа, профессор Ҳазратқулов Муҳаммадқул нависем.

Ҳазратқулов Муҳаммадқул солҳои зиёд аст, ки дар Шуъбаи таърихи фаласафаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунанд ва фаъолияти илмии бобаракате доранд. Айни ҳол низ бо серфаъолиятии худ дар таълифи маводи илмиву фалсафӣ ва фарҳангӣ, ҳамчунин ҳамчун муҳаррири масъули ҷилди чаҳорум ва панҷуми «Таърихи фалсафаи тоҷик» дар таҳриру танзими мақолаҳои кормандони Шуъба саҳмгузорӣ карда истодаанд.

Ҳазратқулов Муҳаммадқул пас аз хатми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) ноябри соли 1967 ба аспирантураи Шуъбаи фалсафаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтисоси таърихи фалсафа дохил мешавад. Ӯ соли 1974 дар мавзӯи «Фалсафаи Садриддини Шерозӣ» рисолаи номзадӣ ва соли 1991 рисолаи доктории хешро дар мавзӯи «Фалсафаи ишроқи Шаҳобуддини Суҳравардӣ» дифоъ намудааст.

Ҳазратқулов Муҳаммадқул муҳаққиқи таърихи фалсафаи асрҳои миёнаи Шарқ буда, ба қалами ӯ зиёда аз 300 мақолаи илмӣ ва илмиву оммавӣ дар мавзӯъҳои мухталифи фалсафаи машшоъ,ишроқ, тасаввуф ва дигар масоили афкори маънавию фарҳангӣ мансуб мебошад. Мақолаҳои илмии ӯ дар маҷаллаҳои марказии «Вопросы философии», «Философские науки» ва

маҷаллаҳои ҷумҳуриявии «Садои Шарқ» ва «Ахбор»-и Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ чоп шудаанд. Ҳамчунин мақолаҳои бисёри илмӣ-оммавии муаллиф дар рӯзномаҳои кишварамон чоп шудаанд.

Асарҳои илмии ӯ бо номҳои «Таълимоти фалсафии Садруддини Шерозӣ» (Душанбе, 1983), «Эътиқоду анъанаҳои бостонии Аҷам» (Душанбе, 1986), «Тасаввуф» (Душанбе, 1988), «Ислом: равия, мазҳаб ва фирқаҳои он» бо ҳаммуаллифии И.Саидиён (Душанбе, 1992), «Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ» (Душанбе, 2006. - Тарҷумаи ҳамин китоб ба забони форсӣ, Теҳрон, 2008), «Ислом ва Абуҳанифа» (Душанбе, 2009), «Наврӯз ва дигар идҳои суннатии сол» (Душанбе, 2012), «Бахши асосии ҷилди аввали «Таърихи фалсафаи тоҷик» бо забони тоҷикӣ (Душанбе, 2012) ва «Бахшҳои меҳрпарастӣ ва зурвония» дар ҷилди якуми «Таърихи фалсафаи тоҷик аз замонҳои қадим то асри 15» ба забони русӣ (Душанбе, 2010), Шаҳобуддини Сухравардӣ. Боби 1-и бахши 2-и ҷилди сеюми «Таърихи фалсафаи тоҷик…» ба забони русӣ (Душанбе, 2013), «Сада муждагонӣ аз Наврӯзи оламафрӯз аст»(Душанбе, 2018) ба мо маълум аст ва дастраси хонандагон шудаанд.

Ҳазрақулов Муҳаммадқул ба сифати сарходими Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи илмҳои ҶТ, дар Шуъбаи таърихи фалсафа кору фаъолият мекунад. Ӯ мутахассиси соҳаи таърихи фалсафаи тоҷику форс ва рушди афкори маънавӣ буда, дар ин соҳаҳо корҳои зиёди илмӣ-тадқиқотӣ анҷом додаанд, ки мо аз онҳо дар боло ном бурдем.

Нахустин кори тадқиқотии ин муҳаққиқи намоёни таърихи фалсафаи тоҷик ба ҷаҳонбинӣ ва афкори фалсафии яке аз мутафаккирони барҷастаи асрҳои миёнаи тоҷику форс Садруддини Шерозӣ бахшида шудааст. Тадқиқотҳои баъдинаи ӯ ба баррасӣ ва таҳқиқи расму оин ва анъанаҳои бостонии Аҷам ва таъсири он ба фалсафаи асрҳои миёнаи Шарқ марбут аст. Бояд гуфт, ки муҳаққиқи шинохтаи мо Ҳазратқулов Муҳаммадқул доир ба мазҳабу равия ва фирқаҳои ислом, махсусан тасаввуф низ таҳқиқоти боарзише таҳти унвони «Тасаввуф» анҷом додааст. Китоби номбурда на танҳо барои аҳли илм, балки беҳтарин маводи дарсӣ барои магистрантону донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва дӯстдорони афкори маънавӣ ба ҳисоб меравад.

Тадқиқоти дигари мухтарам Ҳазратқулов Муҳаммадқул «Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ» ном дорад, ки ба «Соли 2006–соли тамаддуни ориёӣ» бахшида шудааст. Ин асари муаллиф нисбатан бузургҳаҷм буда, дар он таърихи тамаддуни ориёиҳо, сайру такомули таърихии онҳо, мавҷи ҳаракати ориёҳо ба Осиёи Марказӣ ва густариши онҳо ба Шарқу Ғарб то сарзаминҳои Скандинавияро аз дидгоҳи фалсафию фарҳангӣ мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст. Мувофиқи маълумоти худи муаллиф, таъсири ин китоб ба ҳаводорони афкори маънавӣ ба андозае буд, ки он пас аз ду сол дар Эрон ба хатти форсӣ баргардон шуда, дастраси васеи хонандагони эронӣ гардид.

Китоби «Ислом ва Абуҳанифа»-ро Ҳазратқулов Муҳаммадқул бахшида ба «Соли бузугдошти Имоми Аъзам» навишта, ба ин ҷашн ҳадя намуд, ки дар он ташаккули мазҳаби суннӣ ва моҷароҳои ақидатӣ, инкишофи илми каломи аҳли суннат, таълимоти мазҳаби Имоми Аъзам, ҷойгоҳу манзалати ӯ ва шогирдони вай дар усули илми фиқҳу ахлоқ ва ғайраҳо таҳқиқу таҳлил шудаанд. Чопи чунин китобҳо барои кулли хонандагони кишварамон муҳим ва зарур аст, ки онҳоро аз лиҳози ақидатӣ ва мазҳабӣ аз торикӣ ба равшанӣ мекашад, то ки дар дуроҳаи гумроҳӣ дарнамонанд. Ин аст яке аз арзишҳои ин китоб дар ҷаҳони муосири мо.

Шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИҶТ дар асоси маводи ҷамъшуда ва навишташуда тасмим гирифт, ки«Таърихи фалсафаи тоҷик»-ро ба забони русӣ дар се ҷилд ва ба забони тоҷикӣ дар панҷ ҷилди ба табъ расонад. То имрӯз се ҷилди русӣ ва ду ҷилд тоҷикӣ ба чоп расида, дастраси хонандагон шудааст. Бахши умдаи ҷилди аввали «Таърихи фалсафаи тоҷик аз давраҳои қадим то аҳди ислом» ва бахшҳои меҳрпарастӣ ва зурвонияи «Таърихи фалсафаи тоҷик аз давраҳои қадим то асри ХУ» ба забони русӣ ба қалами Ҳазратқулов Муҳаммадқул мансуб аст. Дар айни ҳол ӯ бо ҳамроҳии устоди мухтарам, академик К. Олимов муҳаррири масъули ҷилдҳои чорум ва панҷуми «Таърихи фалсафаи тоҷик» мебошанд, ки ин ҷилдҳо дар арафаи чопанд. Чопи ҷилдҳои «Таърихи фалсафаи тоҷик…» аҳли илму фарҳанг, хонандаҳои афкори маънавию фалсафӣ ва донишҷӯёну унвонҷӯёнро ба таъриху тамаддун ва арзишҳои ҷаҳони бои илмӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ ва фарҳангии гузаштагонамон муаррифӣ менамояд. Бо

шарофати Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаббусҳои бевоситаи Президенти кишварамон Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Наврӯз–ҷашни байналмилалии тоҷикон ҷаҳонӣ гардид. Дар ҷаҳонишавии Наврӯзи бостонӣ саҳми Ҳазратқулов Муҳаммадқул низ зиёд аст. Чунки муддати чил сол аст, ки ӯ бахшида ба ҷашни Наврӯз дар саҳифаҳои маҷаллаву рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ мақолаҳои сершуморе навишта, мардумро ба таърихи пайдоиши Наврӯз ҳамчун ҷашни суннатӣ, ҳамчун ҷашни сари сол ва кишту кор ошно месозад. Китоби ӯ бо унвони «Наврӯзи оламафрӯз ва дигар идҳои суннатии сол» соли 2012 аз чоп баромад, ки аввалин асари бузургҳаҷм дар ҷумҳуриамон дар бораи ҷашни Наврӯз буд. Дар ин китоб муаллиф сабабҳои пайдоиши иди Наврӯз ва як қатор идҳои дигари суннатии солро таҳлилу баррасӣ намуда, мақоми бузурги иртиботи табиату инсонро ҳамчун унсури асосии тамаддуни ориёӣ баён намудааст. Ҳамчунин омили ҷаҳонишавии ҷашни Наврӯзро як ҳодисаи муҳими суннатӣ -фарҳангӣ дар тамаддуни ҷаҳонӣ арзёбӣ менамояд. Дар баробари ин муаллиф дар ин асари хеш баъзе масоили фалсафӣ, ҷаҳонбинӣ ва кайҳоншиносиро низ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаанд.

Китоби дигари Ҳазратқулов Муҳаммадқул «Сада муждагонӣ аз Наврӯзи оламафрӯз аст» мебошад. Мувофиқи навиштаи муаллиф, Сада охирин ҷашни маросими сол қабл аз Наврӯз аст ва онро муҳаққиқон пайёмовари Наврӯз медонанд. Муаллиф дар ин китобчаи худ дар бораи Сада ва расму анъанаҳои ҷашнгирӣ, аҳамияти иҷтимоӣ, ахлоқӣ, зинаҳои камолоти ахлоқӣ, худшиносӣ ва фарҳангии он маълумоти муфассал додааст, ки дар тарбияи камолоти маънавии инсон нақши арзандае мебозад.

Муҳаммадқул Ҳазратқулов дар баробари олим ва муҳаққиқи таърихи фалсафаву илму фарҳанг буданаш боз як инсони ботаҳаммулу боандеша буда, соҳиби иззату эҳтиром дар байни ҳамкорон мебошад. Бо бародари азизамон солҳои зиёде ҳамкорӣ дорем ва дар ин муддат аз ӯ ба ҷуз эҳтирому самимият, муҳаббат ва иртиботи солими ҳамкорӣ дигар чизе надидем. Бинобар ин, қадрдонӣ аз чунин шахсиятҳо вазифаи ҳар як инсони соҳибилму оқил аст ва бигузор, он кас ҳамеша сиҳату саломат ва хушбахту саодатманд бо аҳли хонаводаашон ва дар қатори ситораҳои дурахшони аҳли илму адаб бошанд.

**Бекзода ДИДАВАР**
*равоншинос*

# ОФТОБЕ ПУШТИ АБРҲО

*(Чанд сухане дар бораи шоири файласуф Мирзо Боқизода)*



**Мирзо Боқизода**
**(1944–2019)**

Устод Мирзо Боқизода яке аз шоирон ва файласуфони соҳибистеъдоду маъруфи тоҷик ба ҳисоб мераванд. Устод Мирзо табъи баланди шоирӣ доштанд. Ҳангоми мутолиаи эҷодиёти устод муайян мешавад, ки ҷаҳонбинии устод бисёр васеъ аст. Устод дар бораи чандин масъалаҳои душвори фалсафӣ ва илмиву ахлоқӣ ибрози ақида намудаанд. Шояд масъалаҳои фалсафиро ҳар кас пурра фаҳмида наметавонад. Чунки барои

фаҳми масъалаҳои фалсафӣ, ҷаҳонбинии фалсафӣ ва илмӣ доштан муҳим аст. Аммо устод Мирзо дорои ҳам ҷаҳонбинии фалсафӣ ва ҳам ҷаҳонбинии илмӣ буданд. Ӯ масъалаҳои мушкили фалсафаро аз диди худ баҳо додааст. Баҳо додан ва исботи масъалаҳои фалсафӣ заҳмати зиёдро талаб мекунад. Аммо Устод, ки худ заҳмати фикрӣ мекашанд ба ин масъалаҳои душвор шарҳҳои худро додаанд. Агар шоирони даврони гузашта аксарашон танҳо шоир бошанд, устод Мирзо шоири файласуф мебошад.Андешаи онҳо дар шеърашон баён шудааст. Вале Устод андешаҳои фалсафии худро ҳам бо шеър ва ҳам бо наср баён мекунад. Хусусияти дигари фарққкунандаи Устод аз дигар донишмандон ин аст, ки Мирзо Боқизода мисли Волтер-файласуфи фаронсавӣ, дониши универсалӣ ва ҳаматарафа доштанд. Дар бисёр масъалаҳои печида ва мушкили фалсафӣ ва илмӣ назари худро бо шеър ва ҳам ба наср баён доштааст. Устод осори муҳимтарини худро дар соли 2006 бо номи «Ҷовидоннома» рӯи чоп овард. Ин китоб аз номаш пайдост, ки ба масъалаҳои фалсафии абадият бахшида шудааст. Китоби «Ҷовидонома»-и устод Мирзо мисли «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бисёр китоби арзишманд аст. Ин китоб арзиши фарҳанги миллии моро ифода менамояд. Баъди Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ҳофиз, Хайём ва дигарон боз фарзандони фарзонаи миллат номи миллати моро баланд мебардоранд. Ҷилди аввали китоби «Ҷовидоннома»-и Устодро соли 2006 нашриёти «Деваштич»–и шаҳри Душанбе ба нашр расонид, ки дорои 2088 саҳифа мебошад. Ҳамзамон ҷилдҳои дуюму сеюми китоб ҳам ба чоп расиданд. Ҷилди чоруми он дар арафаи табъ аст. Китоби мазкур доир ба масоили асосии фалсафӣ баҳс мекунад. Масъалаҳои хирад, ақл, ахлоқ, зиндагӣ, ишқ, вуҷуд, нестӣ ва ғайра. Устод, пеш аз ҳама, дар мавриди нақши ақл дар зиндагии инсон, андешаи худро иброз мекунад. Ақл яке аз масъалаҳои муҳим дар фалсафаи муосир мебошад. Аз ҷумла, ҷараёне дар фалсафа бо номи ратсионализм вуҷуд дорад, ки маҳз ҳамин масъалаҳоро дар бар мегирад. Аз ҳамин сабаб Устод овардааст:

*“Ақл чист? Ақл нурест дар сари инсон ва ӯро ҳамзамон ба сӯи рӯшанӣ барад.*

*Ақл чист? Ақл қудратест, ки кайҳони бадани инсонро ба ҷовидона тапидан ҳидоят кунад.*

*Ақл чист? Ақл чароғи раҳнамоест, ки инсон дар уқёнуси ҳастӣ шиновар асту аз раҳгум задан наҷот ёбад.*

*Ақл чист? Ақл фармонест (руль), ки киштии кайҳонии танро дар баҳри ҳаёт то обхости наҷот бехатар барад.*

*Ақл чист? Ақл чизест, ки ҳама ташнаи ӯянд ва инсон аз жарфои пардаҳо ва тӯрҳо ӯро бо сангинтарин заҳматҳо ва кӯшишҳо хоҳанд нигарист"* (Мирзо Боқизода. Ҷовидоннома. Душанбе 2006. С. 1032).

Ҳангоме ки Устод мегӯяд: «Ақл нурест дар сари инсон ва ӯро ба сӯи рӯшанӣ мебарад», ин маънои онро дорад, ки ақл осонкунандаи кори зиндагии инсоният аст. Ба воситаи ақл мо метавонем дунёро бишносем. Шинохт аз ақл сарчашма мегирад. Ақл ба мо роҳи дурусти кору зиндагиро меомузад. Инсони боақл ҳеҷ гоҳ роҳгум намешавад. Ақл дар зиндагӣ мисли чароғ дар шаб аст. Натиҷаи ҳамаи доноӣ ва тавоноии мо инсонҳо ақл мебошад. Дигар масъалае, ки Устод доир ба он дар китобаш сухан меронад, ин масъалаи «Бонишонӣ» ва «Бенишонӣ» аст. Устод дар китобаш овардааст: «Бонишонӣ ба бенишонӣ омехта бошад» (С.391). Дар ин ҷо "Бонишонӣ" маънои вуҷуди инсонро мефаҳмонад. Вуҷуди инсонро дар олами воқеӣ ва реалӣ маънидод менамояд. Ва дар зери мафҳуми «Бенишонӣ» маънои нестӣ ва фанорo дар назар дорад. Устод мехоҳад бигӯяд, ки "бонишонӣ" танҳо вуҷуд надорад. Яъне "бонишонӣ" бо "бенишонӣ" омехта аст. Агар "бонишонӣ" (ҳастӣ) вуҷуд дошта бошад, пас "бенишонӣ" (нестӣ) низ вуҷуд дорад. Чунки онҳо дар якҷоягӣ амал мекунанд. Боз Устод дар мавриди ахлоқ ибрози ақида мекунад. Ӯ дар бораи хайр маъниеро мегӯяд. Ба гуфтаи Устод «Хайр, чашмаи рӯшанист» (С.425). Ҳар кӣ бо амалҳои нек зиндагиро пеш барад, зиндагиаш хуб мешавад. Яъне мо бояд хайрхоҳ бошем. Инсони хайрхоҳ касест, ки дорои саодати зоҳирӣ ва ботинӣ бошад. Устод дар бораи хомӯшӣ ва эҷодиёти инсон низ сухан мегӯяд. Тибқи гуфтаи Устод, «Гоҳе ба даҳон муҳри хомуши зан ва мурғи хомӯшӣ андешаро раҳо деҳ» (С.428). Ин сухани Устод бо назокатҳои адабӣ навишта шудааст. Ҳангоме ки мегӯяд «мурғи хомӯши андешаро раҳо намо» маънои онро дорад, ки инсон бояд эҷодкор шавад. Яъне мо бояд эҷодро шурӯъ кунем. Мо бояд дар пайи эҷоди андешаҳои нав бошем. Мо бояд инсони созанда бошем. Новобаста аз андешаҳои

эҷодкорӣ дар илм, боз андешаи Устод доир ба мавқеъи инсон дар ҷаҳон вуҷуд дорад. Ӯ мегӯяд, ки инсон як ҷузъи кайҳон ба ҳисоб меравад. Инсон вобаста аз кайҳон мебошад. Яъне дар бадани инсон он элементҳое, ки дар ҷаҳони кулл вуҷуд доранд, мавҷуд ҳастанд. Инсон вобаста аз ҷаҳон ва табиат мебошад. Устод гуфтааст: «Инсон як Ҷаҳони Сағир аст ва намунае комил аз Ҷаҳони Кабир ва миёни ин ду Ҷаҳон ташобеҳ ва вобастагӣ аст» (С.431). Дар ҷои дигар дар бораи вуҷуди инсон ва камоли инсон сухан мегӯяд. Камол чизи алоҳида мебошад. Вуҷуд низ чизи алоҳида аст. Ҳар дуи ин мафҳумҳо мафҳумҳои фалсафӣ мебошанд. Барои маънии вуҷудро фаҳмидан, пеш аз ҳама, файласуф бояд буд. Чунки назарияҳои асосие, ки мавҷудият ё вуҷуди инсонро мефаҳмонанд, маҳз назарияҳои фалсафӣ ҳастанд. Барои танҳо мавҷудият ё масъалаи вуҷудро шарҳ додан, донишмандони зиёде ибрози ақида намудаанд.

Устод Мирзо новобаста аз масоили фалсафӣ боз дар масъалаи миллат низ ибрози ақида намудааст. Устод мегӯяд, ки миллат падидаи таърихии мушаххас аст. Ва наметавон бар-он ҷанбаи таҷридӣ (абстрактӣ) ва интизоӣ дод. Ҳамоно миллат падидаи ихтиёрӣ нест. Миллат дорои ҷавҳар ва ҳастии дарунӣ ва зотӣ аст. Ва аз дерин замонҳо дар ҳавзаҳои муайяни ҷаҳон шакл гирифтааст. Ва худро барои замони ҳол ва оянда муҳайё сохтааст. Шуури миллии воқеъӣ он аст, ки аз жарфҳои бунёди миллати хеш огоҳ бошад ва тамоми оташаки таваҷҷуҳи вуҷуди хешро ба неруи ҳаётбахши таърих ва табиати маъруф, аланга дардиҳад. Воқеан, ҳаёти миллӣ бо гузаштаи ниёгон пайванди мустақим ва ногусастанист дорад. Он қавме, ки ҳувияти миллати хешро тарк гӯяд ва ба гунаи миллатсозии дурӯғин рӯйи ниёз оварад, саранҷом дучори фоҷиоти сангину даҳшатбор хоҳад шуд. Ва ин зумра гумроҳон роҳи завол хоҳанд паймуд ва гумроҳон хоҳанд шуд.

Ой мардум! Ҳувияти миллии худро боз ёбед, эътироз ба суратсозии миллӣ кунед, хатари зиндон ва ӯрдугоҳҳои кори иҷбориро ба дасти фаромӯшӣ супоред, шахсияти хеш ва ҳувияти миллати худро чун гавҳараки чашм дифоъ созед, то намиранда гардед (С.961).

### ***Масъалаи хайру шар***

Ихтилоф миёни зулмат ва нур, бадӣ ва некӣ, зулм ва адл абадист ва ҳеҷ гоҳ партави размидан миёни онҳо хомӯш нахоҳад шуд. Андешаи баробарӣ аз рӯзгори бостон то кунун мондааст. Ин ҷо Устод ба масъалаи хайру шар ишора мекунад. Хайру шар тибқи гуфтаи Ӯ, аз қадим то инҷониб вуҷуд дорад. Чаро ки дунё аз рӯи назарияи релятивизм ҳаракат мекунад. Назарияи релятивизм маънои нисбиятро дорад. Яъне ҳамаи ҳодисаҳои дунё нисбӣ мебошанд. Мисли зиндагии инсон. Инсон наметавонад 3000 сол зиндагӣ кунад. Чунки зиндагии ӯ маҳдуд аст. Қуввати ҷисмонӣ ва биологии ӯ ва организми ӯ танҳо чанд соли муайянро дар бар мегирад. Ё ин ки вуҷуд доштани бемориҳо сабаби дуру дароз зинда намондани инсон дар рӯи ҷаҳон мешаванд. Назарияи нисбият ё релятивизм ҳамин маъноро ифода мекунад, ки ҳодисаҳо ва падидаҳои зиндагии мо мутлақ нестанд, балки нисбӣ ва гузаранда мебошанд. Аз ҳамин сабаб, масъалаи некӣ ва бадӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва рӯзмарраи зиндагии мо мебошад. Дар ҷои дигар Устод қайд мекунанд, ки «Камол сифати вуҷуд аст» (С.431). Дар ин ҷо сайри тафаккур ба масъалаҳои печида ва асосии фалсафӣ меравад. Хусусан, ба масъалаи камоли инсон дар ҷаҳон. Масъалаи камол дар фалсафа ва фарҳангу илму таърих масъалаи бисёр муҳим ва печида аст. Яъне мо бояд решаҳои камолро нишон диҳем. Барои нишон додани решаи як масъала маҳорати илмӣ доштан лозим аст. Барои маҳорат, дониши комил доштан лозим меояд. Хусусан, ин масъалаи ҷиддист ва барои исботи масъалаи камол дар рушди шахсияти инсон, дигар илмҳо низ бетараф нестанд. Илми асосие, ки ба сохтор ва моделҳои инъикоскунандаи воқеъият дар зеҳни инсон сару кор дорад, ин илми равоншиносӣ мебошад. Аз назари илми равоншиносӣ “камол” дар шахсияти инсон нақши асосиро бозӣ мекунад. Рушду камол он вақте дуруст ҷои худро дар рӯҳи инсон ишғол мекунад, ки шахсияти инсон ташаккул ёбад. Яъне аз даврони кудакӣ бояд ба шахсияти инсон зарбаҳои шадиди рӯҳӣ зада нашавад. Чунки Зигмунд Фрейд-равоншиноси австриягӣ-асосгузори илми психоанализ гуфта буд, ки рушди шахсияти инсон аз даврони кӯдакии ӯ сарчашма мегирад. Боз дар инҷо масъалаи вуҷуд арзи ҳастӣ дорад. Масъалаи вуҷуд дар фалсафа масъалаи асосист. Чунки моҳияту субстансияи оламу инсонро инъикос мекунад. Дар ин ҷо

Устод вақте “вуҷуд” мегӯяд, масъалаи экзистенсиализмро дар назар дорад. Экзистенсиализм яке аз равияҳои ҳозираи илми фалсафа мебошад. Намояндагони ин равия Мартин Ҳейдеггер (1889-1976), Ҷон Пол Сартр (1905-1980), Албер Камю (1913-1960), Карл Ясперс (1883-1969) ва ғайра мебошанд. Андешаи Устод ба шакли хулоса гуфта шудааст. Аммо маънои том ва пурраи онро ифода мекунад. Яъне мехоҳад бигӯяд, ки сабаби рушд ва инкишофи пурраи инсон сабабаш мавҷудияти ӯ дар ҷаҳони воқеӣ аст. Танҳо аз назари фалсафа ашёҳое, ки вуҷуди воқеӣ доранд, асил ҳастанд. Вуҷуд сарчашмаи камоли инсон аст. Ва камоли инсон дар вуҷуд ниҳон аст. Тибқи гуфтаи Устод, андешаи базабономада, тасвири андеша аст…Аз назари илми равоншиносӣ, байни андеша ва забон пайвастагӣ вуҷуд дорад. Ҳамин пайвастагӣ боис мешавад, ки мо метавонем, сухан бигӯем. Гуфтаи Устод, ки **Инсон бемори зистан аст, на бемори мурдан**. Ин андеша воқеият дорад. Чунки дар таҳтушшуури ҳар як инсон андешаи зинда мондан вуҷуд дорад. Зистан ба инсон як маъное дар зиндагиаш мебахшад. Инсон ҳис мекунад, ки ӯ вуҷуд дорад. Ҳастиро эҳсос мекунад. Мисле, ки файласуфи фаронсавӣ Рене Декарт гуфта буд: «Ман фикр мекунам, пас ман вуҷуд дорам». Ҳангоми гуфтани сухан, ман ҳастам, ин маънои вуҷуд доштани инсонро дар замон ва макон нишон медиҳад. Замону макон дар зиндагии инсон нақши муҳим мебозанд. Артур Шопенгауэр-файласуфи олмонӣ гуфта буд: «Ин ҷаҳон тасаввури ман аст». Дуруст аст, ки устод Мирзо Боқизода мегӯяд, инсон хостори зиндагист. Ҳангоме Шопенгауэр мегӯяд, «ин ҷаҳон тасаввури ман аст», мавҷудияти Шопенгауэрро дар ин ҷаҳон ифода мекунад. Аз ҳамин сабаб гуфтаҳои Устод гуфтаҳои фалсафӣ мебошанд. Яке аз масъалаҳое, ки Устод ба он диққат додааст, ин масъалаи ишқ аст. Доир ба ишқ достонҳои зиёд навишта шудаанд. Ҳар нависанда ин масъаларо аз диди худ баҳо ва шарҳ медиҳад, ҳарчанд ин масъали фалсафӣ мебошад. Дар ин ҷода чунин достонҳое аз қабили «Ромео ва Ҷулета», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Фарҳод ва Ширин» ва ғайра навишта шудаанд. Ба ғайр аз ин боз масъалаи абадият дар эҷодиёти Мирзо Боқизода баррасӣ шудааст. Абадият, абадияти инсон дар ин ҷаҳон мебошад. Устод ҳаматарафа доир ба масъалаҳои муҳими фалсафӣ ибрози ақида намудааст. Устод дар ҷое мегӯяд, ки

«Озодию растагории мо иборат аз Ишқ ва абадият аст» (С.366). Ин чӣ маъно дорад? Яъне ба гуфтаи устод Мирзо, ду қутбе вуҷуд дорад, ки тақдири инсонро иҳота кардааст. Қутби якум “Ишқ ва қутби дуюм Абадият” мебошад. Ишқ новобаста аз масъалаи фалсафӣ буданаш, боз масъалаи трагедӣ низ мебошад. Аз ҳамин сабаб устод дар масъалаи ишқ ибрози ақида намуда, мегӯяд:

*Он кӣ ошиқ аст*
*Ва он кӣ ошиқ нест,*
*Ба ишқ рӯ оред*
*Ва ошиқ шавед пинҳон*
*Ва дар ишқ бимиред!*

Яъне, касе, ки ошиқ аст ва он кӣ ошиқ нест. Ин суханони Устод ба ҳама дахл доранд. Мегӯяд, ки ба ишқ рӯ оред. Ошиқ шавед. Ба ҳама ишқро пешниҳод мекунад. Ва боз мегӯяд, ки ошиқ шавед пинҳон. Ва дар ишқ бимиред. Яъне охир дар ишқ фидо шавед. Ин гуфтаи Устод доир ба масъалаи ишқ фоҷиа, трагедия ва маргро дар бар мегирад... Устод ишқеро мегӯяд, ки дар марҳилаи ҷавонӣ дар инсон ба вуҷуд меояд. Ва инсон дар марҳилаи бисёр ҳассос қарор дорад. Ва ӯ ошиқ мешавад. Ва дар роҳи ишқ ва ошиқӣ худро фидо мекунад. Ё фидоӣ дар роҳи ишқ мешавад (С.123).

***<u>Масъалаи дуализм</u>***
*Одам ду чиз аст:*
*Дарёи нур аст,*
*Дарёи зулмот.*
*Чун ду дарё*
*Ба ҳам омезад,*
*Нур аз зулмот ҷудо шавад,*
*То сифоти нур падид ояд.*
*Ҷаҳон торик аст,*
*Тани одамӣ ториктар аз он аст,*
*Аммо инсон*
*Гавҳари нуронист:*
*Ин гавҳари ҷон аст! (С.127).*

Одам аз дидгоҳи Устод дорои ду қисм аст:

*Якум, Инсон дарёи нур мебошад.*
*Дуюм, Инсон дарёи зулмот аст.*

Ин гуфтаҳо чӣ маъно доранд? Инсон дорои нур ва ҳам дорои сифатҳои зулмонӣ мебошад. Яъне, дар инсон эҳсоси хашм низ вуҷуд дорад. Яъне рафторҳои бад. Ин рафторҳои бад дар табиати инсон вуҷуд доранд. Рафторҳои бад табиӣ мебошанд. Мисли сухани бад. Агар ба инсон ноҳақ сухани бад гӯянд, ба таври худкор мағзи сар ба он таъсири беруна аксуламал нишон медиҳад. Ин аз ҷумлаи масъалаҳои илмӣ ва равоншиносӣ мебошад. Агар аз назари илми фалсафа нигоҳ кунем, дар инҷо масъалаи дуализмро мушоҳида менамоем.

Дар дигар ҷо Устод масъалаи андухро дар зиндагӣ хотирнишон мекунад:

*Ҳар аввалеро охир аст.*
*Ва ҳар охиреро аввал аст,*
*Аммо андӯҳ басо тӯлонист (С.125).*

Устод мисли Фридрих Нитше андеша дорад, ки зиндагӣ ин худ трагедия ва фоҷиа аст. Ҳама роҳи зиндагии инсонҳо ибтидо дорад. Ва ҳамон роҳи аввал охир низ дорад. Яъне, як чизи сарбаста мебошад. Тибқи назари Устод, он ҷое ки ҳастӣ аст, нестӣ низ вуҷуд дорад. Ва дар он ҷое, ки андуҳ (ғам) аст, шодӣ низ арзи ҳастӣ мекунад.

***<u>Гулчине аз андешаҳои фалсафӣ</u>***

*Ту ҷузвӣ, сӯи кулл бо худ сафар кун,*
*Зи тангии Ҷаҳон аз худ гузар кун.*
*Ҷаҳон як паҳнагоҳи эътиборист,*
*Ки аз деву дади ботин ҳазар кун.*
*Ҷаҳон боқист, ҷуз одам шудан нест,*
*Шудан амр аст, ҷуз худ омадан нест.*
*Ба асли хешу бо нури худоӣ,*
*Фано омад ба ҷуз гӯру кафан нест.*

❋❋❋

*Абад дар Чарҳи Яздон худ ба худ буд,*
*Даруни тирашабҳо буду нобуд.*
*Ки таккон аз «нахустин» ёфт Кайҳон,*
*Баромад аз димори нестӣ дуд.*

❋❋❋

*Аҳад дар зоти худ поянда зоҳир,*
*Ки аввал ӯву ҳам дар айн охир.*
*Миёни мову ӯ нури равон аст,*
*Дару девори тан аз рӯҳ тоҳир.*

**Масъалаи фано ва бақо**

*Ҳар дами рафтаи мо он ба куҷо хоҳад рафт?*
*Ҳар нафас сӯхта бар хоки фано хоҳад рафт.*
*Чеҳрайи олами асрор набитвонам дид,*
*Ҳар диле дар қафаси боди сабо хоҳад рафт.*
*Мӯйе аз рамзи ҷаҳон пай набарад илму амал,*
*Чун фано рамзи бақоест, бақо хоҳад рафт*
*(с.100).*

**Нақши инсон**

*Бархез, ало Инсон, худ гавҳари волоӣ,*
*Дар пастии ин Дунё, худ ахтари болоӣ.*
*Асрори азал меҷӯ, асрори абад меҷӯ!*
*Бо худ бинигар боре, хуршедиву яктоӣ.*
*Сад роҳи малак бар шуд, сад роҳи Фалак дар шуд,*
*Эй Ақли абад бедор, эй рӯҳ чӣ фармоӣ (с.105).*

**Андарзҳои фалсафӣ**

*«Паси ҳар рӯз марг аст».*

*«Душмани қотил дар вуҷуди шумост, ва шумо худ душмани худед».*

*«Инсони огоҳро се чашма аст: парҳез, саховат ва бениёзӣ».*

*«Асли ҳақиқат воҳид аст».*

*«Ҳаракат камоли аввал аст».*

*«Огози замонӣ, замони дигаре дорад».*

*«Вақт тез аст, ва тезтар аз тег аст».*

*«Нестӣ фанои сифат аст ҳамоно нестии ҳавасҳо, рангҳо, худпарастиҳо, олудагиҳо ва нестӣ гарданзадани ҳастист».*

*«Вуҷуд дорои ду сурат аст: ҷавҳарият ва аразият».*

*«Инсон Олами Сагир аст ва мураккаб аст аз ду олам: олами малак ва олами малакут. Олами малак сурат аст, ва олами малакут маънӣ аст».*

*«Шикастанафс бош, шикастадил мабош!».*

*«Зиндагӣ як донишгоҳи сахтгирест ва ҳар инсон аз ин имтиҳон бояд гузарад, хоҳ нек ва хоҳ бад».*

*«Ҳеҷ чиз барои ҷӯяндаи ҳақиқат гиромитар аз худи ҳақиқат нест».*

*«Инсон на фаришта аст ва на ҳайвон».*

*«Оташи ҳақиқатҷӯӣ дар инсон аст, ва он ҳаргиз фурӯ наменишинад».*

*«Инқилоби фикрӣ, камол ва қудрати маънавии инсон ва пирӯзӣ бар хештан аст».*

*«Зербинои Шарқ ахлоқ аст».*

*«Сухани ҳақ сутуншикан аст».*

Устод Мирзо доир ба масъалаҳои зиёди фалсафӣ, илмӣ, ирфонӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайра ибрози ақида намудаанд. Ва ҳар шоир ё нависанда новобаста аз мавқеи шоирӣ ё нависандагиаш доир ба васфи ватан ҳатман ишорае мекунад. Устод Мирзо низ ҳамин корро дар эҷодиёти худ бо беҳтарин сурат анҷом додааст.

Устод мегӯяд: *«Худоё! Моро дар ин кураи хок баланд кардӣ ва мо аз ин гаҳвораи тобути Инсон бар афлок сар соидем ва донистем, ки ҳар кафи хоки меросӣ гармии дилҳо доштааст ва мо, мирандагон, ҳар қитъаашро Ватан хондем. Мо, зодагони хоку афлок бе Ватан нестем ва дар Замин ва Осмон парчами илоҳиро баланд афроштаем, то Туро ба Ҷаҳон эълом намоем.*

*Мо бузургии Ватанро аз шири пистони модар эҳсос кардем ва бузургию бузургвориро дар Адолат...» (С.305).*

### Масъалаи миллат

Устод Мирзо Боқизода новобаста аз масъалаҳои дигар ба масъалаи миллат низ диққат додааст. Аслан миллат як масъалаи асосӣ дар зиндагии ҳар қавм мебошад. Ҳар қавме шомил ба ягон миллате ҳаст. Доштани миллат ва ба ягон миллат мутааллиқ будан ин худ ифтихори ҳамон қавм аст. Устод низ доир ба ин масала андешаи худро иброз кардааст. Аз ҷумла устод фармуданд:

Аз куҳанзамон то ҳанӯз ақвому қабоили олам зери парчами пешвоёни хеш гирд меоянд ва умри хешро сарфи ваҳдати миллат мекунанд.

Мақсуд аз миллат гуфтан чист: чун ба остонаи вожаи *«Миллат» жарфтар андеша мекунам ва эҳсос менамоям, ки решаи дарахти Миллат ба аъмоқи замон пайваст шудааст ва ин дарахти пуршоху баргу барро Миллат мегӯям.*

*“Онон, ки ҳувияти Миллатро идрок кардаанд, нобудкунандагони Миллат нестанд ва бутшиканонанд ва аз болои дахмаҳои асру замонҳо гом бардоранд худогоҳона ва тоҷи ифтихори миллатро бар сар гузоранд хирадмандона ва губори хоки Меҳанро тӯтиё кунанд.*

*Дар ҷое, ки Миллати донову тавоно реша задааст, он ҷо адолати воқеъии инсонӣ ва таърихӣ шукуфо шуда, дар онҷо ваҳдати инсонҳо доман густурда; дар онҷо эҳтироми асил ва имони дурахшон тобиш карда ва дар он ҷо сухан аз ифтихори гузашта хоҳад зад. Ман ин аломатро дӯст дорам.*

*Дар ҷое, ки Миллати созанда ҳаст, онҷо дурӯғ несту кибр нест; он ҷо дарахти илму фарҳанг садҳо миллион шукуфа ба сар дорад.*

*Ба рӯи Миллат дарҳои шодии маҳз боз аст. Ҳаққо,будан дар шарён ва тафаккури наслҳо ҷовидон аст. Ҳатто амри зистан даъват ба зиндагию созандагист. Миллати созанда аз сахттарин имтиҳонҳо парвое надорад.*

*Афроди миллат зоидмардон нестанд ва ишон ҳар рӯз чашм ба сарчашмаи ҳаракату Ҳаёт, Офтоб доранд ва тифлони миллат Офтобро дӯст доранд. Миллате, ки чашму дили офтобӣ дорад, зери ин чархи даввор, сухан аз бақо мегӯяд, то бефано бошад. Ва ҳар фарди Миллат ба худ мегӯяд: «Миллат бефаност, мо низ бефаноем».*

*Ҷаҳон ба Миллати созанда арҷ диҳад ва пайгири он бошад. Зиҳӣ, Миллат, ки ҳама хубиҳои Олам дар суннати ту, фарҳанги туст. Дар дили шумо, эй ворисони Миллат, ифтихори муқаддас зинда бод!*

*Ман он ҷоеро Миллат мехонам, ки дар он ҷо сухани Ишқ, Адолат ва Садоқат баланд мешавад.*

*Ман он ҷоеро Миллат мехонам, ки дар рӯдбори некӣ, ҳама гусли таъмид мекунанд.*

*Ман он ҷоеро Миллат мехонам, ки дар он сухан аз ҳастиву нестӣ поянда мешавад.*

*Ман он ҷоеро Миллат мехонам ки афрод хешро ҷузви Ҷаҳон мегуянд.*

*Ман он ҷоеро Миллат мехонам, ки дар он ҷо панҷараҳои ҷисмонию маънавӣ бузург нест ва арвоҳи бузург дар он ҷо бол мезананд. Зиндагӣ барои арвоҳи озод аст. Дуруди бепоён ба фахри Миллат бод" (С.1251-1252).*

***<u>Масъалаи марг ва зиндагӣ</u>***

*"Ҷаҳон ҳама ҷовидон нест. Аз дасти марг ҳатто Коинот ларзон аст ва аз ваҳмаш башар ва тамоми ҳакимон, орифон, золимон, қотилон, хуношомони рӯи кураи хок дар ларзаву пушаймонӣ Ҷаҳонро тарк гӯянд, ҳарчанд насли одамӣ аз шохаи дарахти ҳаёт сахт дошта бошад, фарҷом маргу тирагист. Возеҳ ин аст, ки хонаи ин дунё доимӣ нест ва он чӣ гирд овардаӣ, ба дасти бод ва дар коми наҳанги нестӣ ё наҳанги фано фурӯ равад. Пас тарсон мабош, ҷалоли одамии хешро бифизо ва дар ин дори фано ганҷина аз накӯӣ ба дасти ёдгор гузор, ҳарчанд нек ва бад фанопазир бошад. Замоне фаро мерасад, ки нафас аз лаби миранда чун бод равад ва ҷисми фаношуда ба хоки падарон-водии хомӯшон як гардад, ҷуз мушти хок аз тани миранда чизе нахоҳад монд. Пас чун ту инсони мирандаӣ, азамати инсонии худро шинос, танҳо худогоҳии ҳақиқӣ туро аз ваҳшати марг ва шайтанати Ҷаҳон наҷот хоҳад дод. Ашке, ки дар кӯзаи чашми мирандагон хушк шуда, гувоҳ аз сахтии Замину Осмон ва чашмаи хушкидаи ҳаёт мебошад" (С.1976).*

Хулоса азамату бузургии Устод Мирзо Боқизода мисли китобаш "Ҷовидоннома" дар ёди шогирдону дӯстонаш ба таври ҳамеша боқӣ хоҳад монд.

**Нуров НОДИР**
*магистри соли дуюми ДДФСТ*
*ба номи М. Турсунзода*

## ВОҚЕИЯТИ ЗИНДАГӢ ДАР "БИСТ ДАҚИҚА БО ФАРИШТА"-И А.ВАМПИЛОВ

Театр ва намоишномаҳои театрӣ ҳамеша сари ниёзҳои иҷтимоӣ, фикрӣ, ахлоқӣ, маънавӣ ва мадании инсонҳо ва ҷомеаҳои инсонӣ тамаркуз карда, мушкилоти ҷомеаро ба намоиш мегузоранд. Беҳуда нест, ки театрро «Ойинаи зиндагӣ» унвон кардаанд. Ин ҳам маълум аст, ки маводи театрро дромнависон омода ва таҳия мекунанд ва коргардонон минҳайси фигураи асосии театрӣ маводи заруриро ба саҳна мегузоранд. Аз ин ҷост, ки дромнавис, қабл аз ҳама, бо воқеияти зиндагӣ ва мушкилоти иҷтимоӣ бархӯрд мекунад ва маҳсули бархӯрдҳояшро дар қолаби дром, пийеса ва сенария манзури хонанда ва тамошобин месозад. Ба ин манзур, дромнавис, ки аз ҷомеа ва мушкилоти иҷтимоӣ, равонӣ, ахлоқӣ ва мадании инсонҳо иттилооти зарурӣ дорад, даст ба кор мешавад ва воқеиётро, хоҳ маъқул бошад ва хоҳ не, ба риштаи тасвир мекашад.

Нуктаи дигаре, ки баёнаш зарур аст, он аст, ки дромнавис ё ба истилоҳ, драматург барои саҳна асар меофарад ва вақте ки асари саҳнавӣ ба намоиш гузошта шуд, ҳадафи нависанда ба тамошобин ва бинанда рӯшан мегардад. Агар ҳадаф сода ва сатҳӣ бошад, қабули хотири бинанда ва тамошобин намегардад, вале, агар ҳадаф бар асоси дардҳои иҷтимоӣ таъйин шуда бошад, ҳатман пизируфта мешавад. Аз зовияи мушкилоту дардҳои мардум ва ҷомеа ба масъалаҳои умдаи зиндагӣ назар андӯхтан ва асар офаридан меъёри офариниши нависанда, адиб ва дромнависи асил аст. Аз зумраи дромнависони шаҳири русӣ, ки

воқеияти зиндагиро пешорӯйи бинанда ва хонанда мегузорад, Александр Валентинович Вампилов аст.

Александр Валентинович Вампилов (1937-1972) аз драматургони пуркори рус ва муаллифи осори зиёди фоҷиавию мазҳакавӣ мебошад. Вампилов 19 августи соли 1937 дар вилояти Иркутск ба дунё омада, 17 августи соли 1972 дар кули Байкал ғарқ гардида, дар Иркутск мадфун шудааст. Вампилов ба эҷод аз солҳои донишҷӯӣ шурӯъ карда, нахустин китоби ҳикоётաшро бо номи мустаори А. Санин "Мувофиқи шароит" соли 1961 мунташир кардааст. Дар рӯзномаи вилоятӣ бо тахаллуси А. Санин очерк ва фелетонҳояшро нашр кардааст. Дар замони Шӯравӣ, ба сабаби беэътиноӣ ва хурдагирии баъзе доираҳои ҳизбию сиёсӣ Вампилов ҳамчун дромнавис шуҳрати чандоне касб накард. Беэътинои доираҳои сиёсии вақт ба дромнавис, қабл аз ҳама, ба тарзи биниши ӯ марбут будааст. Бо он ки Вампилов дар музофот мезист, мисли дигар дромнависон масъалаҳои обхӯрда ва сатҳиро мавриди бозбинӣ ва омӯзиш қарор намедод. Қатъи назар аз он ки дромнавис хеле ҷавон аз дунё даргузашт (ҳамагӣ 35 сол дошт), аз худ мероси гаронарзише ба ёдгор монд.

Новобаста ба синни ҷавонӣ ва таҷрибаи нокифояи зиндагӣ Вампилов бо ҷомеа тамоси бевосита дошт ва мушкилро аз даруни ҷомеа кашф мекард ва дар қолаби асарҳои саҳнавӣ ҷо медод. Аз сӯйи дигар, дромнавис ҳалли мушкилоти ҷойдоштаро тавассути асарҳои саҳнавӣ ҳадаф қарор дода, дар ин самт ҳаракат мекард ва хуб ҳам медонист, ки дастгоҳҳои идеологӣ ва сиёсии вақт ӯро ором намегузоранд. Ба нияти бозгӯ ва фош кардани мушкилоти иҷтимоӣ, ки дар муносибатҳои рӯзмарра иттифоқ меафтоданд, Александр Валентинович Вампилов ба таълифи пийесаи «Бист дақиқа бо фаришта» мепардозад.

Бояд таъкид кард, ки Александр Валентинович Вампилов қадами нахустини худро дар ҳунари дромнависӣ бо таҳияи пийеса-мазҳакаи якпардагии "Бист дақиқа бо фаришта" (1962)

оғоз кардааст. Пийесаи “Бист дақиқа бо фаришта”-ро Вампилов барои худнамоӣ ва касби шуҳрат таълиф накарда буд. Гузашта аз ин, барои таълифи чунин асар, ки ба параметрҳои сиёсӣ ва мафкуравии давр мувофиқ набуд, муаллиф мавриди беэътиноӣ ва муҳимтар аз ин, шубҳа қарор гирифта буд. Ин буд, ки танҳо баъди даҳ сол -- соли 1972 пийеса-мазҳакаи якпардагии “Бист дақиқа бо фаришта” ба саҳна гузошта шуд. Ба ин далел таълифи чунин пийесае дар он замон саҳлу осон набуд.

Вампилов бо офаридани ин асари мухтасар, ки тақрибан аз сӣ саҳифаи чопӣ таркиб ёфтааст, дар ҷомеаи вақти Шӯравӣ як навъ таҳаввулотро ба вуҷуд овард. Ҷомеа ва инсонҳо аз мушкилоти худ, ки ба онҳо аслан эътибор намедоданд, бохабар шуданд ва аз тариқи огоҳӣ аз камбуду навоқис як ҳаракат ва ҷунбише дар ҳалли мушкилоти замон ба вуҷуд омад. Ҳарчанд ки ин ҷунбиш баъдан мутаваққиф гардид, аммо решаи мушкилоти иҷтимоӣ, ба ҳар сурат, аз тариқи осори Вампилов манзури хонанда ва бинанда гардонида шуд.

Беэътиногӣ ва нобоварӣ ба инсонҳо, ки сармушкили иҷтимоӣ маҳсуб меёбад, дар асари Вампилов “Бист дақиқа бо фаришта” ҷойгоҳи асосӣ дорад. Муаллиф ҷомеаро бо мушкилоти худ ошно месозад ва нишон медиҳад, ки нобоварӣ ба инсонҳои саховатманду хоксор баданаи иҷтимоиро хароб мекунад ва низоъҳои одамонро доман мезанад. Беғаразона некӣ кардан ба инсонҳо аз ёдҳо рафтааст ва дигар мардум, ки доимо аз меҳру ёрмандӣ суҳбат мекунад, ба ин асли зиндагӣ (некию саховатмандӣ) бовар надорад. Чунин мушкили ба назари аввал назарногир, вале бисёр бузург зиндагии инсонҳоро дар ҷомеа камранг месозад ва сабаби амиқ шудани бунбастҳои ахлоқӣ мегардад. Маҳз бетаваҷҷуҳӣ ва саҳлангорӣ ба мушкилоти иҷтимоӣ, равонӣ, ахлоқӣ ва маданӣ ба таври тадриҷӣ боиси аз байн рафтани давлат ва ҳукумати Шӯравӣ низ гардид.

Ба таври хулоса метавон ба чанд нукта, ки дар пийесаи якпардагии “Бист дақиқа бо фаришта”-и Вампилов инъикос ёфтаанд, ишора кард:

1.Муаллиф дар асоси ба намоиш гузоштани ду қаҳрамон – экспедитор Угаров ва ронанда Анчугин авзои замон: айёшию мастӣ, фориғболию бепарвофалакиро, ки боиси ба миён омадани ноҷуриҳои иҷтимоӣ, идорӣ, корӣ, расмӣ, ахлоқӣ ва маданӣ мегарданд, ба риштаи тасвир кашидааст. Воқеан, дар замон ва макони мушаххас, ки Вампилон ба воситаи персонажҳои пийесааш ба он ишора кардааст, инсонҳо тақрибан вуҷуди ҳузури некӣ ва мададгориро ба унвони хислатҳои асосии инсонӣ бовар намекунанд. Кор то ба ҷое расидааст, ки беғаразона кумаки пулӣ ба андозаи сад сум кардани агроном Хомутов ба Угаров ва Анчугин – ин ду айёш ва майзада шакку гумонҳоро дар миёни ҷомеа ба вуҷуд меоварад ва ҳеҷ касе бовар намекунад, ки як нафар инсон (қаҳрамони пийеса агроном Хомутов дар назар аст), бидуни шинохтани нафарони дигар (манзур экспедитор Угаров ва ронанда Анчугин) ба онҳо пул медиҳад. Инҷо Вампилов авзои ҷомеаро матраҳ мекунад, ки ҷомеа (дар симои персонажҳои пийеса) беғараз кумак кардан ба нафари дигарро на танҳо намепазирад, балки ба ин навъ мададгорону хайрхоҳон бо шакку тардид менигарад. Бубинед, вазъ то чӣ андоза печида ва мураккаб аст: касе беғаразиро бовар намекунад ва ба покниятону поквиҷдонон ба назари шубҳа менигарад; ҳар нафар ба нафари дигар дар асоси қарордоди иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ қарз медиҳад ва ангуштшумор нафароне пайдо мешаванд, ки мунсифона ва хайрхоҳона ба инсонҳои ниёзманд кумак мекунанд; нобоварӣ ва беэътимодӣ ба некӣ ва саховатмандии инсонӣ ҷомеаро ба хатарҳо мувоҷеҳ кардааст. Дар байни шаш нафар персонажи асар танҳо як нафар ва он ҳам донишҷӯдухтар Фаина (ҳамсари муҳандис Ступак) ба беғаразона мадад расонидани агроном Хомутов эътимод мекунад ва мавқеъгирии қаҳрамони асосиро ҳимоят менамояд.

2. Ҳадафи муаллиф тавассути асари мазкур накӯҳиш кардани фориғболӣ ва нодидагирии некию мададгории беғаразонаи инсонҳо аст.

3.Мушкилоти майзадагӣ дар ҷомеа ба унвони мушкили ҷиддии иҷтимоӣ ва равонию ахлоқӣ матраҳ мегардад. Ҳарчанд ки нӯшидани май дар маҳофил ва тӯйю сур амри табиӣ аст, ба одати рӯзмарра бадал шудани он мушкилоти ахлоқӣ ва маданиро ба дунбол дорад. Айёшӣ ва майзадагӣ дар симои экспедитор Угаров ва ронанда Анчугин хеле хуб тасвир ёфтааст. Мушкил то ба ин ҳад печида шудааст, ки Угаров ва Анчугин дигар бидуни нӯшокии алколӣ зиндагӣ карда наметавонанд ва бо он ки синну солашон калон нест ва дар синни камолот қарор доранд, ба айёшӣ ва бадмастӣ дода шуда, худро шефтаи алкол кардаанд.

4.Угаров ва Анчугин, аслан одамҳои бад нестанд ва вазифаи расмӣ-идории худро иҷро мекунанд, вале фориғболӣ ва майпарастии онҳо сабаб гардидааст, ки умрро сарфи май ва хушҳолӣ намоянд ва ба ҷомеа зарар расонанд. Албатта, онҳо медонанд, ки майзадагӣ бeморӣ аст ва ба хонавода ва ҷомеа зарар мерасонад. Аммо Угаров ва Анчугин ба ин беморӣ мубтало шудаанд ва намехоҳанд аз ин одати бад дурӣ ҷӯянд. Ба ин кор беиродагӣ ва заъфи фикрии онҳо монеъ мешавад. Муаллифи асар ин мушкилро ҳам, дар баробари мушкилоти дигари иҷтимоӣ бозгӯ мекунад.

5.Хатти марказии пийеса шинохтан ва қадр намудани инсонҳои хуб ва хоксору мададрасон мебошад. Ҷомеа бояд ин навъ инсонҳоро, ки хеле сода менамоянд, вале дили бузург доранд, шиносад ва қадр намояд. Аз тарафи дигар, ба сабаби худбинӣ ва худпарастӣ баъзан инсонҳо рафтору кирдори писандидаи одамони ростин, поктинат, покдил, покният, хоксор, мададгор, некӯкор ва саховатмандро нодида мегиранд ва саховату инсонияти онҳоро бар мизони ғараз ва тамаъварзӣ месанҷанд. Ҳол он ки ин гуна инсонҳо ядро ва ҳастаи ҷомеа ба

шумор мераванд ва то замоне ки онҳо ҳастанд, некӣ, фазилат, фаросат, ҳамдигарфаҳмӣ, асолат, шарофат, наҷобат ва билохира инсоният аз байн намеравад. Аз ин рӯ, мо муваззафем, ки инсонҳои сахӣ ва мададгорро, ки ба ҷуз некӣ кардан чизи дигаре аз мо намехоҳанд, шиносем ва қадр намоем.

6.Нуктаи ҳассоси асар рӯйи беэътимодӣ ва нобоварии инсонҳо ба одамони саховатманду хоксор тамаркуз мекунад. Угаров ва Анчугин, ки муҳтоҷи 36 тин барои харидорӣ кардани як шиша машруботи алколианд, дар сурати ба онҳо тақдим шудани сад сум аз тарафи шахси ношинос (агроном Хомутов), ба ӯ шубҳа карда, вайро мавриди бозпурсӣ қарор медиҳанд. Агроном Хомутов намунаи як инсони одӣ, вале хайрхоҳ аст, ки бо бахшидани сад сум ба ду айёш (Угаров ва Анчугин) тақсири сари вақт хидмати модар расида натавонистанашро ҷуброн мекунад. Асли матлаб ин аст, ки агроном Хомутов, ба сабаби серкорӣ натавонист сари вақт аз модараш дидан намояд ва мехост, ки сад сум ба ӯ фиристода, аз ин тариқ гуноҳи солҳо дур будан ва хабар нагирифтан аз модарашро як навъ ҷуброн кунад. Вале дар дидор таъхир мекунад ва модарро вафтида дармеёбад. Бо афсӯсу надомати зиёд мехоҳад ба аввалин нафари муҳтоҷ сад сумеро, ки барои модараш ҷудо карда буд, бебозгашт бидиҳад. Дар ҳамин ҳолат Угаров ва Анчугин аз равзанаи меҳмонхона ба мардуми роҳрав муроҷиат карда, аз онҳо сад сум қарз мепурсанд. Садои имдодро шунида, Хомутов ба ҳуҷраи Угаров ва Анчугин медарояд ва ба онҳо сад сум медиҳад, то ниёзҳои хешро баровarда созанд. Аммо, ба ҷойи он ки аз ниёзмандону қарзхоҳон Угаров ва Анчугин илтифот бубинад, ба ғазабу қаҳри ин ду нафар мувоҷеҳ мегардад ва ҳамчун дузд, девона, хиёнаткор, қаллоб, худхоҳ, аҳмақ мавриди мазоҳ ва таҳқири на танҳо ин ду нафар (Угаров ва Анчугин), балки дигар ҳамнишинони меҳмонхона (Базилскийи ғижжакнавоз, Ступаки муҳандис, Васютаи фарроши меҳмонхона) мегардад. Дар зимн, Хомутовро барои ёрӣ ва кумаки саривақтӣ ба ду нафар айёш

дастгир ва бандӣ карда, аз ӯ мисли муфаттишон бозпурсӣ менамоянд. Ҳар нафар ӯро ба гуноҳе муқассир дониста, таҳқир мекунад. Хомутови агрономро ҳатто ба қотил муттаҳам мекунанд ва ӯ, бо мушоҳида кардани вазъият ва ором кардани мавҷи хушунатҳои баамаломада иттиҳомотро ба гардан мегирад ва сокит менишинад. Вампилов маҳз ҳамин вазъро гӯшзад кардан мехоҳад: ҷомеа фосид аст; нобоварӣ ва беэътимодӣ дар ҷомеа тасаллут пайдо кардааст; мардум аз худ мегурезанд ва беғаразона кумак карданро муҷоз намедонанд; ҷомеа одамони сода, пок, беғараз, бекина, хоксор ва бетамаъро чашми дидан надорад; некӣ ва мададгорӣ беғараз ва бетамаъ буда наметавонад; инсони беғараз дар назари дигарон муқассир ва муҷрим менамояд. Вампилов ба ин натиҷа мерасад, ки дар ин вазъияти буҳронии мураккаб ва печида, ки ҳамагӣ аз ғаразу кина ва нобоварию беэътимодӣ  кор мегиранд, мушаххасоти ахлоқии меҳру инсоф ва беғаразию бетамаъӣ ба дарди касе намехӯрад. Ин аст роҳи бунбастӣ, ки ҷомеаро аз чор тараф иҳота карда, роҳи бурунрафтро бастааст.

7.Некӣ ва хайрхоҳӣ ба сифати аслҳои ахлоқӣ аз ҷомеа ба дараҷае дур рафтааст, ки одамон инсони сахӣ ва накӯкорро, ки аз амалаш подош ва мукофот намехоҳад, аслан намепазиранд. Ин навъ инсонро ҷомеа (дар мисоли Анчугин, Угаров, Базилский, Ступак, Васюта) тавҳиномез ва масхарагуна “фариштa” унвон мекунад. Ба сухани дигар, ҷомеа ба некӣ ва накӯкории холисона боварманд нест. Инро Вампилов ба унвони фоҷеаи иҷтимоӣ талаққӣ мекунад.

8.Бузургии пийесаи якпардагии “Бист дақиқа бо фаришта”-и Вампилов дар он аст, ки воқеиятро пешорӯйи мо мегузорад ва сари он ҷиддӣ фикр карданро аз мо тақозо менамояд. Магар як инсони беғараз, бекина, холис, пок ва беозорро, ки бидуни дудилагӣ ба хидмати корафтодагон (экспедитор Угаров ва ронанда Анчугин) расида, сад сум маблағеро, ки дар замони Шӯравӣ бо ин гуна маблағ амволи як мағозаи калон харида

мешуд, тақдим мекунад, дузд, девона, қаллоб, бешараф, худнамо, хиёнаткор ва билохира қотил муаррифӣ кардан, аз рӯйи инсоф ва инсоният аст? Ин суолро Вампилов ҳамчун дромнавис ва нависандаи ҳассоси замон матраҳ мекунад, то ҷомеа ба он посух гӯяд ва решаи мушкилот: дардҳо, заъфҳо, бунбастҳо, нотавонбиниҳо, афту дарафтҳои худро бишносад, тафкик диҳад ва дар рафъи камбуду навоқиси иҷтимоӣ, ахлоқӣ, фикрӣ, равонӣ ва маданӣ саҳм бигирад. Ба назари Вампилов, ҷомеа бояд камбуду навоқиси худро, ки боиси ҳарҷумарҷ ва ноҷуриҳои иҷтимоӣ гардида, миёни инсонҳо нобоварӣ ва беэътимодиро халқ кардааст, рафъ созад. Касе ва ё қуввае аз берун барои мо, инсонҳо роҳҳал пешниҳод намекунад ва аз гирдоби мушкилот намераҳонад. Танҳо инсонҳои фариштагунае мисли Хомутови агроном метавонанд зиндагии шоистаро барои ҷомеа фароҳам биоваранд. Агар сафи ин гуна инсонҳо афзуда нашавад ва баръакс, шумораи бе ин ҳам зиёди мутақаллибон, фиребгарон, дурӯягон, риёкорон, худхоҳон, дуздону тамаъкорон, муғризону ҳангомасозон ва амсоли инҳо афзуда гардад, вой бар ҳоли инсоният ва ҷомеаи инсонӣ, ки ҳадафҳои олиро дунбол мекунад!

9.Пийесаи якпардагии "Бист дақиқа бо фаришта", бо он ки хеле кӯтоҳ аст, маънии бузургро дар худ ғунҷонидааст. Дар замони Шӯравӣ бардоштани ин навъ мушкили иҷтимоӣ ба режими сиёсӣ ва сардамдорони ҳизбӣ садама мезад. Бинобар ин, бозгӯ кардани ин гуна мушкил ва проблемаҳои ҷиддӣ, ки ҷомеа ва давлатро аз ҳар ҷиҳат таҳдид мекард, дар он замон осон набуд. Аммо Вампилов ин навъ мушкилотро, ки зарба ба сохтмони давлат ва ҷомеаи сотсиалистӣ мезад, бозгӯ кард ва намунаи боризаш ҳамин пийесаи "Бист дақиқа бо фаришта" аст. Аз ҳама муҳим, Вампилов тавонистааст, ки дар маҳдудаи кӯтоҳи замонӣ мушкили бузург ва глобалиеро, ки тамоми ҷомеаҳоро таҳдид мекунад, матраҳ созад. Дигар ин ки нависанда вуҷуд ва ҳузури инсонҳоеро мисли Хомутов ва Фаина, ки одӣ ва хоксоранд, ба намоиш гузошта, ҳадаф мегузорад, ки онҳо ва

маҳз онҳо метавонанд идеалҳои олии инсонӣ – поктинатӣ, бошарафӣ, мададгорӣ, мардумпарастӣ, инсонмеҳварӣ, азхудгузаштагӣ ва амсоли инҳоро дар ҷомеа побарҷо нигоҳ доранд ва инсонҳоро аз нобоварӣ, беэътимодӣ ва тамаъварзӣ ба сӯйи боварӣ ва беғаразӣ раҳнамоӣ кунанд. Ин порашеър муносиби ҳол аст:

*Шӯри безавқӣ танинандоз гашт,*
*Този хушзавқӣ чӣ беовоз гашт?!*
*Одамӣ дилбастаи эъҷоз гашт,*
*Гӯиё дунболи он як роз гашт,*
*Роз не, дунболи як динбоз гашт,*
*Аз тамаддун сӯйи ҷангал бозгашт,*
*Бешаро анбоз гашт,*
*Пири ҷангалсоз гашт!*

## АЗ СИЛСИЛАИ РАВШАНФИКРОНИ МУОСИР



**Комил**
**БЕКЗОДА**
***файласуф***

***Таҳия ва таҳқиқи:***



**Дидавар**
**БЕКЗОДА**
***равоншинос***



***Фридрих Нитше (1844-1900)***

**(1)**

Муҳаққиқони осори Фридрик Нитше (1844-1900) бештар аз ҳама урупоиён, дар таҳқиқотҳои худ доир ба солҳои муҳим ва ҳодисасози зиндагии Нитше, таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд. Ин таҷрибаи мусбат аст. Чаро ки доир ба мутафаккир ва файласуфе чун Нитше, намешавад дар ҳаҷми як мақола ва ё китобе ихтисосӣ, хонандагонро қонеъ кард. Пас, зарурате пеш меояд, ки муҳимтарин ҳодисаҳои зиндагии шахсӣ ва эҷодии ӯро ба таври мухтасар ва феҳраствор ба хонандагони фозил пешкаш намоем.

**(2)**

**1844.** 15 октябр: Нитше дар Рукен (Rocken) ба дунё меояд. Падараш, кашише (рӯҳоние) Лютеримазҳаб, номи ӯро бо номи подшоҳи Прус (Олмон) Фридриш Вилҳелм (Friedrich Wilhelm) мегузорад.

Модари Нитше духтари рӯҳонии деҳкадае дар Саксония (вилояте дар шарқии Олмон) буд. Аҷдоди Нитше, ҳам аз сӯи падар ва ҳам аз тарафи модар, пушт андар пушт, рӯҳониёни лютеримазҳаб буданд.

**(3)**

**1846.** 10 июл: Элизабетта ягона ва танҳо хоҳари Нитше ба дунё меояд.

**(4)**

**1849.** 30 июл: Падари Нитше дар асари осеби мағзӣ (ё шояд навъе бемории ирсии мағзӣ?) мемирад.

**(5)**

**1850.** Хонаводаи Нитше ба Наумбург (Naumburg) шаҳре қадимӣ дар шарқи Олмон нақли макон кард (кӯчиданд).

**(6)**

**1852.** Нитше аз дабистони маҳаллӣ ба мадрасаи хусусӣ ва сипас ба Домгимназиум (Domgymnasium) ё дабиристони Наумбург меравад. Камтар бо дигарон муошират мекунад. Дар соли 1856 ба иллати (сабабҳои сардардҳои шадид) ва дарди чашм аз мадраса ғоиб мешавад.

**(7)**

**1858.** Дар дафтари хотироташ, аввалҳои кори оҳангсозии худро ба ёд меоварад ва осори адабии хеш (дар ҳудуди панҷоҳ қитъаи шеърӣ)-ро баррасӣ мекунад (Дар синни 18 солагӣ).

**(8)**

**1858-1864.** Ба Шулфорта (Schulptorta)-маъруфтарин мадрасаи шабонарӯзии протестантӣ дар Олмон меравад ва дар забону маорифи лотинӣ ва юнонӣ омӯзиши дурахшон мебинад. Дар соли 1861 дар маросими таъйиди (confirmation) мазҳабӣ ширкат мекунад. Пайкар ва ҷисмаш ҳамчунон заъиф аст. Бо ду тан аз дӯстонаш анҷумане (маҳфиле) ҳунарӣ ба номи “Германия” таъсис мекунад.

**(9)**

**1864.** Октябр: Нитше дар донишгоҳи Бонн қабул мешавад ва дар риштаи забон ва маорифи лотинӣ ва юнонӣ номнависӣ мекунад ва ба яке аз маҳфилҳои донишҷӯйӣ ба номи “Франкония” (Franconia) мепайвандад.

**(10)**

**1865.** Феврал: Нитше аз русипихонае (фоҳишахонае), ки дӯстонаш қасдан ӯро ба онҷо бурдаанд, мегурезад. Дӯсташ Деусен (Deussen), ҳиндшиноси маъруф, баъдҳо дар ин бора мегӯяд: “Ҳаргиз ба зане даст намезанад” (Масали лотинӣ).

Бо Ричл (Ritschl) яке аз устодонаш дар Бонн, ба Лепсиг меравад. Бо фалсафаи Артур Шопегауэр (1788-1860) ошно мешавад. Бо Эрвин Роде (Erwin Rohde) ки ӯ низ дар забон ва маорифи лотинӣ ва юнонӣ тахассус дорад, дӯстӣ оғоз мекунад.

**(11)**

**1866.** Чанд таҳқиқи олимона аз ҷумла пажӯҳишеро, ки дар бораи Теогнис (Theognis), асри 6-уми пеш аз мелод юнони шоири андарзгӯи юнонӣ, карда буд, аз нав менависад ва дар соли 1867 мунташир мекунад.

**(12)**

**1867.** Рӯзи 9 октябр, шурӯъ ба хидмати вазифа дар як гурдони (баталёни) саворанизом мекунад.

**(13)**

**1868.** Март: Дар натиҷаи ҳодисае ҳангоми саворӣ, синааш осеб мебинад.

Октябр: Ба Лепсиг бозмегардад. Сахт дар бораи “тоифаи забоншиносон...ва фаъолиятҳояшон, ки монанди муши кӯр нақб (роҳи пинҳон) мекананд... ва беэътиноияшон нисбат ба масоили ҳақиқӣ ва таъҷилии зиндагӣ” ошкор аст, дучори шакк ва тардид мегардад. (Ба нақл аз номае ба таърихи 20 октябр дар Роде).

Ноябр: Нахустин мулоқот бо Ричард Вагнер (Richard Wagner) (1813-1883) оҳангсози олмонӣ.

**(14)**

**1869.** Феврал: Устодёри (ёвари устоди донишгоҳи) забоншиносии таърихии лотинӣ ва юнонӣ дар донишгоҳи Базел мешавад.

Май: нахустин дидор аз Вагнер ва Козима Фон Булов (Cosima von Bulow) дар Трибшен (Tribchen). Нахустин мулоқотҳо бо Якоб Буркхардт (Jakob Burckardt) (1817-1897)-муаррихи ҳунаршиноси шведӣ.

**(15)**

**1870.** Апрел: Ба курсии устодӣ мансуб мешавад. Аз моҳи август дар ҷанги Фаронса ва Прус довталабона ба унвони мустахдим дар беҳдории артиш хидмат мекунад.

Бо Франс Овербек (Franz Overbeck), ки мутахассиси таърихи дини Масеҳ, вале мулҳид ва мункири вуҷуди Худост, дӯст мешавад. Дар номаи ба таърихи 15 декабр ба Роде, нисбат ба арзишҳо, усул ва нигариши ахлоқии аҳли шуғл ва ҳирфаи худ ибрози нороҳатӣ мекунад ва менависад, "дар донишгоҳҳо расидан ба ҳеҷ ҳақиқати бунёдӣ имконпазир нест".

Барои нахустин бор аз вуҷуди таклифи (масъулияти) тарбиятии бузурге, ки шахсан бояд бар уҳда бигирад, огоҳӣ нишон медиҳад, ки ҳадафи он бояд "тарбияти илмӣ ва ахлоқии миллати мо бошад". (Номаи 12-уми декабр ба Карл Фон Герсдорф) (Carl von Gersdorff).

**(16)**

**1871.** Ба идомаи кор дар забоншиносии таърихии лотинӣ ва юнонӣ рӯз ба рӯз берағбаттар мешавад.

Дар моҳи феврал ба мураххасии дармонӣ (табобатӣ) ба кӯҳҳои Алпи Шветсия меравад.

**(17)**

**1872.** Аввали моҳи январ: (Зоиши трагедия аз рӯҳи мусиқӣ). Дар аввалҳо ҳатто як нақд ва баррасӣ дар бораи китоби "Зоиши трагедия" ба чашм намехӯрд. Сипас, Ҳ.Узнер (H.Usener), яке аз ҳамкорони Нитше дар Бонн, дар мазҳари ом (дар ҳузури мардум) ба накӯҳиш ва айбҷӯӣ аз он мепардозад ва мегӯяд: "Ҳар кас ки чунин чизе навишта бошад, ба унвони муҳаққиқ кораш тамом аст". (Яъне муҳаққиқ нест).

Январ-март: Панҷ суханронии умумӣ “дар бораи ояндаи муассисаҳои омузишии мо” дар Базел. Матни ин суханрониҳо пас аз марги Нитше ба чоп мерасад.

Май: дар маросими гузоштани нахустин санги бинои театри Байрет (Bayreuth) ширкат мекунад. Ҳанс Фон Булов (Hans von Bulow) (1830-1894) пианист ва раҳбари оркестр ва мусиқишиноси олмонӣ-ҳеҷ гуна шоистагӣ ва ҳусне аз назари мусиқӣ дар жарфандешии Манфред Медитейшн (Manfred Meditation), сохтаи Нитше намебинад.

Ин нахустин сол аз солҳои офаринандагии Нитше аст ва охирин соли бархӯрдории ӯ аз тандурустии нисбӣ.

**(18)**

**1873.** Нахустин қисмат аз андешаҳои нобаҳангом (ки тохтутозест ба таҳрири соли 1864-и китоби Давид Штраус (D.F.Strauss) “Зиндагии Масеҳ, бо бознигарӣ барои истифодаи миллати Олмон”.

Вагнер меранҷад, вале ором мешавад. Дӯстӣ бо Пол Ри (Paul Ree), нависандаи матолибе дар равоншиносӣ.

Мубтало ба судоъ (сардард) (ё мигрен-нимасардард) ва заифтар шудани биноӣ.

**(19)**

**1874.** “Андешаҳои нобаҳангом”: қисмати 2: “Дар боби қавоиди таърих”. Қисмати 3: “Шопенҳауэр дар мақоми мураббӣ”.

Тартиби зиндагии Нитше акнун дигар муайян аст: табобат ва дармон дар марказҳои оби маъданӣ; сафар дар кӯҳҳои Алпи Шветсия; гузаронидани соли таҳсилӣ дар Базел.

**(20)**

**1875.** Дӯстӣ бо Питер Гаст (H.Koselitz) (Peter Gast)-мусиқидони ҷавоне, ки аз ин пас тақрироти (гуфторҳо)-и Нитшеро менависад ва дастнавиштаҳои нохонои ӯро омодаи чоп мекунад.

“Машғули тамринам, ки шитоби ношӣ (пайдошуда) аз шавқ ба донистанро, ки ҳамаи донишварон ба он дучоранд, фаромӯш кунам...зудтар аз он, ки истеҳқоқ (шоистагӣ) дошта бошам, ба тандурустӣ даст нахоҳам ёфт...” (Номаи 13-уми декабр ба Герсдорф).

Афзоиши буҳронҳои рӯҳӣ ва маънавӣ.

**(21)**

**1876.** “Андешаҳои нобаҳангом”: қисмати чаҳор: Ричард Вагнер дар Байрет (“Richard Wagner in Bayreuth”).

Афзоиши эҳсоси танҳоӣ пас аз издивоҷи чанд тан аз дӯстон. Пешниҳоди издивоҷи ногаҳонӣ ва тавъам бо бемайлӣ ба зани ҳоландии ҷавоне бо номи Матилда Трампедах (Mathilde Trampedach).

Аз 15 октябр: мураххасии табобатии яксола. Женева, Напол, Соренто.

Вагнер ва ҳамсарашро дар Соренто мебинад. Вагнер дар борраи нақшмояҳо ва намодҳои (символҳо)-и масеҳии операи Парсифал (Parsifal) вориди шарҳу тафсил мешавад. Ба назари Нитше, эътиқодоти масеҳии Вагнер, “тазоҳур ба бозигарии маҳз” ва кӯшише ба тақозои рӯз “барои расидан ба тартибе ба масодири (сарчашмаҳо)-и қудрат дар Олмон аст, ки ҳоло обид ва порсо шудаанд”. Вагнер ва Нитше дигар аз ин пас ҳаргиз бо якдигар мулоқот нахоҳанд кард.

**(22)**

**1877.** Соранто, Рагаз (Ragaz ё Ragatz)-айлоқе дар Кантон Сингал дар Шветсария ва маҳалли чашмаи оби гарми маъруфе дар 100- километрии ҷануби шарқии Сюрих.

“Танҳо самараи тафаккури масъаласоз ва саргардонкунандаи ман то кунун ин буда, ки маро сахт бемор кардааст: то ҳангоме ки ба ростӣ муҳаққиқ будам, тандуруст будам!” (Номаи аввали июл ба Мойзембуг).

Манзумаи “Прометейи гусастазанҷир” асари Шелли (P.B.Shelly)-шоири англисро мехонад ва дар номаи ба таърихи 28 август ба Роде менависад: “Ман дар баробари касе, ки қодир ба таҷриба кардани чунин чизе дар даруни худ ва шакл додани ҳунарӣ ба он бошад, то камар таъзим мекунам”.

“**Ман дар оташи иштиёқ ба хештан месӯзам**: мавзӯи доимии зиндагии ман дар даҳ соли гузашта ба ростӣ чизе ҷуз ин набудааст”. (Номаи 30 август ба Мария Баумгартнер).

**(23)**

**1878.** “Инсонӣ, зиёд инсонӣ”: китобе барои ҷонҳои озода. Фалсафа дар мояи навин, мояи “шудан”: “на ҳеҷ воқеияти ҷовиде вуҷуд дорад ва на ҳеҷ ҳақиқати мутлақе. Бинобар ин, он чи аз ин пас

лозим аст, тафаккури фалсафӣ аз назаргоҳи таърихӣ аст ва фазилати қаноат ба он”.

Шикоят аз “бегона шудани ин ҳама дӯстон ва ошноён” (Номаи 31-уми май ба Гаст).

Конуни хонавода дар Базел аз ҳам мепошад. Номае аз таърихи 15 июл: Нитше худро файласуфи зиндагӣ меномад” (philosopher of life). Рӯзи 18 ноябр аз “бунёди дарҳамшикаста”-и хеш сухан мегӯяд.

**1879.** Замимае иборат аз калимаҳое андарзгуна ба китоби “Инсонӣ, зиёд инсонӣ”, илова мекунад.

“Дар айни танҳоӣ...бар зидди худам ва ба тарафдорӣ аз ҳар чӣ маро–махсусан, маро меозорад ва осон ба дастам намерасад, ҷабҳа гирифтам” (Дебоча –и соли 1886).

14 июн: вазъи ҷисмонии Нитше ҳамчунон харобтар мешавад. Аз курсии устодӣ (муаллимӣ) истеъфо медиҳад. Нахустин сафар ба Энгадин (Engadine) –минтақае зебо дар шарқи Шветсария.

“Дар нимароҳи зиндагӣ, марг чунон маро дар муҳосира гирифта аст, ки ҳар соат мумкин аст бар ман даст ёбад...медонам, ки қатраи ҷононае аз равған дар ман рехтаанд ва он чи кардаам, фаромӯш нахоҳад шуд” (Номаи 11 сентябр ба Гаст). “Дастнавиштаи китоби “Инсонӣ, зиёд инсонӣ”...ба баҳоиончунон гарон ва ба қимати он қадар сахте ва машаққат тамом шудааст, ки ҳеҷ кас агар соҳибихтиёр буд, ба чунин баҳое онро наменавишт” (Номаи 5 октябр ба Гаст).

**(24)**

**1880.** Бахши поёнии китоби “Инсонӣ, зиёд инсонӣ”: ду: “тафарруҷгар ё нигоҳкунанда ва сояи ӯ” (The Wanderer and his Shadow).

Наумбург, Болзано, Венетсия, Меринбад, Франкфурт, Ҳайделбург, Локарно, Стреза, зимистон дар як хонаи яхбандон зери шервонӣ (боме), ки аз тунукаи оҳанин сохта шуда буд, дар Женева зиндагӣ мекард.

**(25)**

**1881.** Китоби “Сапедадам: андешаҳое дар бораи пешдовариҳои ахлоқӣ”.

“Дар мавриди нигариши ман нисбат ба масеҳият...ман ҳақиқатан, дар қалбам ҳаргиз қадри онро поён наовардаам ва аз рӯзҳои кӯдакӣ, борҳо дар дарунам бо кӯшиши тамом хостаам, ки ба

сӯи ормонҳои он гом бардорам, ниҳоятан дар чанд соли охир, ҳамеша бархурдаам ба ин ки ин кор муҳол аст” (Номаи 23 июн ба Овербек).

Нахустин иқомат дар Силс-Мария (Sils Maria). Дар инҷо “ду ҳазор метр бар фарози (болотар аз) инсон ва замон” чизе ба хотири Нитше расид, ки баъдҳо (дар “Инсонӣ, зиёд инсонӣ”, соли 1888), номи онро гузошт: Мафҳуми бунёдии (Чунин гуфт Зардушт), яъне тасаввури **Бозгашти Ҷовидона** ё давр ё такрори абадӣ (Eternal Recurrence).

Давраҳои афсурдагӣ: “Ман худро хате каҷ ва печида мебинам, ки неруи ношинохта барои имтиҳон кардани **қаламе нав** рӯи коғаз мекашад” (Номаи поёни август ба Гаст).

**(26)**

**1882.** Китоби “Дониши тарабнок”.

Нахустин мавриди баёни андешаи ниҳоии худ доир ба дин.

Нитше ошиқи духтари русии ҷавоне бо номи Луи (Луиза) Фон Салома мешавад (Оё ин танҳо моҷарои ишқии Нитше аст). Нитше аз Пол Ри, ки худ ба доми ишқи Луи Фон Салома гирифтор аст, мехоҳад, ки аз тарафи ӯ (Нитше) аз духтар хостгорӣ кунад. Луи дасти рад ба синаи ҳар ду мезанад.

Бо дӯстонаш бакуллӣ қатъи робита мекунад. Сахт ба ин эҳсос дучор аст, ки Луи ва Пол Ри ба ӯ хиёнат кардаанд.

“Хаёлбофиҳои ман чӣ фарқе ба ҳоли Шумо мекунад? Ҳатто ҳақиқатгӯиҳои ман барои Шумо аҳамияте надоштааст. Дилам мехоҳад ҳар ду ба ин фикр кунед, ки мани нимадевонае дучори сардардам, ки аз рӯзи танҳоӣ ба ҷунун гирифтор шудаам” (Номаи миёнаҳои декабр ба Луи Салома ва Пол Ри).

“Агар муваффақ ба кашфи ҳаққаи (ростини) кимиёгарон нашавам, ки ҳатто ин касофат (беморӣ)-ро табдил ба тилло кунам, дармонда хоҳам шуд” (Номаи рӯзи таваллуди Масеҳ ба Овербек).

**(27)**

**1883.** “Чунин гуфт Зардушт: китобе барои ҳама кас ва ҳеҷ кас”. Бахшҳои аввал ва дуввум. Арзёбии худи Нитше аз ифрот (муболиға) ва тафрит (кӯтоҳӣ) меравад: “...умқи ҷиддият ва кулли фалсафаи ман дар паси он калимаҳои сода ва ғариб нуҳуфта аст” (Номаи 28 июн ба Гирсдорф), вале аз сӯи дигар: ҳеҷ чизеро наметавон хуб аз об даровард, ман дигар ҳеҷ чизи хубе дуруст нахоҳам кард, асосан чаро

бояд чизе дуруст кард. Ин маро ба ёди охирин ҳамоқатам меандозад, манзурам китоби Зардушт аст” (Номаи охирҳои моҳи март ба Мойзенбург).

13 феврал: Марги Вагнер. “Вагнер **комилтарин ва саршортарин** инсоне буд, ки то кунун шинохтаам” (Номаи 22 феврал ба Овербек).

“Шаш сол душмани касе будан, ки шахсе аз ҳама кас ба ӯ бештар эҳтиром мегузошта, бисёр душвор буд...”. (Номаи 19 феврал ба Гаст).

Мегӯяд, тасмим гирифтаам дигар дар Олмон ва бо бастагонам (хешу таборам) зиндагӣ накунам” (Номаи 27 октябр ба Овербек).

## АЛБОМИ ХОНАВОДАГӢ ВА ДӮСТОНИ НИТШЕ



**Карл Людвиг Нитше (1813-1849)-падари Нитше**



**Франсиска Эрнестин Росаура Нитше (1826-1897)-модари Нитше**



**Хонаи Нитше ва хоҳараш дар Веймар (1867)**



Элизабета-хоҳари Нитше дар соли 1881



Нитшеи бемор бо модараш дар соли 1891



Нитше дар 27 солагӣ



Нитше дар 24 солагӣ




**Нитше дар 16 солагӣ**



**Нитше дар 21 солагӣ**



**Нитшеи ошиқ дар 32 солагӣ**



**Лу (Луиза) Салома-маъшуқаи бевафои Нитше!**



**Питер Гаст-мусиқидон ва муҳаррири навиштаҳои Нитше**



**Пол Ри-равоншинос**



**Франс Овербек-диншиноси даҳрӣ**



**Ричард Вагнер бо ҳамсараш Козима дар соли 1872**




**Луиза Салома, Пол Ри ва Нитше дар соли 1882. Бо пешниҳоди Луиза ин ҳолатро аксбардорӣ намудаанд. Пол Ри ва Фридрих Нитше ҳарду ошиқони Луиза буданд. Вале ӯ ишқи ҳардуро рад кард.**

***Ишқ агар фармон диҳад, аз ҷони ширин ҳам гузар,***

***Ишқ маҳбуб асту мақсуд асту ҷон мақсуд не!***



**Имзои Фридрих Нитше**

## НАСРИ БАДЕӢ

**МИРЗОНАСРИДДИН**
*нависанда*

# ДУХТАРИ МУАЛЛИМ
*(Ҳикоя)*

Ишқро оғоз ҳаст, анҷом нест.
Саъдӣ

Мардуми Вахшонзамин аз носозие, ки майдоннишинон, ба сарашон оварда буданд, хонаю дарашонро партофта мегурехтанд, чунонки солҳои бистуми асри бист, бобоёну пайвандонашон табор-табор аз ҷафои болшевику босмачӣ фирор карда буданд.

Мардуме, ки дар он солҳо хорзору найзорҳои санг барин сахтшударо бо каланду зоғнӯл канда, киштзор карда, на як бору ду бор хона сохтаю тӯю маъракаҳо ороста, бо ҳам паймони хешию дӯстӣ баста буданд, ҳоло аз якдигар, мисле ки аз пасашон мор медавад, мегурехтанд. Халқе, ки ба меҳнатқаринию саховатмандӣ ном баровarда буд, ҳоло бо лақаби «вовчику юрчик» бадном шудаю сархаму сарафканда, баъзе бо мошин, баъзе бо трактор, баъзе коло дар пушт мегурехт. Юрчик ҳам мегурехту вовчик ҳам. Фақат онҳое, ки худро деҳқони хокпош мегуфтанд ё муаллиму духтуроне, ки ба майдоннишинҳо шарик набуданд, зуъм карда менишастанд. Яке аз онҳо сокини деҳаи Аскари Сурх Барзу буд. Занаш Назокат, дар деҳа, дувоздаҳ сол инҷониб духтур аст. Барзу ҳар вақте аз занаш мешунид, ки фалонӣ кӯч бастааст, ӯро тасаллӣ медод: «Мо ҳам ба вовчикаш, ҳам ба юрчикаш аз таги дил хизмат мекардем. Ба майдон рафтан ё нарафтанашон кордор набудем, пас аз кӣ метарсем?» Барзу ин суханҳоро мегуфт, лекин дар дилаш хавотирӣ дошт. Қариб як сол мешавад, ки мардум ба гурӯҳҳо тақсим шуда, аз якдигар

айб меҷӯстанд. Баҳси майдонҳо ба масҷидҳо кашида шуд. Дар масҷидҳо байни намозгузорон гурӯҳбозӣ шуд.

Барзу солҳои ҳафтодум дар техникуми барқии шаҳри Қӯрғонтеппа муаллим буд. Баъде, ки рисолаи номзадӣ ҳимоя кард, ӯро ба Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбе даъват карданд, ҳоло соли ҳафтум буд, ки он ҷо аз таърих дарс мегӯяд. Дар се-чор моҳи охир чун авзоъи замона рӯз то рӯз баду бадтар мешуд, охири ҳар ҳафта омада, зану фарзандҳояшро хабар мегирифт. Ҳар дафъаи омаданаш, медид, ки вовчику юрчикҳо роҳҳоро соҳиб шуда, ба таврашон пост мондаанд. Боре дар даромади Қӯрғонтеппа гаравгонаш гирифтанд. Ҷавони калтаи чашмзарде «Муаллим дар техникум ба мо дарс медод, мужик аст» гуфту аз чанголи ҳамроҳон халосаш кард. Ӯ то даромади деҳа якчанд мошинҳои кӯчбарро диду бештар дилаш сиёҳ шуд. Торикӣ фаромада буду дар ҷое барқ нест. Баъзе хонаҳоро шамъ рӯшан мекард.

Аз хонаи поёни масҷид овози гиря меомад. «Хонаи Азизхӯҷа! Чӣ гап шуда бошад? Мабодо паронда бошанд?..» Барзу қадамашро тезонд . Занаш дарвозаро кушода, бо тарс ба рӯяш нигариста гуфт:

-- Ин ҷо чунон корҳо мекунанд…

Ва худро дошта натавониста, гиря кард.

-- Чӣ корҳо мекунанд? – ба дили Барзу тарс ҷой гирифт.

-- Имрӯз Азизхӯҷаю додараш Азаматро дар даромади участкаи сеюм парондаанд. Дар пости совхози дуюм Шарифи директори бозору Ҳайдари писархолааш ва боз ду нафарро аз деҳаи Неъматобод, дошта, ба тарафи номаълум бурдаанд. Онҳо аз Қизилқалъа, аз тӯй меомадаанд.

Барзу ҳайрон шуд: фикр кард, ки Азизхӯҷа ба майдонҳо равуо дошт, аммо Шариф ба кори бозораш банд буд. Ба касе бадӣ накардааст. Ӯ, то ки занашро хавотир накунад, нагуфт, ки худашро ҳам дошта қариб мебурданд.

Пагоҳӣ Барзу ба кор равам - наравам гуфта, андеша дошт, ки ду мошин камондорҳо ба деҳа даромада, дар пеши чашми мардум Ҳикмати магазинчию Раҳмонбердии додари бригадирро аз хонаҳошон пешандоз карда бароварда ба

«Волга»-ашон зер карда бурданд. Касе нагуфт, ки «ҳой исто! Худаш чӣ гап?!».

Назокат Барзуро кор рафтан намонд. «Дар ин қиёмат куҷо меравед?! Кори ҳамин давлати бесару пой сараша хӯрад!» -гуфт. Субҳи рӯзи дигар зан зарфи говдӯшӣ дар даст даромада, бо таҳлука хабар дод:

-- Имшаб дастаи Гургалӣ бо БТР-у мошинҳо ба гузари Лаби Рӯд даромада, чанд мардро ба зӯри бор карда бурдаанд. Баъди онҳо рафтан Муллошарифи ришрехтаю Рашиди кал дум хода кардаанд. -- Камзӯлашро аз тан кашида, болои кӯрпаҳо ҳаво доду илова кард: -- Баҳоррӯя ҳаминҳо, раҳматии Азизхуча ҳам ҳамроҳашон буд, аз даҳон кафк паронда, «Зинда бод бозсозӣ! Зинда бод Горбачов!» гуфта, дар кучаҳои деҳа нонхӯракҳои заҳрхӯрда барин ин тараф он тараф медавиданд. Одамонро дошта, «чаро ба майдон нарафтӣ?!» гуфта, пӯписа мекарданд. Ана оқубати пешхезиҳошон чӣ овард?!

Барзу кор нарафт. Лимӯҳояшро, ки пухта буданд, дар даҳ қуттӣ чида, ба таҳхона ҷой кард. Дар як ҳафтае, ки он ҷо буд, пайиҳам овозаҳоеро мешунид: «Камондорҳо аз фалон участка фалониҳоро гаравгон гирифтаанд. Камондорҳо фалониҳоро парондаанд».

Охири ҳафта Барзу китобу дафтарашро ҷамъ карда, як тараф монд ва дигар истиҳола накарда, «Жигулӣ» -- ашро, ки як моҳ боз хоб буд, бароварда, созу боз кардаю ба занаш фармуд, ки либосу китобҳои бачаҳо (се фарзандаш дар мактаби миёна мехонанд)-ро гирифта, тайёр кунад. Худаш ба наздӣ шогирдаш, ки дар пости даромади Қӯрғонтеппа меистод, рафт. Ба ӯ пул дода, розӣ кард, то онҳоро ҳамроҳӣ карда, аз постҳои атрофи шаҳр гузаронад.

Дар «Жигулӣ» ду-се гилему як қисм пӯшиданиҳоро гирифтанд, дигар ҷой намонд. Занаш таъкид кард, ки ин дафъа, ки омад, боқӣ либосҳояшонро гирад. Барзу онҳоро ба Душанбе ба хонае, ки иҷора менишаст, оварду рӯзи дигар ба деҳа баргашт, ки мошини калон ёфта, ду халта орди дар хонааш буда (дар шаҳр нону орд камёфт шудааст) ва дигар чизҳои заруриро бор карда барад. Се рӯз, ҳарчанд поёну боло давид, мошин наёфт. Рӯзи чоршанбе, тарафи бегоҳ, дар ин тирамоҳи камонмардон аввалин шакарнам борид. Барзу кӯча

баромада, то саҳне, ки он ҷо бачаҳо бегоҳиҳо ҷамъ омада, футболу дигар бозиҳо мекунанд, рафт. Ҳоло он ҷо касе наменамояд. Аз поёни саҳн канали начандон калон мегузарад. Дар он сӯи канал, ки гузари Лаби Рӯд ном дорад, хонаҳои батартиб пӯшида қаторанд. Хонаи аввал, хонаи муаллим Раҳимзода аст. Дар паҳлӯяш хонаи домодаш Абдухалил. Назокат гуфта буд, ки Раҳимзода зану духтару домодашро ба Шаҳритус, ба назди писари калонӣ, ки он ҷо сарбухгалтери савхоз будааст, роҳӣ кардаю худаш дар ду ҳавлӣ хонапой аст.

Барзу ба канори саҳн омада, ба ҳавлии Раҳимзода нигарист. Вай, ҳар вақте ки ба деҳа биёяд, як маротиба ин ҷо меояд, ба он дару девори шинос менигарад, давраи ҷавонӣ, рӯзҳои ишқу ошиқиашро ба духтари муаллим Манзармоҳ ба ёд меорад.

Аз он рӯзҳо нуздаҳ сол гузаштаасту мегӯӣ, дирӯз буд. Донишгоҳро хатм карда, дар деҳа муаллим шуд. Ҳар пагоҳӣ назди оина истода, ба гуфти модараш, «муаллимбача худаша созу боз кардаю ба мактаб меравад». Боре бо хоҳиши Раҳимзода китоберо барояш бурд. Дар лаби ҷӯйборе, ки аз поёни заминаш мегузашт, духтари наҳифандоми ситорагармеро дид, ки дасту рӯй мешуст. Вай мисли дигар духтарони деҳа рӯй пӯшида нарафт. Дар ҳамон ҳолате, ки чеҳрааш чун гули садбарги шабнамрехта менамуд, мисли каси шинос салом доду «падарамро ҷеғ занам?» гуфт.

-- Ба фикрам, шумо духтари муаллим, -- гуфт Барзу.

-- Бале, ман духтари муаллим, -- духтар хандид. -- Дар синфи 10-и «А» мехонам. Шумо дар 10-и «Б» дарс медиҳед.

-- Пагоҳ директорро розӣ карда, ба синфи 10-и «А» мегузарам, -- гуфт Барзу.

-- Муаллими худамон нағз, -- духтар нигоҳи тезе ҷониби Барзу андохт. Дар чашмони сиёҳи зебояш ҳисси кунҷковӣ ва содагии ҷавонӣ ҷилвагар шуд. Ин дам аз дохили хонае, ки аз мӯриаш дуд фағона мезад, овози «Манзармоҳ!» гуфтани модараш баромаду духтар «шумо ҳам биёед» гуфта, пеш даромад.

Ҳамон вохӯрӣ онҳоро ошиқу маъшуқ кард. Дар мактаб нигоҳашон ҳамдигарро меҷуст. Аммо Манзармоҳ ба Барзу

рӯи хуш намедод, наздикӣ намекард. Барзу рӯзе, ки Манзармоҳро намедид, ба ин саҳни ҳоло истодааш омада, ин тараф -- он тараф қадам зада, атрофро «тамошо» мекард. Манзармоҳ ҳам, ки ӯро медид дар ҳавлӣ худро ба коре «андармон» вонамуд мекард. Аз дур якдигарро дидан барояшон кифоя буд, ки дилҳошон ором гирад.

Боре Барзу се рӯз дар мактаб Манзармоҳро надид, ба кӯчае, ки аз назди дарвозаашон мегузашт, рафт. Дарвоза пӯшида буд. Хона надаромад. Чӣ гуфта медарояд? Гузашта рафту бозпас гашт. Ду-се дафъа равуо кард, ки Манзармоҳ баромад.

-- Шумо… -- садо дод духтар. -- Ин ҷо қадамзаниро шунида гуфтам, кӣ бошад? – ӯ ҳам аз дидани Барзу хурсанд буд.

-- Се рӯз мактаб наомадед, дилам ғусса бароварду омадам, -- Барзу рости гапро гуфт. Ӯ аз рӯи духтар чашм намеканд.

-- Каме гулӯдард шудам, пагоҳ мерафтам -- нигоҳи онҳо ба ҳам печид, сухани духтар, оҳанги маҳрамона дошт.

-- Дар деҳи ҳамсоя дорухона ҳаст, рафта дору меорам.

-- Не, бибим пагоҳӣ омада буданд, гуфтанд, ки забонаки гулӯят фуромадааст. Ба гӯшаи рӯймолашон аз таги гулӯям ҳафт маротиба бардоштанду «ҳафту рафт» гуфтанд, нағз шуд.

-- Гулӯи ман ҳам дард мекунад. Назди бибиатон дароям, «ҳафту-рафт» мекунанд?

-- Бибим дар гузари таги Чинор, ҳамон ҷой равед, -- гуфт Манзармоҳ бо табассум ва оҳанги рафтан кард.

-- Ҳоло истед, куҷо саросемаед, духтари муаллим шуда…

-- Одамон бинанд, гап мекунанд.

-- Аҷиб суханҳо мегӯед, ман шуморо духтари шаҳрӣ мегуфтам…

-- Чӣ фарқ дорад? -- нигоҳи Манзармоҳ ҷиддӣ шуд ва дарро кушода рафт.

Баъдҳо ҳамин гуна аҳён-аҳён вохӯрдаю аз суҳбати ҳамдигар шод мешуданд.

Баҳор Барзуро ба сафи армия даъват карданд. Тақдир ӯро ба ҷои дур, ба вилояти Забайкале бурд. Вай, ки маълумоти олӣ дошт, бояд як сол хизмат мекард. Аз он макони дур

нома дар як моҳ ба пайвандон мерасид. Манзармоҳ мактабро хатм карда ба кори колхоз даромад, дар қатори дигарон пахта мечид, алаф, гандум медаравид.

Барзу шаш моҳ хизмат карду аз Манзармоҳ нома гирифт. Номаи каси маҳбуб чунон хурсандаш кард, мегуфтӣ парвоз мекунад. Манзармоҳ навишта буд:

«Аз ҳамон вохӯрии лаби ҷӯй аст, ки шумо дар пеши назарам. Кошкӣ во намехӯрдем. Аммаам бори панҷум аст, ки хостгорӣ меояд. Як зани берӯй, ки «не»-ро намефаҳмад. Як гап дар даҳонаш. «Як писар дораду ба вай фақат ман маъқул будаам. Барои хушбахтии мо ҳама корро мекардааст». Ман ҳар дафъа ба модарам мегӯям: «Розигӣ додед, аз хона баромада меравам». Дирӯз падарам маро ба хонаашон дароварда, ба тавроашон «насиҳат» карданд: «Ту духтари баақламӣ. Ҳама умедам ба ту. Ман медонам, ки ту аз сухани падарат намебароӣ». Гуфтам: «Падарҷон, ба касе, ки нағз намебинам, чӣ гуна дар як болин сар мемонем?» Он кас бошанд, гуфтанд: «Ҳай-ҳай, духтарам, ин суханро нагӯй. Мардум фаҳманд, мегӯянд, ки духтари фалонӣ рӯ баровардааст». Ва дигар варсоқиҳо. Ман гуфтаниям, ки агар дар дили шумо ҳам муҳаббат бошад, дар давоми як моҳ чорае созед. Шумо мард, ба шумо осон».

Ҷаҳон дар чашми Барзу тира шуд. Фикр кард, ки аз рӯзи фиристодани мактуб, бисту ду рӯз гузаштааст. Оё ӯро ҷавоб медиҳанд? Ҷавоб диҳанд ҳам, дар ҳашт-нуҳ рӯз ба деҳа расидан метавонад?

Нома дар даст, назди командири рота даромад. Командир, марди руси рӯйҳояш доғи кунҷитакдор, суханашро гӯш кардаю қавоқ андохта, аз ҷояш хест. Баъд аз ду рӯз хабар дод, ки командири қисмро ёфта гапзанон кардаю ӯро ҷавоб гирифтааст. Ва синчакорона ба рӯяш зеҳн монда, илова кард: «Сахт исто. Падари духтар не гуфт, ротаро ба сараш мебарем».

Аз Забайкале ба ин тараф самолёт намепарад. Ба автобус шаш соат роҳ гашта, ба шаҳри Чита омад. Аз Чита дар як ҳафта як рейс ба Тошканд мепаридааст. Хуллас, нӯҳ рӯз роҳ гашт, дар толорҳои фӯрудгоҳҳо, истгоҳи мошинҳо хобу хез карда, дар бегоҳии рӯзи нахустини соли 1975, ки борону барф якҷоя меборид, дар мошини болояш кушода, ки ангишт дошт, дар хунукӣ ях кардаю бо либосҳо ва сару рӯи сип-сиёҳшуда

ба деҳа расид. Шаб аз модар фаҳмид, ки ду ҳафта пеш Манзармоҳро ба писараммааш фотиҳа кардаанд. Пагоҳӣ ба падар чизе нагуфта (хоҳ-нохоҳ падар ба духтари фотиҳакарда хостгорӣ намеравад), сӯи хонаи муаллим Раҳимзода роҳ гирифт. Барфи шаб борида, заминро пӯшонда пагоҳӣ суст шудааст. Ҳама ҷо пури об шуда сиёҳ менамоянд.

Давраҳое, ки Раҳимзода ба онҳо дарс медод, пеши назараш омаданд. Раҳимзода марди танадор, чашмкалон ва ҷаддисимост. Хонандаҳо аз ӯ меҳаросанд. Дарс гуфтанаш шавқовар нест. Баъзан мавзӯи навбатиро ба нафаре дода «Ту хон дигарҳо гӯш кунед», гуфта баромада меравад. Ҳангоми дарс касе гап зад, чашмонаш мисли баҳри башӯромада, бадқаҳр мешаванд. «Доска баро!» мегӯяду чанд торсакӣ мезанад. Панҷаҳояш оҳан барин сахтанд.

Барзу назди дару деворе, ки пештар шиносу маҳбуб буд, омаду ин дафъа худро бегона ҳис кард. Вале даъвати Манзармоҳ далераш карду дарро зад.

Хоҳари Манзармоҳ Шамсия баромад. Барзуро дар либоси сарбозӣ дида, ҳайратзада шуду ақиб баргашт. Барзу байни ҳавлӣ омад. Аз изтироб танаш меларзид, худро ором дошта наметавонист. Ҳавлиро аз барф тоза кардаанд. Дар як гӯша ҳезуми навшикаста тӯда аст. Назди дари хона нишаст, калӯшу мӯзаҳои барфолуд намоён. Аммо вақт мегузашту аз хона касе намебаромад. Барзу фикр кард, ки вай ҳам мисли Раҳимзода муаллим аст. Ба духтараш душманӣ накардааст—ку, нағз дидааст. Баробари ҷонаш нағз дидааст. Кош, ба сари Раҳимзода ҳам ҳамин фикр меомад… Ниҳоят ҷома дар китф, Раҳимзода баромад.

--Барзу, хизматро аллакай буд кардӣ-чӣ? -- Раҳимзода бо табассуми сохта наздик омад .

Барзу пай бурд, ки Раҳимзода аз муносибаташ бо Манзармоҳ бохабар аст. Ин фикр изтиробашро паст кард.

Раҳимзода меҳмонро ба хоначаи назди дарвоза муроот кард. «Ин ҷо гарм аст», -гуфт.

Ба назари Барзу намуд, ки Раҳимзода ҳам ошуфтанамо аст. Он ғурури пештарааш нест. Баъди суханони маъмули кай омадӣ, кай меравӣ, Барзу ба «чой меорам» гуфтани Раҳимзода эътибор надода мақсадашро гуфт:

-- Муаллим, шунидам, ки Манзармоҳро ба дигаре медиҳед, ҷавоб гирифта омадам.

Раҳимзода ду-се нонпораи болои гилем афтидаро чиду пас нигоҳашро бардошта, бо нимтабассум ва оҳанги нимшӯхӣ пурсид:

-- Манзармоҳро ба касе додани мо ба ту чӣ дахл дорад?

-- Мо ҳамдигарро нағз мебинем, -- овози Барзу каме ларзид. Ӯ ба рӯи муаллим нигарист.

Чашмони Раҳимзода калон ва бадқаҳрнамо шуданд. Ин нигоҳ ба Барзу шинос аст. Вай мисли солҳои пеш натарсид ва илова кард:

-- Ман тез омада натавонистам...

-- Дар хона ба ту нагуфтанд, ки мо духтарамона фотиҳа кардем? – Раҳимзода бо муросо сухан кард.

-- Гуфтанд, лекин мо…

-- Гуфтанд, боз хеста омадӣ? – Раҳимзода нагузошт, ки Барзу суханашро гӯяд. -- Ё ту ҳафтафаҳмӣ? Гӯш кун, Барзу, ту ҷавони нағз, бағайрат. Хизмата буд карда биё, худам як духтари пеши деҳаро гирифта медиҳам.

-- Ба ман дигар духтар даркор не, муаллим, -- бо қатъият гуфт Барзу… Мо ҳамдигарро нағз мебинем. Ба ҳам аҳд кардем… Барзу сухани охирро дурӯғ гуфт.

--Гӯш кун, калон, ки як гап гуфт, хурд гӯш мекунад.

Барзу гӯш накарда суханони дар роҳ тайёркардаашро гуфт:

--Муаллим, ҳангоми дарсхонӣ худатон мегуфтед-ку: Лайлию Робиаю ким-киҳое барои муҳаббаташон то дами марг мубориза бурданд. Мо ҳам чунин мекунем!

-- Эҳ, ту дар ҳақиқат, афандӣ будаӣ, -- Раҳимзода тамасхур кард. -- Гапи китоб дигару гапи зиндагӣ дигар. Ба ту гуфтам-ку: мо духтарро фотиҳа кардем. Фотиҳа муҳри Худост, медонӣ?

-- Фотиҳаю муҳру дигар чизҳо дар пеши ишқ чизе нестанд, муаллим. Манзармоҳ… -- гуфт Барзу ва худро дошт. Хост гӯяд: «Манзармоҳ навиштааст, ки писараммаша нағз намебинад». Вале ба андешае, ки духтарро «хат навиштӣ?» гуфта, таъна накунанд, худро дошт.

-- Гӯш кун, ҷони гап ҳамин ки мо ду тарафро пурсидем. Мо ба Абдухалили домодшаванда хешу табор. Ҳар кас ба

қадри кӯрпааш по дароз кунад! -- сухани Раҳимзода оҳанги таънаомез гирифт.

Барзу дарк кард, ки фикрҳои дар роҳ кардааш: «Ҳамроҳи Манзармоҳ падарашро зорӣ карда, ба гап медарорем. Мегӯем, ки ба рӯи ишқи мо по нагузорад. Агар боз ҳам нашуд, ман мегӯям, ки ба сардори маорифи ноҳия, ба кумитаи комсомол арз мекунам»... Не, ин суханҳоро гуфтан натавонист. Танашро карахтии маҷҳӯле фаро гирифта буд. Оҳанги таънамомез суханкунии Раҳимзода ба дилаш сахт расид.

Раҳимзода хомӯш истодани Барзуро дида, ба оҳанги маслиҳат гуфт:

--Мо саҳарӣ як маҷлис дорем.

Барзу фаҳмид, ки ба «фотиҳаяшон» чароғи муҳаббати онҳоро хомӯш кардаанд. Манзармоҳ худро аз он банд раҳонидан наметавонад. Дигар шистан аламовар буд. Гӯё, ки дар пушт бор дошт, ба зӯрӣ аз ҷой хест.

Раҳимзода сухани аввалаашро такрор кард:

-- Аз хизмат омадӣ, худам як духтари зеборо бароят хостгорӣ мекунам.

--Даркор не! Манзармоҳа гирифта, мегурезам! Намегузорам ба касе диҳед!—Якбора. -ғазаб кард Барзу. -- Ӯ ба рӯи Раҳимзода нигоҳ накарда равон шуд.

-- Ман мемонам, ки ту...

Барзу давоми сухани муаллимро нашунид. Ӯ мисли маст калавида, аз дар баромад. Шамсияро дид, ки ду тақсимча конфетро бардошта меояд. Аз пас Манзармоҳ дар даст дастархону чойники чой дораду хоҳарашро «калӯшата пӯш!» гуфта ҳадаҳа мекунад. Барзу Манзармоҳро дида, хурсанд шуд. Манзармоҳ ҳам ба Барзу чашмаш афтиду дар ҷояш шах шуда истод. Ӯ каме лоғар шудааст. Нигоҳи чашмонаш чунон андӯҳгинанд, ҳам меҳрубонанд... Ва ҳамзамон як ифодаи оҷизию гунаҳгор буданро ифода мекунанд. Ӯ ба оҳанги пазмонию ситезманди «ин қадар тез хестед, чой дам кардам» -гуфт.

Барзу аз роҳ баргашту назди духтар омад. Гӯё дар гулӯяш чизе дармонда бошад, бо овози гиреҳхӯрда гуфт:

-- Тез омада натвонистам, Манзармоҳ. Роҳ дур буд...

Ва кафшашро ба замин задаю сулфаи дурӯғ карда омадани Раҳимзодаро шунида, бо дили шикаста ақиб гашта, аз дарвоза баромад.

Раҳимзода, дарвозаро баст, ақаллан хайр нагуфт.

Барзу садои афтидану шикастани чойникро шунид. Дарёфт, ки Манзармоҳ чойникро аз алам ҳаво дод. Сипас овози гиряашро шунид .

Шаб модар рахти хоб андохту назди писараш нишаст. Вай аз рафтани Барзу ба хонаи Раҳимзода бохабар буд. Балки тамоми деҳа хабардор шуда буд. Модар бо дилсӯзӣ ба рӯи писар нигариста, гуфт:

--Ману падарат хонаи Раҳимзода рафта будем. Падарат зорӣ кард, ки «муаллим, умри ҷавонҳоро талху шӯр накун, ҳам худам, ҳам писарам хизмататро мекунем». Гӯрсӯхта не гуфт.

Модар боз дигар суханҳо гуфту пас пурсид:

-- Чандрӯза омадӣ, писарам?

-- Ҳоло ҳастам, -- саргум ҷавоб дод Барзу.

Вале баъд аз ду рӯз омодаи сафар шуд. Маҳбубаашро, ки аз дасташ рабуда буданд, дигар тоқати истодан накард.

Манзармоҳро ба писараммааш доданд. Аммо ишқ, мисли модагурги манзилашро тарknакарда, то ҳол дар дилаш ҳалқа зада нишастааст.

Баъдҳо Барзу ҳам ҳар гоҳ ба ин ҷо омада, ба хонаи Раҳимзода менигарист, то ки он лаҳзаҳои ширини гуфтугӯ бо Манзармоҳро ба ёд биёрад. Гоҳе дар кӯҷо кор кардани колхозчиҳоро фаҳмида, аз ҳамон наздикӣ гузашта, «пайи кораш» мерафт. Ва ӯ медид, ки дастони Манзармоҳ дос мезананду нигоҳаш аз паси ӯст. Барзу мефаҳмид, ки ин кораш хуб нест, шармандагист. Вале бо дили балохӯй коре кардан наметавонист. Баъд рӯзе омад, ки ба ин рустакбозиҳо хотима додан лозим шуд. Ташаббус аз ҷониби Манзармоҳ сурат гирифт. Барзу фаҳмид, ки Манзармоҳ бо гурӯҳе дар Дашти Соғу гандум медаравад, дос гирифту ба тавраш, ба он гурӯҳ ёрӣ додани рафт. Ба дашт нарасида, аз назди шипангҳои навсохта мегузашт, ки нохост Манзармоҳ аз паси ҷувории баландшудаи заминашон баромад. Вай пештар Барзуро дида будааст. Байнашон тақрибан чор қадам буд. Ҳамон нигоҳи шиносу

меҳрборашро ба рӯи Барзу духту ҷувориҳои паҳлӯяшро дошта, калавида ба замин нишаст ва талх гиря карда гуфт:

--Шумо мард бошед, дигар маро наковед.

Сухани Манзармоҳ мисли мех дили Барзуро харошид. Дар ҷои даравидаи ҷуворӣ хоҳари Манзармоҳ, Шамсия, ба онҳо менигарист.

-- Хуб, хуб, шумо гиря накунед, -- гуфт Барзу ва гузашта рафт. Аз пас суханони бо гиря гуфтаи Манзармоҳро шунид: «Илоҳӣ, ҷони чунин падар сӯзад».

Барзу аз суханони Манзармоҳ шарм дошта беҳушёна қадам зад. Баъде ки ба худ омад, бо овози шунаво худро таъна кард: «Аз паси зани шавҳардор номаъқул карда мегардӣ?»

Барзу дар канори саҳн истода, он гапу корҳои кайҳо шуда гузаштаро ба ёд оварда, сархам ақиб гашт. Назди мағоза, Раҳимзодаро дид. Ӯ дар тан палтои ҷое мӯйи гиребонаш рафта дошт. То давлати Шӯравӣ барҷой буд, риши Раҳимзода тарошидаю галстукашро баста мегашт. Баъди ошкорбаёнии “Холдор”, ки муллоҳо, ба гуфти худашон, «хез гирифта буданд», ин ҳам аз паси онҳо рафту риш монда ҷелакпӯш ва ҳамнишин шуд.

Раҳимзода Барзуро дида, ба тааддӣ гуфт:

-- Шумо дар ҳамон шаҳрҳо мегардед, ба ҳукумат намегӯед, ки халқаша муҳофизат кунад? Киро хоҳанд, мекушанд…

-- Дар дари ҳукумат пода барин ҷамъ шудаю ҳамаро олуда карда намондед, ки кор кунад, боз гунаҳгораш мекунед? -- киноя кард Барзу.

--Ба шумоҳон як сухани салоҳро ҳам гӯӣ, дар бало мемонӣ, -- Раҳимзода ақиб гашта, ба роҳаш рафт.

Барзу аз назди масҷид гузашту бесаранҷомии одамонро мушоҳида кард. Он ҷо мегуфтанд, ки Гургалӣ--командир пагоҳ бо дастааш даромада, деҳаашонро «чистка» мекардааст. Чунин овозаро се рӯз пеш ҳам оварда буданд.

Ҳангоми говгум аз ҷониби ғарбии деҳа овози мошину гирумони одамон шунида мешуд.

Пагоҳӣ Барзу риш мегирифт, ки аз канори деҳа овози БТР-ҳо ва парон-парон баромад. Дақиқае пас ҳой-ҳой, доду

фарёди одамон, ғур-ғури башиддати мошину тракторҳо ба гӯш расид. Пас овози шилликпаронӣ шуд. Ин овоз аз ҷониби гузари Лаби Рӯд меомад. Барзу ба таҳлука афтод. Ду нони сахтшуда ва конфетҳои дар лаълӣ боқимондаро ба киф андохт, чанд китоби заруриро ҳам ҷой карду назди дар монд. Вазъият, ки бад шуд, ҳаминҳоро бардошта меравад. Сипас ҷомаашро пӯшиду ба кӯча баромад. Аз роҳи калони поёни хона мардум ҷомадону халтаҳо дар даст, гурӯҳ-гурӯҳ мегузаштанд. Баъзе занҳо кӯдакҳо дар бағал, баъзе дар як даст буғчаву бо дасти дигар дасти кӯдаки гирёнашонро дошта, кашола доранд. Аз пас чор-панҷ мошини сабукрав, ду трактор бо присепҳои пурбор тар-тар карда омаданд. Дуртар боз мошине намудор шуд. Ҳама ба пас, ба сӯи офтоббаро мешитофтанд.

Барзу поёнтар фуромада дид, ки марде як тӯда гӯсфандро задаю тела карда, аз хонаҳо поёнсуна, ҷониби заминҳои пахта бурд. Ин дам Барзу ду мошини бордорро дид, ки тез гузашта рафтанд. «Инҳо одамони гузари Лаби Рӯд. Яқин, шаб хоб нарафта, мошинҳоро бор кардаанд». Мошине аз ӯ се-чор қадам гузашта истод. Ронанда ношинос. Дар кабина Раҳимзода ва Дарвешови коргари ферма менишастанд. Ҳар ду хешӣ доранд.

Дарвешов оинаро пойин карда гуфт:

--Муаллим, ба мошин шин! Тез шин!

--Не, ман намеравам, -- гуфт Барзу.

-- Ин бединҳо нигоҳ намекунанд, ки ту муаллимӣ ё духтур, аз пешониат мепаронанд, -- гуфт Дарвешов бо тамасхур.

-- Ман бояд Душанбе равам, бачаҳо дар Душанбе.

-- Дар ин қиёмат магар Душанбе рафтан метавонӣ? -- гуфт Дарвешов ва шишаро бардоштанӣ шуд, ки Раҳимзода сарашро наздик оварда афзуд:

-- Ин ҷӯраҳот одамони Душанберо аз хук ҳам бад мебинанд…

Барзу бо овози баланд гуфт:

-- Мӯйсафед, ту баринҳо пешво шудаю халқа ба гӯристон бурдед, акнун мегурезӣ! Не, гурехтан наметавонӣ, сарата мехӯрӣ!

--Туя аламат бисёр,-- Раҳимзода заҳрханда кард.—Барзу фаҳмид, ки Раҳимзода ба надодани духтараш ишора дорад.

--Ин сухан ғазабашро овард. Аз хотир гузаронд, ки ин лаҳза бояд як сухани зарурро гӯяд. Заҳрханда карда гуфт.

--Аблаҳ, барои ҳамин ҳам Манзармоҳ ҳар соату ҳар рӯз «илоҳо, ҷони падарам сӯзад!» гуфта дуъот мекунад. Аз хук ҳам бадтарат мебина.

Мошин ба ҳаракат даромад.

Раҳимзода дари мошина пӯшидани шуд, Барзу дарро сар надода баробари мошин тохта афзуд:

--Ту муттаҳам дарси дуруст намедодӣ! Пули давлата ҳаром мехӯрдӣ.

Мошин пеш хато кард. Барзу дар чанги роҳ монда ақиб гашт. Хона омаду як ҳолати хориоварро ҳис кард. Ба фикраш омад, ки худи ҳозир аз баҳри ҳамаи ин чизҳо баромада, илоҷе карда, худашро ба Душанбе расонад.

БТР-ҳо, ки ғурросзаниашон хомӯш шуда буд, аз нав ғулғула бардоштанд. Ин дафъа овозашон аз назди хонаҳои паси масҷид меомад. Он ҷо фарёду фиғони занону кӯдакон шунида мешуд.

Барзуро тарс фаро гирифт. Дар як ҳолати саросемагию беҳушӣ кифро, ки назди дар монда буд, гирифта хонаро қулф кард. Аз берун занҷири дарвозаро даровarда, ба байни хонаҳо гузашта, ба роҳи калон фуромад. Мошини «Волга»-еро дид, ки дарунаш пури зану кӯдак тез гузашта рафт. Дақиқае гузашту мошини пурборе оҳиста омад. Дар болои кӯрпаю гилемҳо ду сандуқи калон баробари силтав додани мошин ба чапу рост ҳалуқа хӯрда, мегуфтӣ ҳозир меафтанд. Девори ақиби мошин чунон паст аст, ки бо осонӣ болояш мебароӣ. Азми рафтанаш афзуду тохта худро сабук болои мошин гирифт. Кифро дар паҳлӯяш монд. Мошин гашташро тез кард. Охирин бор ба деҳаашон назар афканд, эҳсоси дардноки аз хонаю дар дур шудан ӯро фаро гирифт, сипас худро тасалло дод: Охир, тамоман намеравам-ку. Ду-се рӯз пас бармегардам.

Онҳо қариби ғурӯб ба Ғаровутӣ расиданд. Дар замини паҳлӯи роҳ, ки алафи юнучқааш кайҳо зард шудаю хоб рафта

буд, мошинҳои зиёде, ки ҳама пурборанд, дар ҳар тараф истодаанд.

Барзу он ҷо ба мошини дигар нишаста, то Шаҳритус омад. Ҳамроҳи дигар гурезаҳо ба автобаза даромада, дар клуб ҷой гирифт. Он ҷо фаҳмид, ки ягона роҳе, ки ба Душанбе рафтан мумкин аст, роҳи Эсанбой мебошад. Дами субҳ аз автобаза баромад. Дар берун шиботи барф меомад. Кӯчаи байни шаҳрро гузашту ба роҳи ҷониби Лоҳур мерафта баромад. Раҳораҳ аз нони дирӯз гирифтааш луқмае шикасту хӯрд. Тахминан як километр аз шаҳр берун назди гаражҳо пост мондаанд. Ҳашт-нуҳ нафар ҷавонон он ҷо гашту гузар доштанд. Ҷавони фарбеҳи чашмтанге намоишкорона камонашро аз китф гирифтаю Барзуро пешандоз карда, ба хонаи дар пахлӯи гараж буда даровард.

Ғӯландом кифро башиддат аз дасти Барзу гирифт, кушода китобҳоро берун партофт.

--Додар, ман муаллим,--гуфт бо мулоиматӣ Барзу.

Ин дам марди рӯйдарозе, ки либоси низомӣ дошт, аз дар даромада, ҷониби ғӯландом нигоҳи норозиёна андохту китобҳоро пеш кашида, як-як аз назар гузаронд ва ҷониби Барзу синчакорона нигариста гуфт:

-- Муаллим, то Душанбе шаш-ҳафто ҳамин гуна постҳоро мегузарӣ. Ман туро раҳо мекунам. Лекин дар он постҳо одамони бад, кинагирифта бисёранд. Хубаш, ақиб гард.

Барзу дар гуфтори мард некхоҳиро пай бурду гуфт:

-- Ин ҷо Ҷумҳурии Тоҷикистон-ку! Ман тоҷик! Ба кори муаллимиам рафта истодаам.

Мард рангӯ рӯяш дигар шуд ва шӯрид:

-- Тоҷикистон, тоҷик! Мон, даҳонама нахорон! Ҳоло дар саг обрӯ ҳасту дар тоҷик не! Фаҳманд, ки тоҷикӣ, сад тират мезананд! Тоҷикистона шумоён, душанбегиҳо, шармандаи олам кардед! Шумо рӯи ҳамаро сиёҳ кардед! Буро, рав, гуфтам!

Барзу хест, назди дар рафта бо илтиҷо гуфт:

-- Охир, ман чӣ кор кунам? Ягон роҳ нишон медодед.

-- Рав, ҳоло касе ба касе роҳ нишон дода наметавонад! – Рӯйдароз дигар ҷониби Барзу нигоҳ накард.

Барзу зери ҳавои барф ба қафо баргашт, нимрӯзӣ боз ба клуби автобаза омад. Клубу дигар утоқҳои корни автобаза пури гуреза шуда буданд. Онҳо ҳар лаҳза бо мошину тракторҳо меомаданд, пиёда ҳам меомаданд. Аз Вахшу Қурғонтеппаю Бохтар меомаданд. Ба масҷидҳо, хонаҳои шиносашон мерафтанд. Онҳо овозаҳои ваҳмангезтар меоварданд. Барзу аз суҳбати онҳо фаҳмид, ки дирӯз чанд ҳамдеҳаашонро парондаанд. Ду занро дастзӯрӣ кардаанд. Ба фикраш омад, ки ана оқибати мансабталошиатон, ҳукуматхоҳиатон!

Барф шабона ҳам борид. Дар ҳавои хунук ҷое рафтан намешуд. Барзуро он чӣ алам мекард, кӣ аз рӯи бефаҳмии худаш ба қатори гурезаҳо афтид.

Охири ҳафта хабар омад, ки чанд даста ба Шаҳритус даромада, мардуми гурезаро аз масҷиду хонаҳо зада берун карда, чандеро парондаю ҳамаро ҷониби соҳили Ҷайҳун рондаанд. Он дастаҳо, нафарони муқими атрофи шаҳр будаанд.

Ду рӯз пас ҳамон дастаҳо шабона ба гурезаҳои дар автобаза ва клубу масҷидҳо ҷойгирифта ҳуҷум карданд.

Баъди ду рӯз, аввал аз шаҳр, пас аз соҳил ҳам рондаю ҷониби дарё пешшон карданд. Дар ҳамон ду рӯзе, ки онҳо дар соҳил паси хору буттаҳо, баъзе дар заминкан ҷой шуданд, афсари русе (он вақт русҳо сарҳадбон буданд) ба Барзу гуфт, ки ба ин тарафҳо, ба Душанбе рафтан наметавонӣ. Хубаш, сарҳадро мегузарию меравӣ Ҳироти Афғонистон. Аз он ҷо ба Туркманистон гузаштан мумкин. Он тараф меравӣ Душанбе.

Дар рӯзи савуми дар сарҳад буданаш як тӯда ҳамватан парон-парон карда ба сарашон омаданд. Гурезаҳо аз тири онҳо афтидани пайвандонро дида, худро бо камераҳои ба ҳар эҳтимол пештар тайёр кардаашон ба дарё партофтанд. Барзу ҳам дар ҳамон ҳолати тарсу изтироб ба болои камераи аз автобаза гирифтааш чанд тахтро басту ба дарё даромад. Дар он мавзеъ дарёи дар зимистон кам-шуда ором меравад. Лекин обаш ях барин хунук буд. Гоҳе, ки мавҷи об тез шуда, камераро аз ихтиёраш рабуданӣ мешуд, Барзу тез-тез номи Худою Расулро ёд

карда, ҳар ду дасташро, то метавонист, ба кор медаровард… Чанде аз ёрон ғарқ шуданд. Ин ҷо касе ба касе дасти ёрӣ дароз намекунад. Ҳатто модар ба фарзанд ёрӣ намекунад. Ҳар кас донаду аъмолаш…

Дар соҳили муқобил афғонҳо ба онҳо ёрӣ карданд. Баъзеро, ки аз тарси дарё ҳушу гуш гум карда буд, кашола карда, ба мошин медароварданд. Дар ҳамон лаҳза, Барзу, ногоҳ муаллим Раҳимзодаро дид, ки се нафар бардор-бардор, ба мошини боркаше, ки одам бисёр дошт, бораш карданд. Дар танаш ҳамон палтои мӯйи гиребонаш рафта. Барзую ҳамроҳонашро ҳангоми говгум ба як деҳе, ки хонаҳои гилин дошту шоху шиппаҳои бомҳошон овезон буд, оварданд. Лекин дохили хона гарм буд, дар оташдон оташи бузург аланга мезад. Дастархони пурнеъмат ороста буданд. Барзу нишаст ва аввалин фикре, ки ба сараш омад, ин буд, ки ду-се ҳафта пас Ҳирот рафта, ба воситаи сарҳад ба Туркманистон гузашта, ба ватанаш меравад.

Барзу рӯзи дигар ба хотири меҳрубоние, ки ба Манзармоҳ дошт, Раҳимзодаро пурсуҷӯ кард, то ки ёриш кунад. Лекин ӯро наёфт. Маълум шуд, ки ронандаҳои ӯро бурда аз дигар деҳа будаанд.

Дами офтоббаро Барзу ба гурӯҳе ҳамроҳ шуда, дар давоми бист рӯз, дар роҳҳо хобу хез карда, гоҳ пиёдаву гоҳ савора ба шаҳри Қундуз расиданд. Он ҷо фахмиданд, ки қисми бештари гурезаҳоро ба ҷое, ки пештар анбори силоҳу техникаи артиши давлати Шӯравӣ будааст, ҷой кардаанду дар масҷиду хонаҳои мардум ҳам будаанд.

Онҳо дар масҷиди канори шаҳр, ки одам камтар дошт, ҷой гирифтанд. Мардуми атроф ҳар рӯз ба онҳо нону об меоварданд. Онҳоро тасаллӣ медоданд. Робитаи хешию ҳамқавмии бостонӣ дар ҳар сухану амали он одамони нек ҳис мешуд. Аммо дар ҷое бекор нишаста, худро мусибатзада вонамуд карда, нони касро хӯрдан аламовар буд. Ҳафтае пас як қисм гурезаҳои дастбакор мардикорӣ, таксистӣ (мошини афғонеро иҷора мегирифтанд) ва дигар корҳо карда, нонашонро меёфтагӣ шуданд. Чун ҳаво сард буду роҳҳо пурлой ва хатарнок, Барзу ду ҳафта тоқат кард. Пас бо Икром ном таксисте (аз мардуми худамон, «Москвич»-и

афғонеро, ки вайрон будааст, харида рост кардааст) маслиҳат карданд, ки пагоҳ Ҳирот мераванд.

Икром мақсадашро фаҳмида гуфт, ки аз Ҳирот он тараф дар наздикии сарҳад деҳаи Турғундӣ ҳаст, ки гузаргоҳ дорад. Аз он ҷо осон гузашта, ба шаҳри Кушка меравед. Ин хабар Барзурро хурсанд кард.

Пагоҳӣ Икром аз вақти гуфтааш қариб ду соат дер омад. Гуфт, ки ӯ бо зану ду кӯдакаш дар масҷиди Шайх Деҳқон зиндагӣ мекунанд. Имшаб он ҷо мурда шудааст. Мурдаро ҳеҷ касаш набудааст. Акнун маҷбуранд, ки мурдаро гӯру ҷӯб карда, пас ба роҳ бароянд.

-- Дирӯз як духтарча дар ҳамсоягии мо мурд, гӯру ҷӯб кардем. Аз участкаи 4-ум омада будаанд, -- гуфт Барзу. -- Мардҳои масҷид бошанд, гӯру ҷӯб мекунанд, мо аз роҳ намонем.

-- Ҳамакаса шуда, мурдаро мегӯронем,--гуфт Икром,-- пас ба роҳ мебароем, нашавад, пагоҳ меравем ва раҳорах пурсид:

-- Шумо ватанатонро Вахш гуфтед? Аз афташ, мурда аз ҳамон тарафҳо.

-- Вахш аз панҷоҳ ҳам зиёд деҳа дорад. Ман аз деҳаи Аскари Сурх.

Икром дар баргаште мошинро дошта, «он тараф пиёда меравем» гуфт.

Онҳо ба масҷиде, ки дарвозаи дутабақаи сурхранги кандакорӣ ва деворҳои баланд дошт, даромаданд. Он ҷо даҳ-дувоздаҳ нафар мардони калонсол ба назар мерасид. Аксар мардуми Қабодиён будаанд.

-- Мо, мардҳо, ин ҷо дар саҳн, дар қаровулхона хобу хез мекунему занону кӯдаконамон дар дохил, -- гуфт Икром.

Дар дохил занҳо зиёд менамуданд.

Икром Барзуро пеш гузаронда, бо оҳанги шухӣ гуфт:

-- Ин кас аз ҳамон тарафхо, шояд ба майит хеш мешаванд.

Барзу нав фаҳмид, ки мурда зан будааст. Занҳои дарун буда гиря мекарданд.

-- Додар, дароед, -- зане овоз дод.

Барзу дар ҳолате бесаранҷом буд, вориди хона шуд.

Мурдаро дар паҳлӯи меҳроб хобондаанд. Зани фарбеҳи сафедрӯе, ки рӯймоли сафед дошт, дар паҳлӯи мурда нишаста, дуо мехонд. Ӯ хесту «хешаш ёфт шуда бошад, кори хуб шудааст, ин ноубол чӣ қадар барои хешону бародаронаш сӯхта буд» -гуфт ва аз тарафи дигар гузашту рӯи мурдаро кушод.

Барзу баробари мурдаро дидан, гӯё ки тираш расид, «оҳ» гуфту пештар рафт, танаш мисли дарахте, ки дар муқобили тӯфон мондааст, дар ларза даромад. Беихтиёр дар ҷояш шисту гиря кард. Зани мурда, Манзармоҳ буд. Ӯ фориғ аз шӯру ғавғои зиндагӣ ором мехобид. Чашмонаш чуқур рафтаю рангаш андаке зардча шудааст. Барзу даҳонашро ба дасташ дошт, ки овозаш баланд набарояд.

--Шумо хеши наздикед? -- зани фарбеҳ низ ба гиряву озор ба рӯи Барзу нигарист.

Барзу ба ишораи тасдиқ сар ҷунбонд ва ҳамзамон кӯшиш мекард, ки худро ба даст гирад.

--Дар тақдири ин бечора будааст, ки дар ғарибӣ амонатиашро супорад,--- китфони зани сафедрӯй ҳам меларзиданд.

Барзу худро ором дошта пурсид:

-- Ин чӣ хел шудааст? Тамоман сиҳат буд… Аз пайвандон касе ҳамроҳаш набуд?

Зан дасти Барзуро гирифта, ба кунче, ки одам кам буд, бурд ва нигоҳи кунҷковонаашро аз рӯяш наканда гуфт:

-- Сиҳат буд, додар, занаки хуб буд. Дар ин мусофиратию бекасӣ худашро озодаю мардона медошт.

-- Чӣ хел шуд?

-- Шаб бевақт шуда буду мо чор-панҷ нафар суҳбат карда менишастем. Яке вай яктарафа хам шуду поша тикондан гирифт. «Манзармоҳ, ягон ҷоят дард мекунад?» гуфтам. Гап назад. Сараша бардоштам, ки аз кунҷи лабаш хун мерезад. Ҳамин қадар гапу кор. Зан ба овоз гиря кард.—Худованд дар ғарибӣ мурданата осон мекардааст.

Онҳо ақиб гаштанду зан афзуд:

-- Ин бечора, ба хуни дил, нақлҳои гурехтанаша карда буд. Инҳо чанд рӯз пеш аз тарафи Вахш ба Шаҳритус ба

хонаи бародараш меоянд. Баъде, ки мардуми атрофи шаҳр, ба хонаашон зер карда медароянд, ду бародараш бо онҳо ба ҷанг мешаванд, падараш ину духтараш ва дигар кӯдакҳоро гирифта, ба дари ақиб мегурезад. Ба гурезаҳо ҳамроҳ шуда, ба соҳил меоянд. Падараш муаллим будааст. Марди шастсола, дар гурезогурезу хунукии соҳил шамол кашида, бемор мешавад. Он ҷо инҳо мефаҳманд, ки бародаронашонро парондаанд, ба падар намегӯянд. Дар он рӯзи сард ва талотумии дарёро гузаштан ҳамдигарро гум мекунанд. Ин ноуболро афғонҳои мошиндор ҳамроҳи моҳон ин тараф меоранд. Падару дигарҳоро, тахмин, дар деҳаҳои наздики соҳил ҷой мекунанд.

-- Шавҳараш куҷо будааст, нагуфт?

-- Шавҳар як рӯз пеш аз гуреза шуданашон писаронашро гирифта, ҷониби Колхозобод, ки он ҷо хешонаш будаанд, бурдааст.

Кадоме аз пас овоз доду зан саросема шуда пурсид:

-- Ба мурда кафан лозим, мегиред? Ҳам як сатилу…

-- Хоҳарҷон, чизе лозим бошад, гӯед. Албатта, ҳама чизро меорам…

-- Марде аз дар намоён шуду занҳоро ҳадаҳа кард.

Барзу аз дари масҷид берун шуду боз гиряаш омад, тез-тез роҳ гашта, ҷониби бозор рафт. Раҳораҳ ба хотираш вохӯриҳои солҳои охир бо Манзармоҳ омаданд.

-Шаш сол пеш вақти гармии ҳаво буд. Барзу дар балкон истода, атрофро тамошо дошт, ки нохост Манзармоҳро дид. Ҳамрохи духтараш Фарзона меомал. Барзу ба фаросат дарёфт, ки Манзармоҳ барои духтарашро ба донишгоҳ мондан назди ӯ омадааст. Он замон касе дар донишгоҳ шинос дошт, ба умед шуда, наздаш меомад.

Барзу изтиробашро фурӯ нишонда, дарро кушод ва мисли солҳои пеш «духтари муаллим, марҳамат» гуфт.

-- Духтари муаллим, -- такрор кард Манзармоҳ ва ба завқ хандид.

Барзу зуд дастархон орост. Каме суҳбат карданду Манзармоҳ матлабашро гуфт:

-- Муаллим, духтарамро овардам, ки донишгоҳро хонаду дониш гирад, бо ақлу фаҳмиши худ кор кунад, моҳон барин

нодон нашавад, -- дар оҳанги сухани зан алами пинҳонкардааш ҳис мешуд.

Барзу ҳамон вақт дид, ки Манзармоҳ чор фарзанд таваллуд карда бошад ҳам, овозаш, нигоҳҳои тез ва меҳрбораш дигар нашудаанд. Ёрӣ кард… Фарзона ба донишгоҳ дохил шуд. Дар вақти хонданаш ҳам ёрӣ кард.

Чоштгоҳи калон дар саҳни масҷид занро ҷаноза карданд. Ба он мардони дар масҷидбуда боз чанде ҳамроҳ шуданду тобутро бардошта, ба қабристон бурданд.

Барзу Манзармоҳро дар қабр монд. Рӯяшро кушод. Ана он чеҳрае, ки як умр ошиқаш буд. Як диданаш рӯзҳо хурсандаш медошт. Мисле, ки батарей аз барқ неру мегирад, нерӯяш мебахшид. Худованд дар ин ҷаҳони саргардон ҳамин дороиро дода будаш… Ҳоло болои ин чеҳраи азиз хок мепӯшонанд ва дигар ҳеҷ гоҳ ӯро нахоҳад дид. Ӯро лаҳзае як карахтии маҷҳӯл фаро гирифт. «Болои мурдаро пӯшонед!» -- садое ӯро ба худ овард. Зуд банди пойҳоро низ кушод. Ҳангоме ки пойи бараҳнашударо пӯшонд, ба назараш намуд, ки мурда гӯё пояшро андаке кашид...

Барзу рӯзи дигар пагоҳӣ барвақт сари қабр рафт. Тарафи шарқии осмонро чун рӯзҳои дигар нурҳои офтоб сурх карда буданд. Дар назди қабри Манзармоҳ ду нафар нишастаанд. Онҳо Фарзона ва духтарчааш буданд.

Фарзона нақли ба ин ҷо омаданашро кард.

--Рӯзе, ки аз дарё гузаштем, афғонҳо моро дар мошин савор кунондаю оварда аввал дар деҳаи назди соҳил фуроварданд. Он ҷо ки одам бисёр буд, ба Чоёб омадем. Дирӯз таксисте аз мардуми худамон хабар бурдааст, ки аз деҳаи Аскари Сурх зане фавтидааст. Дилам қарор нагирифту хеста омадам, ки ин аҳвол… ҳатто мурдаша надидам.

- Фарзона ба гӯшаи рӯймолаш даҳонашро медошт, ки овозаш набарояд.

-- Ман ҳам ҷанозаро фаҳмида, бегумон рафтам, ки ин аҳвол, -- гуфт Барзу ва сурае аз Каломуллоҳ хонду хестанд. Ҳар кадом банди андешаҳои худ буд.

Фарзона фикр мекард, ки модараш то дами марг аз ин мард бо меҳрубонӣ ёд мекард. Оқбат, дар қабр ӯ мондаш.

Барзу аз он андеша дошт, ки бозиҳои тақдир, аҷиб аст. Шояд барои он ӯро аз ватан кашон-кашон ин ҷо овард, ки Манзармоҳро маҳраме ё бегонае не, маҳз Барзу ба қабр монад. Дар умраш аз пушти ин зан кам сӯхта буд, ки боз бештар сӯхтаю хокистар шавад.

Баъде, ки аз қабристон баромаданд, бо нимовоз гуфт:

-- Ақаллан қабраш дар деҳаамон мебуд...

## ТАҚРИЗ

# ТАДҚИҚОТИ ГАРОНАРЗИШ ОИД БА АРИСТОТЕЛ

*(Мулоҳизаҳо оид ба тадқиқоти нави узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Ятимов «Аристотел: давлат ва сиёсат») // Илм ва ҷомеа (Маҷаллаи академии илмию оммавӣ). – 2019. – №4 (17). – С. 4-50).*

Шахсиятҳо, симоҳо ва чеҳраҳои бузург созандагони таъриханд. Таърих дар навбати худ маҷмӯи корномаву фаъолияти ҳарҷонибаи онҳост. Муҳим ва характернок он аст, ки шахсиятҳо, симоҳо ва чеҳраҳо бо манзури баромади иҷтимоӣ, ба ин ва ё он қавму халқият ва миллат тааллуқ доранд, вале корномаҳои эшон моҳиятан манофеи умумибашарӣ доранд.

Яке аз чунин симоҳо, ки бо заковати беназир ва маҳсули зеҳнии хеш дар таърихи башарият мақоми меҳварӣ дорад ва унвони шарафмандонаи “муаллими аввал”-ро сазовор гардидааст, файласуфи машҳури Юнони Қадим Аристотел (384-322 то мелод) (дар адабиёти Шарқ бо номи Арасту машҳур аст) буда, маҳсули фикрии ин мутафаккир бисёр савоҳии рӯзгори башарро фаро гирифтааст. Падари ӯ Никумоҷис ё Никомах ва модараш Фестида будаанд ва аввалин омӯзгори Аристотел падараш ва сонӣ ӯ тайи бист сол аз муқимони остони мактаби шайхи Юнон –Афлотун буд.

Аристотел баъд аз Суқрот (470-399 то мелод) ва Афлотун (423 ё 427-348 ё 347 то мелод) аз нахустин мутафаккирон аст, ки оид ба назарияи давлат, зуҳуру ташаккул, анвову ашколи он, сиёсат амиқравиҳои шигарф кардааст. Теъдоди осори ӯро муштамил ба 146 номгӯй донистаанд, ки қариб ҳамаи улуми роиҷро фаро гирифтаанд.

Чанде пеш тадқиқоти сирф илмии доктори илмҳои сиёсӣ, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор С. Ятимов таҳти унвони «Аристотел: давлат ва сиёсат» ба зевари табъ ороста шуда, тавассути маҷаллаи академии «Илм ва ҷомеа» дастраси хонандагон гардид, ки ҷиддитарин иқдом дар шинохти мутафаккири сатҳи ҷаҳонӣ –

Аристотел ва диди тоза дар маърифати давлати миллӣ маҳсуб аст.

Бо манзури сохтору таркиб тадқиқоти профессор С. Ятимов шомили муқаддима, шаш фасл, хулоса ва тавзеҳ буда, дар муқаддимаи асар муҳаққиқ роҷеъ ба назарияи давлат ва хоса зуҳури давлати миллӣ ва назокату мухтассоти он, мактаби давлатдории миллӣ, нақши шахсияти сиёсӣ ва хосса симои абарқудрати сиёсии миллӣ: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалияи фаъолияти симои сиёсӣ ва ғайра баҳсҳои басо судманду пурманофеъ қобили сурат шудаанд, ки бениҳоят илмӣ ва арзишманд мебошанд.

Дар ҳамин бахши тадқиқот бори авввал бо далоили қотеъ баъзе хусусиятҳои давлатдории миллӣ, аз таманно ба воқеият бадал гардидани он, тарҷеҳи давлати миллӣ қиёсан бо ашколи дигари давлатӣ, дифои арзишҳои миллӣ ва ғайра баҳсҳои сирф илмӣ дар заминаи осори ба давлат ва сиёсат бахшидаи мутафаккири Юнони Бостон ва қиёси назарияҳои вай бо донишмандони машҳури асрҳои миёна Гегел, Фейербах, Гобс ва дигарон сурат гирифтааст.

Фасли аввали асар – «Арасту ва мавқеи методологияи тадқиқот дар асари ӯ – «Сиёсат» ном дошта, муҳаққиқ таъкид менамояд, ки «Аристотел олимест, ки роҳ, усул, восита, метод ва методологияи тадқиқоти илмиро асос гузоштааст. Бузургтарин кашфиёти ӯ (Арасту – А.М., М.С.), тавассути умумият ва дарк кардани фардият дар илми мантиқ эътироф гаштааст» (С.10).

Фасли дуюми пажӯҳиши профессор С. Ятимов «Оид ба табиати давлат» унвонгузорӣ гардида, дар ин қисмат маҷмӯи муносибати ҷамъиятӣ аз назари Арасту санҷида шуда, тибқи маълумоти ин мутафаккир, муошировати сиёсӣ риҷҳон дода мешавад, ки комилан саҳеҳ ва илмист. Диди сирф илмии мутафаккир дар ин бахш он аст, ки ӯ зуҳури инсонро бо назари дигар мебинад ва таъкиде дорад, ки: «Худи инсон табиатан зуҳуроти сиёсӣ» (С.16) маърифат карда мешавад.

Фасли сеюми тадқиқоти С. Ятимов таҳти унвони «Оид ба мавқеи инсон дар ҷомеа» омада, пеш аз ҳама, дар ин бахш таъкид мешавад, ки: «Мавзӯи марказии тадқиқоти Арасту дар соҳаи шинохти давлат ва сиёсат инсон…» (С. 18) ва мақому мавқеи он маърифат карда мешавад, ки гузориши масъала, усули тадқиқ ва натиҷагириҳои муҳаққиқ дар ин бахш басо нодиру

ҷолиб манзур мегардад. Фаразан, «Инсон дар таълимоти Арасту, – таъкид мекунад профессор С. Ятимов, – узви ҷудонашавандаи давлат аст. Ӯ наметавонад бе давлат арзи ҳастӣ намояд» (С. 19). Тибқи хулосаи мутафаккир, «… ҷузъ бе кулл қудрати ягонагӣ ва тавоноӣ надорад. Дасте, ки аз тан ҷудо гашт, ба ҳеҷ мубаддал мегардад. Алоқаи шахсро бо давлат дар ҳамин гуна муошират ва муносибат мебинад» (С. 19).

Яке аз рисолатҳои таърихии Аристотел дар шинохти ҷомеа он аст, ки ӯ «Ҳангоми таҳлил ва арзёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ назари худро дар ин маврид возеҳу равшан баён мекунад: «Шаклҳои зиёд ва гуногуни роҳбарӣ ва тобеият вуҷуд доранд. Аммо чӣ қадаре ки сатҳи (дониш, малака, ҷаҳонбинӣ, тахассусмандӣ) -и тобеон баланд бошад, роҳбарӣ бар онон низ дар сатҳи камолот хоҳад буд» (С. 19-20).

Профессор С. Ятимов барои рушди ҷомеа ва рифъати маънавиёти он нақши санъати нафиса ва ё каломи ҳунарӣ, фарҳанг ва санъатро бузургтарин неру медонад, ки хеле муҳим аст, зеро хоса каломи ҳунарӣ тафаккурсоз буда, таъсирнокии бештаре ба ҷомеа дорад. Зиёда аз ин, каломи ҳунарӣ ва ё сухани образнок ҷузъиёти гузаштаву ҳозираи ҳаёти инсонҳоро мунъакис месозад, беш аз он, каломи ҳунарӣ ҷанбаи басо қавии таманноӣ низ дорад, ки падидаи мазкур инсонро боз ҳам ба кору зиндагӣ дилгарм месозад. Дар вуҷуди инсонҳо раҳму шафқат, дилсӯзиву ғамхорӣ, дурандешӣ, таҳаммулпазирӣ, амикравӣ дар тафаккур, рифъати меъёрҳои ахлоқӣ, ғановати маънавӣ ва ғайра ҳама ғолибан тавассути каломи ҳунарӣ амалӣ ё худ воқеӣ карда мешавад.

Дар таълимоти мутафаккир, бахусус давлати миллӣ ривҷҳон дода мешавад. Вале, агар симои сиёсӣ ва ё сиёсатмадори соҳибхиради миллӣ муяссар нагардад, он гоҳ низоми ҷомеа осебпазир гардида, таҳдидҳо тақвият меёбанд.

Фаразан, Тоҷикистон Истиқлолияти сиёсӣ ба даст овард, вале симои сиёсии миллӣ, шахсияти миллӣ дар он сол зуҳур накарда буд. Фурсате анархияи сиёсӣ тақвият ёфт, ки хавфноктарин марҳала буд. Зеро парокандагии сиёсӣ таҳдид мекард ва марзи ягонаву иттиҳоди миллат рӯ ба адам оварда буд. Илова бар ин, низоъи миллӣ, ки авҷи ҳаводиси махуф буд, давом мекард ва бо андак баҳонае ҷо-ҷо гурӯҳҳо барои нишон додани таъсири нуфузи хеш ба кушторҳои гӯшношунид даст мезадаанд

ва касе онро бар ӯҳда намегирифт. Албатта, ҷанг оташ аст ва ин оташ хеле доман паҳн карда буд.

Сад шукри тақдир, ки ана дар ҳамин лаҳзаи махуфтарини таърихи миллият, армуғони қисмат шахсиятро рӯйи ҳастӣ овард ва бузургтарин рисолати таърихии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон он буд, ки вакилони халқ симоро, шахсияти ҳақиқиро шинохтаанд. Варна касе хоҳиши сарвариро бар ӯҳда гирифтан мутлақо надошт.

Симо, шахсият ва чеҳраи миллӣ, ки истеъдоди фитрӣ дошт, дар кӯтоҳтарин фурсати таърихӣ захмҳои давонопазирро даво ёфт ва ба ин дардҳо шифо бахшид. Ин шахсияти абарқудрати сиёсӣ, симои миллӣ Эмомалӣ Раҳмон буд.

Симои миллӣ ҳамон лаҳза ҳис кард, ки ин мунозиат ғолибу мағлуб надорад. Ин фоҷиа аст ва дақиқан сирф фоҷиаи миллист, яъне худкушии миллат аст.

Дар андак фурсат мардум аз бунбасти иқтисодии ниёзи аввал наҷот ёфт ва тадриҷан низоми ҷомеа таъмин гардид. Фирориёни иҷборӣ баргардонида шуданд, ки ин комилан сатҳи олии пешгирии низоъ буд.

Ба ин маънӣ Мавлонои Балх басо хуб гуфтааст, ки:

*Комиле гар хок гирад, зар кунад,*
*Ноқис ар зар бурд, хокистар кунад.*

Ин усул таҷрибаи сулҳи миллиро иштиҳор дод ва дар қаламрави минтақа ва тавассути созмонҳои бонуфузтарини байналхалқӣ оламгир шуд.

Бузургтарин рисолати таърихии шахсияти абарқудрати сиёсӣ – Эмомалӣ Раҳмон, пеш аз ҳама, дар давлатсозии миллӣ ва сипас тафаккурсозии миллӣ буд, ки ваҳдати миллиро тавлид кард. Ин рисолати таърихиро, ки Пешвои миллат ба ҷо овард, бузургтарин кашфиёт дар таърихи миллат буд, ки дар чунин шакл то Эмомалӣ Раҳмон таманнои миллӣ буд. Ҷанбаҳои назарии проблемаи мазкур бори аввал дар асари фавқуззикри профессор С. Ятимов аз нигоҳи фалсафӣ-таърихӣ ба субут расонида шудаанд, ки комилан падидаи тоза дар шинохти таърихи миллат ва ба даст овардани Истиқлоли сиёсии кишвар аст.

Барои бақои Истиқлоли сиёсии мамлакат муҳаққиқ боз ҳамон назарияро қиёсан бо осори назариявии асримиёнагию муосир омӯхта, таъкид мекунад, ки: «Мантиқи назарияи Арасту

иборат аз он аст, ки ҳангоми муомила ва муносибат бо намояндагони дигар давлатҳо «Донистан ва фаҳмидани мамлакати худ, ҷуғрофия, таърих, маданият, структураи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ… афзалиятҳои сиёсати хориҷӣ… ҳамин гуна донишҳо дар бораи давлатҳои минтақа, абарқудратҳо ва сиёсати онҳо» (С. 29), зарур аст. Ин қазоват ғолибан ба бахши сиёсати хориҷии кишвар рабт дошта бошад ҳам, ба масоили дохили мамлакат низ боарзиш аст. Ба назари мо, як ҷиҳати тадқиқоту таҳлили комили профессор С. Ятимов он аст, ки ӯ аз андак муҳокимае басо хулосаҳои кулл ва серҷанба баровarda метавонад, аз ҷумла дар пажӯҳиши мазкур чунин падидаи сирф илмӣ манзур мегардад. «Дар маркази таваҷҷуҳи Арасту, – менависад профессор С. Ятимов, – сифати шахсияти ватанпарвар бо истилоҳи «шаҳрванди накусиришт» номбар мешавад… агар мо ин мавзӯъро таҳқиқ кунем, бояд пешакӣ муайян созем, ки шаҳрванди накукор чӣ гуна сифатҳоро бояд доро бошад» (С. 29-30).

Фасли панҷуми тадқиқот «Оид ба субъект, объект ва ҳокимияти сиёсӣ» ном дошта, дар ин бахш муҳаққиқ таълимоти Арастуро оид ба хизматчиёни давлатӣ, шахсияти зоҳирӣ ва маънавиёти онҳо ба тадқиқ гирифта, падидаи мазкурро бо ҷузъиёти он қиёсан омӯхта, ба чунин натиҷа мерасад, ки: «Боиси ифтихор ва қаноатмандии бузург аст, ки чунин талабот ба таълимоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самтҳои ниҳоят мураккаби давлатдорӣ ҳаммаъно, аз лиҳози назариявӣ коркардашуда, ҳамчунон дар амали сиёсӣ собитгашта мебошад. Ин таҷриба на танҳо аз ҷониби миллати тоҷик, балки аз тарафи бузургтарин абармардони дунё эътироф гардидааст (С. 31).

Қазовати мазкур комилан муътамад ва саҳеҳ аст, зеро мағз андар мағзи таълимоти Арастуро дар ҳамаи зинаҳои роҳбарии сиёсӣ ақлсолорию хирадмеҳварӣ фароҳам овардааст ва падидаи мазкур дар назарияи миллии сиёсии асримиёнагии тоҷик низ хеле хуб маърифат мешавад. Бахусус, дар ҷанбаи сиёсии таълимоти ахлоқии Абулахлоқ Саъдии Шерозӣ ва мушаххасан дар «Саъдинома» ва ё «Бӯстон», ки яке аз беқиёстарин шоҳкориҳои адабиёти миллӣ дар сатҳи ҷаҳонист.

Аз сабаби он ки бардошти Пешвои миллат аз мероси маънавии миллӣ дар сатҳи комилан зарурист, аз ин рӯ, сиёсати пешгирифтаи Пешвои миллат бунёди муқаввои миллӣ дорад, барои ҳамин ҳам сиёсати Пешвои миллат хирадмеҳварона буда, дар арсаи олам ҳамчун сиёсати муваффақ пазируфта шудааст. Маҳз ба ин хотир, ҳар кадоме аз афрод Пешвои хешро ҳамчун узви хонадони худ дӯст медоранду эҳтироми самимӣ доранд.

Фасли шашуми тадқиқот «Омилҳои ба суботи сохти давлатдорӣ таъсиргузор» унвонгузорӣ гардида, фасли интиҳоист ва дар ин қисмат тақдири давлат ва бақои он нишон дода шуда, алорағми он омилҳои инҳитоти давлат, ноором иҳову бенизомиҳо ва ҳатто саъйи табаддулоти давлатӣ номбар карда мешавад. Ба соҳибдавлатон ва дӯстдорони ватан ҳушдор медиҳад, ки чӣ бояд кард? Яъне дар ин бахш мутафаккир авомили бақо ва иллатҳои фанои давлатро басо мудаллалу мушаххас матраҳ месозад. «Муносибати одамонро ба тартиб ва низоми давлатдорӣ, – таъкид карда мешавад дар тадқиқот, – ки асоси онро риояи қонун ва меъёрҳои ҳуқуқӣ ташкил мекунад, шарти пойдории низоми давлатдорӣ мешуморад. Ҳуқуқвайронкуниҳоро ба хурду бузург ҷудо намекунанд». (С. 35).

Муҳаққиқ ҳаводиси солҳои 90-уми Тоҷикистон, фоҷиаи Афғонистон, Сурия, Ироқ, Тунис, Яманро қиёсан ба таҳлил гирифта, дар ин раванд факторҳои биологиро низ шохис месозад, ки ҳатто фарзандон волидайни хешро нест карданд. Падидаи мазкур дар каломи ҳунарии миллӣ ҳатто дар асрҳои миёна, аз ҷониби мутафаккирон –адибони миллӣ сахт маҳкум шудааст:

*Падаркуш подшоҳиро нашояд,*
*Агар шояд, ба ҷуз шаш маҳ напояд.*

Дар мафҳуми васеътари падидаи мазкур дар фалсафаи иҷтимоӣ онро аз ҷониби хоҷаҳои хориҷӣ «мағзкушӣ ва мағзкашӣ» низ маърифат кардаанд, ки моҳияти омӯзишӣ дорад, зеро ҳушёрӣ ва зиракии сиёсиро дар пай дорад. Моҳияти қазовати фавқ чунин маънӣ ҳам дорад, ки онро зиракии сиёсӣ қаламдод мекунанд. Зеро шахсияти сиёсӣ ба ҳар як кор аз рӯйи натоиҷи он қазоват мекунад ва хулоса мебарорад, ки дар каломи

ҳунарӣ мутафаккирони миллӣ онро ҳамоно дар шакли ҳунарии зерин пешниҳод кардаанд:

*Ҳар кӣ аввал бингарад поёни кор,*
*То дар охир ӯ нагардад шармсор.*

Дар фуроварди баҳс профессор С. Ятимов «Сиёсат» -и Арастуро ҳамчун бузургтарин кашфиёти ин донишманди оламшумул дар соҳаи сиёсат ва давлатдорӣ аз чанд ҷиҳат ибтикор арзёбӣ намуда, дар ёздаҳ бахш ба тариқи фишурдаву ҷамъбастӣ онро шохис месозад, ки ба назари мо, беҳтарин ва ҷиддитарин сифати тадқиқоти вай мебошад. Аз ҷумла: маърифати илмии функсияи давлат, муайян намудани сохти давлатдорӣ, мутамарказии ҳокимияти давлатӣ, моҳияти сиёсӣ доштани инсон, неруи қонунии давлат ва риояи ҳатмии қонун, иҷтиноб аз авомфиребон, маърифати дифои давлат, зиракии сиёсӣ, афзалият додан ба маорифи кишвар дар сиёсати дохилӣ, ки дар ҳаёти ҳар як соҳибватан ниҳоят муҳим ва ҳатто ногузир маърифат мешавад.

Як нуктаи бағоят қобили таваҷҷуҳро метавон ёдовар шуд ва таъкид намуд, ки қиёсан баррасӣ намудани ҷанбаҳои назарӣ, шохис сохтани падидаҳои амалии он ва исботи ҷанбаҳои ҳаётии он, аз нахустин иқдоми тадқиқоти пурқимати профессор С. Ятимов дар қаламрави кишвар ва хориҷи мамлакат буда, беҳтарин дастовард дар илми сиёсатшиносӣ, давлатдорӣ ва муаррифии донишманди энсиклопедист ва оламшумул – Аристотел мебошад, ки аҳаммияти бағоят калони илмию назариявӣ ва амалиро доро мебошад. Ин асари гаронмоя дар асоси методи пешқадами илмӣ – методи муқоисавӣ-таърихӣ тасниф шуда, муҳимтарин масъала ва муаммоҳои мавриди назар борикбинона ва бо далоили муътамад ва натиҷагириҳои қобили таваҷҷуҳ ҳаллу фасл шудаанд. Мутолааи ин асари пурқимати илмӣ барои хизматчиёни давлатӣ, аҳли адабу фарҳанг, омӯзгорону донишҷӯён ва оммаи васеи хонандагон аз ҳар ҷиҳат бағоят судманд мебошад.

Тадқиқоти нави донишманди дақиқназар С. Ятимов «Аристотел: давлат ва сиёсат», ки фарогири муҳимтарин масъала ва проблемаҳои сиёсатшиносӣ ва давлатдорӣ бо назар ба таҷрибаи таърихии гузашта, ҳозира ва чигунагии раванду

тамоюлоти минбаъдаи соҳаҳои мазкур мебошад, ба инкишоф, вусъати тафаккури илмӣ ва таҳқиқоти доманадору пурманфиати ҷомеашиносӣ, асосҳои давлат ва ҳуқуқ ва дар маҷмӯъ, сиёсатшиносии муосир ба итминони комил такони ҷиддӣ хоҳад бахшид.

**А. МАҲМАДАМИНОВ,**
**М. СОЛЕҲОВ.**

## ОБУНА БА МАҶАЛЛАИ «ИЛМ ВА ҶОМЕА»

Хонандагони муҳтарам!

Соли 2016 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон як маҷаллаи дигари илмию оммавӣ бо номи «Илм ва Ҷомеа» арзи ҳастӣ кард. Ҳадаф аз он нашри мақолаю маводҳои илмии олимону донишмандони тоҷик, бозтоби дастовардҳои илмии ҷаҳониён, ошкор кардани мушкилоти ҷаҳони муосир ва аз ин роҳ, ба донишомӯзӣ ҷалб намудани ҷавонон ва мусоидат кардан ба ҳалли мушкилоти мубрами Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳон ба шумор меравад.

Бо ин мақсад, ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа» Шумо – хонандагони гиромии ин маҷалларо даъват мекунад, ки ба он обуна шавед. Шумо метавонед ба маҷалла фардӣ, гурӯҳӣ ва ё аз ҳисоби ташкилоту муассисаи худ обуна шавед. Нархи солонаи маҷалла бидуни хизматрасонии почтавӣ **109 сомонию 68 дирам** мебошад.

**Индекси обуна**: 77759
**Нишонӣ**: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
**Сомонаи мо:** www.ravshanfikr.tj
**Телефон**: 221-53-97, 918-67-79-13, 935-26-62-95, 915-99-99-91
**E-mail**: ilm-jomea@ravshanfikr.tj

**Суратҳисоби Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

РМА (ИНН): 010009529
Суратҳисоб (р\сч): 20204972712010100002
БИК (МФО): 350101800
Ҳисоби бонкӣ (к\сч) 22402972000002
Сарраёсати хазинадории марказии
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Ба матбаа супорида шуд 06.01.2020*
*Барои нашр имзо шуд 07.01.2020*
*Чопи офсети. Ҷузъи чопӣ 14. Андоза 70x100$^{1}/_{8}$.*
*Адади нашр 150 нусха. Супориши №2.*

*Муассисаи нашриявии “Дониш”- АИҶТ*
*ш. Душанбе,734063, кӯчаи С. Айнӣ 299/2*

*www.ravshanfikr.tj*

**Илм ва Ҷомеа**_______________________________________